ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

4 (105)

Душанбе – 2023

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гардад, шомил шудааст

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2023 таҳти № 291/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст

ISSN 2219-5408

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

Тел.: *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сомонаи маҷалла: *www.vestnik.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Муовини сармуҳаррир: ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Котиби масъул: ***Муборакиён С.М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *- доктори илмҳои филологӣ*
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктори илмҳои филологӣ*
Каримов Шуҳрат Бозорович *- доктори илмҳои филологӣ*
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *- номзади илмҳои филологӣ*
Қосимов Олимҷон Ҳабибович *- доктори илмҳои филологӣ*
Мухторӣ Қутбиддин *- доктори илмҳои филологӣ*
Саидмуроди Хоҷазод *- доктори илмҳои филологӣ*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм *- доктори илмҳои филологӣ*
Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович *- доктори илмҳои филологӣ*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктори илмҳои филологӣ*
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович *- доктори илмҳои филологӣ*
Элбоев Вафо Ҷуракулович *- доктори илмҳои филологӣ*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктори илмҳои таърих*
Ёқубов Юсуфшо *- доктори илмҳои таърих*
Қаххори Расулиён *- доктори илмҳои таърих*
Қурбонзода Хоналӣ *- доктори илмҳои таърих*
Пирумшоев Ҳайдаршо *- доктори илмҳои таърих*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *- номзади илмҳои таърих*
Ҳақназаров Абдуназар *- доктори илмҳои таърих*
Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович *- доктори илмҳои таърих*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023

Журнал основан в 1978 году

Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 01 мая 2023 года за №291/ЖР-97

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки

ISSN 2219-5408

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

Тел. : *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сайт журнала*: www.vestnik.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *- доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** *- доктор юридических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный редактор: ***Муборакиён С.М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *– доктор филологических наук*
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктор филологических наук*
Каримов Шухрат Бозорович *- доктор филологических наук*
Косими Саъди Абдулкодир *- кандидат филологических наук*
Касимов Олимджон Хабибович *- доктор филологических наук*
Мухтори Кутбиддин *- доктор филологических наук*
Саидмуроди Ходжазод *- доктор филологических наук*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм *- доктор филологических наук*
Салихов Шамсиддин Аслиддинович *- доктор филологических наук*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктор филологических наук*
Джаматов Самиддин Салохиддинович *- доктор филологических наук*
Элбоев Вафо Джуракулович *- доктор филологических наук*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктор исторических наук*
Якубов Юсуфшо *- доктор исторических наук*
Каххори Расулиён *- доктор исторических наук*
Курбонзода Хонали *- доктор исторических наук*
Пирумшоев Хайдаршо *- доктор исторических наук*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *– кандидат исторических наук*
Хакназаров Абдуназар *- доктор исторических наук*
Хусайнов Ахмаджон Курбонович *- доктор исторических наук*

© ТГПУ имени С. Айни, 2023

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.

The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.291/JR-97

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library

ISSN 2219-5408

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
Phone: *(+992 37) 224-36-91*
Fax: *(+992 37) 224-13-83*
E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Journal website: *www.vestnik.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*
Deputy Editor-in-chief: ***Sanginzod Doniyor Shomahmad*** *- Doctor of Low Sciences, professor, scientific affairs of TSPU named after S. Ayni*
Executive Editor: ***Muborakiyon S.M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Bozorzoda Nuriddin Shodipur *– Doctor of Philological Sciences*
Gafforov Abdushukur Odinashoevich *- Doctor of Philological Sciences*
Karimov Shuhrat Bozorovich *- Doctor of Philological Sciences*
Qosimi Sadi Abdulqodir *- Candidate of Philological Sciences*
Qosimov Olimjon Habibovich *- Doctor of Philological Sciences*
Mukhtori Qutbiddin *- Doctor of Philological Sciences*
Saidmurodi Khojazod *- Doctor of Philological Sciences*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum *- Doctor of Philological Sciences*
Solehov Shamsiddin Asliddinovich *- Doctor of Philological Sciences*
Khudoydodov Azam Ovlododovich *- Doctor of Philological Sciences*
Jamatov Samiddin Salohiddinovich *- Doctor of Philological Sciences*
Elboev Vafo Juraqulovich *- Doctor of Philological Sciences*
Abdurashidov Fozil Mamatovich *- Doctor of Historical Sciences*
Yakubov Yusufsho *- Doctor of Philological Sciences*
Qahhori Rasuliyon *- Doctor of Philological Sciences*
Qurbonzoda Khonali *- Doctor of Philological Sciences*
Pirumshoev Hay*darsho - Doctor of Historical Sciences*
Saynakov Saynak Parpishoevich *– Candidate of Historical Sciences*
Haqnazarov Abdunazar *- Doctor of Historical Sciences*
Husaynov Ahmadjon Qurbonovich *- Doctor of Historical Sciences*

© TSPU named after S. Ayni, 2023

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Насимов Н.
Афзоиши овозҳо дар фолклори Сари Хосор 7
Саидова Ҷ. С.
Унсурҳои лаҳҷавӣ ва ғановати забони адабӣ (дар мисоли осори А. Самад) 13
Салоев А. Т.
Слова категории состояния в русском языке и способы их передачи в таджикском языке ... 19
Раҳмонов Б. Н.
Ҷойгоҳи феъл дар низоми сарфии забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ 25
Ашӯрова М. А.
Вижагиҳои корбурди вожаи “ишқ” дар “Маснавии маънавӣ” ва тарҷумаи англисии он 30
Ибодов К. Т.
Нақши эпонимҳо дар ташаккули истилоҳоти энергетикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 36
Валиева Ҳ. С.
Топонимия ва антропонимия дар луғатномаи «Сиҳоҳ-ул-фурс»- и Муҳаммад Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ 42
Каюмова М. А.
Термин как результат и орудие профессиального мышления в английском и таджикском языках 47
Мауад Абануб Адель Эльшахат Фахми
Грамматические ошибки как проявление межъязыковой интерференции в условиях перевода дипломатических текстов 54
Ниятбекова А. Ю.
Методические аспекты изучения лексико-семантических, грамматических и функционально-стилистических уровней модальных слов русского и таджикского языков .. 60
Сафялоева Л. С.
Языковые средства выражения эмоции в таджикском и французском языках: сравнительный аспект 67
Тоирзода А. Р.
Калимасозии исмҳои мураккаби пайваст дар осори Шамсиддин Шоҳин 73
Асадова Г. Х.
Структурно-семантический анализ гидронимов таджикского и английского языков 78
Ҳамрозода М. Қ.
Андешаҳо пиромуни сухани Мавлоно 86
Дӯстмуродов Р. Ш., Ҷонмардов З. А.
Бунёди ибораҳои феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ 92
Нилобеков М. С.
Эллиптические предложения в современных лингвистических учениях 98
Хошимова Н. М.
Сопоставительный анализ глагольных фразеологических единиц в произведении С. Айни в таджикском и английском языках 105
Назипова З. Т.
Способы выражения отношений между компонентами именные фразеологические единицы, образованные посредством модели Noun + Noun (имя существительное + имя существительное) в таджикском и английском языках 111

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Шозиёева Г. П., Ёрбекова З. М.
Масъалаҳои таърихӣ-муқоисавии осори Ҳофиз ва Шекспир 117
Абдуллоев Р. Х.
“Корнома”-и Мунири Лоҳурӣ ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷии адабиёти форсизабони Ҳинд 121

Набиев А. М., Муҳаммадохирова Ҳ. И.
Ҳунари таърихнигорӣ ва забони баёни Сорбон дар романи «Ниёз-кончӣ» 128
Қурбонов М., Қурбонова З.
Нақши Мавлоно дар рушду нумуи тамаддуни аврупоиён 133
Боқиев Ҳ. О., Аҳмадхонов К. Н.
Розҳои таърих ва шинохти бадеии он 137
Шаробова М. Қ.
Нақши санъати талмеҳ дар ғазалиёти Ашӯр Сафар 143
Ян Лю
Вклад Л. Н. Толстого и Лу Синя в развитие литературного реализма в России и Китае 149
Ризоева З. Б.
Идомаи суннатҳои достонсароии асримиёнагӣ дар достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шамсиддин Шоҳин 155
Султонова Ш. Б.
Нақши Шокир Мухтор дар таҳқиқи адабиёти тоҷику форс дар Фаронса 161
Сатторов Ҳ. А.
Сохтор ва муҳтавои рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-и Азизуддини Насафӣ 166
Гаипова Н. У.
Женские образы в пьесе «Богатые невесты» А. Н. Островского 171
Қосимӣ С. А.
Мурруре ба жанри латифа ва образҳои он 177
Абдуллоева А. Н., Шарипова Д. Х.
Вижагиҳои пахши мустақим дар марҳилаҳои аввали телевизиони тоҷик 186

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ / ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

Сайнаков С. П.
Место военно-административных представителей России в освещении этнографии Памира в начале XX века 192
Бобомуллоев С., Сангинов Ҳ. Ҳ.
Шумон ва Аҳорун дар сарчашмаҳои хаттӣ ва ҳуҷҷатҳои бостоншиносӣ 197
Шарофов С., Турсунов Т. Х.
Тоҷикистон – Эрон: тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ 201
Муродзода А. А.
Ахбори Иоганн Шилтбергер дар бораи ваҳшониятҳои Темурланг 209
Иброгимова Г. С., Умаров А. Қ.
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалии минтақавӣ (дар мисоли Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ) 215
Масъудов М. Ф.
Инъикоси муносибатҳои Сосониён ва Византия дар сарчашмаҳои таърихӣ (асри V - нимаи аввали асри VII) 221
Қодиров М. Н.
Саҳми донишҷӯён дар рушди илми донишгоҳӣ (дар мисоли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) 227
Гулов Ҳ. Ҳ.
Инъикоси лашкаркашиҳои Темурланг ба Хоразм дар «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд 232
Ганҷакова М. Г.
Таърихнигории санъати Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) 237

ТДУ 491.550

АФЗОИШИ ОВОЗҲО ДАР ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Насимов Н.
Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои фонетикӣ, аз ҷумла афзоиш, афтидан, бадалшавӣ, дуршавӣ (диссимилятсия), монандшавӣ (ассимилятсия), тахфиф ва ҷойивазкунии овозҳо ҳам мавзуи баҳси бахши фонетикаи илми забоншиносӣ ва ҳам яке аз соҳаҳои илми лингофолклористика маҳсуб меёбад.

Ҳодисаи фонетикии ба калимаҳо зам ё илова гардидани овозҳо бо истилоҳи “афзоиш” ном бурда мешавад. Дар бораи ҳодисаи фонетикии мазкур дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [5, с. 43-44] ва «Фонетикаи забони адабии тоҷик» [18, с. 104-106] маълумоти илмӣ зикр ёфтааст.

Азбаски муаллифи мавзуи ҳодисаи фонетикии афзоиш ҳам дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [5, с. 43-44] ва ҳам дар «Фонетикаи забони адабии тоҷик» [18, с. 104-106] забоншинос Т. Н. Хаскашев мебошанд, таърифи такмилёфтаи афзоиш аз китоби ӯ «Фонетикаи забони адабии тоҷик» зарур дониста шуд: «Афзоиш акси ҳодисаи коҳиш мебошад. Дар ҷараёни нутқ дар натиҷаи ҳамнишинии фонемаҳо таркибҳои овозие пайдо мешаванд, ки бо ин ё он сабаб талаффузи онҳо барои соҳибони забон душворӣ мекунад. Аз ҳаин рӯ бо мақсади осон кардани талаффуз дар чунин таркибҳои овозӣ як овоз (садонок ё ҳамсадо) зиёд ё афзуда мешавад. Ҳамин ҳодисаро дар фонетика афзоиши овозҳо ё ихчамтар афзоиш меноманд» [18, с.104].

Ва ин ҳодисаи фонетикиро ӯ ба ду навъ – таърихӣ ва муосир ҷудо менамояд. Яъне дар як қисм калимаҳо (**шаҳриёр, мардикор** – овози и) таърихан овозҳо афзоиш ёфтаанд, аммо дар қисми дигар калимаҳо (**ҳавойи хунук**, **бинойи нав** – овози й) афзоиши овозҳо афзоиши муосир аст, ки дар хат дарҷ намеёбанд [18, с. 104-106].

Дар ҷилди 1 китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» ҳодисаи фонетикии афзоиш бо ифодаи илова шудани овозҳо дарҷ гардидааст [11, с. 75].

Аз ҷумла дар асари мазкур оид ба афзоиши овозҳо дар калимаҳо омадааст: «Дар шеваи ҷанубӣ илова шудани ҳамсадоҳо бештар дар охир ва қисман дар мобайни калимаҳо мушоҳида мешавад. Ин ҳолат доираи маҳдуди калимаҳоро фаро мегирад» [11, с. 75].

Ба ҳамин тариқ дар забону лаҳҷаҳои дигар низ ҳодисаҳои фонетикӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Аз ҷумла асарҳои М.А. Гаджиева «Фонетические и морфологические особенности отемишского говора кумыксого языка» [3], Р.В. Ширшаков «Фонематические диалектизмы в пензенских говорах» [23, с. 58-63], И.В. Толкачева «Нерегулярные фонетические явление как основа лексикализации (на материале Нижегородских говоров» [14], А.С. Пирмагомедова «Гелхенский говор лезгинского языка» [13] ва М.А. Медведева «Фонетические явления в произведениях хакасских писателей» [9, с. 125-127] масъалаҳои мазкурро дар бар мегиранд.

Аз омӯзиши асарҳои мазкур низ маълум гардид, ки ҳодисаи афзоиши овозҳо дар калимаҳо чун афтидани овозҳо маъмул набуда, маҳдуд аст ва асосан мисолҳо аз забони адабӣ, гуфтугӯйӣ ва лаҳҷаҳо оварда шудаанд.

Барои ҳамин лозим дониста шуд, ки масъалаи мазкур аз нигоҳи лингвофолклористӣ дар забони матнҳои фолклори Сари Хосор аз рӯйи асари Р. Амонов «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» [1] мавриди омӯзишу таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шавад.

Бояд иброз дошт, ки дар забони фолклор баъзан дар як калима чанд ҳодисаи фонетикӣ, аз ҷумла афзоиш, афтидан, тахфиф ва табдили овозҳо ба назар мерасад. Аммо зимни таҳлил ҳамон калима дар мавриди ба ҳодисаи фонетикии мазкур хос оворда мешавад. Масалан, дар калимаи **маълим** аз рӯйи қоидаи имло (муаллим) ҳам афзоиш ва ҳам афтидани овоз ба назар

мерасад, ки метавон онро дар ду маврид нишон дод. Ё ин ки дар калимаи **наметъмът** (намедиҳамат) ҳодисаҳои фонетикии афтидан, табдил ва тахфифи овозҳо мушоҳид мегардад. Ба калимаи **автов** (Офтоб) бошад, ҳам табдили овозҳои садонок ва ҳам ҳамсадо рост омадааст.

Ай хуна баромадӣ, эй ҷураи маст,
Токӣ ба сари абру, қалам сари даст.
Гуфтъм: «Къҷо мерай, эй маълими маст?»
«Ба гапъм нагӣ, вақти дарсъм бигзашт» [1, с. 226].

***

Давлатхотун – барги гули зардолу,
Яг буса буте дарди дилъма дору.
Яг буса наметъмът, ки ту рагузарӣ,
Шаҳрора ба шаҳр гардӣ овоза барӣ [1, с. 240].

***

Автов задай дар таҳаки долунъм,
Коре кардай модараки нодунъм,
Ҷое, ки дилъм бъдай, сар паст кардай,
Ҷое, ки дилъм набъд, барқаст кардай [1, с. 60].

Дар натиҷаи гирдоварии мисолҳо аз асари мазкур маълум гардид, ки дар зиёда аз 25 номгӯй ё феҳристи калимаҳо бо истифодаи такрори онҳо дар матнҳо дар маҷмуъ афзоиши овозҳо дар калимаҳо бештар аз 50 маротибаро ташкил медиҳад: **бачаҳак** (8 м.) [1, с. 289, 293 (2 м.), 297 (2 м.), 300, 314, 319] – бачаяк, **зангъбор** [1, с. 117] – зангбор, **заъиф(а)** (4 м.) [1, с. 312 (2 м.), 314, 316] – заиф, **илтиҷоъ** [1, с. 269] – илтиҷо, **исън** (2 м.) [1, с. 312] – ин сӯ(й), **исъ-усъна** [1, с. 261] – ин сӯ(й)-он сӯ(й), **исън-усън** [1, с. 311] – ин сӯ(й)-он сӯ(й), **қиматбаъҳо** [1, с. 99] – қиматбаҳо, **қимматаш** [1, с. 293] – қиматаш, **қимматбаҳо** [1, с. 302] – қиматбаҳо, **майдаҳак(ит)** (3 м.) [1, с. 309, 298 (2 м.)] – майдаяк, **маълим** (2 м.) [1, с. 224, 226 (2 м.)] – муаллим, **маълимхона** [1, с. 276] – муаллимхона, **митър** [1, с. 312] – метр, **мулкойи** [1, с. 54] – мулкҳои, **напойид** [1, с. 198] – напоид, **мурдаҳан** [1, с. 328] – мурдаанд, **насибаҳак(и)** [1, с. 321] – насибаяк, **Октябър** [1, с. 234] – Октябр, **палахой** [1, с. 315] – плохо, **пълона** [1, с. 234] – план, **тъхъм(и)** [1, с. 263] – тухм, **таъбилчидъхтар** (2 м.) [1, с. 232] – табелчидухтар, **таъоло** (2 м.) [1, с. 287, 295] – таоло, **таҳъида** (2 м.) [1, с. 268 (2 м.)] – таҳӣ, **усън(а, ът)** (3 м.) [1, с. 272, 304, 312] – он сӯ(й), **усънгидай** [1, с. 315] – онсӯ(й)гӣ, **хутикбачаҳак** (3 м.) [1, с. 288, 290 (2 м.)] – хӯтукбачаяк (хӯтикбачаяк), **ҳуйъш** [1, с. 305] – ҳуяш, **чъшъмъш** [1, с. 292] – чашмаш.

Шумораи калимаҳои матнҳои фолклории Сари Хосор зиёда аз 28500 адад аст ва шояд зимни ҷудо кардани калимаҳо аз рӯйи ҳодисаҳои фонетикӣ саҳве гузашта бошад, аммо кам ё зиёдии як-ду калима хулосаро куллан тағйир дода наметавонад.

Бо мақсади таҳлил таснифоти онҳо аз рӯйи афзоиши овозҳо дар оғоз, байн ва охири калимаҳо ба роҳ монда шуд.

Таснифоти афзоиши овозҳо дар калимаҳои матнҳои фолклории Сари Хосор нишон дод, ки бо афзоиши овозҳо дар оғози калимаҳо танҳо 1 адад – калимаи **ҳизор(а)** [1, с. 304] баромад. Дар ин калима дар оғоз овози **ҳ** ҳамчун илова дар реша афзоиш ёфтааст, ки асли калима **изор** буда, онро **эзор** ҳам мегӯянд ва ба маънои либоси таг, шалвор омадааст.

Зад (почаи) ҳизора лифаву руболо шид [1, с. 304].

Дар байни калимаҳои зерин овозҳо афзоиш ёфтаанд, ки зиёда аз 20-то мебошанд: бачаҳак, зангъбор, заъиф(а), қиммат(аш), қиматбаҳо, қиматбаъҳо, майдаҳак, митър, мулкойи, напойид, насибаҳак(и), мурдаҳан, Октябър, палахой, пълон(а), тъхъми, таъбилчидъхтар, таъоло, таҳъида, хутикбачаҳак, ҳуйъш, чъшъмъш. Дар калимаҳои мазкур афзоиши овозҳо ҳам дар реша ва ҳам дар асос дида мешавад.

Дар байни калимаҳо овозҳои **а, й, м, ҳ** ва **ъ** афзоиш ёфтаанд, ки аз ҳама зиёд овоҳои **ҳ** – 16 маротиба ва овози **ъ** – 23 маротибаро ташкил медиҳанд. Бояд иброз дошт, ки дар матни фолклорӣ ҳар як калима мавқеи истифодаи худро дорад, аз ин рӯ, дар ҳолати лозимии таҳлил ҳар дафъаи он ба ҳисоб ё ба инобат гирифта мешавад. Дар ҳамин маврид ин усул риоя гардид. Баъдан морфемаҳои шаклсоз ҳам дар охири калимаҳо илова мешаванду боиси тағйироти овозии овозҳои пеш аз худ мегарданд, ки дар мавриди зарурӣ дарҷ меёбанд. Ин

хусусияти дигари таҳлили матнҳои фолклорӣ дар доираи мавзуъҳои баҳси лингвофолклористика мебошад.

Аз овози афзоишёфта танҳо **а** овозҳои садонок буда, овозҳои дигар ҳамсадо мебошанд.

Ва калимае, ки дар он овози **а** афзоиш ёфтааст, шакли талаффузи тоҷикии калимаи русии **плохо** мебошад.

*«– Дела палахой**!** На риш мунд, на дандун мунд, агар чақунӣ на**мекардъм,** хъдо ай поҳом мегъръфтакъм***»*** [1, с. 315].

Илова ба калимаи мазкур дар калимаҳои иқтибосии русӣ-байналмилалии **митър, октябър, пълона** ва **таъбилчидъхтар** овози **ъ** афзудааст, ки чун тахфифи овозҳои садонок (ба монанди **и** ё **у**) дар байни ҳамсадоҳо омада, вазифаи ҳиҷосозиро адо намудааст.

(Биринҷфуруш) воас кад, ки зад зур, сътъмб дар пъштъш, хез зад рафт дар дар ръст шид, се митр ай исън гашт, се митър ай усън гашт, бърумад ба дар рафт [1, с. 312].

***

Дар моҳи октябър буд,
Тирамоҳи хъшнамуд,
Дарахтони пурбор буд [1, с.324].

***

Ай Кремл бахши мо…
Дар ҳар гӯшаву канор,
Пълона кардан иҷро [1, с. 324].

***

Дарвоза баланду сояҳои салқинъм,
Таъбилчидъхтар да ишқакът завқинъм,
Таъбилчидъхтар, ту қандалоту писта,
Ай идораи колхоз барой мисли гълдаста [1, с. 232].

Калимаҳои иқтибосии мазкур асосан дар матнҳои фолклории назмӣ аз эпоси «Гуруғлӣ» истифода гардидаанд.

Овози **й** дар калимаҳои **мулкойи** ва **напойид** дар байни калима афзоиш ёфтааст.

Эй очаи ҷун, ягун-ягун ёдъм кън,
Хокистари куи тъ шидъм бодъм кън.
Хокистари куи тъ шидъм боди фано,
Ай мулкойи ғарибӣ озодъм кън! [1, с. 54].

***

Ҳамиқа ки дошт, ягон тари об дар ғербол напойид, бача омад, шишт [1, с. 198].

Овози **м** дар калимаи **қимат(аш)** дар реша ва дар калимаи **қиматбаҳо** дар асос афзудааст.

Як нъмол бъд (қиматаш ба ҳадди) чъқими ҳафтсола ибодату тоати аму шаҳр бъд, нъмолака додан дар бача [1, с. 293].

***

Даррави карда, хара оварда тъқум када, се растара ҷъғелоша ҷамъ кард, ки зад туб, ҳами ки баст, (шуд) буғчаҳой «қиматбаҳо» [1, с. 302].

Овози **ҳ** дар байни калимаҳои **бачаҳак, мурдаҳан, насибаҳак(и), майдаҳак** ва **хутикбачаҳак** афзоиш ёфтааст, ки ҳам реша ва ҳам морфемаҳоро дар бар мегиранд.

Бачаҳак ягбора ҳавлида дъромад [1, с. 304].

***

« – Ку рафта бин ҳамиҳо мурдаҳан ё зинда?» [1, с. 328].

***

« – Яг чорвоҳака гъръфтем, хъдоӣ кардъм, ҳамуқаш насибаҳаки тъ бъдай, ба търа овардъм» [1, с. 321].

***

« – ... *Рута сиё мекънӣ, тъ ай майдаҳакит ҷъвунамарги шайтун шидагиӣ!»* [1, с. 298].

***

«– Мъ ҳаму марде ҳастъм, ки яг хутикбачаҳак доръм, почо ба фарзандӣ қабулъш къна» [1, с. 290].

Омӯзиш нишон дод, ки дар матнҳои фолклори Сари Хосор овози ҳалқии нарми **ъ** (сакта) дар 22 калима (номгӯйи 14 калима) иловатан бо вазифа ё хусусиятҳои гуногун афзоиш ёфтааст.

Инчунин афзоиш ё иловаи овози **ъ** ҳамчун тахфифи садонокҳои **и** ё **у** дар калимаҳои иқтибосии русӣ-байналмилалӣ (**митър, октябър, пълона** ва **таъбилчидъхтар)** пештар қайд гардид.

Ҳамин тавр, дар калимаи **зангъбор** овози **ъ** метавонад ҳамчуни тахфифи овози садоноки **у** фаҳмида шавад ва ё чун иловаи тахфифи овози аслии (сактаи) худ.

Нуралӣ гуфт мома гӯш бъдор,
Мо ҳастем ай мулки зангъбор,
Мехонем ҳар ҷо қаландарвор,
Метан мора тангаву тилло [1, с. 117].

Дар калимаи **қиматбаъҳо** ҳамчун овози аслии худ афзоиш ёфтааст, чунки матн аз эпоси «Гуруғлӣ» буда ва ба тарзи сароидан ё хондани он хос мебошад. Агар аз ин калима пасванди ҷамъбандии **-ҳо**-ро хориҷ намоем, зарурати афзоиши овози **ъ** дар охири калима аз байн меравад.

Зинатгъл хесту ай ҷо:
Апат бъмбъра дар чоло,
Нъҳ бухчама бъгӣ биё.
Либосои қиматбаъҳо … [1, с. 99].

Овози **ъ** дар байни калимаҳои **заъиф(а)** (ба маънои бону, зан), **маълим, маълимхона** ва **таъоло** дар доираи қиёс бо қоида ва феҳристи имлои забони адабии ҳозираи тоҷик афзоиш шумурда шуданд, ки ба решаи калимаҳо зам гардидаанд.

Умад, дара воз кад и заъиф [1, с. 314] .

***

И акай ма ай и ҷа моил шъду рафт,
Бо бачаҳой дедом машғул шъду рафт.
Мардум меган: «Акают боз меоя».
Бъгуй, нагуй, маълим шъда меоя [1, с. 224].

***

И беди баланд болои маълимхона,
И ёракма бин дар ҳукъмат мехона.
Гуфтум: биравъм, ҷаҳдъш кънъм меҳмонӣ,
Монъш бърава, ёракъм саргардонай [1, с. 226].

***

Яг мард бъд дар ҳаштоду кампиръш дар ҳафтоду ба қъдрати хъдои таъоло дар иё ҳич яг насл таваллъд нашид [1, с. 287] .

Дар калима ё решаҳои **таҳъида, тъхъм(и), ҳуйъш** ва **чъшъмъш** овози **ъ** шояд аз рӯйи нутқи хоси гӯяндагони матнҳои фолклорӣ сабт ё навишта шуда бошад. Зеро мумкин аст, ки на ҳамаи гӯяндагон ин калимаҳоро ба шаклҳои номбаршуда талаффуз намоянд.

*Ғ у л о м ш о ҳ . Ҳаму бари таҳъида, ки рифтем, **новард**унай* [1, с. 268].

***

*Б о й. Ай, ришът бъреза, ки мъ търа гов додъм, тъхъми **арзънът до**дъм…* [1, с. 263].

***

Гъръфт, ҳуйъш кард, ису усъ лав кард бахмала қатӣ пахтаҳо, ки руба тилло бастаст, қадди гъл хъшрувай [1, с. 305].

***

Кай парво дора бача, ба қиғачой чъшъмъш ба дъхтари почо нигаҳ мекънаву мега: «Э хъдо, кай тъ миянсари мо мегардӣ, барно» [1, с. 292].

Овозҳо дар охири калимаҳо низ афзоиш ёфтаанд, ки нисбатан камтаранд. Асосан дар охири калимаҳо овозҳои **н** ва **ъ** илова омадаанд. Шумораи онҳо бештар аз 5 ададро ташкил медиҳанд: **илтиҷоъ, исън(у), исъ-усъна, исън-усън, усън, усънгидай.**

*Ғ у л о м ш о ҳ. **(Бо илтиҷоъ).** Санифҷон, мъ ай раи дур пеши тъ ума**дам, ғалтидаву хеста*** [1, с. 269]**.**

***

Нахът дар дъруни дара гърд гашт исъну усън [1, с. 272].

***

Биё ку яг исъ-усъна нигоҳ кънем, ягунта набоша яки, баъд и қадар бъгирем, ки ягбора баран сутмун кънан? [1, с. 261].

***

(Шавҳараш) ***умад,*** *шиштаку* ***исън-усън*** *нигаҳ кард* [1, с. 311].

***

«– Дъруни кулии усънгидай, арачай дъстӣ» [1, с. 315].

Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки дар оғоз, байн ва охири калимаҳои фолклори Сари Хосор асосан овозҳои **а, й, м, н, ҳ** ва **ъ** афзоиш ёфта, овозҳои **н, ҳ** ва **ъ** бештар ба назар мерасанд, ки ҳам садонок (а), ҳам ҳамсадоҳои ҷарангдор (й, м, н), бечаранг (ҳ) ва ҳам ҳалқӣ (ъ) мебошанд

Вобаста ба мавқеи афзоиши овозҳо дар калимаҳо дар байни калимаҳо овозҳо зиёдтар илова шудаанд, ки асосан овозҳои **ҳ** ва **ъ**-ро дар бар мегиранд.

Ҳамчунин мушоҳида шуд, ки дар калимаҳо овозҳо дар реша, асос ва морфемаҳо афзоиш ёфтаанд.

Адабиёт

1. *Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1963. – 347 с.*
2. *Бобомуродов, Ш., Мухторов, З. Феҳристи истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – 408 с.*
3. *Гаджиева, М.А. Фонетические и морфологические особенности отемишского говора кумыксого языка: автореф. дис. ... канд. филол. наук / М.А. Гаджиева. – Махачкала, 2006. – 25 с.*
4. *Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 1 (Фонетика ва морфологи). – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 232 с.*
5. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.*
6. *Джабарова, М.Т. Вариантность слов в переводной литературе X века: автореф. дис. ... канд филолог. наук / М.Т. Джабарова. – Душанбе, 2013. – 23 с.*
7. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1. – Душанбе , Ирфон, 1973. – 452 с.*
8. *Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ. – Душанбе: Хирадмандон, 2021. – 64 с.*
9. *Медведева, М.А. Фонетические явления в произведениях хакасских писателей / М.А. Медведева // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота. – 2015. – № 10 (52). – В 2-х ч. Ч. I. – С. 125-127.*
10. *Неменова, Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка (северная группа) / Р.Л. Неменова. – Сталинабад: Издательство Академии наук Таджикской ССР, 1956. – 192 с.*
11. *Неменова, Р.Л. Ҷӯраев, Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. (Фонетика, лексика). Ҷилди 1 / Р.Л, Неменова, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1980. – 331 с.*
12. *Олимова, М.Х. Эллипсис в таджикском литературном языке: дис. ... канд. филолог. наук / М.Х Олимова. – Худжнд, 2006. – 171 с.*
13. *Пирмагомедова, А.С. Гелхнский говор лезгинского языка: автореф. дис. ... канд. филолог. наук / А.С. Пирмагомедова. – Махачкала, 2013. – 23 с.*
14. *Толкачева, И.В. Нерегулярные фонетические явление как основа лексикализации (на материале Нижегородских говоров: автореф. дис. ... канд. филолог. наук / И.В. Толкачева. – Нижний Новгород, 2012. – 24 с.*
15. *Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ, Душанбе, 2013. – 320 с.*
16. *Фонетика [Манбаи электронӣ]. – URL: https://ru. wikipedia.org/wiki/*
17. *Фонология [Манбаи электронӣ]. – URL: https://ru. wikipedia.org/ wiki/*
18. *Хаскашев, Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик / Т.Н. Хаскашев. – Душанбе: Маориф, 1989. – 200 с.*
19. *Ҳусейнов, Х., Шукурова, К. Луғати тарминҳои забоншиносӣ / Х. Ҳусейнов, К. Шукурова. – Душанбе: Маориф, 1983. – 256 с.*
20. *Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. (Морфология). Ҷилди II. – Душанбе: Дониш, 1979. – 252 с.*
21. *Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷилди 3. – Душанбе: Дониш, 1979. – 272 с.*
22. *Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. (Материалҳо). Ҷилди 5. – Душанбе: Дониш, 1980. – 332 с.*
23. *Ширшаков, Р.В. Фонематические диалектизмы в пензенских говорах / Р.В. Ширшаков // Известия Пензенского государственного педагогического университета имени В.Г. Белинского. Гуманитарные науки. –2010. – № 15 (19). – С. 58-63.*

АФЗОИШИ ОВОЗҲО ДАР ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Муаллиф аввалан оид ба дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои фонетикӣ, аз ҷумла афзоиш, афтидан, бадалшавӣ, дуршавӣ (диссимилятсия), монандшавӣ (ассимилятсия), тахфиф ва ҷойивазкунии овозҳо, ки мавзуи баҳси бахши фонетикаи илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад, сухан рондааст. Ҳодисаҳои фонетикии мазкур дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор ёфтаанд. Аммо мавзуи мазкур дар матнҳои

фолклории забони тоҷикӣ омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкурро муаллиф дар матнҳои фолклории яке аз минтақаҳо – Сари Хосор мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳодисаи фонетикии ба калимаҳо зам ё илова гардидани овозҳо бо истилоҳи афзоиш ном бурда мешавад. Дар натиҷаи гирдоварии мисолҳо аз асари мазкур маълум гардид, ки дар зиёда аз 25 номгӯй ё феҳристи калимаҳо бо истифодаи такрори онҳо дар матнҳо маҷмуан афзоиши овозҳо дар калимаҳо бештар аз 50 маротибаро ташкил медиҳад.

Калидвожаҳо: фолклор, диалектизмҳо, лаҳҷа, ассимилятсия, диссимилятсия, афзоиш, овоз, матн, ҳодиса, садонок, ҳамсадо, қоида, имло.

УВЕЛИЧЕНИЕ ЗВУКОВ В ФОЛЬКЛОРЕ САРИ ХОСОРА

В первую очередь автор говорил об уровне изученности и исследования фонетических явлений, в том числе росте, падении, изменении, отдалении (диссимиляции), сходстве (ассимиляции), редукции и смещении звуков, что является предметом обсуждения в фонетике. отрасль лингвистической науки. Эти фонетические явления изучались в литературном языке и диалектах таджикского языка. Однако в фольклорных текстах таджикского языка эта тема не изучена. С этой точки зрения автор изучал данный вопрос в фольклорных текстах одного из регионов - Сари Хосар. Фонетическое явление прибавления или прибавления звуков к словам называется ростом. В результате сбора примеров из данной работы установлено, что в более чем 25 списках или списках слов, при многократном их употреблении в текстах, суммарное увеличение звуков в словах составляет более 50 раз.

Ключевые слова: фольклор, диалектизмы, диалект, ассимиляция, диссимиляция, рост, звук, текст, событие, гласный, согласный правило, правописание.

THE INCREASE OF VOICES IN THE FOLKLORE OF SARI KHOSOR

First of all, the author spoke about the level of study and research of phonetic phenomena, including growth, fall, change, distance (dissimilation), similarity (assimilation), reduction and displacement of sounds, which is the subject of discussion in the phonetics department of linguistics. These phonetic phenomena have been studied in the literary language and dialects of the Tajik language. However, this topic has not been studied in the folklore texts of the Tajik language. From this point of view, the author studied this issue in the folkloric texts of one of the regions - Sari Khosar.The phonetic phenomenon of adding or adding sounds to words is called growth.s a result of the collection of examples from this work, it became clear that in more than 25 lists or lists of words, with their repeated use in texts, the total increase of sounds in words is more than 50 times.

Keywords: folklore, dialectisms, dialect, assimilation, dissimilation, growth, voice, text, event, vowel, consonant, rule, spelling.

Дар бораи муаллиф

Насимов Нуриддин
Номзади илмҳои филологӣ
Кумитаи иҷроияи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 137
Тел.: (+992) 902 77 88 99
E-mail: nuriddin-09101958@mail.ru

Об авторе

Насимов Нуриддин
Кандидат филологических наук
Исполнительный комитет Ассоциации таджиков
и персоязычных народов мира – «Пайванд»
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 137
Тел.: (+992) 902 77 88 99
E-mail: nuriddin-09101958@mail.ru

About the author

Nasimov Nuriddin
Candidate of philological sciences
Association of Tajiks and Persian-speaking Peoples of the World, Payvand
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 137
Ph.: (+992) 902 77 88 99
E-mail: nuriddin-09101958@mail.ru

ТДУ 809.155.0

УНСУРҲОИ ЛАҲҶАВӢ ВА ҒАНОВАТИ ЗАБОНИ АДАБӢ (ДАР МИСОЛИ ОСОРИ А. САМАД)

Саидова Ҷ. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

4-уми октябри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ибрози ақида намуданд: «Дар раванди таҳияи дастурҳои истилоҳсозӣ ба лаҳчаву шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд, бояд таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун монданд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд. Дар асарҳои бадеӣ навоварии адабӣ, пеш аз ҳама, дар дарёфт намудани мазмуну мундариҷаи нав, пурра ифода карда тавонистани эҳсосот ва орзуву омоли аҳли ҷомеа, ҷустану ёфтани калима ва таркибу ибораҳои меъёрзеб аз забони зиндаи халқ ба зуҳур меояд” [10]. М.Турсунзода мегӯяд, ки «Эҷодкор бояд ҳамеша дар фикри пайдо кардани сухане бошад, ки мафҳуми он ба хонанда марҳами ҷон гардад…» [6, с. 79]. Ба ин маънӣ, устод Айнӣ таъкид мекунад, ки «Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст» [3, с. 235].

Воқеан, забони зиндаи халқ баҳри азимест моломол аз садафҳои пургуҳар, ки онҳо бо номи «диалектизм» шинохта мешаванд. Истифодаи диалектизмҳо дар адабиёти бадеӣ амалест ниҳоят мушкил. Ин талабот аз он ҷост, ки диалектизмҳо дар ҳама маврид шоистаи қабул нестанд, зеро на ҳамаи онҳо дорои тобишҳои услубӣ, ҷилоҳои тозаи эмотсионаливу экспрессивӣ ва бадеиву маъноианд. Дар воқеъ, диалектизмҳое, ки дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз ҳисоби забони адабиёти классикӣ захира гардидаанд, аксаран тоҷикианд ва тибқи қонунҳои фонетикӣ ва лексикиву грамматикии худи онҳо амал мекунанд. Ин аст, ки агар иддае аз онҳо бе тағйир дар шаклу маънии асл ба кор раванд, қисми дигар аз нигоҳи ё фонетикӣ ва ё семантикиву грамматикӣ, баъзан аз ҳар се ҷиҳат, ба табаддулот гирифтор мешаванд. Масалан, диалектизмҳои **ҳанг** (қувва, тавон), **полҳанг** (банди нӯхта ё лаҷоми асп), **арбада** (ҷанҷол, харҳаша), **буна** (аҳли оила, хонавода), **таф** (риқат, азоб) ва ғайра, ки Абдулҳамиди Самад онҳоро дар повести «Аспи бобом» ба қалам додааст, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо ҳамон шаклу маънии азалӣ маҳфуз мондаанд. Нависанда чун воситаи хуби таъмини воқеият ҳам дар нутқи персонажҳо ва ҳам дар сухани тасвирии худ аз онҳо истифода кардааст:

О, бо ҳамин лабтоб лаби ҷангхоҳро битоб, ки **ҳангаш** канад… (с.94).

Писарак як садои пурнишоте бароварду рӯйи фарши хона боло-боло ҷаҳид ва чун модараш аз ошхона ӯро **арбадаву** таҳдид кард, саросема кафшҳояшро пӯшида, ба кӯча шитофт (с.109). …бобои писарак аз **полҳанги** тойча дошта, ҷониби дарвоза равон шуд… (с.84). Агар ӯро ба осиё бурданӣ мешуданд, тамоми **бунаҳои** деҳаро огоҳ мекарданд… (с.92).

Ҳадафи адиб аз истифодаи ин навъи диалектизмҳо, аз як тараф, воқеъбинона тасвир кардани рӯзгор ва психологияи мардуми деҳот дар асар бошад, аз дигар тараф, дубора зинда кардану бозпас ба забони адабӣ ворид намудани онҳост. Дар нутқи персонаж ба кор бурдани диалектизмҳо дар адабиёти бадеӣ, баръакс, ҳодисаи маъмул аст. Чунки характеристикаи нутқи персонажҳо, бахусус, персонажҳои бесавод тақозо мекунад, ки адиб аз унсурҳои лаҳҷавӣ бештар кор гирад. Дар ин маврид нависанда метавонад ҳам аз диалектизмҳои семантикиву этнографӣ ва ҳам аз диалектизмҳои фонетикиву грамматикӣ истифода намояд. Барои мисол диалектизмҳои **сарҳад** (арафа, наздик), **ҳучбемор** (бемори ғайрибистарӣ), **мома** (бибӣ, модаркалон), **сӯзонкоғаз** (гарчишник)-ро аз гурӯҳи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ намуна гирифтан мумкин аст, ки онҳо дар повести «Косаи давр» дар нутқи персонажҳо (Фазилат, Мижгон, Гулсифат, Гулбону) бо ҳамон маъниҳои боло оварда шудаанд. Тавассути онҳо нависанда мехоҳад ҳолат, муҳаббат, самимият ва дилсӯзиву меҳрубонии мардуми деҳоти

кӯҳистони Тоҷикистон, мададгории онҳоро бо ҳамдигар дар мавридҳои ниёзмандӣ ба хонанда бозгӯ созад. Ин як воситаи бисёр хуби тарбияи ҳисси инсондӯстӣ дар ниҳоди хонанда низ мебошад, ки ҳадафи ҳар як адиб аз таълифи асар даставвал дар ҳамин ба зуҳур меояд:

-Бечора. Писараш дар **сарҳади** омаданд … Кошкӣ, дардаш сабук бошад (с.67).

Чанд рӯз боз **ҳучбемор** мегаштам (с.77).

-Дила ин қадар танг нагир, **мома,** - беморро дилбардорӣ кард Гулсифат (с.77).

Се-чор рӯз дору мехӯрӣ, укол мекунам, ба гуфти худат, аз ин **сӯзонкоғаз** (гарчишник) ба пуштакат мемонем…. (с.77).

Аз мисолҳои боло вожаҳои **мома** ва **сӯзонкоғаз** бисёр ҷолиб мебошанд. Аз инҳо вожаи **мома** қадимист ва зуҳури он ба даврањои аввали рушди оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ рост меояд. Ин аст, ки дар бисёр забонҳои олам дар шаклҳои гуногуни фонетикӣ ба кор меравад. Масалан, калимаи **мамаи** русиро мегирем, ки бо **мома** ҳамреша аст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» онро ба гунаи **мом** ба қалам додааст. Аммо баръакс, диалектизми **сӯзонкоғаз** нав ва моли лаҳҷа бошад ҳам, хеле зебост. Азбаски имрӯз раванди тоҷиккунонии иқтибосоти забони тоҷикӣ вобаста ба мақоми давлатӣ гирифтани он идома дорад, метавон ба ҷойи **гарчишники** русӣ истилоҳи **сӯзонкоғазр**о, ки аз лиҳози маънӣ ва ҳам сохтор сирф тоҷикист, дар забонамон умумӣ намуд. Ҳадафи нависанда низ аз истифодаи ин ду воҳиди луғавӣ, ба назар ҳамин аст. Далелҳои боло имкон медиҳанд, ки қайд кунем, ки лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар ҳама гуна мавриd метавонанд ба аҳли эҷод мавод диҳанд. Аммо ин мавод, ба қавли М.Горкий, имкон дорад, ки ё «хом» ва ё «пухта» бошад. Маводи «хом»-и онро адибон вазифадоранд, ки дар коргоҳи эҷодӣ аз муоина гузаронида, дар кӯрраи тафаккур «пазонанд» ва баъдан тавассути асарҳои худ ба оммаи васеи хонанда пешкаш созанд. Агар ин корро муваффақона ба анҷом расонанд, метавонанд ба ҷараёни умумии ба забони адабӣ дохил намудани унсурҳои умдаи лаҳҷавӣ, ки ба ин амали хайр солҳои сиюми асри ХХ устод С.Айнӣ ибтидо гузошта буд, ҳиссагузор бошанд. Аз ин рӯ, нависандагон бояд дар бобати истифодаи диалектизмҳо дар асарҳои хеш эҳтиёткор бошанд ва аз як чорчӯбаи муайян берун набароянд. Дар вақташ А.М.Горкий ба як қисм адибони рус, ки дар истифодаи диалектизмҳои зодгоҳи худ зиёдаравӣ мекарданд, сахт эърод гирифта, гуфта буд: «Чунин далел овардан, ки дар музофоти мо ин тавр сухан мекунанд, дуруст нест, зеро китобҳо барои хонандаи як музофот ё вилоят навишта намешаванд» [2, с. 710].

Абдулҳамиди Самад дар ҳикояи «Зодрӯз» (маҷ. «Аспи бобом») дар сухани тасвирии худ аз диалектизми **қандина,** ки мансуб ба лаҳҷаи зодгоҳи адиб аст ва дар ифодаи маънии «торт» истеъмол меёбад, кор гирифтааст. Ин ҷо вожаи мазкур дар мавриде истифода гардидааст, ки нависанда лаҳзаҳои аввали вохӯрии Неъматро бо Малика (қаҳрамонҳои ҳикоя) ба риштаи тасвир кашидааст. Ин аст, ки **қандина** тобиши услубӣ касб карда, рамзи муҳаббати Неъмат ба Малика шуда мондааст. Зеро, агар ҷавоне ягон чизи ширин (қанд, конфет, шоколад) ба духтаре ҳадя орад, дар суннати мардуми тоҷик маънии ба ӯ изҳори муҳаббат карданро мефаҳмонад. Азбаски **қандинар**о Неъмат барои Малика оварда буд, бо ин нависанда ишора карданист, ки Неъмат ба Малика дар дил муҳаббат мепарварад: Ҷавони ланг рӯзи гирифтани кастум-вай ду рӯз пеш ҳам барои чен кардани либоси хомдӯз омада буд, - як **қандина** (торт) тӯҳфа овард (с.164). Ҳадафи дигари А.Самад аз истифодаи **қандина** ба забони меъёрӣ ворид кардани он аст. Дар ҳақиқат, вожаи мазкур зебо буда, аз решаи **канд** тавассути пасванди **–ина** (тоҷикӣ) дар қолаби калимасозии забони тоҷикӣ тарҳрезӣ шудааст ва метавонад калимаи **тортро**, ки тоҷикӣ нест, пурра иваз созад. Адиб бо ин амали неки худ васияти устод С.Айниро, ки гуфта буд: «Вазифаи мо, нависандагон, ана ҳамин дурдонаҳоро ёфта, ба омма тӯҳфа кардан аст…» [3, с. 237], ба ҷо овардааст. Калимаи **чапардар** дар повести «Косаи давр» дар мавриди тасвири ёрӣ додани Гулбону ба шавҳараш - Шоҳини чӯпон, ки рамаро аз чарогоҳ ба бошишгоҳ оварда, ҷо ба ҷо мекард, дар сухани тасвирии адиб ба кор бурда шудааст: Гулбону **чапардари** ҳелро яктарафа карда буд, ки баррачаҳо бошаст ба пешвози рама давиданд, то модарҳояшонро ёбанду серӣ бимаканд (с.158). Дар тасвироти нависанда ба кор рафтани диалектизми **чапардар** бесабаб нест. Сабаб дар он аст, ки чапардар дари махсус аст ва номи он дар забони адабӣ муродиф надорад. Аз ин рӯ, муаллиф мехоҳад ба ин восита як ҷойи холии таркиби луғавии забони адабиро пур созад ва дар рушди забони меъёрии тоҷик саҳм бигирад. Воқеан, вазифаи ҳар як адиб низ дар таълифи асари бадеӣ даставвал аз ҳамин иборат аст. Дар ин бобат устод С.Айнӣ чунин мегӯяд: «Аввалин

вазифаи ташкилотҳо ва шахсоне, ки дар ин соҳа кор мекунанд, дари ин хазинаро кушодан, луғатҳои барҷастаи зиндаро аз он ҷо гирифта, бо як тадқиқи илмӣ онҳоро чоп намудан ва ба ин восита забонро, чунон ки тараққиёти имрӯзаи мо талаб мекунад, васеъ намудан аст» [1, с. 568]. Диалектизми **сур кардан** дар «ФГҶЗТ» дар ҳамин шакл (с.633), дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» ба гунаи **сурдав кардан** (с.207) ва дар бахши луғати асари А.Л.Хромов «Говоры таджиков Матчинского района» (1962) дар шакли **сурӯндан** (с.185) оварда шудааст. Вале аз луғатҳои тафсирӣ ва дузабона он дарёфт нашуд, ки ин бори дигар аз хусусияти лаҳҷавӣ доштани он дарак медиҳад.

Чунон ки мебинем, диалектизми **сур кардан** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҳам дар лаҳҷаҳои шимоливу марказии забони тоҷикӣ бо андак тағйироти овозӣ бошад ҳам, аз рӯйи як маънӣ истеъмол меёбад. Доираву дараҷаи истифодаи он дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ торафт васеъ шуда истодааст ва ин ҳодиса хоҳ нохоҳ имконияти ба забони халқӣ - гуфтугӯйӣ ва аз ин ба забони адабӣ роҳ ёфтани онро фароҳам меорад. Ба хона расида буд, ки адир сураш кардӣ. Намондӣ аз дидораш сер шавам (с.152). Дар мисолҳои боло диалектизмҳои **чапардар** ва **сур кардан** бо диалектизмҳои **ҳел** (молҷои атрофаш бо хор басташуда) ва **адир** (баландӣ, теппа) ҳамнишин оварда шудаанд. Бо истифода аз ин тарзи нигориш нависанда таъкид карданист, ки чапардар дари ҳавлӣ ё хона набуда, балки дарест, ки дар ҳел, боғ ва порчазаминҳои обчакории гирдашон бо хору шохи дарахт басташуда шинонда мешавад. Ин як омили маънидоди дохилиматнии диалектизмҳо низ мебошад, ки А.Самад аз он дуруст истифода кардааст. Муродифи **ҳел** дар забони адабӣ вожаи **қӯтан** аст. Аммо **қӯтан** табиист, ки баромади тоҷикӣ надорад ва адиб инро дуруст дарк карда, мехоҳад ба ҷойи он дар забони адабӣ муодили тоҷикии **ҳел** умумӣ гардад. Дар мисоли дуюм низ муддаои нависанда аз истифодаи диалектизми **адир** ҳамин аст. Ӯ мехоҳад калимаи нағзу зебои адир, ки тоҷикӣ буда, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (2010) бо ишораи гуфт. «теппа, баландӣ, доманаи кӯҳу пуштаи начандон баланд» ва дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2006) низ зери ишораи разг. «холм, адыр» (с.39) маънӣ карда шудааст, дар паҳлӯи вожаҳои умумитоҷикии **теппа, баландӣ** чун муродиф ранги оммавӣ касб кунад ва бо ин роҳ андаке бошад ҳам, ғановати забони меъёриро таъмин созад. Дар ин бобат А.Самад васияти устод С.Айниро, ки «Ба фаҳми ман, дар кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт кардан, аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезондан лозим аст» - гуфта буд [3, с. 235], ба иҷро расондааст. Вожаи **хусур** марбут ба лаҳҷаҳои ҷанубист [4, с. 778]. Ин калима дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [7, с. 511] ва луғати устод С.Айнӣ [1, с.445] бо ҳамин маънии боло ба қайд гирифта шудааст, аммо чун хатти густариши он имрӯз аз ҳудуди лаҳҷаҳои ҷанубӣ убур карда наметавонад ва дар забони адабию лаҳҷаҳои шимолӣ муродифи **падарарӯс** дорад, ҳақ дорем, ки онро ҳамчун диалектизми фарохистеъмол хос ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ шиносем. Ин воҳиди луғавӣ дар луғатҳои В.С.Расторгуева ва М.Маҳмудову Б.Бердиев, ки маводи лаҳҷаҳои шимолиро дар бар мегиранд, зикр наёфтааст. Пас, маълум мешавад, ки манбаи захирашавии он дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ забони адабиёти классикист.

Абдулҳамиди Самад диалектизми мазкурро чун ҷузъи калимаи мураккаб дар таркиби вожаи **хусуршаванда** дар қиссаи «Маҳбус» (Шаҳдрези садо, 1997) ҳангоми ба тасвир гирифтани вазъи руҳӣ ва амалиёту муошират маҳбусон дар нутқи персонаж ба қалам додааст:

Ваҳ-ваҳ-ваҳ, гӯё хонаи **хусуршаванда** арӯсбинӣ меравад, - хандида гуфт шӯхтабиате… (с.8).

Нависанда тавассути ин диалектизм орзую омол ва фикру андешаи персонажро мехоҳад бо сухани худи ӯ баён созад. Воқеан, бо забони персонаж баҳо додан ба андеша ва рафтору кирдори худи ӯ перомуни дастоварду нокомиҳояш дар ҳаёт аз хусусиятҳои хеле барҷастаи забони осори насрии А.Самад мебошад.

Истифодаи диалектизми **хусур** ба адиб имкон додааст, ки ӯ аз як тараф, ҷиҳати экспрессивии тасвироти хешро пурзӯр намояд, аз тарафи дигар, шӯхтабиату хушсухан будани персонажи асарро ба хонанда батафсил баён созад.

Дар ягон маврид нависанда маънидоди вожаи **хусурро** лозим надонистааст. Ин аз он ҷиҳат аст, ки бе шарҳи муаллиф ҳам дарки маънии он ба хонанда мушкилӣ пеш намеорад, зеро калимаи мазкур бо калимаҳои ҳамнишин дар чунин ҳамбастагии зич оварда шудааст, ки хонанда маънии онро аз мафҳуми умумии матн пайдо карда метавонад.

Диалектизми **хушдоман,** ки муодилҳои гуногуни овозӣ низ дорад, аз унсурҳои фаъоли лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба ҳисоб меравад [4, с. 779]. Муродифи он дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои шимолӣ вожаҳои **модарарӯс** ва **модаршӯй** мебошанд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ (1969) калимаи мазкур ба қайд гирифта нашудааст. Дар луғати С.Айнӣ (1976) бошад, вай «модари зан» маънӣ гардидааст (с.445). Вале бояд гуфт, ки **хушдоман** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ на танҳо маънии «модари зан», балки маънии «модари шавҳар» - ро низ ифода мекунад.

Адиб мехоҳад, ки ин вожа дар баробари калимаҳои модарарӯс ва модаршӯй дар забони меъёрии тоҷик хусусияти умумитоҷикӣ касб кунад, зеро ба воситаи он маънии ҳам «**модарарӯс**» ва ҳам «**модаршӯй**» - ро ифода кардан мумкин аст.

Зарфи **чорхез** низ таркибан мураккаб аст ва аз шумораю феъл бо роҳи композитсия ба вуҷуд омадааст. Воқеан, ин роҳи калимасозӣ дар зарф хеле маъмул аст. Дар «ФГҶЗТ» калимаи **чорхез** «як тарзи роҳгардии аспу хар» маънӣ шудааст (с.849). Дар ҳақиқат, ин диалектизм ба тарзи ҳаракати ҳайвонот мансуб аст. Аммо на ба тарзи ҳаракат ё роҳгардии муқаррарӣ, балки ба тарзи давидани сахту босуръат дахл дорад. Дар тасвири А.Самад дар повести «Аспи бобом» бо ҳамин маънӣ оварда шудааст:

Дароз пояшро ба рикоб ниҳода буд, ки асп **чорхез** давид … (с.101).

Бояд гуфт, ки вожаи мазкур дар забони адабӣ муродиф дорад, вале нависанда мебинад, ки муродифҳо он тобишҳои нозуки маъноиеро, ки **чорхез** дар ниҳоди худ нигоҳ медорад, наметавонанд айнан ифода намоянд. Аз ин ҷиҳат, моҳияти масъала ва мафҳуми мушаххаси ҳодисаи тасвиршавандаро ба воситаи ин калима барҷаставу пурқувваттар ба қалам додан мумкин аст. Ана ҳамин ҷиҳати услубӣ зарурати истифодаи онро пеш овардааст. Аз ҷониби дигар, ҳадафи адиб умумӣ кардани **чорхез** дар забони меъёрӣ мебошад, зеро баромади тоҷикӣ дорад, зебою хушоҳанг аст, дар қолаби калимасозии забони тоҷикӣ сохта шудааст, рехтаву суфта, образнок ва бадеист.

Калимаи **ордбез** ҳангоми тасвири муноқишаи шӯхиомези зану шавҳар - Заъфарону Мирак ва **парвезан**, ки муродифи он аст, дар мавриди нишон додани вазъи зиндагии носозгори Савлат бо шавҳараш Сурхак дар романи «Гардиши девбод» истифода карда шудаанд. Ҷойи диалектизми якум нутқи персонаж ва ҷойи диалектизми дуюм сухани адиб аст.

Вожаҳои мазкур пуробраз ва бадеӣ набошанд ҳам, нависанда дар заминаи маҷоз, ки ин ҳам аз забони зиндаи халқ берун меояд, ба онҳо тобишҳои махсуси услубию эмотсионалӣ бахшида, ба ин восита рангубори бадеӣ ва муассирии забони асари худро таъмин намудааст:

Ҳо, ордата бехтӣ, **ордбеза**ба мех овехтаӣ … (с.160).

Савлат, ба таъбири худаш, баъди ордро бехтану **парвезанро** такида ба мех овехтан боз мурдабони Сурхак шуд (с.298).

Воқеан, диалектизмҳои **ордбез** ва **парвезан,** ки муродифҳои калимаи умумитоҷикии **элак** мебошанд, заминаи сирф тоҷикӣ доранд. Махсусан, вожаи **ордбез,** ки аз исм (орд) - у асоси замони ҳозираи феъл (без) дар қолаби калимасозии исмҳои мураккаб тарҳрезӣ шудааст, меъёрбоб аст ва метавонад дар ҳар мавриди мусоид ба ҷойи **элаки** туркӣ мавриди корбурд қарор гирад. Ҳадафи адиб ҳам аз истифодаи он, шояд ҳамин бошад.

Диалектизми **ёғута** дар повести «Ҳаъд аз сари падар» (маҷ. «Аспи бобом») ба кор рафтааст. Ба воситаи он А.Самад як лавҳаи зебои бадеӣ сохта, дар он аз тарзи рӯзгордорӣ ва фаъолияти мардони ҳунарманди деҳот ба хонанда қисса мекунад:

Бобои Саид даме хомӯш монд, баъд бо теша **ёғутаи** наверо пайкунон гуфт … (с.57).

Дар ин мисол диалектизми **ёғута** бо калимаҳои меъёрии **теша, нав**, **пайкунон** дар алоқаи зич оварда шудааст, ки хонанда аз он маънии ба касби чӯбтарошӣ шуғл доштани персонажро дарк мекунад. Вале на ҳама хонанда сарфаҳм меравад, ки ӯ аз чӯб чи гуна асбоб месозад. Барои он ки ҳамин маънӣ ба ҳама хонандагон равшан гардад, адиб диалектизми мазкурро дар поварақи китоб шарҳ додааст.

Диалектизми **ёғута** дар забони адабӣ муродиф надорад. Аз ин рӯ, дар сухани тасвирӣ истифода карда шудани он аз ҷониби нависанда шояд ба хотири умумӣ кардани он бошад. Зеро адибон одатан унсурҳои лаҳҷавиеро, ки мехоҳанд дар забон хусусияти умумиистеъмолӣ касб кунанд, дар тасвироти худ кор мефармоянд.

Аз ҷумла, диалектизми **афсонро** намуна мегирем, ки адиб онро «қайроқсанг» шарҳ додааст. Вале гуфтан лозим аст, ки **қайроқсанг**, ба гумони мо, шоистаи қабул буда наметавонад. Зеро ҷузъи якуми он – **қайроқ** на тоҷикист ва на хусусияти умумитоҷикӣ

дорад. Бинобар он, агар мо ягон муодили тоҷикии онро ё аз адабиёти классикӣ ва ё аз забони зиндаи халқ пайдо мекардем, хизмате мешуд басо арзишманд дар роҳи инкишофи луғати забони адабии тоҷик. Диалектизмҳои **ғулба** ва **ҳанг** дар эҷодиёти А Самад дар ду маврид ба кор рафтаанд: дар сухани тасвирӣ ва дар нутқи персонаж. Нависанда вожаи **ғулбаро** дар тасвироти худ истифода кардааст. Зеро медонад, ки: а) **ғулба** дар асл тоҷикист ва аз муодилҳои худ - **акка** ва **алошақшақа** аз ҷиҳати ҳам таркиби овозӣ ва ҳам талаффуз хеле сабук аст; б) дар забони адабии муосири тоҷик **ғулба** роиҷ набошад ҳам, дар забони адабиёти классикӣ бо ҳамин маънии имрӯз лаҳҷавии худ аз унсурҳои фаъоли нутқ буд; в) агар ҳоло онро аз нав ба меъёр дарорем, метавонад боз як гӯшаи холии луғати забони адабии тоҷик пур гардад. Ана ҳамин аҳдофи эҷодӣ тақозо кардааст, ки муаллиф калимаи мазкурро дар сухани тасвирии худ ба кор андозад. Вале воҳиди луғавии **ҳанг**, ҳарчанд ки тоҷикист, ин гуна имконияти васеъ надорад.

Хулоса, лаҳҷаҳои маҳаллӣ чун як сарчашмаи пурмавод дар ҳама давру замон вобаста ба рушду таҳаввулоти ҷомеа таркиби луғавии забони адабии тоҷикро мукаммал сохтанд. Имрӯз бошад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди тамоми забоншиносон вазифа гузоштанд, ки аз дохили гӯйишҳои мардумӣ вожаҳои асили тоҷикиро ёфта, онро ба забони адабии имрӯза ворид намоем.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Куллиёт / С.Айнӣ. - Душанбе, 1976. - Ҷ.12. - 568 с.*
2. *Горкий, М. О литературе / М.Горкий. - М., 1953. - 868 с.*
3. *Мактуби С. Айнӣ ба адибони тоҷик // Шарқи сурх. - 1956. - №4. - С. 100-114.*
4. *Маҳмудов, М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, Б.Бердиев.- Душанбе, 2012. – 946 с.*
5. *Самад, А. Гардиши девбод / А.Самад. - Душанбе, 2007. - 567 с.*
6. *Турсунзода, М. Дар хизмати халқу ватан / М.Турсунзода // Садои Шарқ. - 1971. - №7. - С.74-80.*
7. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. – Ҷ.1. - 950 с.*
8. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. – Ҷ.2. - 950 с.*
9. *Хромов А.Л. Говоры таджиков Матчинского района / А.Л. Хромов // Душанбе, 1962. – 185 с.*
10. *Раҳмон, Э. Рисолати инсонии мост, ки забонро чун модари худ азиз шуморем / Э.Раҳмон // "Ҷумҳурият". – 2019. - 7 октябр.*

УНСУРҲОИ ЛАҲҶАВӢ ВА ҒАНОВАТИ ЗАБОНИ АДАБӢ (ДАР МИСОЛИ ОСОРИ А. САМАД)

Чунон ки маълум аст, то солҳои ҳафтоди асри XX луғати лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мавриди тадқиқ қарор нагирифта буд, аз ин сабаб аҳли адаб ба маводи ғаноманди он дастрасӣ надошт. Ин буд, ки дар асарҳои бадеӣ бештар маводи лаҳҷаҳои шимолӣ рӯйи кор омад. Дар айни ҳол луғати як қисм лаҳҷаҳои ҷанубӣ омӯхта шудааст, дар ин бобат фарҳангҳои лаҳҷавӣ низ аз чоп баромадаанд. Акнун аҳли адаб метавонад аз ин манбаъҳо вожаҳои даркории худро сара карда, дар таълифоташон ба кор баранд. Алалхусус, мо имрӯз имкон дорем, ки аз дохили лаҳҷаву шеваҳои мардумӣ, тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи забоншиносон ва фолклоршиносонро вазифадор карда буданд, калимаҳои асилу ноби тоҷикиро дарёфт намуда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷик ворид намоем.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, лаҳҷаҳои тоҷикӣ, диалектизмҳо, лаҳҷашиносӣ, унсурҳои лаҳҷавӣ, забони адабӣ, А.Самад.

ДИАЛЕКТНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ И БОГАТСТВО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА (НА ПРИМЕРЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ А. САМАДА)

Как известно, до 70-ых годов XX века не были изучены словари южного говора таджикского языка. По этой причине, литераторам, писателям и поэтам не были доступны богатый его материал. Поэтому, в художественных литературах больше всего были использованы материалы северных диалектизмов. В настоящее время разработаны и изучены часть южных говоров, также выпущены словари этой части. Теперь, литераторы, писатели и поэты могут воспользоваться этими материалами, выбирая нужные слова для использования в своих творческих трудах. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, призвал всех языковедов находить исконно исторические слова и тем самым внести их в литературный таджикский язык.

Ключевые слова: таджикский язык, таджикские говоры, диалектизмы, диалектология, диалектные элементы, литературный язык, А.Самад.

DIALECT ELEMENTS AND THE RICHNESS OF THE LITERARY LANGUAGE (IN THE EXAMPLE OF A. SAMAD'S WORKS)

It's known that no dictionaries of the southern dialect of the Tajik language were studied until the 70s. For this reason, writers and poets have not had access to his rich material. Therefore, the materials of the northern dialectism were used most in the fiction. A portion of the southern accent has now been developed and studied and dictionaries of this portion have also been produced. Now writers and poets can take advantage of these materials, choosing the right words to use in their creative works. The founder of peace and national unity, the leader of the nation, the President of Tajikistan, his execellency Emomali Rahmon, urged all linguistics to find the original historical words. Thereby, introduce them into the literary of Tajik language.

Keywords: Tajik language, Tajik speech, dialectism, dialectology, elements of dialect, literary language, A.Samad.

Дар бораи муаллиф

Саидова Ҷамила Сибгатуллоевна
Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 915 23 61 61
E-mail: saidovajamila59@gmail.com

Об авторе

Саидова Джамила Сибгатуллоевна
Кандидат филологических наук, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 915 23 61 61
E-mail: saidovajamila59@gmail.com

About the author

Saidova Jamila Sibgatulloevna
Candidate of philological sciences, senior teacher of chair of the Tajik language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 915 23 61 61
E-mail: saidovajamila59@gmail.com

УДК 808.2+809.155.0

СЛОВА КАТЕГОРИИ СОСТОЯНИЯ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Салоев А. Т.
Российско-Таджикский (славянский) университет

Введение. Впервые вопрос о категории состояния как особой части речи поставил Л. В. Щерба в работе «О частях речи в русском языке» (1928). Он отметил, что такие слова, как нельзя, можно, пора, жаль, холодно, светло, весело и т.д., «употребляются со связкой и функционируют как сказуемое безличных предложений», показал их отличие от наречий и прилагательных. Так как указанные слова служат для выражения состояния (которое, однако, отличается «от такого же состояния, но представляемого как действие»: становится холодно - холодает, морозно - морозит и т.д.), Л. В. Щерба предложил назвать их «категорией состояния». В качестве их формальных признаков он отметил неизменяемость и употребление со связкой.

Теоретической базой послужили труды следующих исследователей: А. А. Шахматова, А. М. Пешковского, В. В. Виноградова, Н. Ю. Шведовой, Г. А. Золотовой, А. Г. Руднева, В.А. Белошапковой, В. В. Бабайцевой, О. Б. Сиротининой С. Е. Скобликовой, П. А. Леканта, Н.С. Валгиной.

В ходе исследования были применены такие методы, как описательный метод, метод контекстуального и компонентного анализа, метод лингвистического наблюдения.

Практическая значимость результатов исследования в том, что они могут быть применимы в преподавании курсов сопоставительной грамматики.

Основная часть. Категория состояния — это неизменяемые слова, обозначающие состояние, способные сочетаться со связкой и употребляемые в функции сказуемого безличного предложения или в роли сказуемого двусоставного предложения с подлежащим-инфинитивом (Тихонов, с. 223):

А теперь мне хорошо, очень хорошо! (Чехов. Рассказы). Тяжело мне, очень тяжело! (Горький. Дачники, с. 265). Досадно видеть его только шутником, право! (Горький. Дачники, с. 205). Как мучительно трудно быть женщиной! (Горький. Дачники, с. 197). Мне пора домой! (Горький. Дачники, с. 204). Досадно видеть его только шутником, право! (Горький. Дачники, с. 205). Мне пора возвратиться к нашим героям (Гоголь. Мертвые души). Стыдно вам и говорить такую сумму! (Гоголь. Мертвые души).

Однако в русской грамматической науке нет единой точки зрения относительно природы слов категории состояния. Одни ученые называют их предикативными наречиями [РГ], другие используют термин предикативы. Так, авторы «Русской грамматики» (1980) слова категории состояния рассматривают как предикативные наречия (предикативы). Однако в настоящее время они нашли отражение во многих вузовских и школьных грамматиках (Гвоздев А. Н., Лекант П. А., Бабайцева и др.).

Впервые такие слова выделил в отдельную часть речи Л. В. Щерба в статье «О частях речи в русском языке» (Щерба 1928, с. 14-16). Сам термин «категория состояния» им же и был введен в оборот. Л. В. Щерба при выделении категории состояния принимал во внимание семантику слов (общее значение нединамического состояния) и выполняемую ими функцию (сказуемого).

В. В. Виноградов в книге «Русский язык. Грамматическое учение о слове» (1947) внёс большой вклад в утверждение мнения о категории состояния как самостоятельной части речи. Авторы учебных пособий по русскому языку Е. М. Галкина-Федорук, А. Н. Гвоздев, В. А. Белошапкова, А. Н. Тихонов, Н. М. Шанский, П. А. Лекант, Д. Э. Розенталь вслед за В. В. Виноградовым категорию состояния признали в качестве самостоятельной части речи.

Главным аргументом в пользу интерпретации категории состояния как части речи было употребление в сочетании с такими словами глагола быть, который, лишаясь связочной функции, передавал лишь временные характеристики главного члена безличного предложения. Функция такого члена предложения существенно отличается от функций в предложении собственно наречия, обозначающего признак действия или признак другого

признака. Все это давало основание для выводов о выделении данной группы слов как части речи в русском языке. Сходство между категорией состояния и наречий на -о признавалось как имеющее внешний характер, однако у некоторых лингвистов такая точка зрения поддержки не нашла. В частности, В. А. Белошапкова считала, что, для того чтобы считаться самостоятельной частью речи, у слов категории состояния недостаточно синтаксических признаков, в связи с чем ею было выдвинуто предложение о необходимости расширить понятие наречия, включив в число его синтаксических функций также функцию главного члена предложения. Л. В. Щерба стал первым, кто ввел в употребление термин «категория состояния» и классифицировал слова, относящиеся к данной категории. В рамках предложенного Л. В. Щербой понимания рассматривал подобные слова В. В. Виноградов, который представил подробное описание разрядов слов этой категории. Массив слов, относимых к данной части речи, формируют в основном слова, которые обнаруживают связь со словами других частей речи, однако, по мнению некоторых исследователей, ядро этой категории составляют единицы, не классифицируемые в рамках других частей речи.

Под категорией состояния в настоящей статье мы понимаем часть речи, обозначающую состояние живых существ, природных явлений, окружающей среды и выполняющую функцию главного члена безличного предложения: Григорию стало его безотчетно жаль … (Шолохов. Тихий Дон). Пора бы выезжать (Шолохов. Тихий Дон). Тебе лень поздравить его с Новым годом? (Чехов. Рассказы). Видит бог, мне стыдно (Чехов. Рассказы). Мне нельзя ехать! (Чехов. Рассказы). Ну, мне холодно с тобой разговаривать… (Чехов. Рассказы). Мне поговорить с вами нужно, Николай Тимофеич (Чехов. Рассказы). А теперь мне хорошо, очень хорошо! (Чехов. Рассказы). Служить мне нельзя (Чехов. Рассказы). Мне больно! (Горький. Дачники, с. 224). Как тяжело, тесно жить среди таких людей! (Горький. Дачники, с. 228).

Слова, принадлежащие к категории состояния, могут классифицироваться с точки зрения как словообразования, так и семантики. По составу и происхождению все они неоднородны. В основной корпус категории состояния включаются: а) слова на -о, соотносимые с краткими формами имён прилагательных и качественными наречиями (тяжело, гадко, жалко, больно, стыдно, трудно, холодно, обидно, тяжело, темно, неприятно, жалко, превосходно, превосходно, жалко, обидно): Бог с ним совсем, тяжело мне его видеть (Чехов. Вишневый сад, с. 412). Приятно мне слышать это... (Горький. Дачники, с. 226); Жарко, душно, мундир давит под мышками – просто смерть! (Чехов. Скучная история); б) слова грех, позор, стыд, срам, лень, охота, пора, время, досуг, соотносимые с именами существительными; в отличие от последних они обозначают не предметы, а определенные состояния: Значит, уже пора вставать и приниматься за работу (Чехов. Спать хочется); в) слова надо, можно, нужно, нельзя, жаль, боязно, совестно, стыдно, любо, невмоготу, невмочь, которые в современном русском языке не соотносятся с какими-либо частями речи (прилагательными, наречиями, существительными): Вам нужно лечиться (Чехов. Скучная история). Нужно ясно представить себе читателя, какой он? (Горький. Дачники, с. 216). Как жаль мне, что нечего вам покушать! (Гоголь. Мертвые души). Жаль больше всего мне мужичков бедных (Гоголь. Мертвые души). А мне нужно подать просьбу; г) слова типа капут, крышка, крест, каюк, конец в значении конец, гибель, смерть, соотносимые с междометиями и отличающиеся от них не только значением и синтаксической функцией, но и способностью управлять дательным падежом существительных, сочетаться с обстоятельственными словами: вот тебе и каюк, капут старику, завтра им крышка.

В отличие от русского языка, в таджикском языке отсутствует такая часть речи, как категория состояния, поэтому они основываются на данных перевода, выполненные профессиональными переводчиками.

Сопоставительное изучение способов передачи категории состояния в таджикском языке позволяет сделать вывод об отсутствии в них полного совпадения в использовании безличных конструкций: Вам, я вижу, неприятно... (Горький. Дачники, с. 203). – Мебинам, ки ин ба шумо намефорад (Горкий. Дачанишинҳо, с. 222). Мне и так очень превосходно". (Горький. Дачники, с. 238). - Барои ман ин хел ҳам хуб аст (Горкий. Дачанишинҳо, с. 257)... Мне стыдно сознаться... (Горький. Дачники, с. 244). - Ба иқрор шудан ҳам шарм медорам (Горкий. Дачанишинҳо, с. 267). Мне больно за вас. (Горький. Дачники, с. 244). - Ба ҷои шумо ман азоб мекашам (Горкий. Дачанишинҳо, с. 267). И мне жалко брата! (Горький. Дачники, с.

244). – Ба бародарам ҳам дилам месӯзад! (Горкий. Дачанишинҳо, с. 267). А мне как больно! (Горький. Дачники, с. 246). – Ман чӣ қадар дар азобам! (Горкий. Дачанишинҳо, с. 270). Мне стыдно говорить... (Горький. Дачники, с. 247). - Гап задан барои ман шармовар аст (Горкий. Дачанишинҳо, с. 270). Противно, тошно, стыдно жить так! (Горький. Дачники, с. 247). - Ин хел зиндагонӣ кардан нафратовар, дилбеҷокунанда ва шармовар аст! (Горкий. Дачанишинҳо, с. 270). Мне жалко нищего… (Горький. Дачники, с. 247). – Ма ба гадо раҳм мекунам (Горкий. Дачанишинҳо, с. 271). Нам без тебя не будет скучно… (Горький. Дачники, с. 252). - Мо бе ту зиқ намешавем (Горкий. Дачанишинҳо, с. 276). Вам тяжело жить? … (Горький. Дачники, с. 253). - Зиндагонии шумо сахт-мӣ? (Горкий. Дачанишинҳо, с. 277). Вам не противно быть с ними? (Горький. Дачники, с. 257). – Магар бо онҳо будан ба шумо нафратовар мебошад? (Горкий. Дачанишинҳо, с. 282). Душно. Пахнет щами и сапожным товаром (Чехов. Спать хочется). - Ҳавои хона вазнин. Бӯи карамшурбо ва асбобҳои мӯзадӯзӣ меояд (Чехов. Хобам меояд, с. 5). Мне больно смотреть на нее… (Чехов. Скучная история). - Ба вай дилам месӯзад (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 257).

Выступая в качестве главного члена безличных предложений, слова категории состояния могут выражать различные модальные оттенки: возможность или невозможность, долженствование, необходимость: Полагаю, теперь можно поднять занавес, а то жутко (Чехов. Чайка, с. 271). - Ба фикри ман, пардаро бардоранд ҳам, мешавад. Набошад, дилам ваҳм гирифт (Чехов. Чайка, с. 271). Тут можно пройти - с? (Чехов. Вишневый сад, с. 413). - Аз ин ҷо гузаштан мумкин бошад? (Чехов. Боғи олуболу, с. 39 8). Надо бы маму предупредить... (Чехов. Вишневый сад, с. 413). Модарамро бояд огоҳ кард (Чехов. Боғи олуболу, с. 398). Мне вот с ними нужно поговорить (Горький. Дачники, с. 214). – Ба ман бо инҳо андак суҳбат кардан даркор (Горкий. Дачанишинҳо, с. 234). Надо себя помнить (Чехов. Вишневый сад, с. 408). - Ҳар кас ҷои худро бояд донад (Чехов. Боғи олуболу, с. 39 4). Нужно ясно представить себе читателя, какой он? (Горький. Дачники, с. 216). Просто вам нужно отдохнуть друг от друга... (Горький. Дачники, с. 222). Ҳамин рӯз ба назди профессорҳои ошно рафтан лозим аст, вале на ҳавсала дораму на қувват (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 308). Михаилу Федоровичу давно уже нужно ехать за границу (Чехов. Скучная история). – Михаил Федорович бояд кайҳо ба хориҷа мерафт… (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 303). Тебе необходимо заняться чем-нибудь (Чехов. Скучная история). – Ту бояд ба коре машғул шавӣ (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 301). Для этого нужно умереть по-человечески (Чехов. Скучная история). – Барои ин лозим аст, ки одамвор бимирам (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 287). Не нужно плакать (Чехов. Скучная история). –Гиря накун -(Гиря кардан лозим нест) (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 305). Так нельзя относиться к серьезному шагу… – говорит она (Чехов. Скучная история). - Ба кори ҷиддӣ чунин муносибат кардан мумкин нест… мегӯяд занам (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 282). Разубедить его в чем-нибудь трудно, спорить с ним невозможно (Чехов. Скучная история). - Ӯро ба чизе бовар кунондан мушкил ва бо ӯ баҳс кардан берун аз имкон аст (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 263). Скрипку нельзя взять с собой в могилу (Чехов. Скрипка Ротшильда). - Скрипкаро бо худ ба гӯр бурдан мумкин нест… (Чехов. Скрипкаи Ротшилд, с. 238- 239). Четыре дня нельзя будет работать (Чехов. Скрипка Ротшильда). - Чаҳор рӯз кор кардан мумкин не (Чехов. Скрипкаи Ротшилд, с. 235). Тебе нужно в больницу ехать… (Чехов. Спать хочется). - Ба ту лозим аст, ки ба касалхона биравӣ… (Хобам меояд, с. 7).

Слова категория состояния по форме совпадающим с существительным, в сочетании с инфинитивом: грех, стыд, срам, позор, пора, неволя, недосуг, лень, неохота, охота, жаль, ужас, время, нужда в структуре безличного предложения передаются на таджикский язык как односоставнымибезличными, определенно-личными, так и безличными предложениями: Грех тебе так говорить! (РТС, с. 189). - Ин тавр гуфтан айб аст; Не грех теперь и отдохнуть – Акнун дам гирифтан ҳам айб нест (РТС, с. 189). Ему было лень говорить – Ӯ ҳавсалаи гап задан надошт (РТС, с. 442). Лень подняться с места – барои аз ҷой хестан ҳавсала нест. Мне недосуг повидать его – Барои дидани ӯ фурсат надорам (РТС, с. 553). А мне пора (Чехов. Чайка, с.). - Вақти рафтани ман ҳам шуд (Чехов. Чайка, с. 272). Мне охота почитать – Ман майли хондан дорам (РТС., с. 673).

Слова категории состояния типа капут, крышка, крест, каюк в значении конец, гибель, смерть, соотносимые с междометиями и отличающиеся от них не только значением и синтаксической функцией, но и способностью управлять дательным падежом

существительных, сочетаться с обстоятельственными словами: капут старику, вот тебе и каюк, завтра им крышка передаются на таджикский язык следующими конструкциями: Ему теперь крышка – Кори вай акнун тамом шуд (7 с. 428). Ему теперь каюк – Ӯро акнун бало зад [7, с. 385]. Мне теперь капут – Маро акнун бало зад (РТС, с. 379).

Способы передачи слов категории состояния на таджикский язык нашли отражения в следующей таблице:

№	*Русский язык*	*Таджикский язык*	*Примечание*
1.	Душно, должно быть, ночью будет гроза. (Чехов. Чайка).	Ҳаво гарм шуд, аз афташ, шаб раъду барқ мешавад (Чехов. Чайка, с. 261).	Душно - Ҳаво гарм шуд
2.	Уже было поздно и темно... (Лермонтов. Герой нашего времени, с. 559).	Акнун хеле дер ва торик шуда буд (Лермонтов. Қаҳрамони даврони мо, с. 52).	было поздно и темно - дер ва торик шуда буд
3.	Мне вдруг стало жаль мамы (Чехов. Вишневый сад, с. 411).	Беихтиёр ба модарам раҳмам омад (Чехов. Боғи олуболу, с. 39 7).	стало жаль - раҳмам омад
4.	А мне пора (Чехов. Чайка).	Вақти рафтани ман ҳам шуд (Чехов. Чайка, с. 272).	Пора - Вақти рафтан шуд
5.	Мне необходимо ее видеть (Чехов. Чайка).	Ман бо ӯ бояд вохурам (Чехов. Чайка, с. 274).	необходимо видеть - бояд вохӯрам
6.	Мне вдруг стало жаль мамы (Чехов. Вишневый сад, с. 411).	Беихтиёр ба модарам раҳмам омад (Чехов. Боғи олуболу, с. 39 7).	стало жаль- раҳмам омад
7.	Смешно горячиться из-за пустяка... (Горький. Дачники, с. 287).	Барои гапи беҳӯда оташин шудан хандаовар аст…(Горкий. Дачанишинҳо, с. 314).	Смешно - хандаовар аст
8.	Н-да-а, женщины... трудно с ними жить! (Горький. Дачники, с. 288).	Ҳа, занҳо… бо онҳо зиндагонӣ кардан душвор аст (Горкий. Дачанишинҳо, с. 315).	трудно жить- зиндагонӣ кардан душвор аст
9.	Мне стыдно... стыдно мне! (Горький. Дачники, с. 290).	Ман шарм медорам… Шарм мекунам! (Горкий. Дачанишинҳо, с. 317).	Стыдно - шарм доштан
10.	Мне очень больно, Ольга... (Горький. Дачники, с. 224).	Ин барои ман хеле дардовар аст (Горкий. Дачанишинҳо, с. 245).	больно - дардовар аст
11.	Поздно уже, надо идти домой... (Горький. Дачники, с. 204).	Дер шуд…рафтан даркор… (Горкий. Дачанишинҳо, с. 223).	поздно – дер шуд
12.	Нужно быть человеком (Горький. Дачники, с. 197).	Одам будан лозим аст (Горкий. Дачанишинҳо, с. 215).	Нужно быть - будан лозим аст
13.	Уже светло (Чехов. Вишневый сад, с. 407).	Аллакай субҳ дамид (Чехов. Боғи олуболу, с. 393).	Светло - субҳ дамид
14.	В лесу так тихо, задумчиво... славно! (Горький. Дачники, с. 193).	Ҷангал чунон ҳам сокит, андешапарвар ва дилчасп аст (Горкий. Дачанишинҳо, с. 211).	тихо, задумчиво... славно- андешапарвар ва дилчасп (аст)
15.	Как душно здесь, Варя! (Горький. Дачники, с. 195).	Варя, ҳавои хона аҷаб дим аст (Горкий. Дачанишинҳо, с. 213).	
16.	Вам жалко его... (Горький. Дачники, с. 243).	Дили шумо ба вай месӯзад (Горкий. Дачанишинҳо, с. 266).	жалко -дилам месӯзад
17.	Мне не его жалко... Мне себя жалко (Горький. Дачники, с. 244).	Дили ман ба ҳоли вай намесӯзад… Ман ба худам месӯзам… (Горкий. Дачанишинҳо, с. 266).	жалко -дилам намесӯзад
18.	Тошно мне, Марья Львовна, нелепо мне... (Горький. Дачники, с. 233).	Дилам танг мешавад, Марья Львовна, худамро бад ҳис мекунам… (Горкий. Дачанишинҳо, с. 255).	Тошно мне - дилам танг мешавад (дилбеҳузуркунанда)
19.	Тебе пора спать, душечка (Чехов. Вишневый сад, с. 412).	Ту бояд бихобӣ, чонакам (Чехов. Боғи олуболу, с. 39 8).	пора спать – бояд бихобӣ (вақти хоб шуд).
20.	Мне почему-то грустно, Власик! (Горький. Дачники, с. 191).	Намедонам, барои чӣ ғамгин ҳастам (Горький. Дачанишинҳо, с. 209).	грустно- ғамгин будан
21.	Не люблю я его последних писаний - пусто, скучно, вяло (Горький. Дачники, с. 192).	Ман навиштаҳои охирини ӯро дӯст намедорам, онҳо пуч, зиқиятовар ва пажмурдаанд (Горкий. Дачанишинҳо, с. 210).	пусто, скучно, вяло - пуч, зиқиятовар ва пажмурда
22.	Мне нехорошо жить... (Горький. Дачники, с. 193).	Зиндагонии ман хуб нест (Горький. Дачанишинҳо, с. 210)	нехорошо жить - Зиндагонии ман хуб нест
23.	Мне самому нехорошо... совестно как-то жить... (Горький. Дачники, с. 193).	Ба худи ман ҳам хуб не… Кас аз гуна зиндагонӣ изо мекашад (Горкий. Дачанишинҳо, с. 210).	Нехорошо –хуб не

24.	Стало мне скучно, и не знаю я теперь, куда мне себя девать? (Горький. Дачники, с. 212).	Зиқ шуда мондам. Акнун чӣ кор карданамро намедонам (Горкий. Дачанишинҳо, с. 231).	Стало мне скучно - Зиқ шуда мондам
25.	С такою наружностью, с таким чудным голосом нельзя, грешно сидеть в деревне. (Чехов. Чайка).	Бо ин ҳусну латофат, бо ин овози мӯҷизанок айб аст, ки дар қишлоқ гӯшанишин бошед (Чехов. Чайка, с. 271).	грешно - айб аст
26.	Как же нас можно потерять? (Горький. Дачники, с. 216).	Моро чӣ хел гум кардан мумкин аст? (Горкий. Дачанишинҳо, с. 236).	можно потерять - гум кардан мумкин аст
27.	Как душно! (Горький. Дачники, с. 221).	Ҳаво чӣ қадар дим! (Горкий. Дачанишинҳо, с. 236).	душно –дим (аст)
28.	Вам не интересно? (Горький. Дачники, с. 221).	Барои шумо қизиқӣ надорад (Горкий. Дачанишинҳо, с. 242).	не интересно - қизиқӣ надорад
29.	Ему надо отдохнуть... (Горький. Дачники, с. 222).	Вай бояд истироҳат кунад (Горкий. Дачанишинҳо, с. 243).	надо отдохнуть - бояд истироҳат кунад
30.	Трудно говорить серьезно с вами... (Горький. Дачники, с. 232).	Бо шумо ҷиддӣ гап задан душвор аст… (Горкий. Дачанишинҳо, с. 254).	Трудно говорить - ҷиддӣ гап задан душвор аст
31.	Мне самому нехорошо... совестно как-то жить... (Горький. Дачники, с. 193).	Ба худи ман ҳам хуб не… Кас аз ин гуна зиндагонӣ изо мекашад (Горкий. Дачанишинҳо, с. 210).	нехорошо - хуб не
32.	… Ей нельзя здесь оставаться… (Лермонтов. Герой нашего времени, с. 576).	Барои ӯ ин ҷо мондан дуруст нест… (Лермонтов. Қаҳрамони даврони мо, с. 74).	нельзя здесь оставаться- ин ҷо мондан дуруст нест
33.	Смешно, ей-богу, смешно! ... (Лермонтов. Герой нашего времени, с. 563).	Хандаовар аст, аз барои худо хандаовар аст! ... (Лермонтов. Қаҳрамони даврони мо, с. 58).	Смешно- хандаовар аст
34	Мне стыдно (Чехов. Скучная история). - Ман шарм медорам (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 259).	Ман шарм медорам (Чехов. Қиссаи дилгиркунанда, с. 259).	Стыдно –шарм доштан
35.	Мне стало грустно (Лермонтов. Герой нашего времени, с. 576).	Дили ман ганда шуд… (Лермонтов. Қаҳрамони даврони мо, с. 74).	стало грустно- дили ман ганда шуд

Заключение. Анализ способов передачи слов категории состояния на таджикский язык свидетельствует о том, что слова категории состояния являются характерной особенностью русского языка и они употребляются в структуре безличного предложения.

При более детальном изучении слов категории состояния и способов их передачи на таджикский язык, используя лингвистический эксперимент, оказывается, что категория состояния не находит полного совпадения в таджикском языке, так как в таджикском языке имеются не только вариантные возможности другими средствами, для чего служат дополнительные лексические средства, но и единственно возможные типы передачи такого смысла.

Таким образом, сопоставительное изучение способов выражения категории состояния в русском языке и способов их передачи на таджикский язык позволяет сделать вывод об отсутствии в них полного совпадения в использовании безличных конструкций.

Эквивалентом русских соотносятся в таджикском языке соотносится с полными двусоставными предложениями.

Литература

1. *Бабайцева В.В. Синтаксис русского языка. М.: Флинта: Наука, 2015. – 576 с.*
2. *Бабайцева В. В., Чеснокова Л. Д. Русский язык: Теория. Учебник для 5-9 кл. общеобразовательных учебных заведений. – М.: Просвещение, 1982. – 240 с.*
3. *Виноградов В.В. Русский язык: Грамматическое учение о слове. – М.: Высшая школа, 1986. – 640 с.*
4. *Галкина-Федорук Е.М. Безличные предложения в современном русском языке. – М.: МГУ, 1958. – 332 с.*
5. *Гвоздев А.Н.Современный русский литературный язык. Ч.2. – М.: Учпедгиз, 1961. – 302 с.*
6. *Русская грамматика. Т.2 (Под ред. Н.Ю. Шведовой). – М.: Наука, 1982. – 709 с.*
7. *Русско-таджикский словарь. М.: Русский язык, 1985. - 1280 с.*
8. *Шанский Н.М., Тихонов А.Н. Современный русский язык. Ч.2. М.:Просвещение, 1987.- 256с.*
9. *Щерба Л. В. О частях речи в русском языке // Русская речь . Л.: Академия, 1928. — С.15-16.*

СЛОВА КАТЕГОРИИ СОСТОЯНИЯ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Значимость настоящей статьи определяется спорностью, неоднозначностью понимания лингвистами природы слов категории состояния как части речи в самой русской грамматической науке, а также отсутствием сопоставительных исследований, посвященных способам передачи слов категории состояния в таджикском языке. В статье делается попытка описания способов выражения категории состояния в русском языке и способы их передачи на таджикский язык. Материалом для исследования послужили произведения русской художественной литературы и их переводы на таджикский язык, а также русско-таджикский словарь. По результатам исследования выявлены способы передачи слов категории состояния в таджикском языке.

Ключевые слова: часть речи, категория состояния, семантика, синтаксическая функция, способы передачи, русский язык, таджикский язык.

КАЛИМАҲОИ КАТЕГОРИЯИ ҲОЛАТ ДАР ЗАБОНИ РУСӢ ВА РОҲҲОИ ИНТИҚОЛИ ОНҲО БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Аҳамияти ин мақола дар он зоҳир мегардад, ки фаҳмиши забоншиносон дар мавриди моҳияти калимаҳои категорияи ҳолат ҳамчун ҳиссаи нутқ дар худи илми дастури забони русӣ баҳсбарангез ва мубҳам буда, инчунин тадқиқоти муқоисавӣ оид ба роҳҳои интиқоли калимаҳои категорияи ҳолат дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Дар мақола кӯшиш карда шудааст, ки роҳҳои ифодаи категорияи ҳолат дар забони русӣ ва тарзу усулҳои интиқоли онҳо ба забони тоҷикӣ баён карда шавад. Маводи таҳқиқоти мазкур асарҳои адабиёти бадеии рус ва тарҷумаи онҳо ба тоҷикӣ, инчунин луғати русӣ-тоҷикӣ мебошад. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот усулҳои интиқоли вожаҳои категорияи ҳолат дар забони тоҷикӣ муайян карда шудаанд.

Калидвожаҳо: ҳиссаи нутқ, категорияи ҳолат, семантика, вазифаи наҳвӣ, роҳҳои интиқол, забони русӣ, забони тоҷикӣ.

WORDS DESCRIBING THE STATE IN RUSSIAN LANGUAGE AND METHODS OF THEIR TRANSMISSION INTO TAJIK LANGUAGE

The significance of this article is determined by the controversial, ambiguity of linguists' understanding of the nature of words describing the state as part of speech in Russian grammatical science itself, as well as the lack of comparative studies devoted to the ways of transmitting words describing the state into Tajik language. The author of the article makes an attempt to describe the ways of expressing the category of state in Russian language and the methods of their transmission into Tajik language. The material for the study was works of Russian fiction and their translations into Tajik, as well as a Russian-Tajik dictionary. Based on the results of the study, methods of conveying words describing the state in Tajik language were identified.

Keywords: part of speech, category of state, semantics, syntactic function, methods of transmission, Russian language, Tajik language.

Об авторе

Салоев Азиз Тошмуродович
Кандидат филологических наук., доцент кафедры русского языка
Российско-Таджикский (славянский) университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30
Тел.: (+992) 93 709 56 65
E-mail: saloev_aziz@mail.ru

Дар бораи муаллиф

Салоев Азиз Тошмуродович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони русӣ
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30
Тел.: (+992) 93 709 56 65
E-mail: saloev_aziz@mail.ru

About the author

Saloev Aziz Toshmurodovich
Candidate of Philological Sciences., Associate Professor of the Russian Language Department
Russian-Tajik (Slavonic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade st., 30
Ph.: (+992) 93 709 56 65
E-mail: saloev_aziz@mail.ru

ТДУ 809.155.0

ҶОЙГОҲИ ФЕЪЛ ДАР НИЗОМИ САРФИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АРАБӢ

Раҳмонов Б. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аз он ҷо, ки дар низоми сарфии забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ феъл ҷойгоҳи муҳимме дорад, ҳангоми тарҷумаи арабӣ ба тоҷикӣ ва ё баръакс 50%-и бори маъноии ҷумла ба феъл вобаста аст. Бино бар ин, барои такмил ва тақвияти тарҷума шинохти феъл амри зарурӣ ва аввалиндараҷа мебошад. Мутаассифона, донишомӯзони мо дар бисёр маврид муодилҳои мувофиқ ва муносиби арабиро дар тоҷикӣ намедонанд ва онҳоро бо ҳам татбиқ карда наметавонанд. Пас барои тарҷумаи дурусти феълҳои арабӣ моро зарур аст, ки нахуст низоми сохтории феълҳои забонамон ва пасон забони тарҷумаро хуб бишиносем ва онҳоро дар ҳам татбиқ карда тавонем.

Барои шиносоии феъл аз калимаҳои дигар метавон гуфт: Феъл хусусиятҳо ва имтиёзҳо ва категорияҳое дорад, ки ҳеҷ як аз ҳиссаҳои нутқи даҳгонаи грамматикӣ аз чунин хусусиятҳо ва категорияҳо бархурдор нестанд. Муҳимтарин вижагиҳои феълӣ иборатанд аз:

1) Дар замони воҳид ба чаҳор мафҳум далолат мекунад: 1 - мафҳуми шахс; 2 - мафҳуми шумора (танҳо ё ҷамъ); 3 - мафҳуми замон; 4 - яке аз мафҳумҳои зерин ба сурати мусбат ё манфӣ: А) анҷом гирифтани коре: Саид китобро бурд (набурд). Шиша шикаст (нашикаст), Б) Воқеъ шудани кор бар касе ё чизе: Алӣ кушта шуд (нашуд), В) Пазируфтани ҳолате ё сифате: Ҳаво сард шуд (нашуд). Шаҳриёр бемор шуд (нашуд). Ҳезум шикаста шуд (нашуд). Гунаҳкор маҳкум шуд (нашуд), Г) Ҳолат ва вазъият, яъне, нисбат додани сифате ё ҳолате бар касе ё чизе: Дилрабо бемор аст (нест). Ҳаво гарм буд (набуд), Ғ) Вуҷуд доштан: Он ҷо чизе ҳаст. Дар утоқ касе нест, Д) Моликият ва соҳиб будан ба чизе: Ман китоб дорам. Парвин дафтар дошт.

Вақте феъле ба кор меравад, ҳар чаҳор мафҳуми болозикрро дар як замон ба мо мерасонад. Масалан, феъли «гуфтам» нишон медиҳад, ки як нафар гӯянда ё нависанда дар замони гузашта кори гуфтанро анҷом додааст.

2) Бар хилофи феълҳои забонҳои дигар ҳамаи феълҳои забони тоҷикӣ (форсӣ) ду асос доранд (асоси замони гузашта, асоси замони ҳозира) ва сохтори ҳар шакли феълии дигар аз якеи онҳо гирифта мешавад.

3) Бандак (феълӣ ё хабарӣ) мегирад.

4) Дорои сиға аст (хабарӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, амрӣ, эҳтимолӣ).

5) Дар замони ҳозира-оянда пешванди шаклсози «ме-» мегирад: мерафтам, меравам.

6) Дар замони ҳозира-оянда пешванди «ҳаме» гирифта метавонад (бештар хосси мутуни классикӣ): ҳамерафт, ҳамеояд.

7) Пешванди «би», ки онро дар забоншиносии классикӣ «бо»-зоид гуфтаанд, мегирад: биравем, бирав.

8) Пешванди «ма-» ё «на-»-и шаклсоз мегирад: марав, магӯ.

9) Пешванди инкории «на-» мегирад: нарафтам, наравад, намеравад.

10) Дорои намуд аст (тариқи анҷом гирифтани феъл аз назари шуруъ ва поён ва ё давомнокиву дар ҷараён будани он).

11) Дорои ҷиҳат аст. Чигунагии робитаи феълро бо ниҳоди худ мерасонад.

12) Ба танҳоӣ як ҷумла аст: Бинишинед.

13) Аз рукнҳои асосии ҷумла (муҳимтарин рукн) аст. Ва танҳо калимае аст, ки агар онро аз ҷумла ҳазф кунем, сохтмони ҷумла фуру мерезад ва ҷумла асолат ва рисолати худро аз даст медиҳад. Ва ҳеҷ калимаи дигар ҳам наметавонад ҷои онро дар ҷумла бигирад. Ба ҷумлаи зер таваҷҷуҳ фармоед:

Ҳусайн ҳамроҳи бародари хурдии худаш дирӯз субҳ, соати ҳашт, бо автобуси ширкати Азиянэкспрес аз Душанбе ба Панҷакент омад.

Ин ҷумла аз 18 калима ташкил шудааст, агар ҳамаи аҷзои ҷумларо биёварем ва танҳо феъли “омад”-ро аз охири он ҳазф кунем, 17 калимаи боқимонда, дигар ҷумла нестанд; Аммо

агар ҳама боқимондаи онро ҷуз феъли “омад” ва фоъили он (Ҳусайн) ҳазф кунем, халале дар дурустиву рисолати ҷумла падид намеояд: Ҳусайн **омад**.

Ба ҷои фоъил (Ҳусайн) низ, ки исм аст, метавон ҷоншини шахсии “ӯ”-ро дар ҷумла овард: Ӯ **омад**. Вале ҳеҷ калимае наметавонад ҷои холии феълро дар ҷумла пур кунад. Бино бар ин, феъл калимаи асосии ташкилдиҳандаи ҷумла маҳсуб мегардад ва дар забони арабӣ низ дорои чунин ҷойгоҳест (бо илова мушаххас намудани ҷинс).

Ҳар як аз вижагиҳои болоро метавон аз хусусиятҳои феъл, ва маҷмуи онҳоро категорияҳои феъл номид.

Монандиҳо ва тафовутҳои замонӣ дар байни забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ, аз ҷиҳатҳои мухталиф машҳур будааст. Ин масъала дар баҳси замон дар ин ду забон низ шоёни зикр аст. Аз назари монандиҳои мавҷуд дар баҳси замон метавон ба чанд нукта ишора кард:

Монандии унвонҳои замонӣ дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи доштани замонҳои мозӣ (гузашта), музореъ (ҳозира-оянда), мустақбал (оянда) ва бахшҳои мухталифи ин замонҳо монанди шартӣ-хоҳишмандӣ, давомдор, дур ва ғайра комилан шабеҳи якдигар буда, ин бахшҳои замонӣ дар ҳар ду забон мавҷуд аст.

Муқобилгузории замони гузашта, ҳозира ва оянда дар забонҳои сомӣ ва ҳиндуаврупоӣ муҳим аст. Замонҳои феъл дар забонҳои сомӣ ва ҳиндуаврупоӣ тафовути чандон муҳимме вуҷуд надорад; ҳамаи онҳо ду замон доранд, ки яке амали тамомшударо ифода мекард (чунончи, онро замони мутлақ ё гузашта меноманд) ва дигаре амали тамомношударо ифода мекард (онро замони давомнок ё “ғайримутлақ” ва ё ҳозира-оянда меноманд). Замони гузашта маъмулан амали маълум, махсусан гузаштаи моро мефаҳмонад: سَمِعتُ – шунидам, آمنتُ - бовар кардам, وَهَبتُ - бахшидам итмоми замони амал дар забони сомӣ то замони ҳол (кунун) идома мекунад, яъне سَمِعتُ – шунидам = ҳоло мешунавам, آمنتُ - бовар кардам = бовар мекунам, وَهَبتُ - ато кардам = мебахшам [7, с. 5]. Шакли замонии оянда маҳсули даврони баъдии ташаккули забонҳои эронӣ ва сомӣ будааст. Ин аст, ки мо дар мутуни даврони миёна ва бостон намунае аз шакли замони оянда дар даст надорем ва ҳамчунин, бисёре аз шаклҳои замони оянда дар намунаҳои дастраси мо аз осори таърихӣ тавъам ва мутавозӣ бо замони ҳозира-оянда ифода ёфтаанд ва тарҷума гардидаанд. Чунончи, сидқи ин нуктаро аз шоҳидҳои давраи нави ташаккули ин забонҳо метавон эҳсос кард:

*Агар фармон бошад, Худованд моро бипазирад, ки аз об гузора шавем ва андар Хуросон ватан созем. Ӯро аз мо **роҳат бошад** ва вилояти ӯро аз мо **фаррохӣ бошад**, ки мардумони даштием ва гӯсфандони фаровон дорем. Ва андар лашкари ӯ аз мо **анбуҳе бошад*** [15, с. 412]	فلو يأمر الملک و يقبل أن نعبر النهر و نتخذ من خراسان وطناً لنا **فسوف يكون** من أمرنا فی **راحة**، و **ستكون** ولايته بنا فی **سعة**، فنحن رعاة و لدينا أغنام كثيرة، و **سيكون** فی جيشه منا **الكثير** [16, c. 268]

Дар ҷумлаи мазкур феъли таркибии **فسوف يكون راحة** хабари ҷумла аст, ки дар шакли замони ояндаи дур воқеъ гардидааст, вале аз мазмуни ҷумлаи мураккаб (матн ва раванди ҳодиса) натиҷагирӣ мешавад, ки мазмуни феъл дар ояндаи наздик воқеъ хоҳад шуд ва муодили тоҷикии он феъли таркибии (хабари) “роҳат бошад” ба маънои “осоиш мешавад” дар шакли замони ҳозира-оянда намдор шудааст ва ба мазмуни ояндаи наздик ба тариқи шарт ифода шудааст.

*Ва Юсуф ба ҷом заду гуфт: “Бародарат зинда аст ва **шояд** ӯро **бубинӣ**”. Бинёмин гуфт: “Ҳарчи мехоҳӣ бо ман бикун, ки агар ӯ хабардор шавад, маро **наҷот хоҳад дод**”* [12, с. 268]	فنقره، ثم قال: هو حیّ، و **سوف تراه**. قال: فاصنع بی ما شئت، فإنه إن علم بی **فسوف يستنقذنی** [13, c. 214]

Дар ҷумлаи мазкур феъли муҷарради **فسوف تراه** хабари ҷумла мебошад, ки дар шакли замони ояндаи дур воқеъ гардидааст, вале аз мазмуни ҷумла (матн ва раванди ҳодиса) маълум мешавад, ки мазмуни феъл дар ояндаи наздик воқеъ хоҳад шуд ва муодили тоҷикии он феъли (хабари) “бубинӣ” ба замони ҳозира-оянда тааллуқ дорад, вале ба сабаби феъли модалии “шояд” мазмуни эҳтимолӣ ва мафҳуми замони ояндаи наздикро ифода кардааст.

Агар накунӣ, бисёр ***пушаймонӣ хурӣ!*** [15, с. 412]	إن لم تفعل **فسوف تندم ندماً** شديداً [16, с. 268]

Дар ҷумлаи мазкур феъли муҷарради **фсоф тндм** бо иловаи масдари **ндмаً** хабари ҷумла мебошад, ки аз назари луғавӣ ва грамматикӣ ҷузъи феъл маҳсуб меёбад, дар шакли замони ояндаи дур воқеъ гардидааст, вале аз мазмуни ҷумла фаҳмида мешавад, ки мазмуни феъл дар ҳозира-оянда наздик воқеъ хоҳад шуд ва муодили тоҷикии он "пушаймонӣ хурӣ" низ дар ифодаи замони ҳозира-оянда истифода шудааст.

Агар Хоҷа қабул фармояд, ки моро амон бошад, ва шароити бандагӣ ***қиём намоем*** [9, с. 42]	فإذا تعهد الخواجه بأن يعطينا الأمان، فإننا **سوف نخرج (غاز،** [10, с. 108]

Феъли **سوف نخرج** ба маънои "хоҳем баромад" аст, ки дар матни арабӣ "қиём намоем" тарҷума шудааст. Варианти тоҷикӣ шакли замонии "ҳозира-оянда" ва варианти арабӣ **سوف نخرج** шакли замонии ояндаи дур дорад, вале аз мазмуни матн бармеояд, ки амали феълҳои мазкур ба замони ояндаи наздик мутааллиқ аст.

Чунон ***созам****, ки шуморо газанде нарасад* [9, с. 42]	**سوف أعمل** ما فى وسعى حتى لا يصيبكم أذى [9, с. 42]

Феъли муҷарради **فسوف أعمل** аз назари грамматикӣ дар шакли замони ояндаи дур воқеъ гардидааст, вале муодили тоҷикии он феъли "созам" дар шакли замони ҳозира-оянда истифода шуда бошад ҳам, ишораҷонишини сифатии "чунон" ба феъл тобиши маънои замони ояндаро зам кардааст, ба ин тартиб, бо назардошти маънои умумии ҷумла феъли "созам" дар ҷумлаи мазкур ифодакунандаи замони оянда мебошад.

Яке аз масъалаҳои дигар ин аст, ки аз назари тарҷума дар забони арабӣ феълеро намеёбем, ки муодили он дар тоҷикӣ вуҷуд надошта бошад, вале ин назар дар исм мувофиқат намекунад, зеро мумкин аст, исмҳое бошад, ки дар забони тоҷикӣ ҳаст, вале дар арабӣ вуҷуд надорад ва ё исмҳое дар арабӣ бошад, ки дар забони тоҷикӣ вуҷуд надошта бошад. Дар тафовутҳои замонии байни ду забон метавон ба равишҳои сохти онҳо ишора кард, ки бар хилофи тафовутҳои ду забон, дар равиши сохти феълҳо низ тафовутҳо ба назар мерасад, зеро дар забони арабӣ решаи феъл аз сиғаи (шакли) ғоиби танҳо гирифта мешавад ва дар забони тоҷикӣ бошад, решаи феъл баробар ба шакли амрии мухотаби танҳо мебошад ва ҳама шаклҳои боқимонда (масдар ва шаклҳои замонӣ)-и дигар аз ин ду асос сохта мешаванд. Ҳамчунин, табиист, ки пешвандҳое, ки дар арабӣ бо асосҳои феъл барои тағйири замони феъл меояд, аз пешвандҳое, ки дар тоҷикӣ бо асосҳои феъл барои тағйири замонҳои он меояд, ба ҳам монанд нестанд, аммо таъсири замонии онҳо ба ҳам монанд мебошанд.

Яке аз мавзуъҳои қобили таваҷҷуҳ унвонҳои замонӣ, ки дар ин ду забон вуҷуд дорад, ин аст, ки ҳар бахши аслии замонӣ ё ҳамон мозӣ (гузашта), музореъ (ҳозира-оянда) ва мустақбал (оянда)-ро ба бахшҳои кучактаре аз қабили шартӣ-хоҳишмандӣ ва дур ва давомдор ва нақлӣ ва амсоли он тақсим мекунанд. Шинохти зоҳирии онҳо, ки асоси шинохти сохти онҳост, яке аз муҳимтарин воситаҳои тарҷумаи ин ду забон аст. Баъзан тарҷумаи як феъли гузаштаи содда ба гузаштаи дур метавонад ҳамаи матни мавриди назарро дучори гусехтагӣ намояд.

Шинохти феъл дар забонҳои гуногун ва ошноӣ бо тарзи сохти он ва ҳамчунин, ошноӣ бо мафҳумҳои замонӣ дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ ва тафовутҳои он дар ин ду забони бузурги олами ислом, аз он ҷиҳат, ки тасдиқ ва инкори мафҳуми хабар ва амал ба он вобаста аст, хеле муҳим мебошад.

Новобаста аз тафовутҳо дар масъалаи замон, ки бисёр ҷузъӣ ҳастанд, дар ин ду забони қудратманди олами ислом ташобуҳоти куллии бисёреро метавон мушоҳида кард, ки аҳаммияти тафовутҳои ҷузъиро нисбатан пӯшида медоранд, то аз он ба баёни мақсад халале ворид нагардад.

Ифодаи грамматикаии замон аз ҷумлаи мураккабтарин категорияҳоест, ки дар аксари забонҳо хосси феъл аст. Ин категория дар нигоҳи аввал иртиботи хеле наздик бо маъно дорад, вале тавзеҳи он чандон кори содда нест [6, с. 50]. Метавонем бо роҳи луғавӣ низ гузаштаи наздикро аз гузаштаи дур ва ояндаи наздикро аз ояндаи дур ҷудо намоем. Фақат

имкон дорад теъдоде аз тафовутҳои аслии замонро дар дохили грамматикаи забон ифода кард ва ҳар забоне, ки чунин имкониятро дорад, дорои категорияи грамматикии замон мебошад.

Адабиёт

1. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1 / Ҳ. Каримов, А. Маниёзов, А. Мирзоев и др. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 356 с.*
2. *Гулназарова Ж. Таснифоти маъноии феъл дар "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ / Ж. Гулназарова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 168 с.*
3. *Гурезов Ҷ. Забони арабӣ / Ҷ. Гурезов. – Душанбе: Илм, 2010. – 431 с.*
4. *Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Ҷилди 1 / Н. М. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 566 с.*
5. *Расторгуева В. С., Керимова А.А. Система таджикского глагола / В. С. Расторгуева, А.А. Керимова. – М.: Наука, 1964. – 291 с.*
6. *Раҳмонов Б. Баъзе ҷанбаҳои назариявии категорияи замон дар забоншиносӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2015. - № 4/2. - С. 49-57.*
7. *Теодора Нёлдеке. Семитские языки и народы / Н. Теодора. – М., 1903. – 164 с.*
8. *Ҳалимиён С. Феъл (куниш) / С. Ҳалимиён. – Душанбе, 2013. – 126 с.*
9. ابوالخیر رشید الدین فضل الله. تاریخ مبارک غازانی داستان غازان خان (بسعی و اهتمام و تصحیح اقلّ العباد کارل یان) / رشید الدین فضل الله ابوالخیر. – إنگلستان، 1357 ه. ق. مطابق 1940 م. – 387 ص.
10. الهمذانی رشید الدین فضل الله. جامع التواریخ تاریخ غازان خان (دراسة و ترجمة) / رشید الدین فضل الله الهمذانی. – القاهرة، 1420 ه. ق. مطابق 2000 م. – 446 ص.
11. زیادة محمود. قواعد اللغة العربیة تیسیر و تخفیف (جزء الثانی) / محمود محمد زیادة. –القاهرة، 2010. –356ص .
12. طبری محمد بن جریر. تاریخ طبری یا «تاریخ الرسل و الملوک». جلد اول (ترجمه ابوالقاسم پاینده) / محمد بن جریر طبری. –تهران: اساطیر، 1375. – 365 ص.
13. طبری محمد بن جریر. تاریخ طبری یا «تاریخ الأمم و الملوک». جلد اول / محمد بن جریر طبری. –بیروت: دار الکتب العلمیة، 224-310 ه. ق. – 579 ص.
14. فرشیدورد خسرو. ترکیب و اشتقاق در زبان فارسی، ترکیب و تحول آن در زبان فارسی، دستوری برای واژه سازی / خسرو فرشیدورد. –تهران: زوار، 1379.
15. گردیزی. زین الأخبار / گردیزی. تهران: دنیای کتاب، چ اول (نشر الکترونیک بهمن انصاری)، 1363 ش. – 665 ص.
16. الکردیزی ابی سعید عبد الحی بن الضحاک بن محمود. زین الأخبار (ترجمة عفاف السید زیدان) / ابی سعید عبد الحی بن الضحاک بن محمود الکردیزی. القاهرة، 2002 م. – 540 ص.
17. لارنس ترسک رابیرت. مقدمات زبانشناسی (ترجمه فریار اخلاقی) / رابیرت لارنس ترسک. تهران، 1380. –334 ص.

ҶОЙГОҲИ ФЕЪЛ ДАР НИЗОМИ САРФИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АРАБӢ

Шинохти феъл дар забонҳои гуногун ва ошноӣ бо тарзи сохти он ва ҳамчунин, ошноӣ бо мафҳумҳои замонӣ дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ ва тафовутҳои он дар ин ду забони муҳимми олами ислом, аз он ҷиҳат, ки тасдиқ ва инкори мафҳуми хабар ба он вобаста аст, хеле муҳим мебошад. Новобаста аз тафовутҳо дар масъалаи замон, ки бисёр ҷузъӣ ҳастанд, дар ин ду забони қудратманди олами ислом ташобуҳоти куллии бисёреро метавон мушоҳида кард, ки аҳаммияти тафовутҳои ҷузъиро нисбатан пӯшида медоранд, то аз он ба баёни мақсад халале ворид нагардад. Ифодаи грамматикаии замон аз ҷумлаи мураккабтарин категорияҳоест, ки хосси феъл аст. Ин категория дар нигоҳи аввал иртиботи хеле наздик бо маъно дорад, вале тавзеҳи он чандон кори сода нест. Метавонем бо роҳи луғавӣ низ анвои замонҳоро ҷудо намоем. Фақат имкон дорад теъдоде аз тафовутҳои аслии замонро дар дохили грамматикаи забон ифода кард ва ҳар забоне, ки чунин имкониятро дорад, дорои категорияи грамматикии замон мебошад.

Калидвожаҳо: феъл, категория, замон, забон, сарф, низом, сохтор, хусусият, амал, ҳолат, вазъият.

МЕСТО ГЛАГОЛА В СИСТЕМЕ СПРЯЖЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО И АРАБСКОГО ЯЗЫКОВ

Распознавание глагола в разных языках и знакомство с его конструкцией, а также знакомство с современными понятиями в арабском и таджикском языках и их различиями в этих двух важных языках исламского мира, с точки зрения подтверждения и отрицание понятия сказуемое зависит от него. Независимо от различий в вопросе о времени, состоящих из многих компонентов, в этих двух мощных языках исламского мира можно наблюдать много общих сходств, которые относительно скрывают важность различий компонентов, чтобы они не было несавместимость в выражение мысли. Грамматическое выражение времени — одна из самых сложных категорий, особенно глаголам. На первый взгляд, эта категория имеет очень тесную связь со значением, но ее объяснение не так просто. Мы можем различать типы времен по словарному запасу. Лишь некоторые из основных различий времени можно выразить в рамках грамматики языка, и каждый язык, имеющий такую возможность, имеет грамматическую категорию времени.

Ключевые слова: глагол, категория, время, язык, трата, система, структура, признак, действие, состояние, ситуация.

THE PLACE OF THE VERB IN THE SYSTEM OF CONJUGATION OF TAJIK AND ARABIC LANGUAGES

Recognition of the verb in different languages and familiarity with its construction, as well as familiarity with modern concepts in Arabic and Tajik languages and their differences in these two important languages of the Islamic world, in terms of confirmation and negation of the concept of predicatedepends on him. Regardless of the differences

in the question of time, which consist of many components, many common similarities can be observed in these two powerful languages of the Islamic world, which relatively obscure the importance of the differences in the components so that they are not incompatible in the expression of thought. The grammatical expression of time is one of the most difficult categories, especially for verbs. At first glance, this category has a very close relationship with meaning, but its explanation is not so simple. We can distinguish types of tenses by vocabulary. Only a few of the major tense distinctions can be expressed within the grammar of a language, and every language that can do so has a grammatical category of tense.

Keywords: verb, category, tense, language, waste, system, structure, feature, action, state, situation.

Дар бораи муаллиф

Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович
Номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 938 70 17 20
E-mail: zobit@list.ru

Об авторе

Рахмонов Бахтиёр Нурмахмадович
Кандидат филологических, наук, доцент кафедрой теории и практики языкознания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 938 70 17 20
E-mail: zobit@list.ru

About the author

Rahmonov Bakhtiyor Nurmahmadovich
Candidate of philology, docent of the Departament of theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 938 70 17 20
E-mail: zobit@list.ru

ТДУ 809.155.0+802.0

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ВОЖАИ “ИШҚ” ДАР “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ” ВА ТАРҶУМАИ АНГЛИСИИ ОН

Ашӯрова М. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Вожаи “ишқ” дар “Маснавии маънавӣ” ва ифодаи он дар забони англисӣ. Ишқ - дӯстдории аз ҳад зиёд, муҳаббат, меҳр, ҳиссиёти ахлоқию эстетикӣ мебошад. Майлу рағбати беандоза нисбат ба шахс, ҷамоаи инсонӣ, афкоре ё амале. Яке аз муҳимтарин мавзуъҳое, ки орифон таваҷҷуҳи махсусе ба он додаанд “ишқ” аст. Онҳо ишқро ҷону асоси олам медонанд, ки ба воситаи он ҳама мавҷудот аз ҷамод ва набот гирифта, то инсон дар такопу ва ҳаракат ҳастанд, ба андешаи онҳо олам ба туфайли ишқ офарида шудааст.

Мавлоно яке аз бузургтарин орифоне аст, ки “ишқ” дар осори ӯ нақши меҳварӣ дорад. Орифони зиёде ба монанди Ҳуҷвирӣ, Наҷмиддин Розӣ, Аҳмад Ғаззолӣ, Айнулқузот Ҳамадонӣ, Саноӣ, Аттор ва Шайх Маҳмуди Шабистарӣ дар мавзуи “ишқ” сухан гуфтаанд, аммо Мавлоно яке аз бузургтарин орифоне аст, ки ба “ишқ” таваҷҷуҳи хосе додааст. Асоси ҳама ашъори Мавлоно бар пояи ишқ бунён гузошта шудааст.

Моя ва ҷавҳари аслӣ ва ҳақиқии ирфон, ишқ аст ва он вадиа ё амонате аст, ки Илоҳӣ бар дили ориф ва солик ниҳода шуда ва ӯро ба сайри сулук барои расидан ба сарманзили аслӣ вомедорад. Пас ирфон ва тасаввуф бидуни ишқ мафҳуме надорад. Чаро, ки ҷавҳари ҳақиқии ирфон, ҳамон ишқи нобе аст, ки Худованд бар дили ориф ба амонат мегузорад то бо тамассук ба он, роҳи расидан ба сарманзили мақсудро бар худ ҳамвор кунад. Ишқ ба худо ва мавҷудоти олам, зеро ин ҳама аз они худованд аст.

Ғарқи ишқем, ки ғарқ аст андарин,
Ишқҳои аввалину охирин.
Муҷмалаш гуфтам, накардам з-он баён,
Варна ҳам ифҳом сӯзад, ҳам забон [1, с. 59].

Мавлоно пири хирад аст. Ӯ дарёест бепоён ва укёнуси бекарон аст. Касе ки танҳо дар канори соҳил, амвоҷи дарёро нигоҳ мекунад, чи гуна метавонад ӯро бишносад? Мавлоно дарёе ҳаст, ки ҳар лаҳза мавҷи ҷадиде дорад. Бешак ӯ муосиру ҷовид аст. Чаро ки пас аз 800 сол ҳар рӯз барои мо ҳарфи тозае мезанад. Мавлоно аз он даста аз орифоне мебошад, ки ишқро барои ҳаракат лозим ва барои тамоми масир то расидан ба маъшуқ кофӣ медонад ва низ бар ин ақида аст, ки ишқ беҳтарин маркаб аст, ки савори худро то сари манзили мақсуд ба саломат хоҳад расонид.

Ишқ сифати Илоҳӣ аст, ки чун зарфияти бандае бо шикастани марзҳои моддӣ ва худӣ фаррохипазириши онро пайдо кунад аз он баҳраманд шавад ва ҳама вуҷудашро вожгуна созад, чунон ки гӯи таваллуди дубора ёфтааст, таваллуде аз модари ишқ, ки аз ӯ тағзия кунад ва парвариш ёбад. Орифи Румӣ бар онаст, ки ишқ васфи Илоҳӣ аст ва ҳеҷ инсоне наметавонад ҳақиқати онро дарёбад, танҳо бо ошиқ шудан метавон таъми онро чашид вале ҳаргиз тавсивпазир нест бавижа аз он ҷиҳат, ки ишқ (ва низ маъшуқ) гоҳе пайдо ва гоҳе пинҳон аст.

Мисоли ишқ пайдову ниҳонӣ,
Надидам ҳамчу ту пайдо ниҳонӣ [3, с. 53].

Бо вуҷуди ин дар миёни авсофе, ки пири Балх барои ишқ бармешуморад метавон гуфт: “Ишқ” оташе аст, ки шоҳиди азалии чунон муҳаббате бар ҷони муштоқон фурӯ мерезад ва бад-он равзанае барои гурехтан аз зиндони ҷаҳон эҷод мекунад ва эшонро болу парвоз мешавад то аз қафаси ҳастӣ ба осмони фано пар кашанд ва сифати бақо биёбанд. Бо ин ҳама номе, ки Мавлоно ба сароҳат бар ишқ мениҳад дарди бедаво аст. Дарде, ки шарҳу баёни онро ҷуз аз худаш наметавон дарёфт.

Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки оид ба вижагиҳои маъноии истилоҳоти ирфонӣ аз он ҷумла вожаи “ишқ” назари худро пешкаш намоем.

Тарҷумаи осори Мавлоно. Тавре дар боло ишора намудем, китоби “Маснавии маънавӣ” на танҳо таваҷҷуҳи форсизабононро ба худ ҷалб кардааст, балки дар Ғарб низ

шуҳрати беандоза дорад. Донишмандони зиёде дар кишваҳои мухталиф кӯшиш намудаанд то ашъори Мавлоноро ба забонҳои дигар тарҷума намуда, ба донишандӯзон пешниҳод намоянд. Аз ҷумла, ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, туркӣ ва арабӣ тарҷума шудааст.

“Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно нахуст диққати ховаршиносони олмониро ба худ ҷалб кардааст ва онҳо ба тарҷумаи осори ӯ ба забони олмонӣ шуруъ карданд. Жозеф фон Ҳаммер Пургштол [1774 -1856] (Joseph Von Hammer Purgstall) муаррих, ховаршинос ва дипломати австриягӣ, муҳаққиқ, тарҷумони адабиёти Шарқ, шоир, дар соли 1809 якчанд қисматҳои “Маснавии маънавӣ”и Мавлоноро тарҷума намуда, дар нашрияи «Ганҷинаҳои Ховарзамин»-нахустин нашрияи илмии ховаршиносӣ бо забони олмонӣ интишор кард.

Сипас Ҷеймс Виллиам Редхаус (James William Redhouse) [14] ба тарҷумаи “Маснавии маънавӣ” бо забони англисӣ пардохт, инчунин дигар мутарҷимон ба монанди Эдвард Ҳенри Винфилд (Edward Henrry Whinfield) [12], С. Е. Вилсон (C. E. Wilson) [20], Рейналд Аллейн Николсон (Reynold Alleyn Nicholson) [16], Артур Ҷон Арберри (Arthur John Arberry) [10] ва Эркан Туркман (Turkmen) [13] тарҷумаҳои худро эҷод намуданд. Колман Баркс (Coleman Barks) [11] ва Кабир Ҳелминский (Kabir Helminisky) [15] тарҷумаҳои худро аз рӯи тарҷумаи Николсон ба анҷом расонида, ба ҷаҳониён пешниҳод намуданд. Колман Баркс бо заҳматҳои тӯлонӣ дар муддати 15 сол тарҷумаи пурраи “Маснавии маънавӣ”-ро ба поён расонид, ки дар як муддати кӯтоҳ комёб гардид ва ба таври ғайричашмдошт мавриди таваҷҷуҳи хосу ом дар Амрико қарор гирифт.

Яке аз беҳтарин ва дақиқтарин тарҷумаҳои “Маснавии маънавӣ” ба забони англисӣ, тарҷумаи Рейналд Аллейн Николсон мебошад. Николсон тарҳи комиле перомуни тасҳеҳ ва тафсири “Маснавии Маънавӣ” оғоз ва ба итмом расонид, ки ба танҳоӣ барои умри як пажӯҳишгари барҷаста, кофӣ менамояд. Ӯ барои ин кор аз забонҳои англисӣ, арабӣ, форсӣ ва туркӣ, ки ба хубӣ бар онҳо огоҳӣ ёфта буд, баҳра меҷӯст. Рейналд Николсон бист соли умри гаронмояи худро сарфи тасҳеҳ, тарҷума ва шарҳи «Маснави маънавӣ»-и Мавлоно кард ва дар ин замина осори муҳаққиқона, ҷовидонаву илмие офарид. Маснавии тасҳеҳи ӯ аз дидгоҳи борикандешон ва пажӯҳишгарони барҷаста, ҳамвора мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва на танҳо бар он эроди ҷиддие нашудааст, балки ҳамвора мавриди таҳсин ва таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Маснавии тарҷумаи Николсон бешубҳа беҳтарин матни “Маснавии маънавӣ” аст, ки то кунун дар ихтиёр қарор гирифтааст. Ӯ дар раванди тарҷумаи Маснавӣ ба 10 нусха аз нафистарин нусхаи куҳан ва хатти қарни 7-8 муроҷиат кард ва кори комили интиқодиро анҷом дод. Агарчи шарҳои навишташуда бар “Маснавии маънавӣ” кам нестанд, аммо дар ин байн бояд ба дурахшиши шарҳи 800 саҳифае аз Николсон бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно дар 2 ҷилд ба забони англисӣ ишора кард, ки аз дигар корҳои арзандаи ин пажӯҳишгар баландпоя аст. Ин китоб вусъати иттилоот ва дониши ин ғарбии аҳли дил ва фарҳехтаро ба хубӣ нишон медиҳад, чаро ки ӯ барои навиштани шарҳи худ бар “Маснави маънавӣ” аз 180 манбаи таърихӣ, ирфонӣ ва адабӣ истифода карда буд. Николсон, аз рӯи шарҳи худ бар “Маснавии маънавӣ” дар байни толибони маърифат аз шӯҳрати азиме бархӯрдор шуд ва метавон ӯро бузургтарин маснавишинос дар мағрибзамин донист.

Роҷеъ ба вижагиҳои ирфонии услуби баёни Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ. Мавлоно шоир ва орифи бузурги қарни ҳафтуми ҳиҷри қамарӣ аст ва ашъори ӯро метавон аз бузургтарин осори ирфонӣ, динӣ ва фалсафӣ донист, ки бо кашишу дилрабоии хосе хонандаашро ба шӯру шавқ, ҳаяҷону нишот меоварад ва ба ӯ фурсати андешидан дар бораи зиндагӣ ва ҳастиро медиҳад. Шеъри Мавлоно бо ашъори ҳеҷ як аз шоирон қобили қиёс нест. Мавлоно аз ҷумла шоироне аст, ки ғазалиёташ маъдани гаронсанге аз истилоҳот ва румузест, ки шӯру шавқи орифона дар хонанда эҷод мекунад. Дар ин навиштор, ҳамроҳ бо шарҳи бархе истилоҳоти ирфонӣ, ки орифон дар ашъори худ ба кор бурдаанд, бо шеваи таҳлили мӯҳтавое ба шарҳи бархе алфоз ва истилоҳоти ирфоние, ки Мавлоно дар “Маснавии маънавӣ”-и худ ба кор бурда, пардохтаем то равшан шавад, ки ӯ аз чӣ истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ истифода намудааст?

Ҳоло мисолҳоро аз рӯи нусхаи кирилии “Маснавии Маънавӣ”-и чопи “Адиб”, Душанбе, 2022, 687 с. ва аз рӯи китоби англисии тарҷумаи Николсон “Манавии Ҷалолиддин Румӣ” ба англиси дар се ҷилд: 1926, 1930, 1934) таҳлил карда мебароем.

Дар “Маснавии маънавӣ” Мавлоно калимаи “ишқ”-ро зиёда аз 400 маротиба истифода намудааст. Дар тарҷумаи он ба забони англисӣ Николсон калимаи “love”-ро 460 маротиба

истифода бурдааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки синонимҳои вожаи “ишқ” (меҳр, муҳаббат, дӯстӣ, хуллат)-ро низ “love” тарҷума намудааст.

Нахуст дар байти зер Николсон калимаи “ишқ”-ро бо забони англисӣ “Love” тарҷума кардааст. Тарҷумаи вожаи “ишқ” бо забони англисӣ ба ҷуз калимаи “Love” боз синонимҳои дигар низ дорад, аммо Николсон вожаи “Love”-ро бештар истифода намудааст.

Чун қалам андар навиштан мешитофт,
Чун ба ишқ омад, қалам бар худ шикофт.
Ақл дар шарҳаш чу хар дар гил бихуфт,
Шарҳи ишқу ошиқӣ ҳам ишқ гуфт [1, с, 21].
Whilst the pen was making haste in writing, it split upon itself as soon as it came to Love.
In expounding it (Love), the intellect lay down (helplessly) like an
ass in the mire: it was Love (alone) that uttered the explanation of love and loverhood [17, c. 10].

Мавлоно мегӯяд аз он ҷо, ки ишқ холӣ аз навъи эҳсосу маърифат нест, пас ҳар ошиқе баҳрае аз ҳушу маърифат дорад ва аз онҷо, ки ишқ дар тамоми ҷаҳони ҳастӣ ҷараён дорад, пас ҳамаи мавҷудот ва коиноти зинда бошуур ҳастанд.

Пайванди дарунӣ байни ишқ ва маърифат дар абёти зерин ба равшанӣ баён шудааст:

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат миссҳо заррин шавад.
Аз муҳаббат дурдҳо софӣ шавад,
Аз муҳаббат дардҳо шофӣ шавад.
Аз муҳаббат мурда зинда мекунанд,
Аз муҳаббат шоҳ банда мекунанд[1, с. 146].
By love bitter things become sweet; by love pieces of copper become golden;
By love dregs become clear; by love pains become healing;
By love the dead is made living; by love the king is made a slave [17, c. 300].

Муҳаббат яке аз синонимҳои вожаи “ишқ мебошад, ки Николсон дар байтҳои боло онро “love” тарҷума намудааст.

Синоними дигари вожаи “ишқ” ин “меҳр” мебошад, ки Николсон онро низ “Love” тарҷума кардааст.

Меҳри покон дар миёни ҷон нишон,
Дил мадеҳ илло ба меҳри дилхушон [1, с. 35].
Plant the Love of the holy ones within your spirit; do not give your heart (to aught) save to the love of them whose hearts are glad [17, c.
41].

Ё Ҷои дигар:

Меҳр талхонро ба ширин мекашад,
З-он ки асли меҳрҳо бошад рашад [1, с.78].
Love is drawing the bitter ones to the sweets, because the foundation of (all) loves is righteousness [18, c. 140].

Дар байти якуми зер Мавлоно вожаи “муҳаббат”-ро истифода намуда, ки он аз ҷониби Николсон “love” тарҷума шуда, дар дуюм байт бошад синоними дигари вожаи “ишқ” яъне “дӯстӣ”-ро истифода бурда, ки Николсон онро “ love” тарҷума карда. Дар байтҳои 3-4 вожаи “муҳаббат”, “love” тарҷума шуда.

Гар муҳаббат фикрату маънистӣ,
Сурати рӯза-в намозат нестӣ.
Ҳадяҳои дӯстон бо ҳамдигар
Нест андар дӯстӣ, илло сувар.
То гувоҳӣ дода бошад ҳадяҳо
Бар муҳаббатҳои музмар дар хафо.
З-он ки эҳсонҳои зоҳир шоҳиданд
Бар муҳаббатҳои сирр, эй арҷманд [1, с. 79].
If love were (only spiritual) thought and reality, the form of your fasting and prayer would be non-existent.
The gifts of lovers to one another are, in respect of love, naught but forms;
(But the purpose is) that the gifts may have borne testimony to feelings

of love whiche are concealed in secrecy,

Because outward acts of kindness bear witness to feeling of love in the heart, O dear friend [17, с. 143].

Тарҷумаи вожаи “дӯстӣ” ба забони англисӣ “friendship” мешавад, аммо дар байти зер Николсон вожаи “меҳр” ва “дӯстӣ” ҳар дуро “love” тарҷума кардааст.

Чун дар ин дил барқи меҳри дӯст ҷаст,

Андар он дил, дӯстӣ медон, ки ҳаст.

Дар дили ту меҳри Ҳақ чун шуд дутӯ,

Ҳаст Ҳақро бе гумоне меҳри ту [1, с. 301].

When the lightning of love for the beloved has shot into this heart, know that there is love in that heart.

When love for God has been doubled in thy heart, whout any doubt God hath love for thee [18, с. 245].

Синоними дигари вожаи “ишқ”, “хуллат” мебошад, ки онро низ Николсон “ love” тарҷума намудааст.

Ин муҳибби Ҳақ зи баҳри иллате

В-он дигарро беғараз худ хуллате [1, с. 305].

The former loves God for the sake of some (secondary) cause, while the other hath indeed a pure disinterested love [18, с. 256].

Ё ҷои дигар:

Дар амирӣ ӯ ғарибу муҳтабис,

Дар сифоти фақру хуллат мултабис [1, с. 488].

In his (wordly) princedom he felt strange and embarrassed:

He was clad (inwardly) in the attributes of (spiritual) poverty and love (of God) [19, с.444].

Дар байти зер вожаи “ишқ” ва “ҳаво” истифода шудааст, Николсон вожаи «ишқ”-ро “love” ва “ҳаво”-ро “passion” тарҷума намудааст, ки яке аз синонимҳои вожаи “ишқ” мебошад.

Гуфт: «То шоҳит дар вай ишқ кошт,

Ҷуз ҳавои ту ҳавое кай гузошт [1, с. 613]?

He (the announcer) said, “Since thy royal majesty sowed in him the seed of love, how could it leave (in him) any passion except passion for thee [19, с. 502]?

Вожаи “вадод” ё “видод” синоними вожаи “ишқ” мебошанд, ки онро Николсон “affection” тарҷума кардааст. “Affection” яке аз синонимҳои “love” мебошад.

Ин ҳама таъзиму тафхиму видод,

Чун бидидандаш, ба сурат бурд бод [1, с. 402].

All this veneration and magnification and affection (which they had shown towards the Prophet) the wind swept away, as soon as they saw him in (bodily) form [18, с. 483].

Дар байти дигар вожаи “видод”-ро “love” тарҷума кардааст.

Корат ин будаст аз вақти вилод

Сайди мардум кардан аз доми видод [1, с. 414]?

This has been thy business from the hour of (thy) birth: to catch people with the trap of love [18, с. 26].

Вожаи “ҳуб” яке аз синонимҳои “ишқ” мебошад, ки дар байти зер “love” тарҷума кардааст.

Дар вуҷуди ту шавам ман мунъадим,

Чун муҳиббам, ҳуббу юъмо ва юсим [1, с. 80].

I will become non-existent in thy existence, because I am thy lover: love makes blind and deaf [17, с. 144].

Ё ҷойи дигар:

Ҳаст ҳафсадсола роҳи он ҳуқуб,

Ки бикард ӯ азм дар сайрони ҳуб [1, с. 537].

Seven hundred years is the duration of the journey on which he set out in the path of Love, (the journey that lasted) for an age. [19, с. 321]

“Муштоқӣ” низ яке аз синонимҳои вожаи “ишқ” мебошад ва онро Николсон дар [1, с.141] “longing” тарҷума кардааст.

Не садои бонги муштоқӣ дар ӯ,

Не сафои ҷуръаи соқӣ дар ӯ [1, с. 141].

Neither is there in it the echo of the cry of longing, nor the purity (born) of the draught of (wine bestowed by) the Cupbearer [17, с. 290].

Ҷойи дигар низ ҳамин тавр тарҷума шуда.

Аз Калими Ҳақ биёмӯз, эй карим,

Бин, чӣ мегӯяд зи муштоқӣ Калим [1, с. 245]:

Learn from him with whom God spake, 0 noble sir! See what Kallm (Moses) says in his longing [19, с. 110]!

Пас аз таҳлил ва таҳқиқи вожаҳои ирфонии осори Мавлоно, ба мо аён гашт, ки "Ишқ" яке аз маъмултарини онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳангоми мутолеа шояд хонанда танҳо ба маънии воқеии вожаи "ишқ" фикр мекунад, аммо ин мафҳуми ирфониро Мавлоно дар ҳар достон ба маъниҳои мухталиф ба кор бурдааст, ки дар баъзе ҷойҳо "ишқ" ба маънии Худо, дар бархе ҷойҳо ба маъниҳои дӯстӣ, нафс, меҳр ва ба амсоли ин истифода шудааст. Вожаи "ишқ" дар забони тоҷикӣ синонимҳои зиёде ба монанди: "муҳаббат, меҳр, шефтагӣ, дӯстӣ, таашшуқ, хуллат, ҳаво, алоқа, маваддат, вадод (видод), ҳуб, муштоқӣ, дилдодагӣ" дорад, ки Мавлоно дар "Маснавии маънавӣ" қариб ҳамаи онҳоро истифода кардааст. Николсон дар тарҷумаи худ бисёртар вожаи "love"-ро истифода намудааст. Вожаи "ишқ" дар "Маснавии маънавӣ" 400 маротиба истифода шудааст ва дар тарҷумаи Николсон бошад "love" 460 маротиба истифода шудааст. Аз пажӯҳиши мо маълум гардид, ки Николсон синонимҳои вожаи "ишқ" яъне "муҳаббат, меҳр, дӯстӣ, хуллат, ҳуб"-ро низ "love" тарҷума кардааст.

Муҳаққиқи осори Мавлоно дар Ғарб ва хусусан дар байни англисзабонҳо Р. А. Николсон ин нуктаро бисёр ба маврид дарк намуда, пас аз таҳқиқи ин вожа ба натиҷае расидем, ки ба хотири нодуруст дарк накардан Николсон танҳо мафҳуми "love"-и англисиро истифода бурдааст, аммо дар шарҳи "Маснавии маънавии"-и Николсон ба ин мафҳуми ирфонӣ маълумоти васеъ додашудааст, ки шарҳи ҳамаи он дар як мақола намегунҷад.

Адабиёт

1. *Балхӣ, М. Ҷ. «Маснавии маънавӣ». М. Ҷ. Балхӣ; [матни комил]. - Душанбе. Адиб, 2022.- 688 с.*
2. *Балхӣ, М. Ҷ. «Маснавии маънавӣ»: Бар асоси матни Рейнолд Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар / М. Ҷ. Балхӣ.–Теҳрон: Замон, 2001. – 728 с.*
3. *Балхӣ, М. Ҷ. «Куллиёти Шамси Табрезӣ»: Иборат аз 10 муҷаллад / М. Ҷ. Балхӣ; [Бо инзимоми шарҳи ҳоли Мавлавӣ ба қалами Бадеуззамон Фурӯзонфар]. – Теҳрон: Амири кабир, 1391. – 1570 с.*
4. *Деҳхудо, А. Луғатнома. чопи дуввум / А. Деҳхудо; –Теҳрон: Муассисаи луғатномаи Деҳхудо, 1377. – ҷилдҳои 1-15*
5. *Ғиёсиддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров / Муҳаммад Ғиёсиддин. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ. 1. – 480 с.*
6. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. –962 с.*
7. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969.– 962 с. Ҷ. 2. – 948 с.*
8. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.*
9. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 946 с*
10. *Arthur J. Arberry. Tales from the Masnavi (trans. Arthur J. Arberry). London: George Allen & Unwin, 1961. – 300 p.*
11. *Coleman, B. The Essential Rumi / B. Coleman. – Harper, San Francisco, 1995. – 304 p.*
12. *Edward H. W. Masnavi: The Spiritual Couplets of Maulana Jalalu-'d-din Muhammad- I Rumi / H. W. Edward. – London: Trubner, 1887. – 378 p.*
13. *Erkan T. The Essence of Rumi's Masnevi: T. Erkan. – Misket, 1992. – 365 p.*
14. *James W. R. The Mesnevi / W. R. James. – Good Press, London. – 1981. – 616 p.*
15. *Kabir H. Jewels of Remembrance: A Daybook of Spiritual Guidance: Containing 365 Selections from the Wis of Rumi / H. Kabir. –Threshold Books, 1996. –224 p.*
16. *Reynold N. Mathnawi [translated by Reynold Nicholson]. – Luzac Press, London, volume 2, 1930, 2021. 472 p.*
17. *Rumi, Jalaluddin. Mathnawi, (vol 1) / J. Rumi [translated by Reynold Nicholson]. – Luzac Press, London, 1926. – 418 p.*
18. *Rumi, Jalaluddin. Mathnawi, (vol 2) / J. Rumi [translated by Reynold Nicholson]. – Luzac Press, London, 1930 . – 496 p.*
19. *Rumi, Jalaluddin. Mathnawi, (vol 3) / J. Rumi [translated by Reynold Nicholson]. – Luzac Press, London, 1934. – 529 p.*
20. *Wilson, C.E. The Masnavi / C.E. Wilson–Probsthain, London, (in Two*

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ВОЖАИ “ИШҚ” ДАР “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ” ВА ТАРҶУМАИ АНГЛИСИИ ОН

Вожаи “ишқ” дар осори Ҷалолиддин Балхӣ васеъ истифода бурда шудааст. Ишқ - дӯстдории аз ҳад зиёд, муҳаббат, меҳр, ҳиссиёти ахлоқию эстетикӣ мебошад. Майлу рағбати беандоза нисбат ба шахс, ҷамоаи инсонӣ, афкоре ё амале. Вожаи “ишқ” дар забони тоҷикӣ синонимҳои зиёде ба монанди: “муҳаббат, меҳр, шефтагӣ, дӯстӣ, таашшуқ, хуллат, ҳаво, алоқа, маваддат, вадод (видод), ҳуб, муштоқӣ, дилдодагӣ” дорад, ки Мавлоно дар “Маснавии маънавӣ” қариб ҳамаи онҳоро истифода кардааст. Николсон дар тарҷумаи худ бисёртар вожаи “love”-ро истифода намудааст. Вожаи “ишқ” дар “Маснавии маънавӣ” 400 маротиба истифода шудааст ва дар тарҷумаи Николсон бошад “love” 460 маротиба истифода шудааст. Аз пажӯҳиши мо маълум гардид, ки Николсон синонимҳои вожаи “ишқ” яъне “муҳаббат, меҳр, дӯстӣ, хуллат, ҳуб”-ро низ “love” тарҷума кардааст.

Калидвожа: Маснавии маънавӣ, Николсон, муҳаббат, ирфон, синоним, хирад, Ғарб, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.

ОСОБЕННОСТИ УПОТРЕБЛЕНИЯ ЛЕКСИЧЕСКОЙ ЕДИНИЦЫ “ЛЮБОВЬ” В “МАСНАВИ МАЪНАВИ” И ЕЁ АНГЛИЙСКОМ ПЕРЕВОДЕ

Слово «любовь» широко используется в «Маснави маънави» Джалаладдин Балхи. «Любовь» - это чрезмерная любовь, привязанность, нравственные и эстетические чувства. Неизмеримое желание человека, группы людей, мысли или действия. Слово «любовь» в таджикском языке имеет множество синонимов, таких как: «нежность, привязанность, увлечение, дружба, страсть, обожание, желание, восхищение, преданность, тоска» что «Джалалуддин Балхи употребил почти все из них в своем переводе. Николсон чаще использовал слово «любовь» в своём переводе. Слово «любовь» используется 400 раз в «Маснави маънави» а, в переводе Николсона слово «любовь» употребляется 460 раз. В ходе нашего исследования выяснилось, что Николсон также переводил синонимы слова «тоска, привязанность, переданность» как «любовь».

Ключевые слова: Маснави маънави, Николсон, любовь, мистицизм, синоним, мудрость, Запад, таджикский язык, английский язык.

PECULIARITIES OF USING THE LEXICAL UNIT “LOVE” IN “MASNAVI MA'NAVI” AND ITS ENGLISH TRANSLATION

The word “love” is widely used in Jaloluddin Balkhi’s "Masnavi ma'navi". “Love” - is excessive love, affection, moral and aesthetic feelings, immeasurable desire for a person, human group, thought or action. The word "love" in the Tajik language has many synonyms, such as: "fondness, affection, infatuation, friendship, passion, adore, desire, admire, devotion, longing, fervor", that "Jalaluddin Balkhi has used almost all of them. Nicholson has used the word "love" more in his translation. The word "love" is used 400 times, in "Masnavi ma'navi” and "love" is used 460 times in Nicholson's translation. From our research, it was found that Nicholson also translated the synonyms of the word "longing, affection, fondness, devotion" based as "love".

Keywords: “Masnavi Ma'navi”, Nicholson, love, mysticism, synonym, wisdom, West, Tajik language, English language.

Дар бораи муаллиф

Ашӯрова Мунира Абдураҳмоновна
Докторант аз рӯи ихтисос (Phd)-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 304 88 16

Сведения об авторе

Ашурова Мунира Абдурахмоновна
Докторант по специальности (PhD) кафедры языкознания и сравнительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 304 88 16

About the author

Ashurova Munira Abdurakhmonovna
Doctoral student (PhD) of the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 304 88 16

ТДУ 620.9:802.0

НАҚШИ ЭПОНИМҲО ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ЭНЕРГЕТИКИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ибодов К. Т.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз забонҳои бою рангини ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Ҳарчанд забони англисӣ аз забони тоҷикӣ дертар ба вуҷуд омадааст, аммо он имрӯз яке аз забонҳои байналмилалии дунё ва забони муошират бисёре аз миллатҳо ба ҳисоб меравад.

Ономастика (аз юнонӣ onomastikds — санъати номгузорӣ, onoma — ном), 1) як шуъбаи илми забоншиносиро гӯянд, ки таърихи пайдоиш ва таҳаввули исмҳои хосро меомӯзад; 2) маҷмуи ҳама гуна исмҳои хос (лексикаи ономастикӣ), онимия, ки вобаста ба объекти номбаршаванда ба антропонимҳо (номи ашхос), этнонимҳо (номи қавмҳо, миллатҳо, халқҳо), топонимҳо (номи маконҳо), гидронимҳо (номи дарёҳо), космонимҳо (номи ҷирмҳои осмонӣ), теонимҳо (номи эзидону фариштаҳо), демонимҳо (номи офариниши бад), зоонимҳо (номи ҳайвонот), фитонимҳо (номи растаниҳо), фалеронимҳо (номи мукофотҳо, нишонҳо, медалҳо), хрематонимҳо (номи ашё, асарҳои илмиву бадеӣ, ҷашну маросимҳо, муассисаҳо, навъҳои маҳсулот) ва ғайра тақсим мешаванд [12].

Ономастика маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият, боигарии маънавӣ, ганҷинаи боэътимоди таъриху маданият ва як ҳиссаи муҳимми фонди луғавии забон буда, барои тадқиқи масъалаҳои этимология, фонетика, калимасозӣ, шевашиносии таърихию муосир ёрӣ мерасонад.

Ономастика бо мантиқ, психология, этнография, таърих, археология, география, геология, нумизматика, сотсиология, адабиётташносию услубшиносӣ алоқа дорад. Ҳодиса ва воқеаҳои гуногуни ҷамъият, дигаргуниҳои иҷтимоиву маданӣ дар системаи Ономастика инъикос меёбанд. Системам Ономастика дар омӯзиши масъалаҳои таърихӣ урфу одат, расму оин, тафаккуру ҷаҳонбинӣ, маданият ва ғайра аҳаммият дорад.

Номҳо маъхази муътамади таърихи забон ба ҳисоб рафта, ба таъриху забони ҳар қавму миллат алоқамандии ногусастанӣ доранд. Номгузорӣ таърихи куҳан дошта, гузоштани ном ба инсон ҳикмати бузург дорад, зеро бо ном инсонро мешиносанд. Дар маъно ва шакли номҳо таъриху фарҳанг ва хусусиятҳои миллии халқ акси худро меёбанд ва онҳо ҳамчун либос таъриху маданияти халқро ғаниву зебо мегардонад.

Истилоҳ (аз лот. terminus – ҳад, ҳудуд сарҳад) – маънои луғавии мафҳумҳо, ки расман қабул шудаанд. Калима ва ибораҳое, ки маънои аниқро ифода намуда, дар доираи ихтисосҳои муайяни илмӣ, техникӣ, санъат шакл гирифтаанд.

Истилоҳ ба сифати ифодаҳои хоси характернок барои тасвири мавзуи соҳаи муайян, зуҳурот, хосият ва муносибати он хидмат мекунад. Дар доираи чунин низоми фаҳмиш истилоҳ бояд якмаъно, мунтазам, услубан бетараф бошад. Истилоҳ ва калимаҳои умумиистеъмол метавонанд ба ҳамдигар мувофиқ шаванд [9, с. 89].

Истилоҳ махсусияти худро дорад. Аз ҷумла: 1) муназзамӣ; 2) якмаъноӣ; 3) тамоюл ба сермаъноӣ дар доираи майдони истилоҳоти соҳаи худ, яъне истилоҳоти ҳамон илм, ихтисос ва ё мактаби илмӣ; 4) набудани таъҷилият ва тундӣ; 5) бетарафии услубӣ.

Истилоҳ ҳамчун воҳиди забонӣ ба қонунмандиҳои фонетикӣ ва наҳвии забон тобеъ аст. Вай объекти муайян ва мустақили илми забоншиносӣ – истилоҳотшиносӣ мебошад.

Истилоҳот дар забоншиносии муосир на танҳо исмҳои умумӣ, балки номҳои хос низ мебошанд. Ин падида эпиномия мебошад, ки онро муҳаққиқон ба таври гуногун мефаҳманд [4, с. 127]. Мо ба таърифи Э.М. Какзанова, ки «истилоҳе, ки дар таркиби худ номи хос (антропоним ё топоним), инчунин исмҳои умумӣ дар ифодаи мафҳуми илмӣ дорад, эпиним номида мешавад» такя мекунем [4, с. 127].

Истифодаи истилоҳот - эпонимҳо, ё номҳои эпонимӣ, яъне. истилоҳоте, ки аз исмҳои хос сохта шудаанд, дар забони илм анъанавӣ буда, ба давраҳои аввали ташаккули он тааллуқ доранд.

Соҳаи энергетика ва боло бурдани сатҳи он муҳимтарин шарти ҳаёти зиндагӣ ва пешрафти мамлакат ва беҳбудии зиндагии мардуми он мебошад. Беҳуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахусус Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноати энергетикаро яке аз чор стратегияи муҳими кишвар наҳисобидаанд. Барои он ки нақшу мақоми соҳаи энергетика дар роҳи баланд бардоштани ҳаёти мардум боз ҳам назаррас гардад, моро месазад, ки пеш аз ҳама нозукӣ ва мушкилоти ин соҳа, яъне иқтисоди бозориро, ки ҳоло дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад, ҳамаҷониба ва пайваста мавриди омӯзиш қарор бидиҳем.

Истилоҳот дар худ структураи мушкили семантикӣ дошта, ҳамчун як қисмати мушкили забон ба ҳисоб меравад. Истилоҳот ҷамъи калима, аббревиатура, адад ва баъзе қисматҳои забон мебошанд, ки бо ҳам омада, дар соҳаи худ маъноҳои гуногунро баён мекунанду барои на ҳама афрод фаҳмо аст.

Лотте қайд мекунад “Истилоҳот ин гурӯҳи калимаҳо, ки барои ифода намудани мафҳумҳои ашёҳое истифода мешаванд, ки фаҳмидани онҳо душвор аст ва аз ҳамин лиҳоз онҳо аз баъзе қоидаҳои забон берун ҳастанд [7, с. 33].

Дар мақолаи мазкур истилоҳот –эпонимҳои соҳаи энергетика мавриди таҳлил қарор ёфтастанд. Эпоним (юн. ἐπώνῦμος. «ном додан», лот. heros eponimus) — шахсе, ки аз номи ӯ исмҳои умумӣ ё дигар номҳои хос сохта мешаванд. Дар ибтидо номгӯй худо, қаҳрамони афсонавӣ ё шахси воқеӣ номида мешуд, ки ба шарафи ӯ ҳама гуна объекти ҷуғрофӣ ё ашёҳои дигар номи худро гирифтааст (шаҳр, дарё, кӯҳ ва ғайра).

Барои ба назар гирифтани хусусиятхои истилоҳоти эпонимӣ дар истилоҳоти соҳаи энергетика 66 истилоҳи эпонимхои англисӣ бо муодили тоҷикии онҳо бо усули интихобӣ таҳлил карда шуданд. Барои омӯзиш истилоҳот эпонимҳои соҳаи энергетика мақолаҳо аз маҷаллаҳои соҳавӣ, луғати байналмилалии электротехникӣ, луғатҳои дузабона, луғати англисӣ-русии электроэнергетикаи Я.Н. Лугинский, М. Фезижилинская ва Ю. Кабиров истифода бурда шуданд. Ба ғайр аз таҳлили тарзу усулҳои сохтани эпиним, муодилҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ муқоиса карда шуданд.

Дар забоншиносии тоҷик масъалаи омомастика ва бахусус эпонимҳоро олимон Р. Х. Додихудоев, С. И. Климчитский, Л. И. Розова, А. В. Розеяфелд, О. И. Смирнова, А. Л. Хромов, Н.Офаридаев, С.Абодуллоева, Я. И. Калонтаров, Р. О. Ортиқов ва О. Ғ. Ғафуров мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Масъалаи ономастика (номшиносӣ) ва бахусус эпоним (номгузории исми хос) яке аз вазифаҳои мубрами забоншиносӣ буда, дар таркиби назарияи забоншиносии умумӣ мавриди муҳокимаю таҳқиқ қарор мегирад. Масъалаҳои марбут ба маънои забоншиносии «эпоним» ва «номшиносӣ» дар забоншиносии муқоисавӣ дертар дар охири асри Х1Х ибтидои асри ХХ пайдо шуд.

Ҳангоми таҳлили истилоҳот – эпонимҳо мо ба таснифоти усулҳои сохташавии истилоҳоти С.В. Гринев-Гриневич такя мекунем ва кадом эпонимҳо бо усули семантикӣ, морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ ва ё синтаксисӣ сохта шудаанд, муайян мекунем. Дар ин намунаи 4 истилоҳи якҷузъаро интихоб кардем, ки номҳои воҳидҳои ченак, ки бо бо маънои асосӣ наомаданд, балки ба маънои маҷозияшон аз номи олим ё ихтироъкор ба номи воҳиди ченак ташаккул ёфтаанд:

Amper - Ампер (як воҳиди қувваи ҷорӣ) аз Андре-Мари Ампер, физик ва математики фаронсавӣ;

Herz - Ҳертс (воҳиди басомади равандҳои даврӣ) аз Генрих Ҳертс, физики олмонӣ;

Valt — Вольт (шиддати электрикӣ), ки ба номи физики итолиёви Алессандро Вольта гузошта шудааст;

Watt - Ватт (як воҳиди ченаки қувва), ба номи механики шотландӣ-ирландӣ Ҷеймс Ватт номгузорӣ шудааст.

Албатта, ин истилоҳотро замонавӣ ҳисоб кардан мумкин нест, аммо воҳидҳои ченакро ифода намуда, дар соҳаи энергетика дар ҳама марҳилаи рушди худ истифода бурда мешаванд ва дар ҳама ҷо дар стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои техникӣ истифода мешаванд. Бинобар ин, мо дар кори ҳозира дида баромадани онҳоро имконпазир донистем.

Ҳамин тариқ, ин истилоҳот – эпонимҳо бо усули семантикӣ бо роҳи дуюмбора таҷдиди назар кардани маънои аслиашон, яъне аз номи олимон ба таври маъноӣ ташаккул ёфтаанд.

Ин тарзи сохтани эпинимҳо ҳам барои истилоҳоти англисӣ ва ҳам барои муодили тоҷикии онҳо хос аст.

Усули морфологию синтаксисии истилоҳоти эпинимҳо дар мисоли ин намуна ҳамагӣ бо ду истилоҳ ифода ёфтааст. Мисол: coulometer/Кулон-метр и wattmeter/ваттметр. Ин усул боз истилоҳи амперметр/ammeter – ро дар бар мегирад, ки дар намуна нишон дода нашудааст, вале ба маводи таҳқиқшаванда алоқамандӣ дорад. Ин истилоҳот ҳам эпонимҳое мебошанд, ки бо пайвастани номи воҳиди ченак ва калимаи метр сохта шудаанд, ки воҳидҳои ченаки дарозӣ ва асбобҳои ченкуниро ифода мекунанд. Мувофиқи таснифоти С.В. Гринев-Гриневич, усули морфологии истилоҳсозӣ ба воситаи суффикс, префикс, префикс-суффикс, инчунин бо роҳи конверсия ва ихтисора сохтан шудани истилоҳро мефахмонад. Бо вуҷуди ин, дар мақолаи мо истилоҳоте, ки бо ин усулҳо сохта шудаанд, таҳқиқ нашуданд.

Дар баробари ин усули синтаксисии сохтани эпинимхо бештар маъмул аст.

Барои возеҳ шудан, мо усулҳои истилоҳсозии истилоҳот-эпонимҳоро аз намунаи худ дар шакли ҷадвал пешниҳод мекунем.

Усулҳои истилоҳсозӣ	Шумораи истилоҳот	% аз ҳамаи истилоҳот намуна
Семантикӣ	4	6,06%
Морфологӣ-синтаксисӣ (реша ва калимабандӣ)	2	3,03%
Морфологӣ (ба воситаи суффикс, ихтисор)	0	0
Синтаксисӣ	60	90,9%

Ҳамин тариқ, шумораи зиёди эпинимҳое, ки бо роҳи синтаксисӣ сохта шудаанд, вуҷуд доранд. Ин қолабҳоро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикии соҳаи энергетика дар мақола баррасӣ мекунем.

Аксари таркиби истилоҳоти англисӣ аз ду ҷузъе иборатанд, ки мувофиқи номи хоси қолаб + номи умумӣ ташаккул ёфтаанд: Мисол: Rogowski coil – ғалтаки Роговского, Buchholz relay – релеи Бухгольца. Қолабе, ки аз ду ҷузъ таркиб ёфтаанд, низ дар мақола пешниҳод шудааст, ки дар он номи хос дар ҳолати соҳибӣ + номи умумӣ мавҷуд аст: Coloumb’ law – Қонуни Кулон, Lenz’s rule – қоидаи Ленца. Қолабҳое, ки аз се ҷузъи иборатанд, дар ҳар ду забон камтар маъмуланд: Wien-bridge oscillator – генератор дар пули Вина, Scott-connected transformer – трансформаторе, ки бо ҷадвали Скотт пайваст шудааст;

Қолаби ташкилиро ба таври зайл ифода кардан мумкин аст: исм (исми хос +исми ҷинс), инчунин дар иборахои сеҷузъа падежи сохиби бо исми хос меояд, пасин қолаб чунин менамояд: исм хос + падежи соҳиби дар забони англисӣ), дар забони тоҷикӣ бошад, ба воситаи бандаки изофӣ ибора бо ҳам пайваст мегардад. мисол, Maxwell’s distribution law – қонуни тақсимбандии қувваи барқи Максвелла, Gauss’ magnetic law – теоремаи қувваи ҷозибаи Гаусса. Барои исмҳои сеҷузъа ҷадвали исм (исми хос) + исм (исми ҷинс) низ татбиқ мешавад, масалан, fast Fourrier transform – ислоҳоти тези Фуре.

Бояд қайд кард, ки дар таркибҳое, ки унсурҳои ибораи истилоҳотӣ – эпонимӣ бо дефис навишта мешаванд, онҳо як ҷузъи ягонаро ташкил медиҳанд, масалан, Park-Gorev equations – баробаркунии боғи Горева, Joule-Lenz’s law – қонуни Джоуля-Ленца. Вале дар бештари мавридҳо ин эпонимҳо ба забони англисӣ ба воситаи дефис не, балки ба воситаи ибораи изофӣ баргардон карда мешаванд. Дар ин мисолҳо ҳам ба забони англисӣ ва ҳам тоҷикӣ ибораҳои истилоҳотӣ аз ду ҷузъ иборатанд.

Маълумот дар бораи қолабҳои синтаксисии калимасозӣ барои истилоҳотҳо эпинимҳои англисӣ аз намунаи худ дар ҷадвали зерин пешниҳод менамоем.

Роҳҳои синтаксисии сохташавии эпонимҳо	Шумораи истилоҳот	% то 60 истилоҳоте, ки бо роҳи синтаксисӣ сохта шудаанд
Исми хос + исми ҷинс	42	70%
Исми хос дар падежи соҳибӣ+ исми ҷинс.	9	15%
Исм (исми хос)+ исм (исми хос/ исми ҷинс/ сифати феълӣ/ сифат) + Исм (исми ҷинс)	4	6,66%
Исм (исми хос дар падежи соҳибӣ) + исм (исми	2	3,33%

хос / исми ҷинс /сифати феълӣ) + исм (исми ҷинс/ сифат)		
сифат.+ исм (исми хос)+ исм (исми ҷинс)	3	5%

Тавре ки аз ҷадвали боло дида мешавад, ибораҳои аз ҳама серистеъмол ин истилоҳот-эпонимҳои дуҷузъа мебошанд, ки 85%-и тамоми истилоҳоти энергетикии эпинимиро аз намунаи мо ташкил медиҳанд.

Агар дар ин намуна дар бораи ташаккули истилоҳоти эпонимии тоҷикӣ сухан ронем, пас чунин мешуморем, ки пешниҳоди маълумотҳои ҷадвалӣ, ҳамон тавре ки истилоҳоти эпонимҳои англисӣ аст, мемонад, зеро ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ истилоҳот – эпонимҳо транслитератсия мешаванд, яъне эквивалент надорад. Ин навъи истилоҳот одатан аз забонҳои дигари хориҷӣ ба воситаи транслитератсия ба забони русӣ ворид шуданд ва аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ ворид шуданд. Мисол: Wenner-winding resistor – резистор бо ҳалқаи беиндуктории калоба ё барои пайвасткунӣ; clapp oscillator - имконияти ду эквивалент 1) генератори Клапп; 2) генератори ғунҷоиши сенуқтадор бо таъминоти пайдарҳамӣ [8, с. 154].

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки аксари таркибҳои номбаршудаи англисӣ ба осонӣ ба тоҷикӣ тарҷума мешаванд ва мувофиқан схемаи зерини исм + исм бартарӣ доранд. Робита байни ҷузъҳои ин гуна ибораҳо – ҷумлаҳои пайрави бепайвандак мебошад. Мисол: таъсири Холл, купруки Томпсон. Ин ибораҳои исми истилоҳоти энергетикӣ мебошанд, ки бо эпонимҳои Холл ва Томсон номгузорӣ карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқ мо 36 истилоҳ – эпонимҳоро дар забони англисӣ ва русӣ ёфтем, ки ба забони тоҷикӣ низ айнан ба воситаи транслитератсия баргардонида мешаванд. Ин намуна аз ду қисм иборат аст, ки тақрибан 55%-и тамоми кори мақоларо ташкил медиҳад. Қолаби исм + исм камтар маъмул аст. Мисол, (Таъсири Кулон, ҳаракати Хол) ва ғайра. Алоқаи байни ҷузъҳои ин гуна ибораҳо атрибутивӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии эпонимҳои англисӣ ва тоҷикӣ хусусиятҳои зерин ошкор гардиданд.

Эквивалентҳои англисӣ дар истилоҳоти тоҷикӣ на ҳама вақт эпониманд, яъне дар таркиби худ номи хос надоранд. Масалан: ҳаккокӣ барои буи ва патрон (асбоби дастгоҳи харротӣ ё пармакунӣ, ки детали сохта мешудагиро сахт пахш карда нигоҳ медорад; Edison screw– қувваи ҳаракати электрикии худиндуксия; Faraday voltage – шиддати фарадай).

Дар забони русӣ баъзе истилоҳот- эпонимҳое ҳастанд, ки ду маъно дошта метавонанд вале дар забони англисӣ танҳо як маъно доранд. Ин намунаҳо дар забони англисӣ чун забони русӣ тарҷума мешаванд. Мисол: Buchholz relay – 1) релеи газӣ; 2) рели Бухголса; Becquerel effect – 1) таъсири Беккереля; 2) таъсири токи галванӣ. Ё баръакс, дар забони русӣ ин истилоҳ эпоним аст ва дар англисӣ ҳамагӣ дар яке аз ду маъност. Токи Фуко – 1) Foucaut currents; 2) eddy currents. Яъне аз як чихат моҳияти ходисаи ҷисмонӣ кушода мешавад ва аз ҷихати дигар ба олиме, ки дар инкишофи ин падида сахм гузоштааст, эхтиром мешавад. Дар ҷараёни тарҷума интихоби истилоҳи якхела ё танҳо истилоҳ ба дарки ин падида аз ҷониби мутахассисон бетаъсир наемонад.

Ҳама номгӯиҳое, ки дар намуна оварда шудаанд, метавонанд ба якчанд гурӯҳҳои семантикӣ тақсим шаванд:

- воҳидҳои ченак ва асбобҳои ченкунӣ (6 истилоҳ);
– таъсирҳо (падидаҳои физикӣ) (21 истилоҳ);
– қонунҳо ё ҳисобҳо (физика ё математика) (20 истилоҳ);
– занҷирҳо ё дастгоҳҳои баркӣ (4 истилоҳ); Ва
– таҷҳизот (15 истилоҳ) [8, с. 155].

На ҳама эпонимҳо «калимаҳои аслии энергетикӣ» мебошанд. Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, соҳаи энергетика он қадар илм ба наздикӣ надорад, балки як соҳаи хоҷагии халқ мебошад, ки мавҷудияти он ба инкишофи электротехника вобаста аст, ки дар навбати худ ба илми физика таъсири калон мерасонад.

Номҳои олимон ва ихтироъкорони дар намунаи мо зикршударо аз рӯи соҳаи фаъолияташон дар асоси маълумот аз маводи вебсайтҳои Wikipedia, WikiReading, Chronos, энсиклопедияи озод, WikiReading зери таҳлил қарор гирифтем. Намояндагони барҷастаи

физика ва математика Ампер, Беккерел, Кулон, Кюри, Фурье, Фарадей, Гаусс, Хол, Герц, Лаплас, Йозефсон, Ҷоул, Ленц, Кирхгоф, Максвелл, Нютон Ом ва дигарон мебошанд, ки баъзе истилоҳотҳои ба номи онҳо гузошта шуда, истилоҳот эпоним мебошанд.

Бевосита олимоне, ки бо соҳаи энергетика сару кор доранд, якчанд нафар ҳастанд: Г. Бархаузен (олими немис дар сохаи физикаи электронӣ ва электротехника), Д. К. Клапп (муҳандиси электротехники америкоӣ), Д. Горев (яке аз олимони бузурги рус дар сохаи электротехника, электроэнергетика, электрофизика ва технологияи баландшиддат), Д.К. Клапп (электротехники амрикоӣ), Д. А. Флеминг (английский радио ва электротехник англис), Н. Тесла (ихтирокор дар соҳаи электротехника ва радиотехника).

Аммо, кашфиёт ё ихтироти онҳо на ҳамеша бо муҳандисии электротехникӣ алоқаманд кардан лозим аст. Масалан, истилоҳи эпоним Barkhausen effect – таъсири Баркгаузена маънои ҳодисаи физикӣ дорад, Fleming's rule – ҳамчун қоидаи дасти рост ё қойдаи шикоф кардан дар соҳаи энергетика, математика ва физика маъмул мебошад.

Аз ин рӯ, танҳо 3 истилоҳи эпоним аз намунаи мо метавонанд "энергияи ибтидоӣ" ҳисобида шаванд.

Clapp oscillator – 1) генератори Клапп; 2) генератори ғунҷоиши се нуқтага бо қувваи пайдарҳам; Tesla coil – трансформатори Тесл ва Gorev circuit – тарҳи Горев, ки ин хамагӣ кариб 4,5 фоизи шумораи умумии эпонимҳои интихобшударо ташкил медихад [1, с.162].

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки дар истилоҳоти соҳаи энергетикӣ эпонимҳои зиёде мавҷуданд, ки аз истилоҳҳои системаҳои физика ва математика гирифта шудаанд.

Мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани истилоҳот - эпонимҳои энергетикӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои дарки мушкилоте, ки дар корҳои илмию тадқиқотии олимони бурунмарзӣ дарҷ гардиданд ва пешниҳод кардаанд, ки барои илми забоншиносии тоҷик роҳи нав боз хохад кард, чунки ин мавзуъ дар забоншиносии тоҷик падидаи нав мебошад ва то ҳол таҳлили худро наёфтааст, гарчанде, ки дар дигар забонҳо ба монанди забони англисӣ, русӣ ва ғайраҳо чандин маротиба таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

Дар маҷмуъ, ба танзим даровардани истилоҳот яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносӣ буда, ҳаматарафа омӯхтан ва ҷиҳати истифодаи умум қаринаҳои нисбатан суфташудаи онҳоро пешниҳод кардан мутобиқи матлаб аст.

Адабиёт

1. *Бархударов Л.С. Грамматика английского языка. / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг - М: Высш. шк., 1973. - 423 с.*
2. *Винокур Г.О. О некоторых явлениях словообразования в русской технической терминологии // Труды Московского института истории философии и литературы. - М.: Наркомпрос РСФСР, 1939. - С. 3–54.*
3. *Масъалаҳои мубрами омӯзиши забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ. – Душанбе, 2019. – 412 с.*
4. *Какзанова Е.М. Номенклатура и термины-эпонимы: обзор мнений // Вестник МГОУ. Сер.: Лингвистика. - М.: Изд-во МГОУ, 2010. - № 5. - С. 21–25.*
5. *Косимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар) / М.Н. Косимова. - Душанбе: Сино, 2007. – 238 с.*
6. *Лейчик В.М. Обсуждение проблем эпонимии в современной науке / В.М. Лейчик [Электронный ресурс]. - URL: https://eponym.ru/Article/71 (Санаи мурочиат: 15.03.2018).*
7. *Лотте Д.С. Вопросы заимствования и упорядочения иноязычных терминов и терминоэлементов / Д.С.Лотте. - М.: Наука, 1982. - 25 с.*
8. *Максимова Н.В. Современная электроэнергетическая терминология: структурный и семантический аспекты / Н.В.Максимова // Дис. ... канд. филол. наук. - М., 2020. – 183 с.*
9. *Назарзода С. Истилоҳоти забони точики. / С. Назарзода. – Душанбе: Дакики, 2013. – 368 с.*
10. *Нуров П. Истилох ва истилохсози дар забони илмии точики / П. Нуров. – Душанбе, 2006. – 324 с.*
11. *Сидорко Л.Д. Динамика электротехнической терминологии (лингвистический анализ): / Л.Д. Сидорко // автореф. дисс. ... канд. филол. наук. - Одесса, 1990. - 16 с.*
12. *Oxford learner's dictionaries [Манбаи электронӣ]. - URL: https://www.oxfordlearnersdictionaries.com (Санаи мурочиат: 10.12.2019).*

НАҚШИ ЭПОНИМҲО ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ЭНЕРГЕТИКИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши эпонимҳо дар сохтани истилоҳоти энергетикӣ ва тафовути он аз дигар воҳидҳои луғавӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ таҳти таҳлил қарор додааст. Мафҳуми истилоҳро дар умум шарҳ додааст ва бо мисолҳо мушаххас кардааст. Маъно ва пайдоиши ҳар яки ин истилоҳот-эпонимҳо дар мақола дарҷ гардидааст. Барои ба назар гирифтани хусусиятҳои истилоҳоти эпонимӣ дар истилоҳоти соҳаи

энергетика 66 истилоҳи эпонимҳои англисӣ бо муодили тоҷикии онҳо бо усули интихобӣ дар мақола таҳлил карда шудаанд. Дар мақола муаллиф аз 4 намунаи истилоҳот – эпонимҳои якҷузъаро интихоб кардаст, ки номҳои воҳидҳои ченак, ки бо бо маънои асосӣ наомаданд, балки ба маънои маҷозияшон аз номи олим ё ихтироъкор ба номи воҳиди ченак ташаккул ёфтаанд: ба монанди Amper- Ампер, Herz – Ҳертс, Valt — Вольт, Watt - Ватт. Ин истилоҳот эпонимҳо ба ҳисоб мераванд, ки асосан дар соҳаи энергетика васеъ истифода бурда мешаванд. Ба ғайр аз ин, муаллиф дар мақола усули морфологию синтаксисии истилоҳоти эпинимҳо таҳлилу таҳқиқ кардааст, ки дар ин намуна ҳамагӣ ду истилоҳ ифода ёфтааст.

Калидвожа: истилоҳ, истилоҳшиносӣ, эпонимҳо, калимасозӣ, исм, морфологӣ, синтаксисӣ, ченак, исмҳои хос, муодил.

РОЛЬ ЭПОНИМОВ В ФОРМИРОВАНИИ ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье автор проанализировал роль эпонимов в построении энергетической терминологии и ее отличие от других лексических единиц в английском и таджикском языках. Он объяснил значение термина в целом и привел конкретные примеры. Значение и происхождение каждого из этих терминов-эпонимов указано в статье. С целью учета особенностей эпонимических терминов в терминологии сферы энергетики в статье выборочным методом проанализировано 66 англоязычных эпонимических терминов с их таджикскими эквивалентами. В статье автор выбрал из 4-х примеров термины - эпонимы, которые являются названиями единиц измерения, не пришедшими с основным значением, а образовавшимися в своем переносном значении от имени ученого или изобретателя к названию единицы измерения: например, Amper- Ампер, Herz – Ҳертс, Valt — Вольт, Watt - Ватт. Эти термины считаются эпонимами, которые широко используются в основном в области энергетики. Кроме того, автор проанализировал и исследовал морфологический и синтаксический прием терминов-эпинимов в статье, в которой в данном примере представлены только два термина.

Ключевые слова: термины, терминология, эпонимы, образование, имя, морфологический, синтаксический, измерения, имена собственные, эквивалент.

THE ROLE OF EPONYMS IN THE FORMATION OF ENERGY TERMS OF TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, the author analyzed the role of eponyms in the formation of energy terminology and its difference from other lexical units in the English and Tajik languages. He explained the meaning of the term in general and gave specific examples. The meaning and origin of each of these eponymous terms is indicated in the article. In this article, the author chose from 4 examples terms - eponyms, which are the names of units of measurement that did not come with the main meaning, but formed in their figurative meaning from the name of a scientist or inventor to the name of a unit of measurement: например, Amper, Herz, Valt, Watt. These terms are considered eponyms that are widely used mainly in the field of energy. In addition, the author analyzed and researched the morphological and syntactic reception of eponymous terms in the article, in which only two terms are presented in this example.

Keywords: terms, terminology, eponyms, formation, name, morphological, syntactical, measurement, proper nouns, equivalent.

Дар бораи муаллиф

Ибодов Камолиддин Тағоевич
Докторант аз рӯйи ихтисос (PhD)-и кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6
Тел.: (+992) 900 60 61 69
E-mail: kamoliddin2018@list.ru

Об авторе

Ибодов Камолиддин Тагоевич
Докторант (PhD) кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6
Тел.: (+992) 900 60 61 69
E-mail: kamoliddin2018@list.ru

About the author

Ibodov Kamoliddin Tagoevich
PhD student the department of comparative linguistics and the translation theory
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev st., 17/6
Ph.: (+992) 900 60 61 69
E-mail: kamoliddin2018@list.ru

ТДУ 801.311+801.313

ТОПОНИМИЯ ВА АНТРОПОНИМИЯ ДАР ЛУҒАТНОМАИ «СИҲОҲ-УЛ-ФУРС»- И МУҲАММАД ҲИНДУШОҲИ НАХҶУВОНӢ

Валиева Ҳ. С.
Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб ба номи Р.А.Раҳмонзода

Соҳаи илми забоншиносӣ, ки номи маҳал, шаҳр, кишварҳо топонимия ва антропонимия яъне номи одамонро меомӯзад. Аз пажӯҳиши забоншиносии моддаҳои луғавии фарҳанги тафсирии «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ бармеояд, ки қисмати муайяни онҳоро топонимия-ҷойномҳо ва антропонимия-чеҳраномҳо ташкил доданд. Масалан номи шарҳои Гургонҷ, Яғмо, Кӯчу Булуч, Чарх, Халлух, Канух, Варорӯд, Бохтар, Ховар, Шор, Шовғар, Фархор, Гайфар, Тироз, Ос, Каш, Кеш, Вахш, Айлак, Ганг, Гиранг, Бам, Баҷнам, Рум, Чин, Хутан, Харгун, Даргон, Дастон, Самангон, Кирвон, Кадан, Юнон, Испаҳон, Парона, Ғарча, Зардушт, Вахшур, Марс ва ғайра дар ин луғат зикр шудааст. Барои намунаи чанд топонимияро меорем:

1. **Гургонҷ** номи дигари Хоразм аст [7, с. 66].
2. **Рум номи** шаҳрест [7, с. 247].
3. **Халлух** номи шаҳрест дар Хуросон, ки хубон аз он ҷо хезанд [7, с. 76].
4. **Фархор** номи шаҳрест дар Туркистон [7, с. 124]**.**
5. **Каш** номи шаҳрест дар Моваруноҳр [7, с. 176].
6. **Вахш** номи шаҳрест аз Туркистон [7, с. 176].

7. Яғмо, Кӯчу Булуч, Чарх, Канух, Варорӯд, Бохтар, Ховар, Шор, Шовғар, Фархор, Гайфар, Тироз, Ос, Кош, Кеш, Вахш, Айлак, Ганг, Гиранг, Бам, Баҷкам, Рум, Чин, Хутан, Харгӯн, Даргон, Дастон, Самангон, Кирвон, Кадам, Юнон, Исфаҳон, Парона, Ғарча.

Ҳамчунин дар ин луғат номи дарё, кӯҳ, деҳот низ оварда шудааст:

1. **Арванд.** 1. Рӯди Даҷла;
2. **Алванд** бо лом кӯҳи Ҳамадон аст [7, с. 83].
3. **Гиранг** деҳе аст аз аъмоми Бовард мебошад. [7, с. 219].

Инчунин, дар луғат номи одамон мисли **Зардушт -** номи Иброҳими пайғамбар [7, с. 57], **Ахнух -** номи пайғамбар, баъзе гӯянд номи Нӯҳ аст [7, с. 82]**, Баштар -** номи Микойил, **Довар -** номи худованд, **Додфармой - исми** худованд [7, с. 329]. [7, с. 115], **Вахшур** пайғамбар бошад [7, с. 133]., **Марс** номи муғест [7, с. 162], **Маздак** номи шахсе аст, ки дар аҳди Қубод – падари Нӯшервони Одил асоси дини маздакӣ бинҳод ва халоиқ аз ӯ дар заҳмату азоб афтоданд ва Нӯшервони Одил шарри ӯро аз оламиён мундафиъ гардонид ва Хоҷа Низомулмулки Тусӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, шарҳи аҳволи ӯро дар охири «Сайр-ул-мулук» овардааст [7, с. 205] .

Дар луғатнома аз ашъори Сӯзанӣ намуна оварда шудааст:

То ҷаннат асту дӯзах, бошад, ҳароина,
Ин маскани муваҳҳиду он ҷойи Маздакӣ.

Аз маводи гирдоварда маълум мегардад, ки аксари ҷойномҳо ва чеҳраномҳои фавқ сермаъно мебошанд: Илиё, Сино, Зардушт, Ахнух, Баштар ва ғайра.

Аз таҳқиқи забонии модаҳои луғавии фарҳанги тафсирии «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Муҳаммад Ҳиндушоҳи Нахчувонӣ бармеояд, ки онҳоро вожаҳои топонимӣ ё худ ҷойномҳо ташкил додаанд. Бештари модаҳои луғавии фарҳанги тафсирии номбурда топонимҳои давраи асрҳои миёнаи Варорӯд (Моваруннаҳр), Хуросону Форс ба шумор мераванд: Абисто калимаи паҳлавист, Илиё, Сино, Васто, Яғмо, Зардушт, Гургонҷ, Кучу Булуч, Чарх, Халлух, Ахнух, Канух, Арванд, Алванд, Урмузд, Ҳурмузд, Ҳурмуз, Позанд, Занд, Варорӯд, Бохтар, Баштар, Ховар, Довар, Дупайкар, Жавоғор//Жадоғор, Шор, Шовғар, Фархор, Каркар ва Карукар, Гайфар, Меҳр, Вахшур, Тироз, Ос, Арас, Бирҷис, Марс, Ҳурмус, Рахш, Зовош ва Завош, Суруш, Шахши, Каш, Кеш, Вахш, Ождаҳон ва Ажҳарок, Айлак, Бирак, Ҷам, Сом, Сиём, Шим,Торам, Рум, Обискун, Озарбойҷон, Оҳарман, Ангалюм, Аҳраман, Бараҳман, Баҳман, Паран, Парвин, Чин, Хутан, Харғун, Дарғон, Дастон, Сомон, Самангон, Фарвардин, Қирвон, Коҳкашон, Кадан, Каҳкашон, Кайвон, Лодан, Мехргон, Ҳафтхон, Ҳафт хон, Юнон,

Исфаҳон, Парона, Хурда, Ғарча, Парв, Хадев, Ачӯ, Даҳлав, Омӯй, Юархудоӣ, Буяҳё, Додфармой, Монӣ, Нупӣ, Нашвӣ ва ғайра.

Тавре ки зикр ёфт, ҷойномҳо ва чеҳраномҳои луғатномаи мазкур ниҳоят сермаъно мебошанд. Мисолҳо: **Илиё** се маънӣ дорад: Аввал, номи Амирулмуъминин Алӣ ибни Абитолиб дар Таврот, дувум, Илиё ибни Мулкон номи Хизр аст, алайҳиссалом ва сеюм, номи Байтулмуқаддас аст.

Чарх низ чанд маънӣ дорад. Аввал, фалаки ситорагон аст. Масалан, намунае Абӯшакур гӯяд, байт:

Ҷаҳондидае дидам аз шаҳри Балх,
Зи ҳар гуна гашта ба сар бар-ш чарх.

Дувум, чарха бошад, ки занон бад-он дӯк ресанд:

Бенаво чун кофиру дарвеш: не дунё, на дин,
Мубдаро, охир зи модар бар чӣ толеъ зодай?
Ё чу мардон **чархи** гардон зери пойи ҳиммат ор,
Ё занонро **чарх** гардон, чанд аз ин нармодай,

Сеюм, доираи ҷома бошад. Аънӣ, гиребон. Масалан, дар ашъори Мунҷик чунин омадааст:

Бар об турост айбаҳои ҷавшан,
Бар хок турост **чархҳои** дебо.

Чаҳорум, номи шаҳре аст дар Хуросон. Маҳастӣ гуфта:

Бо халқ ба доварӣ бувад қозии **Чарх,**
В-аз илму амал барӣ бувад қозии **Чарх,**
Бар мушт агар мебирияд, нест аҷаб,
З-он рӯй, ки муштарӣ бувад қозии **Чарх.**

Панҷум, тиру камони **чарх** бошад ва ҳар чӣ даврон дорад, **чарх** аст: **чархи** замону **чархи** корезканон ва **чархи** дӯлоб, ки зери замин кашад ва об бар боло резад ва **чархе**, ки мардум дар самоъ зананд ва **чархи** манҷаниқ, ӯ, ки дар қалъаҳо бошад ва **чарх** абрешимтобон ва **чархи** осиё ва амсоли он ҳама дохили **чархи** фалак ва тобеи он бошад ба **сабаби** даврон. Амир Муиизӣ гуфт, дар мисоли зерин аз чархи осиё истифода кардааст:

Гирд омада Сурайё бар **чархи** зудгард,
Чун парраҳои симин бар **чархи** осиё [7, с. 76].

Абисто тафсири Занд ва Ситованд аст [7, с. 24] **Асто** - китоби габрон аст. [7, с. 24] **Афдисто** калимаи паҳлавист [7, с. 24]. **Илиё** се маънӣ дорад: [7, с. 25].

1. номи Амиралмуъминин Алӣ ибни Абитолиб;
2. Илиё ибни Мулкон номи Хизр;
3. номи Байтулмуқаддас.

Сино низ ду маънӣ дорад.

1. кӯҳи Тӯр, ки Мӯсо пайғамбар он ҷо бо Худованд роз мегуфт.
2. номи ҷадди Абӯалӣ Синост [7, с. 30]

Васто - ба маънии Абистост, яъне тафсири «Занд» … [7, с. 40].

Яғмо ба ду маъно ифода ёфтааст:

1. номи шаҳрест, ки хубон бисёр аз он ҷо хезанд.
2. ба маънои ғорат кардан бошад.

В большинстве научных и лексикографических источниках приводится подробное толкование слова «форманта». Например, в «Толковый словарь русско-интернациональных заимствований» указано, что «слово «формант» проникла в форме «formans» из латинского языка, значения которого – созидающий, образующий, формирующий, а в отрасли лингвистике прослеживается со значениями 1) буквально как аффикс; 2) суффикс совместно с окончанием» [12, с. 334]. Относительно топоформантов Дж. Алими в своем исследовании, котороепосвящается топонимии Кулябского региона о топоформанте отмечает следующее «топоформанты – суффиксы или вспомогательные морфемы, которые используются в качестве словообразующего способа. Любая топооснова – лексические морфемы, в основе которого посредством соединения топоформанта создаются топонимы. Топоформант – суффикс и отдельное слово, во первых, посредством которых образованы группы топонимов одной территории или региона или в определенном времени, и, во-вторых, топоним-слово не может существовать как название географической местности» [1, с. 183-184].

Следовательно, рассмотрев дефиниции понятий «топоформант» и «полуаффикс» и анализировав их признаки, можно указать, что, функционируя в языке как независимое слово, полуаффикс не является топоформантом, а лишь составляет отдельную, особую группу морфем, которые участвуют в образовании топонимов. Топооснова и топоформант — два обязательных элемента каждого топонима, которые не могут функционировать по отдельности.

Следует отметить, что все производные гидронимы в сопоставляемых языках, образуются на основе различных способов образования топонимов, на которых подробно остановимся ниже. В образовании гидронимов в рассматриваемых языках, преимущественно участвуют следующие способы словообразования: морфологический или аффиксальный, морфолого-синтаксический, синтаксический, конверсия. Образование гидронимов

посредством вышеупомянутых топоформантов называется аффиксацией. Наряду с другими способами словообразования, аффиксация – один из продуктивных способов словопроизводства или словообразования в таджикском и английском языках. Согласно И.В. Арнольд «Аффиксация – это способ образования новых слов с помощью словообразовательных суффиксов. В каждом языке существует ряд аффиксов, выполняющих функцию топоформантов. В традиционной английской топонимии к ним относятся такие суффиксы как -ton, -ham, -ley. Географические названия, имеющие такой суффикс, встречаются и на территории США» [2, с. 77].

Таким образом, следующие аффиксы или топоформанты участвуют в образовании гидронимов в исследуемых языках:

Топоформант-а(-а). Данный формант равноправен словообразовательному суффиксу таджикского языка. При помощи данного форманта, основы которых – существительные и прилагательные, образуются следующие гидронимы: *Дахана, Кирма, Гардана*.

Топоформант-ӣ. Это формант равноправен словообразовательному суффиксу таджикского языка. Гидронимы, образовавшиеся посредством данного форманта, обычно состоят из основ существительных иприлагательных: *Дунгайӣ, Кайкӣ, Хамӣ, Насронӣ, Ҷалилӣ, Зарангӣ, Исматӣ.*

Топоформант-ак, -як. Настоящий формант представляет собой уменьшительно-ласкательныйсуффикс и от имени существительных и от прилагательных образует гидронимы во множественном числе: *Кӯҳак (потамоним,) Баҳорак, Лафак, Муриак, Хучак, Личак, Бугдохак, Буртукак, Даштак, Чангак.*

Топоформант-инг. Появление такого типа форманта в современном литературном таджикском языке не известен, но этот восточно-иранский словообразовательный элемент образует гидронимыс таджикскими словами: *Пушинг, Вашинг, Сиринг, Тхачинг, Шилхинг, Ховалинг.*

Топоформант-он. В таджикском языке посредством данного суффикса образуются существительные во множественном числе: *Нижон (лимноним), Шайдон, Шурон, Суфийон, Гургон, Турийон, Шехон, Шоҳон, Эшон, Заргарон, Мирон.*

Топоформант-ён. Этот топоформант, по преимуществу, равен суффиксу, образующий множественное числа: **Моғиён**. Данное слово является потамонимом. Он состоит из основы моғи – изменённая форма муғӣ – оташпараст (огнепоклонник) и суффикса, образующий множественное число -ён.

Топоформант-bourne. Данный топоформант появился от древнеанглийского топоформанта «-burna» и имеет значения «ҷӯй, ҷӯйбор, наҳрача, дарёча –brook, stream (ручей)»: *Aldingbourne, Albourne.*

Топоформант -fleet. Этот топоформант появился от древнеанглийского топоформанта «flēot» и обладает значением «резишгоҳи дарё, халиҷ - estuary; creek, river outlet, bay, gulf; inlet (устье реки, бухта): *Adlingfleet*.

Топоформант -heads. В древнеанглийском периоде данный топоформант имел форму -hēafod. Оно имеет значение «димоға, саргаҳи дарё – cape, promontory; river head, source of river (мыс; исток реки)»: *Allenheads*.

Топоформант -mer. Данный топоформант появился от древнеанглийского топоформанта -mere. Оно имеет значение «кул, ҳавз, толоб – lake, pond, basin (озеро, пруд): *Almer*.

Топоформант -mouth. Этот топоформант появился от древнеанглийского топоформанта -mūtha и имеет значение «резишгоҳи дарё – estuary; creek, river outlet (устье реки):*Alnmouth*.

Топоформант-was. Древнеанглийской формой указанного топоформанта является -wæsse). Она имеет значение «дарёбод – floodplain, overflow land, water meadow (пойма)»: *Alrewas*

Топоформант-well. Этот топоформант возникло от древне английского топоформанта –wella и имеет значение «чашма, ҷӯй, ҷӯйбор, наҳрча, дарёча – spring, brook, stream источник, ручей»: *Abbotskerswell, Adwell*.

В английском языке наблюдаются некоторые топоформанты, форма которых совпадают с их значением. Один из них – топоформант «brook», который возник от древнеанглийского форманта «brōc». Данный топофромант имеет следующие значения:

brook, stream, of tenused of muddy streams – ҷӯй, ҷӯйбор, наҳрча, дарёча, ки бештар бо маънои ҷӯйборҳои серлой корбурд мегардад (ручей, которые часто используется со значением илистые ручей).

Сложные гидронимы. Роль словосложение в образовании гидронимов сравниваемых языках очень заметно. В обоих языках посредством данного способа образуются гидронимы, которые состоят из двух основ. Следовательно, сложные гидронимы в анализируемых языках создаются при помощи следующих моделей.

Таджикский язык.

Noun (имя существительное) + Noun (имя существительное). Гидронимы, которые образуются посредством данной модели, в основном, состоят из двух основ или корней и оба являются именами существительными: **Анзоб**. Данное слово является потамоним и состоит из двух компонентов, первый из которых – **анз** «anzp», «nzp» имеет значение «сарду зулол, тоза (холодный, чистый, прозрачный) и второй компонент **об** – дарё (вода – река). В целом, этот гидроним имеет значение «река, вода» которая является чистой и холодной. **Лучоб.** Данное слово – потамоним. Оно состоит из двух компонетов, первый из которых – луч (урён, боз, кушода – голый, обнаженный, открытый), а второй **об –** дарё (река), имеет следующие значения: «ҷорӣ гардидани дарё аз самти кушоду сабзавор ба самти поён [17, с. 64] (протекание реки от открытой и зеленой направление к нижнем направлением». **Ойинакӯл**. Данное слово – лимноним. Оно состоит из двух компонентов, первый из которых – **ойна**– ашёишаффоф (прозрачный, просвечивающий предмет), а второй – кӯл – мавзеи об ҷамъшуда (место скопления воды), и имеет следующие значения: кӯлиобаштозаитоза (озера, вода которого совсем чистая). **Ойкӯл.** Данное слово – лимоним. Первый компонент данного лимонима – ой - моҳи тоҷикӣ (таджикский месяц) и кӯл - мавзеи об ҷамъшуда (место скопления воды), и имеет значение «кӯли воқеъ дар баландӣ (озера, которое расположено на высоте).

Необходимо отметить, что в словарном составе таджикского языка прослеживается значительное количество гидронимов, первый или второй компонентов которых является имя человека: **Искандаркӯл.** Данное слово – лимноним. Первый компонент – Искандар – «номи яке аз подшоҳони Юнони қадим, Искандари Мақдунӣ, маъруф ба Искандари Зулқарнайн» [16, с. 556] (имя одних из царей древнего Греции Искандари Макдуни, известный как Искандари Зулқарнайн), а второй кӯл – «ҷои ба миқдори зиёд ғуншуда истодани об, ҳавзи оби табиӣ, толоб» [16, с. 641] (место, где скапливается огромное количество воды, бассейн или водоём природное воды, пруд). По этимологии, слово *Искандар* имеет греко-арабское происхождение, а слово *кӯл* – исконно таджикское.

Наряду с этим, в процессе исследования были собраны некоторые гидронимы, первые или вторые компоненты которых являются иноязычными. **Ёвонсӯ**. Данное слово – потамоним. Первый компонент - **Ёвон – ёбон** – «1) дашт, биёбон, ҷои бедолу дарахт. 2. замини киштукор, майдони зироат» [16, с. 489] (пустыня, степь, место без деревья; 2) посеянное земля, площадь для сельскохозяственной культуры)– таджикским, а второй компонент – **су** – узбекским и имеет значение об (вода). **Оққӯл**. Первый компонент данного линонима – оқ со значением «сафед (белый) является узбекским, и второй компонент – кӯл – мавзеи об ҷамъшуда (место, где скоплены воды). **Оқбайтал**. Первый компонент данного потамонима оқ – узбекский со значением «сафед (белый)» и второй компонент – байтал – таджикским со значением «як навъи ҳайвони бадвоҳима (один из типов страшное животное)», в целом, он имеет следующее значение: дарёи аз дараи яхини сафед ҷоришаванда (река, который протекает из белое ледяное ущелье».

В словарном составе таджикского языка наблюдается ограниченное количество гидронимов, оба компонентов которых являются иноязычными. **Иссиқбулоқ.** Первый компонент данного потамонима – иссиқ со значением «гарм (тёплый)» и второй компонент – булоқ со значением «чашма (родник)» заимствовались из узбекского языка.

Adjective (имя прилагательное) + Noun (имя существительное). Гидронимы, образующиеся посредством данной модели, в основном относятся к классам или группам потамонимов. К ним относятся следующие гидронимы: **Сафедоб**. Первый компонент указанного потамонима – имя прилагательное **сафед (белый)**, а второй компонент – существительное об (вода), и имеет значение «дарёе, киобаш соф аст» [17, с. 93]. Оба компонента потамонима – являются исконно таджикскими словами. **Сурхоб (потамоним).**

Данный потамоним состоит из двух компонентов, т.е. «сурх (красный)» и «об (вода)», и имеет значение «оби сурх (карсная вода)». По мнению выдающегося топономиста Дж. Алими «Данное название имеет отношение к уровню земель берегов реки, грунту и глине которые являются красноватыми. У данного потамонима также имеется тюркско-узбекский эквивалент – «Қизилсу», который является другой формой таджикского названия реки» [1, с. 255-256]. Согласно Дж. Додалишоеву «Древное название Сурхоба – Роштрӯд, этимология первого компонента, который не интерпретировано, но в предыдущие времена текущий городок Fарм назывался Раштом и данная река протекала вблизи местности Рашта» [6, с. 256].

Numeral (имя числительное) + Noun (имя существительное). В словарном составе таджикского языка встречаются гидронимы, компоненты которых относятся к двум разным частям речи. К таким гидронимам относятся следующие имена собственные: Панҷрӯд. Первый компонент указанного потамонима – количественное числительное панҷ, а второй – простое существительное рӯд, и это единица имеет значение «аз панҷрӯд таркиб ёфтани дарё» (река, который состоит из пяти реки).

Одна из отличительных свойств сложных гидронимов в сопоставляемых языках заключается в том, что в таджикско-язычной среде для выражения понятия «лимнонимия» употребляется три термина, т.е.: кӯл, ҳавз, озеро и из трёх указанных понятий, лишь термин «кӯл – lake (озера)» может использоваться в качестве определяемого, топоформанта или топоосновы: в качестве топоосновы: Кӯлдара [1, с. 257], Кӯлоб [1, с. 257], Кӯлчашма [1, с. 257], Кӯлдамон [1, с. 257]; в качестве топоформанта: Ойдинкул [1, с. 257], Ушкул [1, с. 257]. Однако в английском языке эквивалент лимнонима «кул» – «lake» и «loch»

В английском языке наблюдается некоторые гидронимы, топоосновы которых связаны с природой (в основном, с флорой). Например, гидроним **Abbotskerswell**имеет значение ««чашма, ҷӯй, ҷӯйбор, наҳрча, дарёча – spring, brook, stream (источник, ручей)», где растет водяной кресс, или настурция водяная. Наряду с этим, часто прослеживаются топоосновы, отражающие наименования рек: **Alhampton**– «поместье на реке Alham».

Составные гидронимы или гидронимы-словосочетания. Одним из продуктивных путей образования гидронимов в исследуемых языках – синтаксический способ. Гидронимы, образуемые с помощью данного способа, носят название гидронимов-словосочетаний, или поликомпонентных гидронимов. Согласно А.В. Суперанской «многословные топонимы - это словосочетания с сочинительной, подчинительной или предикативной связью компонентов» [15, с. 103]

Преимущественно, таджикские и английские поликомпонентные гидронимы – это названия, которые появились на основании простых гидронимов. Гидронимы данной группы, в основном, наблюдаются в форме словосочетаний, компоненты которых соединяются посредством синтаксических связей. Если в таджикском языке, большинство гидронимов-словосочетаний создаются при помощи изафетной связи, то в английском языке этот роль выполняется посредством таких синтаксических связей как: порядок слов и предложной связи. Следовательно, гидронимы-словосочетания сравниваемых языков образуются посредством следующие модели:

Таджикский язык.

Noun (имя существительное) +Adjective (имя прилагательное). Значительное количество таджикскихгидронимы-словосочетаний образуются при помощи данной модели. Гидронимы-словосочетания, образованные путём указанной модели, по преимуществу, состоят из двух компонентов, и компоненты соединены между собой посредством изафетной связи, показателем которого является окончание **-и**: **Оби Сафед**. Данный гидроним-словосочетание – потамоним, и состоит из двух самостоятельных слов, т.е. дарё (река) и сафед (белый). Оно имеет значение «река, вода которой является белой**». Оби Кабуд**. Данный гидроним-словосочетание – потамоним, и состоит из слова **об (вода)**, изафетного окончания **-и** и **кабуд** – название цвета, знак со значением «прозрачности воды реки**».**

В системе гидронимов таджикского языка прослеживается некоторые гидронимы-словосочетания, компоненты которых является названиями лиц. Например, потамоним Оби Тоҳир, первый компонент которого является слово **об** со значением «дарё (река)» и второй компонент «Тоҳир» – антропонимом. Термин «кӯл – lake (озера)» может использоваться в составе составных гидронимов или гидронимов-словосочетаний: а) кул-антропоним: Кули

Ҳайотбек [1, с. 257], Кули Алибек [1, с. 257]; б) кул (озера) – географический термин: Кули Лубобдара [1, с. 258], Кули Сарбанд [1, с. 258], Кули Заркамар [1, с. 258]; в) кул-этноним: Кули Муғул [1, с. 258], Кули Араб [1, с. 258].

В английском языке также имеются составные гидронимы, в составе которых присутствуют компоненты, связанные гидрографическими элементами и: **Allendale Town** – деҳа дар водии дарёи *Allen* – a settlement on the valley of Allen River (поселение в долине реки *Allen).*

Таким образом, можно прийти к такому выводу, что все вышеуказанные способы образования гидронимов существуют в большинстве языков мира, при всем том, они отличаются по степени использования в процессе формирования географических объектов разных территорий и стран. У каждого языка имеется свои особенности в формировании гидронимов, которые свойственно данного языка.

Литература

1. *Алимӣ Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб (тадқиқи таърихию забоншиносӣ).- Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 448 с.*
2. *Арнольд И. В. Лексикология современного английского языка. – М: Высшая школа, 1986. – 295 с.*
3. *Басик С. Н. Общая топонимика: учебное пособие для студентов географического факультета. – Мн: БГУ, 2006. – 200 с.*
4. *Беленкая В. Д. Очерки англоязычной топонимике. – М.: Высшая школа, 1977. – 227 с.*
5. *Большой энциклопедический словарь. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Большая рос. энцикл.; СПб.: Норинт, 1997. – 1434 с.*
6. *Додалишоев Ҷ. Ҳудуд-ул-олам ва сарнавишти баъзе калимаҳо // Садои Шарқ, Душанбе, 1986. №10. – С. 119-134.*
7. *Додыхудоев Р.Х. Памирская микротопонимия: (Исследование и материалы). – Душанбе: Ирфон, 1975. – 161 с.*
8. *Додыхудоев Р.Х. Памирские этимологии // Иранское языкознание. – М.: 1976. - С.136-145.*
9. *Додыхудоев Р.Х. Лингвистический анализ микротопонимии Памира: (на материале шугнано-язгулямской группы языков): дис… д-ра. филол. наук. – Душанбе, 1979. – 337 с.*
10. *Жеребило Т. В. Словарь лингвистических терминов [Электронный ресурс] // Изд. 5-е, испр-е и дополн. — Назрань: Изд-во "Пилигрим".2010. - URL: https://lingvistics.dictionary.academic.ru (дата обращения: 19.09.2023).*
11. *Леонович О. А. В мире английских имен: учебное пособие по лексикологии. — 2-е изд., испр. и доп. — М.: АСТ: Астрель, 2002. - 160 с.*
12. *Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернационалӣ. – Душанбе: Главная научная редакция Таджикской совместной энциклопедии, 1984. – 376 с.*
13. *Подольская Н. В. Словарь русской ономастической терминологии. 2-е изд., перераб. и доп. — М.: Наука, 1988. - 192 с.*
14. *Роспонд, С.Перспективы развития славянской ономастики // Вопр. языкознания . - 1962, Ч.4. - С.82-94.*
15. *Суперанская, А. В. Типы и структура географических названий // Лингвистическая терминология и прикладная ономастика. – М.: Наука, 1964. – С. 59-118.*
16. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз дуҷилд). Ҷилди 1. А-Н. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
17. *Ҳомидов Д. Фарҳанги мухтасари гидронимҳои эрониасли Мовароуннаҳр. – Душанбе: Маориф, 2013. – 140 с.*

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ГИДРОНИМОВ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Данная статья посвящается структурно-семантическому анализу гидронимов таджикского и английского языков. В результате анализа выявлено, что в сравниваемых языках, по морфологической структуре гидронимы делятся на простые, производные, сложные и составные. Роль словообразовательных аффиксов или формантов очень велика в образовании гидронимов. Большинство гидронимов-словосочетаний таджикского языка строятся посредством изафетной связи, а в английском языке их роль играет порядок слов и предложный связь. Относительно участия словообразовательных способов в образовании гидронимов необходимо отметить, что в обоих языках, значительное количество гидронимов образуются при помощи морфологических и синтаксических способов. В составе гидронимов-словосочетаний в рассматриваемых языках прослеживается имя человека или местность, где расположены гидронимы.

Ключевые слова: язык, ономастика, топоним, гидроним, таджикскийязык, английский язык, сравнения, анализ, структурно-семантический анализ, способы словообразования, морфологический способ, синтаксический способ, производные гидронимы, сложные гидронимы, гидронимы-словосочетания.

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИЮ СЕМАНТИКИИ ГИДРОНИМҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили сохторию семантикии гидронимҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар натичаи таҳлил маълум гардид, ки дар забонҳои муқоисашаванда, аз нигоҳи таркиби морфологӣ гидронимҳо ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд. Нақши унсурҳо ё формантҳои калимасоз дар

ташаккули гидронимҳо калон аст. Бештари гидроним-ибораҳои забони тоҷикӣ ба воситаи алоқаи изофӣ сохта мешаванд, ки ин нақшро дар забони англисӣ тартиби калима ва алоқаи пешояндӣ ба дӯш дорад. Роҷеъ ба иштироки усулҳои калимасоз дар ташаккули гидронимҳо ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ҳарду забон ҳам, миқдори зиёди гидронимҳо ба воситаи усулҳои морфолигиву синтаксисӣ сохта мешаванд. Дар таркиби гидроним-ибораҳои забонҳои таҳқиқшаванда номи шахс ва маҳале, ки гидронимҳо ҷойгиранд, мушоҳида мегардад.

Калидвожаҳо: забон, ономастика, топоним, гидроним, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, муқоиса, таҳлил, таҳлили сохторию семантикӣ, усулҳои калимасозӣ, усули морфологӣ, усули синтаксисӣ, гидронимҳои сохта, гидронимҳои мураккаб, гидроним-ибораҳо.

STRUCTURAL AND SEMANTIC ANALYSIS OF HYDRONYMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with structural and semantic analysis of hydronyms in Tajik and English languages. At the result of analysis, it was revealed that in compared languages according to morphological structure hydronyms are divided into simple, derived, compound and composite. The role of word-forming affixes or formants is great in the formation of hydromyms. The majority of hydronym phrases are built up by izapher connection in the Tajik languages, but in English their role is performed by the word order or prepositional connection. Regarding the participation of word-forming ways it is necessary to emphasize that in the both languages the most hydronyms are built up by morphological and syntactical ways. The name of a person or the place where hydromyms are located can be seen in the structure of hydromymphrases.

Keywords: language, onomastics, toponym, hydronym, Tajik language, English language, comparison, analysis, structural and semantic analysis, word-forming ways, morphological and syntactical ways, simplehydromyms, derived hydromyms, compound hydromyms, hydronymphrases.

Об авторе

Асадова Гулноза Хакимовна
Доктор по специальности (PhD) кафедры языкознания и сравнительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 829 38 44
E-mail: gulnozaasadova7@gmail.com

Дар бораи муаллиф

Асадова Гулноза Ҳакимовна
Доктор аз рӯи ихтисос (PhD)-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 829 38 44
E-mail: gulnozaasadova7@gmail.com

About the author

Asadova Gulnoza Hakimovna
Doctor of specialty (PhD) of the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 829 38 44
E-mail: gulnozaasadova7@gmail.com

ТДУ 809.155.0

АНДЕШАҲО ПИРОМУНИ СУХАНИ МАВЛОНО

Ҳамрозода М. Қ.
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

Осори Ҷалолуддини Балхӣ, чи манзум ва чи мансур, бо муҳтаво, ғановати луғат ва шеваи баёни басо зебову ҷолиб дар таърихи илму адаби тоҷику форс ҷойгоҳи бузург дорад. Тасмим гирифтани Соли бузургдошти Мавлоно аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва нашри маҳсули қалами шоир дар силсилаи мероси ахтарони илму адаб хонандаи тоҷикро ба эҷодиёти ин фарзонамарди арсаи маънавиёт қаринтар кард. Омӯзиш ва таҳқиқи таровиши хомаи ӯ дар тарбияи ҳисси худогоҳиву худшиносии хусусан ҷавонон, судманд хоҳад буд.

Бояд қайд кард, ки ашъори Ҷалолуддини Балхӣ, бавижа «Маснавии маънавӣ», «фарогири кулли масоили сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ, ахлоқию тарбиявӣ» мебошад. Ин ҷиҳатҳои осори шоир диққати донишмандони ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст ва ба баландмазмунии мундариҷаи офаридаҳояш дар даврaҳои гунонгун баҳои муносиб додаанд. Олими тоҷик Ҷамолиддин Саидзода ба иртиботи арзиши «Маснавии маънавӣ» чунин гуфтааст: «… масоили ахлоқиву тарбиявӣ дар «Маснавӣ» мавқ мезанад, зеро Мавлоно сарчашмаи ҳамаи хушбахтиҳои инсонро дар маърифат ва ахлоқи ӯ мепажӯҳад ва маънавиётро бар моддиёт тарҷеҳ медиҳад ва дар заминаҳои мухталифи зиндагӣ дарсҳои зиёди ахлоқӣ медиҳад, ки барои тамоми ... (Ҳ. М.) замонҳо аз аҳамияти зиёд бархӯрдоранд. Бавижа, дарсҳое, ки дар боби кору кӯшиш, озодагӣ, ҳиммaтбаландӣ, талошу ҷустуҷӯ дар ин китоб медиҳад, барои хушбахтиву саодати инсон дар рӯзгори мо аз ҳар лиҳоз нофеъ мебошанд:

Гар таваккул мекунӣ, дар кор кун,
Касб кун, пас такя бар ҷаббор кун [1, с. 5].

Мамадшо Илолов, узви пайвастаи АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти сеҳри баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ фармудааст, ки ӯ «аз тариқи сухан ба дилҳо роҳ ёфтаву умри гаронмояшро ба муайян намудани мақому мартабаи Инсон дар ҷамъият бахшида, аз пайи ҷустуҷӯ ва дарёфти Инсони поксиришт рафта буд. Вай Инсонро аз бузургтарин муъҷизаҳои офариниш арзёбӣ мекард ва ягонагиву ҳамбастагӣ, иттифоқу иттиҳоди эшонро тарғибу ташвиқ менамуд. Дар зеҳни Мавлоно байни одамони офаридаи Худованд заррае ҳам тафриқаандозӣ ҷой надошт, барои ӯ мусалмону насронӣ, яҳудию ҳиндӣ яксон буданд, … ободии олам, осудагиву осойиш ва камолоти маънавии Инсонро дар озодӣ, сулҳу оштӣ, ҳамбастагӣ, бародариву баробарӣ ва муҳаббати бегазанди аҳли олам медид» [2, с. 4].

Воқеан, ҳамин сухани мамлув аз фасоҳату назокати баёни тоҷикӣ-форсӣ омили рӯйи сафҳа омадани афкори фалсафиву сиёсиву иҷтимоии ин мутафаккири забардаст шудааст. Донишманди шаҳири тоҷик Абдулманнони Насриддин доир ба ин паҳлуи ҳунарии Мавлоно ин гуна навиштааст: «Забони «Маснавии маънавӣ» аз забони кулли осори адабии форсӣ фарқ дорад. Мавлои Рум андар китоби худ луғоту таркиботи аҷибу ғариби омиёнаро дар канори истилоҳоти фиқҳию фалсафӣ, каломию ирфонӣ … истифода кардааст. Бисёре аз луғоту таркиботи омиёна вижаи форсигӯёни Осиёи Марказӣ мебошад, зеро Мавлоно дар ҳамин ҳавза тарбият ёфтааст. Теъдоди қобили мулоҳизаи он луғоту таркибот барои форсигӯёни манотиқи дигар мушкилот эҷод мекард. Ин вижагӣ боис гардид, ки баъзе аз шореҳон диққати бештаре барои шарҳу тавзеҳи чунин калимаю ибораҳо ба зуҳур расонанд…» [3, с.79].

Муҳаққиқи маъруфи тоҷик Саидқул Сабзаев аз ин дидгоҳҳо ба эҷодиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ рӯ овардааст: «Аз пажӯҳиши маҳорати суханофарии Мавлоно кас натиҷае мебардорад, ки дар корбурди ғановати забони дарии тоҷикӣ, ҷилои маънои вожаҳо, корбурди истилоҳоти мухталиф, хосса мафҳумҳои ирфонӣ, истифодаи озоди вожаҳою дигар васоити забонӣ, такя ба забони зиндаи мардум эҷодкоре чун Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар олами сухаварӣ ба нудрат дучор меояд» [4, с. 4].

Сирри шуҳрат ёфтани Мавлоноро дар ҷодаи эҷод ва дастрасии мардумро ба забони осори ӯ пажӯҳишгари таърихи забони тоҷикӣ Саид Ҳалимов дар ин омил дидааст: «… забони ашъори аввалини суфиёна хеле сода менамояд, сабабаш ин аст, ки шунавандагони маҷлисҳои онон, асосан, одамони бесавод, аҳли савдо ва ҳунармандони камсавод буданд. Бинобар ин, суфиён ва пирон аз забони модарӣ ва воситаҳои содаи тасвири он фоида бурда, ба ҳиссиёти шунавандагон таъсир мерасонданд» [5, с. 39].

Мазмуни баланд ва хусусиёти забон ва тарзи марғуби ифодаи Мавлоно таваҷҷуҳи устоди донишгоҳ, забоншиноси пуртаълифот, адиб (шоир) ва драматург Саидқул Сабзаев (Мирализода)-ро маътуф дошт ва солҳо, тайи фаъолияти омӯзгорӣ ва эҷодӣ, ба тадқиқи забони ашъори ӯ машғул гардид. Пас аз варақгардонии китоби мусаввару бузургҳаҷми эшон – «Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» (520 саҳифа), ки аз тариқи интишороти «Ирфон» матбуъ шудааст, ба ин хулоса омадем, ки мавсуф басо барвақт қасди таълифи чунин рисолаеро дар бораи ин орифи маънӣ дошта будааст, ки саранҷом матолибе хонданишту монданӣ ба ёдгор гузоштааст. Албатта, ба ҳаводорони сухани балеғу фасеҳи Мавлоно чунин рисолаи ҷомеъро дастрас гардондан танҳо ба пажӯҳандае муяссар мешуд, ки дар пояи Саидқул Сабзаев таҷрибаи тадқиқотӣ ва ҳунари нависандагӣ медошт ё огоҳӣ аз пажӯҳишҳои олимони Афғонистону Эрон дар заминаи мавлоношиносӣ. Анҷом додани таълифоте амсоли «Луғати осори насрии асри Х1 дар мисоли «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҷуллобӣ», «Забон ва услуби шоирони маорифпарвар», «Фурӯғи ирфони Вахшонзамин», «Маҳорати суханварии Носири Хусрав», «Каломи Президент дар таълими забон», «Сухан Рӯдакивор неку бувад…», «Таҳлили лингвистии истилоҳоти тасаввуфи насри асрҳои Х1-Х11 тоҷику форс» барои навиштани рисолае зери унвони «Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ», ки дар илми ховаршиносии ҷаҳон беназир аст, таҷриба шудааст. Бубинед, бо чӣ муҳаббату дилгармӣ ӯ қалам ба даст гирифтааст, то ин кори савобро ба поён расонад: «Пас аз мутолиаи «Маснавии маънавӣ» ва «Девони кабир»-и шоир ва пораҳои дигари бадастомада аз ғановати маънию сухани шоир ба ваҷд омадам, ифтихорманд гардидам, ки банда ҳам ҳаммиллату ҳамзабони ӯям ва бо як эҳтиёткорию эҳсоси ваҳм аз бузургии каломи Мавлоно хостам андешаҳои хешро роҷеъ ба маҳорати суханофарии ӯ рӯйи коғаз оварам… Каме шунидам, лахте қироат кардам, қисмате аз он осори илмии дастрасамро, ки ба таҳлилу ташреҳи ашъори Мавлоно мансуб буданд ва бо вуҷуди таълифоти дар дараҷаҳои гуногун роҷеъ ба забон ва услуби нигоштаҳои шоир бамиёномада хостам, мушоҳидаҳои худро чун як хонанда ба тарзи худ дар рисолае сабт созам» [4, с.3].

Ҳамин тавр ин китоби пурмуҳтаво тадвин гардида ба муштоқони каломи бадеъ пешниҳод шудааст.

Мусалламан, озодии андешаву раъйи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар каломаш низ бозтоби густарда дорад.

Саидқул Сабзаев ҳамчун муҳаққиқи таърихи забон ба соҳати баёни шоир жарф нигариста, унсурҳои луғавиеро бо дигаргуниҳои савтӣ кашф кардааст, ки шояд дар назари аввал ба хонанда басо хурду ночиз намоянд, вале дар асл ин гуна нест. Бо иловаи пасванди **-ид** асоси замони ҳозираи феълро (**сӯзид**) дар мақоми асоси замони гузашта (**сӯхт)** овардан гувоҳи ҳунари вожагузинӣ ва вожасозии Мавлоност:

Рафт он мискину соле дар сафар,
Дар фироқи дӯст **сӯзид** аз шарар [4, с.17].

Мисолҳои дигар: **сӯзид** (**сӯхт**), **дӯзид** (**дӯхт**), **резид** (рехт), **созид** (сохт), **биёмӯзид** (биёмӯхт):

Сайри ҷон бечун бувад дар давру дайр,
Ҷисми мо аз ҷон **биёмӯзид** сайр [4, с.17]…

Дар ҳақиқат, мо тарзи ифодаи ғарибро шоҳид мешавем. Кӯдакон дар ибтидои гап заданро ёд гирифтан ин феълҳоро ҳамин тавр талаффуз мекунанд: **пухт** намегӯянд, **пазид** мегӯянд ва… Ин асрори талаффузу такаллум дар забони шоир инъикос ёфтааст.

Ин рӯйдоди овозӣ дар забоншиносӣ табдилёбӣ (-и овозҳо) ном дорад. Муаллиф дар «Маснавӣ…» сиву як мавриди тағйироти савтиро ба мушоҳида гирифтааст. Аз ҷумла, даҳуминаш «тазоҳури ҳодисаҳои савтӣ ба таъсири шева ва забони халқӣ-гуфтӯгӯйӣ (гуфторӣ

– Ҳ.М.) вобаста аст» мебошад. Чунончи, талаффузи калимаи **дравидан** ба ҷойи **даравидан**, шакли **накнад** ба ҷойи **накунад**, **бест** ба ҷойи **биист** ва ғайра:

То ба моҳе аҳмақӣ бо ӯ бувад,
Аз хашиши деҳ ҷуз инҳо чӣ **дравад**.
* **
К-аз пайи мар зоти Ҳақ як лаҳза **бест**,
Ки маро андар гурезат мушкилест.
***
Қудрataш бар ихтиёрот он чунон
Нафй **накнад** ихтиёриро аз он… [4, с.24].

«Унсурҳои шевагӣ ва халқӣ-гуфтугӯйӣ» аз фаслҳои басо ҷолиби китоб мебошад. Ҷолиб ба ин хотир, ки дар ин зерфасл дар мавриди пайванди каломи Мавлоно бо шева – гӯйишҳои тоҷикии имрӯза сухан меравад. Он гуна, ки болотар зикр ёфт, забони Ҷалолуддини Балхӣ пур аз унсурҳои луғавиест, ки дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, хусусан дар гуфтори мардуми қисмати ҷануби Тоҷикистон, маъмуланд, сарфи назар аз баромад – этимологиашон. Ин далелҳои луғавӣ бозгӯйи ҳамватани мо – аз Вахшонзамин сар баланд кардани Мавлоно хоҳанд буд, ки мояи ифтихори мост.

Устод Сулаймон Анварӣ дар мақолаи худ – «Пайванди сухани Мавлоно бо гӯйиши тоҷикӣ» [6] ба ин масъала дахл карда бошад ҳам, баррасии нисбатан пурраро устод Саидқул Сабзаев анҷом додааст. Барои мисол таваҷҷуҳ шавад ба гунаи гӯйишии феъли **нишастан: шиштан** // **шистан**. Муҳаққиқ истеъмоли онҳоро «алҳол дар баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ» бозгӯ намудааст ва мо корбурди гунаи **шистан**ро аз рӯйи нигориши ӯ дар шеъри Мавлоно мебинем:

Шӯре фитад дар фалак, эй маҳ чӣ **шистаӣ**?
Пурнур кун ту хаймаву хиргаҳ, чӣ **шистаӣ**?
***
Он пушаймониву ё раб рафт аз ӯ,
Шист бар ойина занги панҷтӯ [4, с.18].

Зимнан, талаффузи он дар лаҳҷаи аҳли Дарвоз бо **ъ** – «фонемаи ғайрилабии қатори қафо» [7, с.34] – **шъст** мебошад, аммо, мутаассифона, вожаи **шъстан** дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» [7, с.34] қайд нашудааст.

Дар рисола калимаҳои зиёде бо чунин тағйироти овоӣ аз осори Мавлоно гирд оварда шудаву дар муқоиса бо лаҳҷаҳои тоҷикӣ маънидод гардидаанд.

Дар зери мавзуи «Муарработ» (вожаҳои тоҷикии шакли арабигирифта) вожаҳои бисёре омадаанд, ки асли онҳоро донистани хонандаи имрӯз аз аҳаммият холӣ нест. Шарҳи ин қазия, ба назари мо, ангезае хоҳад шуд дар заминаи ташаккули ҳисси милливу худшиносии хусусан навҷавонону ҷавонон. Шояд ҳама надонанд, ки чаро мо ҳам **гӯспанд** мегӯем, ҳам **гӯсфанд,** ҳам **ҷавҳар** мегӯем, ҳам **гавҳар**, ҳам **миҷгон** мегӯем, ҳам **мижгон** ва ғайра.

Аслан, шаклҳои **гӯспанд**, **гавҳар**, **мижгон** тоҷикӣ ва дурустанд. Бояд равшанӣ андозем, ки алифбои арабӣ ба шумули ҳарфҳои хосси табиати забони тоҷикӣ (**п**, **ч**, **ж**, **г –** тартиб дар алифбои имрӯзаи тоҷикӣ **г**, **ж**, **п**, **ч**) аз 28 ҳарф ба 32 ҳарф расид. Чун талаффуз ва навишти ин ҳуруф ба арабзабонҳо ва котибону нусхабардорони тоҷики сахт дар таъсири фарҳанги исломимонда мушкил буд, дар китобат дар имлои вожаҳои тоҷикӣ ҳарфҳои арабии шабеҳи онҳоро ба кор мебурданд. Бисёр калимаҳои забони тоҷикӣ ба ҳамин рӯйдоди овоию имлоӣ дучор шудаанд. Масалан, аввал **ҳич** // **ҳеч** будааст, пасон, **ҳеҷ** шудааст. Ҳамин тариқ, **г** ба **ҷ**, **ч** ба **ҷ**, **ж** ба **ҷ** (**гавҳар**// **ҷавҳар**, **ҳеч** // **ҳеҷ**, **ҳаждаҳ** // **ҳаҷдаҳ** (дар осори хаттии классикӣ **ҳичдаҳ**), **п** ба **ф** (**пӯлод** // **фӯлод**, **пирӯз** // **фирӯз**, **порсӣ** // **форсӣ**, **сапед-сипед** // **сафед**, **мижа** // **миҷа**, **жанда** // **ҷанда**, (дар лаҳҷа **ҷайдан**), **каж** // **кач**, **ложвард** // **лоҷвард** // **лоҷувард**, **лагом** // **лаҷом**, **жола** // **ҷола** табдил шудаанд. Мавлоно ғолибан шаклҳои аслро истифода кардааст:

Ҳама кас бар аду **пирӯз** хоҳад,
Ҷамоли он аду **пирӯз** маро [4, с.27].
***

Пиламу аз дурии раҳ бок нест,
Ним қадам шуд раҳи фарсанги ман [4, с.25].

***

Шаҳри мо аз шаҳи мо кони ақиқу гуҳар аст,
Ман зи ганҷинаи **гавҳар** ба ҳаҷар менаравам [4, с.25].

***

Он ҷо, ки бо ту нест, чу сӯрохи **каждум** аст [4, с.26].

***

З-он надорӣ мевае монанди бед,
К-обрӯ бурдӣ пайи нони **сапед** [4, с.27].

***

З-устухонҳояшон шунид ӯ нолаҳо,
Ашкрезон ҷонашон чун **жолаҳо** [4, с.28].

***

Чу киштии белангар **каж** мешуду маж мешуд
В-аз ҳасрати ӯ мурда сад оқилу фарзона [4, с.28].

Саидқул Сабзаев чун олими маънишинос ба кашфи маҳорати суханофаринии Мавлоно даст ёфтааст. Фикр мекунем, истеъдоди эҷодии шоирӣ ба ӯ ин имкониятро додааст. Аз ҷумла, дар тафсири вожаи сермаъно ё бисёрмаънои **шикастан**, ки чун радиф дар ду ғазал (ғазали якум иборат аз 34 мисраъ, ғазали дуюм иборат аз 10 мисраъ) омадааст, маониеро дарёфтааст, ки бе овардани матни ғазалҳо ба онҳо ишора хоҳем кард. Ба хотире ки бе мадрак сухан нагуфта бошем, байти аввали ғазалҳоро дарҷ менамоем. Байти нахусти ғазали якум:

Боз омадам чун иди нав, то қуфли зиндон **бишканам**
В-ин чархи мардумхорро чанголу дандон **бишканам**.

Феъли **шикастан** дар ғазал дар маҷмуъ ба ин маъниҳо истеъмол ёфтааст: пора кардан, аз ҳам резондан, нест кардан, куштан, заиф ва нотавон, аз қавл гаштан, ҳалок кардан, пос доштан, реза кардани устухон, гаронӣ кардан, тағйир ёфтан, ҳушёр шудан аз мастӣ, барҳам додан, майда кардан, аз хиҷолат баровардан, нофармонӣ кардан, афтондан ва сарнагун кардан. Дар ғазали дуюм:

Вақти он омад, ки ман савгандҳоро **бишканам**,
Бандҳоро бардаронам, пандҳоро **бишканам**…

Шикастан ба маъниҳои зерин истеъмол ёфтааст: вафо накардан, риоя накардан, реза-реза кардан, бартараф кардан, беқарор кардан, барҳам додан ва маҳв кардан [4, с.44-46].

Ин далелҳо аз бойгарии маъноии забони мо – тоҷикӣ ва тавонмандиҳои шоир дар корбурди барҷо ва санъати тасвири ӯ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҳангоми пажӯҳиш аз доираи назари Саидқул Сабзаев дур намондаанд.

Аз дидгоҳи ин олими фарохназар Мавлоно дар кор гирифтан аз гурӯҳҳои луғавии ҳаммаъно – муродифҳо дар таърихи забон ва адабиёти мо пурҳунартарин адиб ба шумор меравад. Инак, ба истифодаи муродифоти ҷуфтистеъмоли ашъори Мавлавӣ, ки бино бар ташреҳи муаллиф ҷойи як ҷузъро вожаи ҳаммаънои он иваз карда метавонад ё ки ин таркиб бо ду калимаи ҳаммаънои дигар таркиби навро ташкил медиҳанд, мутаваҷҷеҳ мешавем: хавфу хатар, хавфу риҷо, тахвифу тарс; ранҷу ано, дарду ранҷ; ғаму ғусса, ғаму андуҳ, ғуссаву темор; бонгу фиғон, ғиреву бонг; ҳувайдову аён, фошу аён; нағзию хубӣ, хубиву некуӣ; хасмону душманон, адуву хасм; нишоту тараб, айшу тараб; хушу хуррам, хушу шод, шоду масрур; хиҷолату шармсорӣ, шарму ҳаё; ҷурму хато, гуноҳу ҷурм; шару шӯр, фитнаву шар [4, с.66] ва амсоли инҳо: Чанд байт шоҳид хоҳем овард:

Аз кӣ ин сӯ мегурезӣ, эй карим?
На пайат шеру на хасму **хавфу бим**.

***

То миёни қаҳру лутф он хуфяҳо
Зоҳир ояд з-оташи **хавфу риҷо**.

***

Ки бувад-шон ларзаву **тахвифу тарс,**
Аз таваҳҳумҳову таҳдидоти нафс.
***
Ишва диҳад душмани ман, ишваи ӯро машунав,
Ҷону диламро ба **ғаму ғусса** бимаспору марав.
***
Аз ғаму **андуҳ**они ман сӯхт даруни ҷони ман.
***
Чанд кашӣ бори ҳаҷр, **ғуссаву тимори** ҳаҷр [4, с.67].

Месазад, ки пиромуни ҳар бобу фаслу зерфасли ин рисолаи басо пурмаводу боарзиш зиёд сухан гуфт, аммо баста ба маҷоли мақола ба шарҳи мундариҷаи масоили дигари матраҳшуда изҳори андешаро басанда медонем ва бо руҷуъ ба алоқаманди ҳарфу каломи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ афзуданием, ки дар вақти мутолиаи ин манбаи мудаллали забоншиносӣ ва умуман эроншиносӣ, бо матолибе, ба монанди баъзе хусусиёти имлою китобат ва рӯйдодҳои савтӣ (овоӣ), қабатҳои маъноии вожаҳо, истифодаи вожаҳои иқтибосӣ, мавқеъ ва доираи истифодаи калимаҳо, таҳлили гурӯҳҳои луғавӣ (вожаҳои ҳаммаъно, муқобилмаъно ва бисёрмаъно), таснифи вожаҳои баёнгари мафҳумҳои иҷтимоиву табиӣ, истилоҳоту ифодаҳои орифона, таъбирҳо ва таркибҳои маҷозӣ, панду андарзҳо, вожасозӣ бо аносири вожасоз, усули луғавию сарфию наҳвии калимасозӣ, ҳунари вожасозии Мавлоно, вожаҳои эҳёгардида, вижагиҳои дастурии (грамматикии) ашъори шоир, пеши назар меояд, ки омӯзишу аз худ кардани онҳо судманд хоҳад буд.

Адабиёт

1. *Саидзода Ҷ. Сабки сухани Мавлоно / Ҷ. Саидзода. – Душанбе, 2009. – 145 с.*
2. *Илолов М. Назаре ба «Девони Кабир»-и Мавлоно / М.Илолов. Дар маҷмуаи мақолоти «Офтоби маърифат». – Душанбе, 2007. – 347 с.*
3. *Насриддин А. Маънишиносии сухани Мавлоно ва вижагиҳои шарҳнависӣ бар он / А. Насриддин. Дар маҷмуаи мақолоти «Офтоби маърифат». – Душанбе, 2007. – 347 с.*
4. *Сабзаев С. Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ/Сабзаев С. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 520 с.*
5. *Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик: асрҳои XI-XII / С. Ҳалимов. – Душанбе, 2002. – 95 с.*
6. *Анварӣ С. Пайванди сухани Мавлоно бо гӯйиши тоҷикӣ / Анварӣ С. Дар маҷмуаи мақолоти «Офтоби маърифат». – Душанбе, 2007. – 347 с.*
7. *Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / Мураттибон: Мансур Маҳмудов, Ғаффор Ҷӯраев, Баҳром Бердиев. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ – тоҷикии Сафорати ҶИЭ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 946 с.*

АНДЕШАҲО ПИРОМУНИ СУХАНИ МАВЛОНО

Мақола ба тадқиқи хусусиёти луғавӣ ва сарфии забони ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки аз ҷониби забоншиноси тоҷик, профессор Саидқул Сабзаев сурат гирифтааст, бахшида шудааст. Ҳамчунин таъкид гардидааст, ки рисолаи профессор С. Сабзаев – «Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» дар забоншиносии тоҷик нахустин пажӯҳиши мукаммали илмиест, ки ба шарофати замони Истиқлол даст додааст ва дар заминаи мавлоношиносӣ дар илми ховаршиносии ватаниву хориҷӣ басо арзишманд аст. Муаллиф ба ин ақида аст, ки хонанда аз ин мутолиаи ин дастоварди илмии олими тоҷик доир ба вижагиҳои савтӣ ва луғавию сарфии забони шеърҳои Мавлоно (дар заминаи маводи «Маснавии маънавӣ» ва «Девони кабир») маълумоти тоза ва саҳеҳ хоҳанд гирифт ва назараш ба мақоми забони тоҷикӣ дар масири таърих, хосса замони Ҷалолуддини Балхӣ, равшан хоҳад шуд.

Калидвожаҳо: Ҷалолуддини Балхӣ, забон, услуб, тадқиқ, хусусият, гурӯҳҳои луғавӣ, сарфӣ, маҳорат, тарз, баён, калимасозӣ, дастовард.

МЫСЛИ О ЯЗЫКЕ МАВЛОНО

Статья посвящена лексическим и морфологическим особенностям языка творчества Мавлоно Джаллолиддин Балхи, которое исследовано таджикским лингвистом, профессором Саидкулом Сабзаевым. Также в статье отмечается, что научный труд профессора С. Сабзаева «Язык и стиль изложения Мавлоно Джаллолиддин Балхи» является первым полным научным исследованием в таджикской лингвистике, созданном благодаря государственной независимости, и имеет большое значение в отечественной и зарубежной науке востоковедения в области изучения творчества Мавлоно. Автор считает, что читатель, ознакомившись научным трудом таджикского ученого, приобретет полные и достоверные сведения о фонетических и словарных особенностях языка произведений Мавлоно (на основе произведений «Маснави маънави» и «Девони кабир») и получит полное представление о статусе таджикского языка в историческом периоде, относящемся творчеству Мавлоно.

Ключевые слова: Джаллолиддин Балхи, язык, стиль, исследование, особенность, словарные группы, морфологический, мастерство, способ, изложение, словообразование, достижение.

THOUGHTS ON MAVLONO'S SPEECH

The article is dedicated to the study of the lexical and linguistic features of the poems of Mavlono Jalaluddin Balkhi, which was carried out by the Tajik linguist, Professor Saidqul Sabzaev. It is also emphasized that the thesis of professor S. Sabzaev - "Language and style of speech of Mavlono Jalaluddin Balkhi" in Tajik linguistics is the first comprehensive scientific study that was achieved, thanks to the time of independence and is very valuable in the context of Mavlono's studies in the science of domestic and foreign journalism. The author is of the opinion that the reader will get fresh and accurate information from reading this scientific achievement of the Tajik scientist about the textual and lexical features of the language of Mavlono's poems (on the basis of the material "Masnawii manavi" and "Devoni Kabir") and his opinion on the status of Tajik language will become clear in the course of history, especially during the time of Jalaluddin Balkhi.

Keywords: Jalaluddin Balkhi, language, style, research, characteristics, lexical groups, spending, skill, manner, expression, word formation, achievement.

Дар бораи муаллиф

Ҳамрозода Муҳаммадчон Қодир
Муаллими калони кафедраи забонҳои факултети №2
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мастонгулов 3
Тел.: (+992) 917 17 32 17
hamroev42@gmail.com

Об авторе

Хамрозода Мухаммадджон Кодир
Старший преподаватель кафедры языков факультета №2
Академия Министерство внутренних дел Республики Таджикистан
734024, Республика Таджикистан г. Душанбе, ул. Мастонгулова 3
Тел.: (+992) 917 17 32 17
hamroev42@gmail.com

About the author

Hamrozoda Muhammadjon Qodir
Senior teacher of the Department of Languages, Faculty №2
Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulova st. 3
Ph.: (+992) 917 17 32 17
hamroev42@gmail.com

ТДУ 809.155.0

БУНЁДИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дӯстмуродов Р. Ш., Ҷонмардов З. А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Таҳлили муқоисавӣ аз нигоҳи илми типологияи муқоисавӣ ин маънои онро дорад, ки ягон ҷиҳати грамматикӣ, лексикӣ ё структураи семантикии ду ва ё зиёда забонро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, фарқият ва умумиятҳои онро муайян менамоянд. Ибораҳои феълӣ дар ҳар ду забон мавҷуданд. Дар забонҳои мазкур ҷузъи асосии ин гурӯҳи ибораҳо феъл ва ҷузъи тобеашон дигар ҳиссаҳои номии нутқ, ба монанди сифат, исм, зарф, шумора, масдар, ҷонишин, сифати феълӣ ва феъли ҳол ташкил медиҳанд. Ҳамаи он ҳиссаҳои нутқи номбаршуда метавонанд, ки бевосита ё ба воситаи пешояндҳо ба феълҳо алоқаманд гардида, ибораҳои феълӣ ба вуҷуд оранд.

Ҳангоме ки сухан дар бораи хели ин ё он намуди ҳодисаи забонӣ меравад, дар навбати аввал мо маҷмуаи аломатҳои муайяни доимӣ ва устувори онро дар назар дорем, ки барои он ҳодиса характернок буда, дараҷаи муайян боиси пайдоиши якдигар ҳам мебошанд [8, с. 175]. Мисоли суханони дар боло овардашударо метавон ба ҳодисаи гурӯҳбандии ибораҳои феълии забони англисӣ алоқаманд кард, ки ибораҳои феълии забони англисӣ чи хеле, ки аз номашон муайян аст аломатҳои муайяни доимӣ дар инҷо феълҳо баҳисоб мераванд, аз ин рӯ характернокии онҳо хеле муҳиманд, ки боиси пайдоиш ва гурӯҳбандии ибораҳои феълӣ мегарданд.

Ибораҳои феълӣ - ин гурӯҳи ибораҳое мебошанд, ки аз ягон шакли муайянӣ ё номуайянии феълҳо бо ҳамроҳ кардани исмҳо, пешояндҳо, зарфҳо, шумораю ҷонишинҳо ба вуҷуд меоянд.

Агар ба таъбири дигар баён намоем, чи хеле ки дар китобҳои Грамматикаи назарии муалифони гуногун ба монанди М.Я.Блох, Л.С.Бархурдаров, Н.Каменская, И.П.Иванова, В.В.Бурлакова, Г.Г.Почепсов ва дигарон оварда шудааст: «Ибораҳои феълӣ, ин ибораҳое ки ҷузъи асосияшон феълҳо мебошанд ва ҷузъи боқимондаашон бошад аз дигар ҳиссаҳои нутқ таркиб ёфтаанд» [8, с. 180].

Дар забони англисӣ, одатан, аввал ҷузъи асосӣ баъдан ҷузъи тобеъ меояд, аммо дар забони тоҷикӣ бошад, аввалан ҷузъи тобеъ ва сониян қисмати асосӣ. Ҳангоми тарҷума ба назар мерасад, ки бештари ибораҳои феълии забони англисӣ, ки бевосита пешоянд ба феъл алоқаманд гардидаанд, дар забони тоҷикӣ худи ҳамон ибора ба воситаи пешоянд ё пасоянд ба феъл алоқаманд мешавад:

ба хона рафтан – to go home
аз мактаб баргаштан – to come back from school
китоб хондан – to read book
кор ёфтан – to find job
гарм шудан – to get warm

Мавҷудияти ду гурӯҳи асосии ибораҳои феълӣ, ки сода ва мураккабанд низ дар ҳардуи забон дида мешаванд. Инчунин, хусусиятҳои ҳардуи ин гурӯҳи ибораҳои феълӣ умумианд, яъне ҳарду забон хусусиятҳои умумиро доро мебошанд.

Шабро гузаронидан – to spend a night
Шаби бехобиро гузаронидан – to spend a sleepless night
Шӯру мағалеро шунидан – to hear a noise
Шӯру мағали ниҳоят баландро шунидан – to hear too loud noise

Ибораи феълии **“озодона ҳарф”** задан, ки қисмати асосиаш феъли **“ҳарф задан”** ва ҷузъи тобеаш зарфи **“озодона”** мебошад, нишондиҳандаи он аст, ки зарфи **“озодона”** ҳамчун муайянкунанда ба феъли **“ҳарф задан”** алоқаманд гардидааст. Ибораи феълии **to speak fluently**, ки қисмати асосиаш феъли **“to speak”** ва ҷузъи тобеъиаш зарфи “**fluently”** мебошад,

нишондиҳандаи он аст, ки зарфи “**fluently”** ҳамчун муайянкунанда ба феъли **to speak** алоқаманд гардидааст.

Ибораҳои феълии ҳарду забон аз лиҳози ба восита ё бе восита алоқамандиашон ба қисмати асосӣ ба ибораҳои феълии пешояндор ва бепешоянд ҷудо карда мешаванд, ки онҳоро дар забони англисӣ забоншиноси машҳур И.В. Арнолд бо истилоҳоти забони англисии prepositional verbal collocation, prepositionless verbal collocation, номгузорӣ менамояд.

Як навъи ибораҳои феълии забони англисӣ, ки бо номи phrasal verbs дар китобҳои мухталифи грамматикаи ин забон ёдоварӣ шудаанд, дар забони тоҷикӣ эквиваленташонро доранд, аммо дар алоҳидагӣ вуҷуд надоранд. Ин гурӯҳи ибораҳои забони англисӣ дар забони муосири англисӣ ниҳоят зиёд мавриди истифода қарор мегиранд. Намуди зерини ибораҳои феълии забони англисӣ бо ёрии феълҳо ва пешояндҳо сохта мешавнд, ки муносибати алоқавии онҳо аз вазифаи воситаи асосӣ ва ҷузъи тобеъ куллан дигар аст:

To get on a bus – ба автобус савор шудан

Дар забони тоҷикӣ пешоянди **<u>ба</u>** алоқамандии ҳамроҳиро байни исми автобус, ки ҷузъи тобеъ ва асоси иборавии феъли **“савор шудан”** аст, иҷро менамояд. Вале дар забони англисӣ ибораи феълии **<u>to get on</u>** тамоман навъи дигари ибораи феълиест, ки дар ин ҳолат пешоянди <u>on</u> ки ба забони тоҷикӣ ***<u>дар рӯи</u>*** тарҷума мешавад, умуман аз байн рафта, пешоянди **<u>on</u>** дар алоқамандии маъноӣ ба феъли <u>to get</u> дар якҷоягӣ маънои ибораи ***<u>савор шуданро</u>*** медиҳад ва ҷузъи тобеии ин ибораи феълӣ на ба воситаи пешоянд, балки алоқаи ҳамроҳӣ ба ҳам омадаанд:

I get on the bus.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи тобеъгардонии ҷузъи тобеъ дар забони англисӣ ин мавҷудияти ҷонишинҳои шахсӣ дар падежи объектӣ мебошад, ки чунин намуди ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ нестанд.

Ин ҳолати ҷонишинҳои забони англисӣ ба истифодаи ҷонишинҳои шахсии забони тоҷикӣ бо пешояндҳо ё пасояндҳо мувофиқат менамояд. Ба ибораи дигар метавонем гӯем, ки эквиваленти ивазкунандаи ҷонишинҳои шахсии забони англисӣ дар падежи объектӣ ин истифодаи ҷонишинҳои шахсии забони тоҷикӣ бо пешоянду пасоянд мебошанд.

Муносибатҳои комплетивии феълро ба панҷ гурӯҳ ва се зергурӯҳ тақсим менамоянд.

1. муносибати предмету амал, ки онҳо низ дар навбати худ ба се зергурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) муносибати байни амалкунанда ва амал: **to be ready by him**

б) муносибати байни объекти дуюмдараҷаи амал ва протсесс: **to be written with a pencil**

в) муносибати байни объекти бевосита ва амал: **to write a letter.**

2. Муносибатҳои ҳолӣ (байни вазъияти иҷрои амал ва амал): **to write at the table.**

3. Муносибатҳои эзоҳотӣ: **to be glad to see.**

4. Муносибатҳои протсессию предметӣ: **to see him running**

5. Муносибатҳои квалификативӣ: **to consider it useful**

Ин панҷ шакли муносибат дар ҳардуи забонҳои муқоисашаванда дида мешавад:

1. Муносибати предмету протссесӣ, ки онҳо низ дар навбати худ ба се зергурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) муносибати байни амалкунанда ва протссес: **to be ready by him**.

Ин навъи муносибат баёнгари ҷараёни ба иҷро расидани амал ва алоқамандии он ба амалкунанда дар забон аст:

This book was ready by him, answered Jack to Ann angrily[12, c.36].

Ин китобро ӯ хондааст гуфт, - норозиёна Ҷек ба Анна.

б) Муносибати байни объекти дуюмдараҷаи амал ва протсес.

Дар ҳолати истифодаи объекти дуюминдараҷа низ ҷараёни амал муносибати худро бо объект нигаҳ медорад, зеро ҳам аз нигоҳи тобиши маъноӣ ва ҳам синтаксисӣ ин ибораи феълӣ бе объекти дуюминдараҷа номукаммал аст:

To be written with a pencil

The people of the world usually ***write with an ink-well pens*** *at the early twentieth century [15, c. 233].*

Одамони тамоми ҷаҳон дар аввалҳои саддаи бистум одатан бо хомаҳои сиёҳидондор менавиштанд.

в) муносибати байни объекти бевосита ва амал. Объект хоҳ объекти бавоситааст ё бевосита, ҳангоми истифодаи сохтани ибораҳои феълӣ ба ҷараёни иҷрои амал сахт алоқаманд мегардад: **to write a letter**.

*Susan usually **writes so much letter to her friends** and I am tired of her letter writing said her brother [13, с.149].*

*Сюзан одатан **ба дӯстонаш ниҳоят зиёд мактуб менависад** ва аз мактубнависиҳояш безор гаштаам, - мегӯяд бародараш.*

2. Муносибатҳои ҳолӣ (байни вазъияти иҷрои амал ва протсес): **to write at the table**. Муносибати ҳолӣ дар ибораҳои феълии забони англисӣ ва тоҷикӣ яке аз муносибатҳои хеле фаъол ва дар забони истифодаи умум ва забони муоширатии адабӣ зуд-зуд истифодашаванда буда, ба ҳам монанданд:

7. *Шозиёева Г.П. Фирдавсӣ ва Шекспир. - Душанбе, 2020. - 300 с.*
8. *Guerber, Hélène Adeline. (1966). The book of the epic. - New York: Biblo and Tannen. 1988. - 213 p.*
9. *Hellmut Braun. Iran under the Safavids and in the Eighteenth century (Part III), Leiden: Brill, 1969. - 126 p.*
10. *William Shakespeare. Sonnets. - London, 1949. - 42 p.*

МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХӢ-МУҚОИСАВИИ ОСОРИ ҲОФИЗ ВА ШЕКСПИР

Мақолаи мазкур умумият ва ҳамгунии осори Ҳофизу Шекспир, ба вижа ғазалиёт ва “Сонетҳо”-ро дар бар гирифта, муаллифон кӯшиш намуданд, ки ҷиҳатҳои амиқи онҳоро мавриди пажӯҳиши ҷиддӣ қарор диҳанд. Барои ҳамин маълум мегардад, ки масъалаҳои зиёди инсондӯстӣ, аз қабили ишқ, муҳаббат, ҳурмату иззат, садоқат ва ғайра дар осори Ҳофиз ва Шекспир мавқеи волоро касб менамояд. Қобили зикр аст, ки бузургони мо тавонистанд волотарин арзишҳоро ба таври умумӣ баён намуда, ҷузъиёти онҳоро то ҳадди охирин нуқта ба риштаи тасвир кашанд. Дар ин росто, офаридаҳои онҳо дар адабиёти ҷаҳон мақому манзалати бисёрро касб намудаанд. Аз мақолаи мазкур бармеояд, ки ин ду нобиғаи маъруф ҳама вақт кӯшиш мекунанд, ки андешаҳояшонро муфассал ба башарият баён намоянд. Ҳамин тавр, мақолаи мазкур ба арзишҳои маънавӣ-маърифатии осори Ҳофиз ва Шекспир бахшида шуда, шуҳрати ҷаҳонии онҳоро нишон медиҳад. Вобаста ба ин, маҳз чунин масъалаҳо дар ҳофизшиносӣ ва шекспиршиносӣ таҳқиқи тоза маҳсуб меёбанд.

Калидвожаҳо: Ҳофиз, Шекспир, ишқ, осор, нобиға, арзишҳои ахлоқӣ, ғазал, мақом, таҳқиқ.

ПРОБЛЕМЫ ИСТОРИКО-СОПОСТОВИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗА ТВОРЧЕСТВА ХАФИЗА И ШЕКСПИРА

В данной статье отражены общность и единство произведений Хафиза и Шекспира, особенно газелей и «Сонетов», а их глубинные аспекты авторы попытались сделать предметом серьезного исследования. Очевидно, что многие вопросы человечества, такие как любовь, уважение, верность и т.д., занимают высокое место в произведениях Хафиза и Шекспира. Стоит отметить, что наши великие поэты умели в общих чертах выражать высшие ценности и доводить их детали до последней точки. Таким образом, их творения добились многих позиций в мировой литературе. Из этой статьи следует, что эти два знаменитых гения всегда стараются подробно изложить свои мысли человечеству. Таким образом, данная статья посвящена духовно-

просветительскому значению произведений Хафиза и Шекспира и показывает их мировую известность. Исходя из этого, такие вопросы считаются новыми исследованиями в хафизоведении и шекспироведении.
Ключевые слова: Хафиз, Шекспир, любовь, произведение, гений, нравственные ценности, газель, статус, исследование.

THE PROBLEMS OF HISTORICO-COMPARATIVE ANALYSES OF HAFIZ AND SHAKESPEAR'S HERITAGE

This article reflects the commonality and unity of the works of Hafiz and Shakespeare, especially the ghazals and Sonnets, and the authors tried to make their deepest aspects the subject of serious research. It is obvious that many issues of humanity, such as love, respect, fidelity, etc., occupy a high place in the works of Hafiz and Shakespeare. It is worth noting that our great poets were able to express the highest values in general terms and bring their details to the last point. Thus, their creations have achieved many positions in world literature. It follows from this article that these two famous geniuses always try to expound their thoughts to humanity in detail. Thus, this article is devoted to the spiritual and educational significance of the works of Hafiz and Shakespeare and shows their world fame. Based on this, such questions are considered new research in Hafiz and Shakespeare studies.
Keywords: Hafiz, Shakespeare, love, work, genius, moral values, ghazal, status, research.

Дар бораи муаллифон

Шозиёева Гулмо Парвонашоевна
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 93 547 78 93
E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com

Ёрбекова Заррина Мардонқуловна
Унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, к. Ш.Шоҳтемур, 109
Тел.: (+992) 50 184 26 52
E-mail: zyorbekova87@mail.ru

Об авторах

Шозиёева Гулмо Парвонашоевна
Доктор филологических наук, профессор кафедры иностранных языков
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир 33
Тел.: (+992) 93 547 78 93
E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com

Ёрбекова Заррина Мардонкуловна
Соискатель
Хорогский государственный университет имени М. Назаршоева
736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул. Ш. Шохтемур, 109
Тел.: (+992) 50 184 26 52
E-mail: zyorbekova87@mail.ru

About the authors

Shoziyoeva Gulmo Parvonashoevna
Doctor of Philology sciences, Professor of Foreign Languages
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir st., 33
Ph.: (+992) 93 547 78 93
E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com

Yorbekova Zarrina Mardonqulovna
Researcher
Khorog State University by name M. Nazarshoev
736000, Republic of Tajikistan, Khorog, st. Sh. Shohtemur, 109
Ph.: (+992) 50 184 26 52
E-mail: zyorbekova87@mail.ru

ТДУ 82.09(575.3)

“КОРНОМА”-И МУНИРИ ЛОҲУРӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ НАҚДУ СУХАНСАНҶИИ АДАБИЁТИ ФОРСИЗАБОНИ ҲИНД

Абдуллоев Р. Х.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

“Корнома” яке аз сарчашмаҳои муҳими нақду сухансанҷӣ дар шибҳи қораи Ҳинд ба шумор меравад. Муллифи ин китоб Мунири Лоҳурӣ аз шоироне маҳсуб меёбад, ки Сироҷиддин Алихони Орзу – яке аз тазкиранависон ва суханварони барҷастаи асри XVII дар доираи нақду сухансанҷӣ бо ӯ баҳсҳо ороста, дар ҷавоб ба китоби мазкур рисолаҳои “Сироҷи Мунир” ва “Доди сухан”-ро таълиф кардааст. Агар ҳамин раванди адабӣ байни Мунири Лоҳурӣ ва Сироҷиддин Алихони Орзу ба сифати як бахши умдаи нақду сухансанҷӣ дар ин давра афзалият дошта бошад, ба назар мерасад, ки чунин тамоюлот бо мубоҳисоти мазкур анҷом намепазирад, балки баҳсҳои Сироҷиддин Алихони Орзу бо шоир ва мунаққиди ҳамасраш Ҳазини Лоҳиҷӣ низ домана пайдо карда, боиси ба ин раванд ҳамроҳ шудани суханвароне чун Ворастаи Малсиёлкутӣ ва Фатҳалии Гардезӣ ҳам шудааст. Ба таъбири дигар, бо таълиф гардидани китоби “Танбият-ул-ғофилин”-и Сироҷиддин Алихони Орзу, ки шомили эродоти Орзу ба ашъори Ҳазини Лоҳиҷӣ мебошад, ҷараёни баҳсҳо дар ин масир вусъат ёфта, дар посух ба ин навишта ду китоби Ворастаи Малсиёлкутӣ бо унвонҳои “Ҷавоби Шофӣ” ё “Раҷим-ул-шаётин” ва “Аҳқоқ-ул-ҳақ” ва инчунин як рисолаи Фатҳалии Гардезӣ бо номи “Абтол-ул-ботил” бо тарафдорӣ аз Ҳазини Лоҳиҷӣ рӯи кор омадаанд. Ҳарчанд Мунири Лоҳурӣ ва Ҳазини Лоҳиҷӣ ба таври ҷудогона дар ҷавоб ба афкору орои Сироҷиддин Алихони Орзу китобе таълиф накардаанд, аммо аз ҷониби суханварони дигар ба вуҷуд омадани асарҳои алоҳида доир ба эродоти Сироҷиддин Алихони Орзу нақду сухансанҷиро дар шибҳи қораи Ҳинд мазмуну таровати хоса бахшида, ба ин восита номи Мунири Лоҳурӣ, Ҳазини Лоҳиҷӣ ва Сироҷиддин Алихони Орзуро дар саргаҳи таърихи нақду сухансанҷии шибҳи қораи Ҳинд қарор додаанд. Ба таъбири дигар суханварони мазкур ҳамчун симоҳои барҷастаи нақду баҳогузории ҳавзаи адабии Ҳинд муҷиби равнақи афкори адабӣ, суханофаринӣ, пояҳои нақду наққодӣ ва аз ҳама муҳимаш таъйини ҷойгоҳи шоирону суханварони гузаштаву муосир гардидаанд. Аз ҷумла, Мунири Лоҳурӣ, ки аз мунаққидони суннатгаро ва ҳомии суханварони пешин дар арсаи шеъру шоирӣ бар шумор меравад, бар хилофи баъзе равандҳои интиқодгари ашъори гузаштагон ҳамин рисолаи “Корнома”-ро таълиф намудааст. Ӯ дар муқаддимаи асари мазкур доир ба сабаби таълифи китоб андешаҳояшро чунин ба қалам овардааст: “Рӯзе ба толеъи ҳумоюн... файзгузинони маънитироз ва дақиқбинони нуктапардоз маҷлисе ороста буданд ва маҳфиле пироста... ҳар кас фарохӯри истеъдоди хеш сухане меронд ва ба андозаи дониши хеш достоне мехонд...ҳамгинон накӯҳиши суханварони пешин сар карданд...пешравони маъниро накӯҳидан гирифтанд ва пасмондагони марҳалаи сухандониро сутудан оғоз карданд... яке таърифи Урфиро оғоз кард... яке сухани Толибро сутудан гирифт... яке авсофи Зулолиро бар рӯи об овард... яке ба шамоили Зуҳурӣ табъро зоҳир сохт... алқисса чору ночор қарор доданд, ки ин чаҳор суханофарин, ки суханашон шоистаи офарин аст, офаридгори олами сухандонианд ва мояи офариниши маонӣ. Агар сухани эшонро эъҷоз гӯянд сазост ва агар афсун хонанд равост. Билохира ин чор унсур ҷисми суханand ва сухан аз ин покунсурон эъҷоз гирифта...” [3, с. 3-5].

Яъне, чунин мавқеъгириҳо ва нақду баҳогузориҳои Мунири Лоҳурӣ нисбат ба чаҳор чеҳраи мунири сабки ҳиндӣ маншаъ аз ҳамин гуна маҳфил ва суҳбатҳои аҳли сухану ирфон дошта, худ аз худ дар натиҷаи бадбинӣ ва хушунат аз намояндагони сабки ҳиндии аҳли маҳфил буруз накардаст. Чун ин ҷо муаллиф аз маҳфили шеъру сухан ҳарф мезанад, чунин суол пайдо мешавад, ки оё Сироҷиддин Алихони Орзу низ дар он маҳфил ҳузур дошт ё на? Оё мавқегириҳои Сироҷиддин Алихони Орзу нисбат ба Мунири Лоҳурӣ маншаъ аз ин суҳбатҳои аҳли маҳфил дорад ва ё баракс дидгоҳҳои ӯ нисбат ба суханварони мазкур мутаносибан мутафовитанд? Ба ҳар ҳол ин масъала ниёз ба як тадқиқоти алоҳида дорад ва чун ин ҷо Мунири Лоҳурӣ аз интиқоди суханварони пешин ёд мекунад, номи шоирони

интиқодшударо дар идомаи андешаҳои хеш ба тариқи зер зикр менамояд, ки хеле ҷолиб мебошад: “Разӣ (манзур Мир Разӣ Дониши Машҳадӣ, ки дар аҳди Шоҳиҷаҳону Дорушукуҳ хеле шуҳрат доштааст– А.Р.) дар девони азал аз табъашон (манзур Урфӣ, Толиб, Зулолӣ, Зуҳурӣ–А.Р.) сармашқи суханварӣ бурда ва Камол (манзур Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ– А.Р.) пеш аз вуҷудашон адамро ғанимат шумурда. Агар Хусрав ба суҳбаташон расида, чошнии суханҳои ширин андӯхтӣ ва агар Салмон дар рӯзгори эшон будӣ форсӣ аз аҳли байти эшон омӯхтӣ. Дар рӯзгори пешин аз ин навъ сухантирозон ба рӯи кор наёмадаанд ва дар ин ҷузви замон ҳам нестанд ва пас аз ин аҳд ҳам падид нахоҳанд омад” [3, с. 6]. Яъне, ин санад бозгӯкунандаи он аст, ки аҳли маҳфил дар симои суханварони ёдшуда куллан адабиёти пешинро инкор сохта, як андоза ба ҳадде нисбат ба муосирони хеш ҳисси хушбиниашон боло рафтааст, ки дар оянда низ зуҳури ин гуна суханваронро дар адабиёт аз эҳтимол дур медонанд. Мунири Лоҳурӣ низ бар хилофи афкори тавсифӣ ва истиқболи гарму барҷастаи онҳо аз ин чаҳор намояндагони сабки ҳиндӣ эшонро сахт ва шадидан маҳкум мекунад ва ин чор танро дар баробари суханварони пешин “пасмондагони марҳалаи сухандонӣ” ба ҳисоб меоварад. Донишманди эронӣ Маҳмуди Футӯҳӣ дар китобе, ки доир ба нақди адабии Ҳинд таҳти унвони ““Нақди хаёл: Баррасии дидгоҳҳои нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ” [6] таълиф намудааст, заминаи андешаҳои Мунири Лоҳуриро оид ба пазириши раванди шеваи тозаи суханварӣ, аз ҷумла баҳогузории мунсифонаи ҷойгоҳи шоирони маъруфи сабки ҳиндӣ баррасӣ сохта, ба хулосае омадааст, ки Мунири Лоҳурӣ китоби “Корнома” –ро дар натиҷаи хусумати миллӣ рӯи сафҳа овардааст: “Нақди Мунири Лоҳурӣ бар чаҳор шоири тозагӯи эронӣ низ реша дар ҳамин хусумати миллӣ дошт. Мунир, ки ҳиндутабор буд, дар рисолае ба номи “Корнома” чаҳор шоири машҳури асри худ (Урфии Шерозӣ, Толиби Омулӣ, Зуҳурии Туршезӣ ва Зулолии Хонсорӣ)-ро ба боди интиқод гирифт, ӯ ки худ аз тарзи тоза тавба карда буд, ба нақди истиораҳои сабки тоза ва мазомини борику печидаи ин сабк пардохт ва нақде тунду хасмона бар ашъори ин чаҳор шоири эронӣ навишт. Мунир дар ин рисола бартариталабии эрониён ва тамоюзи қавмиро мавриди интиқод қарор дода ва аз ин ки эронӣ будан меъёри мақбулияти шеъри он аср гардида, бисёр дар хашм будааст” [3, с. 95].

Ҳамин тариқ, чун Мунири Лоҳурӣ ба расми замон ва шеваи баҳогузории ҳунари суханварон дар шибҳи қораи Ҳинд огаҳӣ дошт, санҷа ва меъёрҳои ғайриҳирфаии дар ҳавзаи мазкур равнақёфтаи сухансанҷиро зери тозиёнаи танқид гирифта, дар баробари миллият, чандин омили дигарро, аз қабили пирӣ, баландовозагӣ ва тавонгариро, ки дар сурати надоштани яке аз ин гуна хислатҳо суханварону шоирони ҳиндитабор дар ин арса ношинохта боқӣ мемондаанд, зикр менамояд. Ё ба ифодаи дигар баракс мутолеаи рисолаҳои нақди адабӣ нишон медиҳанд, ки мунтақидон ва сухансанҷони ҳирфаӣ дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми баррасии шеър барои бартараф кардани камбудиҳо санадҳоро аз шоирони эронитабор истифода бурда, соҳибзабон будани онҳоро меъёри нақд қарор додаанд, ки дуруст аст. Аз ин ҷиҳат, ба назар мерасад, ки қавмият ва миллияти намояндагони адабӣ дар баробари таъсироти манфияшон, ки зиддиятҳо ва мухолифатҳоро ба вуҷуд овардааст, инчунин ҷанбаҳои мусбат низ доштааст. Мунири Лоҳурӣ ҳамчун мунаққиди замони хеш албатта дар доираи ваколати низомномавии худ бо назардошти ин ки ба ашъори шоирони чоргона дидгоҳҳои интиқодӣ дорад, як андоза доираи мубоҳисоти хешро васеътар гардонида, омилҳои манфии баҳогузориро низ мавриди интиқод қарор додааст, ки ҷолиб мебошад ва аммо ин масъаларо ба доираи хусумат ва бадбинии қавмият, аз ҷумла шоирони эрониасл алоқаманд кардан аз рӯи инсоф нест. Агар худи муаллиф сабаби таълифи рисоларо дар қисмати муқаддамотии китоб арза дошта бошад, мавқеияти хешро доир ба ашъори Урфии Шерозӣ, Толиби Омулӣ, Зуҳурии Туршезӣ ва Зулолии Хонсорӣ ҳамчун суханварони форситабори ин ҳавзаи адабии бонуфуз тавзеҳ додааст, ки андешаҳои Маҳмуди Футӯҳиро дар ин маврид инкор менамояд: “Доноибахши доноён огоҳ аст, ки то доди донишварӣ додаам бар ҳеҷ нуктасанҷе нукта нагирифтаам ва то аз суханпарварӣ тарфе бастаам ба пайғораи ҳеҷ забондоне забон накшудаам. Аммо он суханшиносони ноинсофи душман маро бар он доштанд, ки шеваи сулҳи кул во гузорам... ситеза пеш гирам ва парҳош пеша кунам... Эзиди суханофарин душман бод агар маро бо ҳеҷ яке аз он чор суханвар хасме бувад, ин ки дар ин авроқ оҳуи эшон нигоштаам дар маънии таъвизи дӯстӣ аст, ки бар авроқи оҳу навиштаам. Умедворам, ки суханшиносони Ҳинд ва маънирасони Эрон бар ростгуфтории ман каҷмаҷи забон гирифт накунанд ва пӯзиш дарпазиранд” [3, с. 7].

Масоили пешорӯи мо қарордошта собит менамоянд, ки Мунири Лоҳурӣ дар марҳалаҳои нахустини ба нақди ашъори шоирони чаҳоргона пардохтанаш ба тарзи сухани эшон ҳамчун шоирони тавоно ва соҳибистеъдод назари мусбат надоштааст ва ҷойгоҳу мақоме, ки ба суханварони пешин қоил будааст, ба ҳеҷ яке аз онҳо сазовор надонистааст ва ҳатто вақте забон ба шикояти эроният ва инчунин пириву дороиву тавоноии шоирону суханварон, ки маъруфияту маҳбубияти онҳо дар сурати доштани яке аз хислатҳои ёдшуда дар Ҳинд таъмин мегардидааст, мекушояд худро ба сифати намуна ҳамчун як суханвари ҷавони навовару боистеъдоди ҳиндутабор, ки бо анҷоми хидматҳои арзанда дар шеъру шоирӣ ва ҳатто сурудани беш аз сад ҳазор байт ашъори баландмазмун қурбонии чунин омилҳои нохушоянд медонад, меоварад ва тавре алакай ишора шуд, сабаби ношинохта мондани хеш ва дигар шоирони ҳамсафашро аз ин гуна равандҳои носолими адабӣ қаламдод намудааст. Дар марҳалаи кунунӣ, ки доир ба ашъори Мунири Лоҳурӣ ва инчунин шоирони мавриди назари ӯ таҳқиқоти алоҳида сурат нагирифтааст, ба ин масъала наметавон баҳои мусбат дод. Баррасии ашъори суханвар ва муқоисаи он бо ашъори шоирони чаҳоргона нақш ва саҳми онҳоро дар адабиёт муайян менамояд. Аз ин ҷиҳат, дар сурати ба таври зарурӣ омӯхтани ашъори намояндагони барҷастаи ҳавзаи мазкур, бахусус онҳое, ки бештар дар ин масир чун Мунири Лоҳурӣ ҳамин гуна даъво пеш овардаанд, додани баҳои сазовор як андоза осонтар хоҳад шуд. Аз ин нуктаи назар, Мунири Лоҳурӣ дар синни ҷавонӣ чун ба пархошу интиқод пардохтааст, шояд дар марҳалаҳои баъдӣ афкору орои ӯ нисбатан тағйир ва такмил пайдо кардаанд, аммо аз баррасиҳои ӯ як навъ ошӯби ҷавонӣ, ситезу шӯҳратталабӣ ва мавқеъҷӯиву баландпарвозӣ ба мушоҳида мерасанд. Тавре аз эродҳои Мунири Лоҳурӣ бар меояд, ӯ бисёр ҷанбаҳои хоси сабки ҳиндиро дар мисоли ашъори шоирони ҷаҳоргона интиқод намудааст. Имрӯз шуҳрату мақоме, ки шоирони чаҳоргона дар арсаи шеъру шоирӣ доранд, собит менамоянд, ки эродҳои мунаққидон ба эътибору нуфузашон бетаъсир монда, баракс боиси шӯҳрату маъруфияташон гардидаанд. Донишманди эронӣ Маҳмуди Футӯҳӣ ба Мунири Лоҳурӣ ҳамчун як суханвари оштинопазир ба махсусиятҳои сабки ҳиндӣ ва тарғибгари мактаби суннатӣ алоқамандӣ гузида, афкору орои онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз раванди баҳогузориҳои Маҳмуди Футӯҳӣ ва инчунин мутолеаи рисолаи “Корнома”-и Мунири Лоҳурӣ бар меояд, ки Мунири Лоҳурӣ дар байни ин суханварони чаҳоргона бештар ба Урфии Шерозӣ ҳучум оварда ва бо сахттарин лаҳн ва шева аз ӯ интиқод кардааст. Бо назардошти чунин афкору орои Мунири Лоҳурӣ оид ба адабиёт ва суннати адабӣ метавон як раванди мухолифатгарои ҷ адалии ин даврараро ба мушоҳида гирифт. Ба таъбири дигар агар Мунири Лоҳурӣ ба сифати як намоди анъанаву суннат ва инчунин Урфии Шерозӣ бо ҳамсафонаш ҳамчун як намоди навовариву қолабзудоӣ ба эътибор гирифта шавад, он вақт шиддати муборизаи ин ду раванди ба ҳам мухолиф дар адабиёт рӯшантар эҳсос мегардад. Аз ин нуктаи назар, метавон қайд кард, ки мактаби навини суханварии шабҳи қораи Ҳинд дар он давра ба осонӣ ҷойгузини қонунмандиҳои адабии гузашта нашуда ва тарзи тозаро ба вуҷуд наовардааст. Аксари эродҳои Мунири Лоҳурӣ доир ба бадеияти ашъори суханварон, аз ҷумла истиораву ташбеҳ рӯи кор омадаанд, ки як бахши калони онҳо, ки ба истиораҳо тааллуқ доранд, ба монанди зулфи сабо, гӯши билод, ғубори домановоза, устухони илм, даҳани баҳс, камари дарс, кабки толеъ аз ашъори Урфии Шерозӣ, нохуни тараннум, атсаи афсурда, оғӯши намакдон, хандаи намакдон, мусомоти ғамза, нохуни нағмаи зоғ, тахмири бурут, гесувони дида, нони нигоҳ ба равған уфтодан, чини зулфи хафақон аз ашъори Толиби Омулӣ, зулфи қалам, бӯсаи бикр, хумори бӯса, девони баногӯш, шоҳбайти ғорати ҳуш аз ашъори Зулолӣ ва наргиси ҳусн, мағзи мастӣ, дандони назокат, наййири ҳарфгӯ, устухони хаёл аз ашъори Зуҳурӣ донишманди эронӣ Маҳмуди Футӯҳӣ ба сифати унсури бунёдии сабки ҳиндӣ мавриди интиқод қарор гирифтанашонро зикр кардааст. Ин ҷо бо назардошти он ки Маҳмуди Футӯҳӣ ба эродҳои Мунири Лоҳурӣ, тарзу равиш ва хусусиятҳои онҳо мулоҳизаҳои ҷолиб ва пазируфтанӣ баён намудааст, бо мақсади худдорӣ аз баррасии такрории он ин ҷо доманаи баҳсро бо овардани афкори назарии Мунири Лоҳурӣ ва дигар дидгоҳҳои ба он алоқаманд маҳдуд мегардонем. Мунири Лоҳурӣ ҳамчун як чеҳраи эътиқодманди арсаи адабиёт ба қавоиди деринаи суханварӣ ва суннатҳои гузаштагон ҳамеша содиқ буд ва ҳар раванде, ки бо номи навгароӣ ва сабку услуби тоза бархилофи анъанаҳои гузаштагон вусъат мепазируфт, муқобилияту мухолифатҳои шадид нишон медод. Зеро намояндагони мактаби сабки ҳиндие, ки ба суннату анъана арзиш қоил набуданд ва баракс бузургтарин суханварони адабиёти гузаштаро мавриди иҳонат ва тамасхур қарор медоданд,

ҳамин навоварону тозагароён ба шумор мерафтанд. Мутолеаи девони суханварони чаҳоргона низ нишон медиҳад, ки дар ин раванд, онҳо низ дар канор намондаанд. Онҳо на ин ки шомили ҳамин ҷараён буданд, балки баъзеашон дар ин арса аз чеҳраҳои барҷаста ва пештоз низ маҳсуб мешуданд. Аз ин нуктаи назар, ҳаққи Мунири Лоҳурӣ ҳам ҳаст, ки эродҳоеро бо чунин баҳона вазъ кардааст. Ба таври дигар, дар муқобили ин гуна суханварон қарор гирифтани Мунири Лоҳурӣ албатта ҷои эрод надорад, аммо чун нақд аз меъёри асосӣ бурун рафта, ба таҳқиру ситез табдил ёфта ва оҳанги ҷадалӣ ба худ гирифтааст, бисёр афзалиятҳоро аз байн бурда, зиёдтар ҷанбаи манфӣ касб намудааст. Тибқи назари пешиниён Мунири Лоҳурӣ асоси шеърро маънӣ мепиндорад ва рангу бори жанрҳои адабиро иборат аз мазмуну моҳият медонад. Ифодаҳо ва ибораҳои дохилии матн танҳо барои маъно хидмат мекунанд ва зебову назарраборо вожаҳо дар шеър аз пурмазмунии онҳост. “Рангу бори иборат” ба назари Мунири Лоҳурӣ танҳо як тарафи қазия, яъне сурати шеър аст, ки асли шеърро ташкил намедиҳад ва ин суратпарастӣ ба шумор меравад, ки ба маъниношиносӣ оварда мерасонад. Мунири Лоҳурӣ дар мисоли байти зерини Урфии Шерозӣ ин масъаларо чунин тафсир додааст:

“Чеҳрапардози ҷаҳон рахт кашад чун ба ҳамал,
Шаб шавад нимрӯҳу рӯз шавад мустақбал.

Ин байт, ки лафзашро бо маънӣ нақши дуруст наншаста, аз килки файзнигори он чеҳрапардоз сувари маънӣ нигориш ёфта. Суратпарастони маъниношинос, ки ба обу ранги иборат хурсанданд онро рангинтар аз чеҳраи нигорон медонанд, аммо маънии он ба ҳеҷ сурат дурустӣ намепазирад. Зеро, ки нимрӯҳ шудани шабу мустақбал шудани рӯз то хуршеди чеҳраафрӯзи ҳамал сурат намепазирад. Пас бад-ин сурат нақшест бемаънӣ ва сурати ин маънӣ бар чеҳрароёни сухан пӯшида нест” [3, с. 8]. Ба назари Мунири Лоҳурӣ чунин шеърҳо аз рангу бор ва ибораороӣ иборат аст ва як навъ таркиботи дохилӣ маърифати аслиии байтро мушкил гардонидааст.Ба таъбири дигар, Мунири Лоҳурӣ “лафз”-у “маънӣ”-ро мисли намояндагони пешин меҳвари асосии шеър қаламдод менамояд ва иртиботи байниҳамдигарии онҳоро яке аз рукнҳои муҳим ба шумор меоварад. Аз эродҳои овардаи Мунири Лоҳурӣ ба мушоҳида мерасад, ки ӯ ба тарзи ибораороиҳои сабки ҳиндӣ муқобилиятҳову мухолифатҳо зоҳир намуда, чунин иқдомоту навоварии суханваронро ба унвони “суратпарастӣ”, “чеҳранигорӣ”, “маъниношиносӣ”, “чеҳрароӣ” тафсир сохтааст. Ҳамин тариқ, Мунири Лоҳурӣ аз ҳамин гуна суханварони суннатгарое меҳсуб мешавад, ки ба афкори назарии қудамо дар шеър пойбанд аст. Эътиқоду садоқати вай нисбат ба чунин масъалаҳои бунёдии шеър аз ҳамин ҷараёнҳо маншаъ мегирад. Мунири Лоҳурӣ тарафдорони чунин равандҳои адабиро, ки мисли худи ӯ ҳаводорони мактаби ҳунарии қудамо ба шумор мераванд, бо як эҳтиром ёд мекунад ва аз ҳарфҳои онҳо истиқбол менамояд. Ҳарчо сухан аз шеъру ҳунар меравад, дар паҳлӯи нафароне қарор мегирад, ки шомили гурӯҳи ба қавли хушдаш “суханварони маънирас” бошанд:

“Арғувонро аз ҳино шуд поймоли заъфарон,
Мушти хуне бар димоғи ханданоки мо расид.

Ин байт чандон нозук шуда, ки бори маънӣ бар намедорад. Гӯянд: “Яке аз нозуктабъон дар сухан бисёр ба назокат пардохтӣ ва кор бар сухан сахт нозук сохтӣ, рӯзе бо яке аз суханшиносон сухан аз нозукиҳои сухан меронд ва гуфтаҳои нозуки хеш мехонд, он суханвари маънирас чун суханони ӯро шунид ва назокати маъниро ба мизони андеша санҷид гуфт: “Эй суханпардози маънитироз суханро ба ҷое расонидӣ, ки ҳеҷ маънӣ надорад”” [3, с. 11]. Тавре аз иқтибоси овардашуда маълум гардид, Мунири Лоҳурӣ намояндагони чунин тарзро ба унвони “суханпардоз” ёд мекунад ва бояд қайд кард, ки Мунири Лоҳурӣ дар баробари истифодаи чунин афкори назарияпардозони гузашта оид ба шеъру ҳунар ин равандро такмил дода, муҳимтарин ҷиҳатҳои шеърро аз лиҳози “лафз”-у “маънӣ” тавзеҳ додааст. Тибқи дидгоҳҳои ӯ дар шеър бояд “лафз”, яъне ибора ва таъбиру ифодаҳо мисли таркибу ифодаҳои намояндагони адабиёти форсизабони Ҳинд бегона набошад, балки ошно ё ба ифодаи дигар сода ва ё фаҳмо бошанд. Ба назари Мунири Лоҳурӣ “лафзи бегона” дар шеър зарурат надорад, нисбат ба он “маънии бегона” дар шеър афзалияти бештар дорад. Масалан, ин масъаларо дар мисоли байти зерини Зуҳурӣ чунин тавзеҳ додааст:

“Ба хумҳои саршори хайри муғон,
Ба лабайки Ҳаҷҷоҷи дайри муғон

Аз хумҳои саршор ҳеҷ бӯи хайр намеояд ва мустабаҳнишононро Ҳаққоҷи дайр гуфтан он чунон аст, ки каъбапарастонро мастони ҳарам гӯянд. Ҳамоно он сухан ошно ва ин лафзро бегона пиндошта маънии бегона гузин карда ва надониста, ки миёни лафз тафовути ошно ва бегона аст ва нафаҳмида, ки лафзро ошноӣ мезебад ва маъниро бегонагӣ" [3, с. 21]. Ҳамин тариқ, Мунири Лоҳурӣ сохтани ибораҳои ба қавли худаш бегонаро яке аз сабабҳои асосии авҷ гирифтани суханпардозӣ дар шеър ба шумор овардааст ва ин равиш маънии шеърро зери суол қарор додааст ё чуноне, ки зикр гардид ба сарҳади бемаъноӣ оварда расонидааст. Мунири Лоҳурӣ аз тарзи тасвирҳо, хусусан ифодасозиву ташбеҳофаринии Урфӣ як навъ ба беробтии лафзу маъно дучор омада, ҳатто барои нишон додани усулҳои писандидаи тасвир ва ташбеҳофаринӣ аз яке аз маснавиҳои хеш, ки "Мазҳари гул" унвонгузорӣ шудааст, мисол овардааст, ки чунин мебошад:

"Ҷоми ёқуту маи лаъл ба ҳам болоянд,
Асари номаи чун лолаву доғаш ба масал.

Нисбати "ҷоми ёқут" бо "лола" барҷост, аммо ташбеҳи "маи лаъл" ба "доғи лола" носазост. Нигорандаи ин ҳуруф (яъне Мунири Лоҳурӣ. –А.Р.), ки ҳаводори гулчинони гулшани маъонист дар "Мазҳар" аз баҳри лола таҳбеҳоти рангоранг ангехтаву рангинсуханонро аз рашк доғ сохта... ба расми намоиш меорад:

Саводи гулшанаш ҳайронӣ орад,
Аз ин маънӣ, ки лола нуқта дорад.
Сиёҳӣ дар дарунаш сохта ҷо,
Дар оғӯши шафақ шаб карда маъво.
Чу некӯ бингарӣ доғи дили вай,
Сияҳмастӣ бувад афтода дар май.
Агар раммол паҳлӯяш нишинад,
Зи доғаш нуқтаи оташ бичинад.
Шуда доғи дили вай ҷумлаорой,
Зи бурҷи оташе карда Зуҳал ҷой.
Зи доғаш кисвати гулгун гирифта,
Сияҳбахтист гӯӣ хун гирифта.
Даруни ӯ бубин доғи сияҳтоб,
Нигар зоғе даруни чор сурхоб.

Манзури Муҳмуди Футӯҳӣ аз Мунири Лоҳурӣ бо ишорат аз ин ки "аз тарзи тоза тавба карда буд" ҳамин ҷанбаи сабку салиқаи суханварии Мунири Лоҳурӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, тавре ба мушоҳида расид, аввалин нафаре, ки ашъори Мунири Лоҳуриро бо намунаи ашъори суханварони сабки ҳиндӣ муқоиса карда, дар ин раванд бо овардани намунаҳо фикру мулоҳизаҳои ҷолиб баён кардааст, худи Мунири Лоҳурӣ мебошад. Чун Сироҷиддин Алихони Орзу ба "Корнома"-и Мунири Лоҳурӣ посух додааст, мутаассифона ҳамин байти болоӣ беҷавоб мондааст. Ба ҳар ҳол намунаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки Мунири Лоҳурӣ кадом усулҳоро дар сурудани шеър истиқбол дорад ва раванде, ки асосашро "лафзи ошно" ва "маънии бегона" ташкил медиҳад, чӣ гуна раванд ба шумор меравад. Ба назар мерасад, ки Мунири Лоҳурӣ аз тарз ва усуле, ки доир ба он ҳарф мезанад, ба таври аҳсант дар он муваффақ ҳам гардидааст. Ба андешаи ӯ бе ягон ибораороиву тасвирсозӣ метавон дар адабиёт тарзу равиши тозаи суханвариро ба даст овард.

Ҳамчунин Мунири Лоҳурӣ дар бораи суннати мадҳ ва ситоиш дар адабиёт низ фикру мулоҳизаҳои ҷолиб баён дорад. Аз ҷумла, ӯ дар ин бора чунин менависад:

"Ба неъмати ту, ки андозаро кунад маъзул
Ба хидмати ту, ки андешаро кунад бемор.

Мисраи дуввум ду андоза дорад, ҳам ба ситоиш мекашад ва ҳам ба накӯҳиш ва ин тарз дар оинаи мидҳадгарӣ носутуда аст" [3, с. 12].

Дар маҷмуъ, ҳамин доираи тафаккур ва дидгоҳҳо симои Мунири Лоҳуриро ба сифати як суханвари аз равандҳои инкишофи тафаккури адабӣ огоҳ муаррифӣ намудааст. Шарҳу тафсир, маъниофарӣ, баррасии афкори бадеӣ ва истифодаи санъатҳои бадеӣ нишон медиҳад, ки Мунири Лоҳурӣ аз мероси адабии суханварони гузашта чун як махзани муҳими адабиёти замони хеш баҳра ҷустааст. Аммо дар баробари чунин баррасиҳо баъзан бар асари нафаҳмидани асли матлаби гӯяндагон ва ба дурустӣ пай набурдани мазмуну моҳияти байти суханвар баъзан эродҳои ӯ ноҷо баён шудаанд. Масалан, дар мисоли байти зерини Урфӣ:

“Ба аҳд ҷилваи ҳусни камоли ман андӯхт,
Қабули шоҳиди назми камол нуқсоне.

Ин байт, ки дар фахрия пардохтаву аз рӯи соҳибкамолӣ бар камоли сухан гирифта, далелест бар камоли нуқсони фитрати ӯ. Ҳамоно ин эъҷоз сухани холиқулмаонӣ аст, ки дар байте, ки аз ноҳинҷорӣ бар он раҳнаварди бодияи маонӣ ба пайғора пеш омад, пои андешааш ба полағзи саҳв афтода. Аз ин раҳгузар, ки нуқсоне гуфта ва нуқсон хоста... ва ин саҳвро на саҳв-ул-қалам тавон навишт ва на саҳв-ул-лисон тавон хонд, бал саҳв-ул-фикр тавон гуфт” [3, с. 9]. Ба андешаи Сироҷиддин Алихони Орзу Урфӣ ин байтро дар ҷавоби яке аз қасидаҳои Камоли Исфаҳонӣ гуфтааст, вале Сироҷиддин Алихони Орзу ишорае ба қасида накардааст ва аз тарзи суханаш маълум аст, ки ин мулоҳизаи ӯ дар асоси байти баъдии ин ғазал рӯи кор омадааст, ки чунин мебошад:

Кунун, ки ёфт чу ман сурмасой дар Шероз,
Чаро ба дида кашад сурмаи Сифоҳонӣ.

Аммо бо назардошти ин ки Урфии Шурозӣ бардоште ба ашъори Камоли Хуҷандӣ доштааст, манзур аз Камол на Камоли Исфаҳонӣ, балки Камоли Хуҷандӣ мебошад. Зеро дар ин байт ишора ба матлаби зерини Камоли Хуҷандӣ рафтааст, ки чунин мебошад:

Хатм шуд бар Камол лутфи сухан,
Ҳар чӣ баъд аз камол нуқсон аст.

Дар ҳар ду байт калимаву ибораҳои муштарак, аз қабили “ҷилваи ҳусни камоли ман”ба ҷои “лутфи сухан”, ду маротиба такрор шудани калимаи “камол” дар ҳар ду байт ва мавҷуд будани вожаи “нуқсон” дуруст будани андешаи мазкурро тақвият мебахшад. Мунири Лоҳурӣ назокати сухан ва лутфро низ дар канори дигар масъалаҳои шеъри форсӣ, ки дар шеъри қудамо аслу моҳияти онро ташкил медод, дар сабки ҳиндӣ, хоса шеъри шоирони чаҳонгона ба мушоҳида намегирад ва онро бо як таъбир “як сур бӯи лутф надорад” ифода менамояд.Таркибу ибораҳои “маъниро гӯш надода”, “бемаънӣ”, “хабар аз марги маънӣ медиҳад”, “хуни маънӣ рехтан ва суханро рангин сохтан” ба маънӣ ва маъниофарӣ бори дигар таваҷҷуҳ зоҳир кардани Мунири Лоҳуриро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, Мунири Лоҳурӣ аз шоироне ба шумор меравад, ки нисбат ба шеър ва ҳунар мавқеи хосаи хешро доро мебошад. Аз овони ҷавонӣ ба нақди суханварони тозагаро эрод гирифтани Мунири Лоҳурӣ ба он далолат мекунад, ки ӯ аз ашъори шоирони пешин, аз ҷумла қавоиди адабиёт ва равандҳои инкишофи он, асолат ва арзишҳо, хусусият ва афзалиятҳои ҳунарӣ ба таври аҳсант огоҳии комил доштааст. Ба ифодаи дигар, тарбиятёфтаи баркамоли мактаби суханварии классикӣ ба шумор меравад, ки аз шоирӣ ва тарзи суханофарӣ бо сабки қудамо истеъдоди фавқуллода нишон додааст. Забонаш аз ин ки бисёр оганда аз қаҳру ғазаб аст, хеле тадх ҷадалӣ ва дағал мебошад. “Бар лавҳи мазори ӯ бинвисанд” ва ифодаҳои ба ин монанд дағалӣ ва мавқеи омилҳои ғайриҳирфаии танқидиро дар суханаш нишон медиҳанд. Мунири Лоҳурӣ бо назардошти ин ки ба шоирони чаҳоргона эрод гирифтааст, нисбат ба ҷавобияҳое, ки Сироҷиддин Алихони Орзу рӯи кор овардааст, бисёр тарафдорон низ пайдо кардааст. Дифоъ аз Мунири Лоҳурӣ аз ҷониби ҳаводоронаш ба як майлони адабӣ табдил ёфтааст. Ба як чеҳраи бисёр маъруф ва арзандае чун Сироҷиддин Алихони Орзу дар нақди адабӣ рӯбарӯ шудани ҳаводорони Мунири Лоҳурӣ як мавзуи алоҳида аст, ки аз равнақи нақду сухансанҷӣ дар шибҳи қораи Ҳинд дарак медиҳад.

Адабиёт

1. *Абдуллоев Р.Х. «Ибрат-ул-гофилин»-и Мирзо Муҳаммад Рафеъи Савдо ва масъалаҳои нақду сухансанҷӣ дар шибҳи қораи Ҳинд // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2022. – №3 (92). - С. 54-64.*
2. *Зарринкӯб Абдулҳусайн, Зарринкӯб Ҳамид. Нақди адабӣ: Ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мабоҳиси наққодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 712 с.*
3. *Лоҳурӣ, Мунир. Корнома. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Икром. - Исломобод, Интишороти маркази таҳқиқоти форсӣ, 1397. – 28 с.*
4. *Омулӣ, Толиб. Кулиёти ашъор. Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Тоҳирии Шаҳоб. – Теҳрон: Китобхонаи Саноӣ, 1376. – 1220 с.*
5. *Орзу, Сироҷиддин Алихон. Сироҷи Мунир. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Икром. – Исломобод: Интишороти маркази таҳқиқоти форсӣ, 1397. – 86 с.*
6. *Футӯҳӣ, Маҳмуд. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Сухан, 1385. – 440 с.*

“КОРНОМА”-И МУНИРИ ЛОҲУРӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ НАҚДУ СУХАНСАНҶИИ АДАБИЁТИ ФОРСИЗАБОНИ ҲИНД

Дар мақола яке аз сарчашмаҳои ношинохтаи Шибҳи Қораи Ҳинд, ки “Корнома” номгузорӣ шудааст, муаррифӣ гардидааст. Ин маъхази арзишманд ба қалами Мунири Лоҳурӣ – яке аз шоирон ва суханварони маъруфи ин ҳавзаи адабӣ тааллуқ дорад. Таъкид гардидааст, ки “Корнома”-и Мунири Лоҳурӣ ба нақду баҳогузориҳои чор суханвари сарзамини Ҳиндустон Урфӣ, Толиб, Зулолӣ, Зуҳурӣ нигаронида шуда, дар ин замина шеърҳои онҳо мавриди интиқод ва эродҳои Мунири Лоҳурӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ишора бар он мекунад, ки дар ҷавоби “Корнома”-и Мунири Лоҳурӣ, Сироҷиддин Алихони Орзу – яке аз тазкиранависон ва суханварони барҷастаи асри XVII ду рисолаи дигар таълиф карда ба эродҳои он посух додааст. Дар маҷмуъ, муаллиф “Корнома”-и Мунири Лоҳуриро яке аз рисолаҳои арзишманди нақди адабӣ ба ҳисоб оварда, равишҳои нақду сухансанҷии ин суханвари барҷастаро нишон додааст.

Калидвожаҳо: нақди адабӣ, шеър, таҳрири адабӣ, ислоҳ, баҳогузорӣ, шоирони гузашта ва ҳамасрони суханвар.

"КОРНОМА" МУНИРА ЛОХУРИ КАК ИСТОЧНИК ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ В ПЕРСОЯЗЫЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ ИНДИИ

В статье представлен один из малоизвестных источников Индийского континента под названием “Корнома”. Этот ценный источник принадлежит перу Мунира Лохури — одного из известных поэтов и ораторов этого литературного направления. Отмечается, что в «Корнома» Мунира Лохури анализу подвергаются произведения четырех литераторов Индии – Урфи, Толиба, Зулоли, Зухури, их стихи были прокомментированы Муниром Лохури. Автор статьи указывает, что как комментарии на «Корнома» Мунира Лохури написаны два трактата Сироджиддина Алихони Орзу – одного из выдающихся писателей и летописцев XVII века, в которых он даёт ответы на замечания. В целом автор считает «Корнома» Мунира Лохури одним из самых ценных трактатов в литературной критике, в нем показан стиль изложения этого выдающегося писателя.

Ключевые слова: литературная критика, поэзия, литературное редактирование, исправление, оценивание, предшественники и современники поэта.

"KORNAME" OF MUNIR LAHURI AS A SOURCE OF LITERARY CRITICISM IN PERSIAN-INDIAN LITERATURE

The article presents one of the little-known sources of Shibhi Korai Hind called “Korname”. This valuable resource belongs to the lunar writer one of the most famous poets and speakers of the literary field, Munir Lohuri. It was emphasized that “Korname” Munir Lohuri was criticized and commented by four speakers of the Indian land Urfi, Talib, Zuloli, Zuhuri in their context, poems by literary critic. The author points out that in response to “Korname” Munira Lohuri sage Sirojiddin Alikhan Orzu is one of the outstanding writers and speakers of the seventeenth century – who wrote two more books and answered to their comments. In general, the author considers “Korname” Munir Lahuri is one of the most valuable literary treatises and pointed out the subtle approaches of this outstanding poet.

Keywords: literary critics, poetry, literary editing, correction, evaluation, progenitors and the livings of the poet.

Дар бораи муаллиф

Абдуллоев Ромезчон Холмуминович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсия
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1
Тел.: (+992) 92 889 40 04
E-майл: romizjon-84@mail.ru

Об авторе

Абдуллоев Ромезджон Холмуминович
Кандидат филологических наук, доцент, начальник управления науки и инноваций
Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республики Таджикистан, г. Худжанд, ул. Мавлонбеков, 1
Тел.: (+992) 92 889 40 04
E-майл: romizjon-84@mail.ru

About the author

Abdulloev Romezjon Kholmuminovich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Science and Innovation
Khujand State University named after Academician B. Gafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. Mavlonbekov, 1
Ph.: (+992) 92 889 40 04
E-mail: romizjon-84@mail.ru

ТДУ 891.550

ҲУНАРИ ТАЪРИХНИГОРӢ ВА ЗАБОНИ БАЁНИ СОРБОН ДАР РОМАНИ «НИЁЗ-КОНЧӢ»

Набиев А.М., Муҳаммадохирова Ҳ. И.
Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Асари «Ниёз-кончӣ» китоби нахустини романи сеҷилдаи «Зарафшон» буда, ҳодисаву воқеаҳои он дар давраи муайяни таърихӣ, дар охири садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бист рух медиҳанд. Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ масъулияти таълифи асари таърихиро махсус зикр карда гуфта буд: «…Аз материали рангоранги ҳаёт ба вуҷуд омадани чунин асаре, ки муҳимтарин ҷиҳатҳои ҳақиқати таърихиро зоҳир карда тавонад, ба ҷаҳонбинии нависанда, маҳорати адабии ӯ, парвози хаёлоти бадеии вай вобаста аст» [4, с. 238].

Бешак, метавон гуфт, ки романи «Ниёз-кончӣ» дар худ муҳимтарин ҷиҳатҳои ҳақиқати таърихӣ ба мисли вазъи иҷтимоиву маишӣ ва сиёсии он давраро равшану возеҳ ғунҷоиш дода, хонандаро аз бисёр ҷиҳат бо як саҳифаи таърихи халқ ошно месозад.

Қаҳрамони асосӣ - Ниёз, ки пеши назари хонанда аз як бачаи ҳафт-ҳаштсола то ба як марди баркамоли таҳсилкардаи забондон, волии Киштӯд сабзида мерасад, дар андешаи ободии диёр, паи манфиати камбағалон аст. Амри нахустини ӯ-сарватмандон ба ҷои камбағалҳо андоз супоранд, Ниёзро аз рӯзҳои аввал бо дороёни музофот душман кард. Ба ҳамин далел: «…Лекин Ниёз ин хел ният надорад; бой шуданӣ не, манфиат ҷустанӣ не, ҳаққи касеро хӯрданӣ не, касеро ҳайвонсифат кор фармуданӣ не…» [3, с. 288].

Ӯ тимсоли ашхоси ватандӯсту худогоҳест, ки зеҳну қалби мардуми диёрашро такон дода, аз ғафлат ва бегонапарастӣ раҳоӣ бахшидан мехоҳад.

Характер ва андешаву афкори қаҳрамон, тағйири олами ботиниву руҳии вай дар рафти воқеаву ҳодисаҳо, дар барҳӯрди ӯ бо ашхоси гуногунхислату гуногунандеша батадриҷ инкишоф меёбад. Ниёзе, ки бо сардори бешабонон-Зардина мусоҳиб мешавад, дигар он ҷавони бетаҷриба, ки аз макру ҳиллаи душманон гоҳ-гоҳ сари калобаи хеш гум мекард, нест. Аз муносибати ӯ бо Зардина, аз рафтору гуфтори ӯ бо ёрону тобеъонаш симои як ҳокими кордону дилсӯз пеши назар меояд, ки ғами мардум ва сарвати диёр оромаш намегузорад:

«- …дигар ин чӯбхоро дар ҷояшон шинонда, сабз карда намешавад. Арча мисли инсон як бор сабз мешавад, буридӣ, тамом. Ин гуноҳи шумо ба хун ҳам шуста намешавад» [3, с. 235].

Аз бепарвоӣ ва бетарафии ҳамдиёрон аламу ҳасрат кашида, бо дард иброз мекунад: «- Шумо меҳмондӯст…хонаатонро рӯфта баранд, даҳон кушода меистед, медонам…дасту поятонро бурранд, чашматонро кофта гиранд ҳам, лом намегӯед, медонам, меҳмон-атои Худо, бузургтар аз падар мегӯед…» [3, с. 217].

Дарахтонро харидани Буларгин бо сӯхтори дарахтони буридаву масҷид ва марги муфоҷои Зардина, ки подоши хиёнати ӯст, анҷом меёбад. Ниёз мағзи мардуми кӯҳистонро таҳрик дода, дар вуҷуди онҳо ҳисси меҳанпарастиро бедор мекард.

Бояд зикр кард, ки қаҳрамонҳои Сорбон дар вазъиятҳои мураккаби зиндагӣ, дар ҳолатҳои мухталиф, бо хислатҳову андешаву афкори гуногун тасвир меёбанд. Муносибатҳои тезу тунди хонаводаи бобои Наврӯз, зиддиятҳо миёни аҳли хонавода, руҳияи қаҳрамонҳои асар фарзандони Бобои Наврӯз, набераш Ниёз дар рафти кушодани чигили ин зиддиятҳо табиӣ ба тасвир омада, ҷаҳони ботинӣ, олами руҳӣ, муборизаи ботинии онҳоро ошкор месозад. Рафтори Бобои Наврӯз, шахси дар мадраса таҳсилкардаву соҳиби хату савод, ки дар Киштӯду берун аз он хурду калон эҳтиромаш карда, аз ӯ маслиҳат мепурсанд, вале дар ҳалли масъалаҳои хонаводаи хеш пойдаргил аст, ин гуфтаи мардумро ба ёд орад: «Чорасозон дар илоҷи кори худ бечораанд». Бобои Наврӯз дар лаҳзаи марги писараш Фаёз, ки бо дасти фарзанди дигари ӯ Намоз ба қатл расида буд, як инсони дилсард тасвир шудааст. Аммо дар лаҳзаи маслиҳатпурсии Ашӯри манқалсоз, ки аз мӯйсафед барои аз андозчинон халос шудан

мададу маслиҳат мепурсад, ӯ шахси дилсарду беғам ва ба дарду ғуссаи мардум бепарво ба назар намерасад.

Ба овозаҳои бардурӯғ ва беасоси Намозу зани ӯ, ки гӯё Ниёз «думоварди» модар буда, аслан авлоди ӯ нест, бовар карда, набераи ятимро хору зор намудани мӯйсафед, ки «касе аз дари бобо даҳонаш хушк нагашта буд, бобо ҳатман ҳар каси омадаро ба ҳавлӣ дароварда ҳаққи намак мекард…» [3, с. 115], вале пасон яку якбора ба ҷустуҷӯи набера баромада, коргаронро низ бо як шӯру ғазаб бар рағми соҳиби кони ангишт Боуэр, ки дар ба хондан фиристодани Ниёз даст дошт, ба корпартоӣ ташвиқ намудани бобо, бечавоб мононданди кирдорҳои палидонаи Намозу хонаводааш ба мисли дар тӯйи Ниёзу Ширбадан додари арӯсро корд задани писарони Намоз паҳлуҳои гуногун ва пурихтилофи характери пирамардро нишон медиҳад.

Яку якбора аз гуноҳи бобои худ гузаштани Ниёз, ки баъд аз сари падар аз падарбузург ба ҷои ҳимояву ғамхорӣ озор дида, «гирякунон аз Некон то Ғузор» [3, с. 144] рафта буд, ғайритабиӣ аст. Ҳама азобу ранҷи Ниёз аз бепарвоии бобо сар зад, вале дилсардии миёни Ниёз ва бобо ба зудӣ ҳалли худро ёфтааст, ки ин аз воқеият дур ба назар мерасад. Олами ботинии Ниёз, фишори руҳӣ, задухурди ботинии ӯ гоҳи ба ҳавлии бобо баргаштан, бо падарбузург ва Намозу хонаводаи ӯ рӯ ба рӯ шудан чандон равшан нест.

Муаллиф тавассути симои манфури Намоз шахси пастфитрат ва бешараферо нишон додааст, ки ҳатто ба наздикону пайвандон аъмоли зишт раво мебинад. Сари гӯри Фаёз «ашки тимсоҳ» рехтани ӯ аз пушаймонӣ ва дилсӯзӣ нест, зеро дере нагузашта бешармона идао мекунад, ки «Ниёз Ширбаданро нею духтари ӯ Маҳтобро ба занӣ гирад» [3, с. 203] ва шаби тӯи Ниёз ба додари Ширбадан корд задани писарони Намоз низ далели он аст, ки ӯ гуноҳи худро назди арвоҳи бародар, назди Ниёз, назди падар ҳеҷ гоҳ дарк накард. Вагарна азоби виҷдон Намозро намегузошт, ки талоши домод кунонидани бародарзодаи падаркушта ва аз кирдорҳои палидонаи ӯ азобу ранҷкашидаро намояд. Муноқишаи Намозу Фаёз оғози шиддати зиддияту задухурдҳои қаҳрамонҳои асар буда, ба бародаркушӣ оварда мерасонад. Марги муфоҷои Ниёз баракс бо дасти қавмҳои бегона, вале бо фитнаангезиҳои бойҳои маҳаллӣ рух дод. Дар тасвири марги падару писар-Фаёз, ки бародараш Намоз кушташ ва Ниёз, ки аз дасти қавми бегона ба қатл расид, адиб бо рамз ба хонанда ҳушдоре медиҳад: Агар миёни як қавм низоъ ва фитна бошад, душманро кор осон гардад ва ин қавмро ба осонӣ аз миён бардорад. Сорбон бо марги фоҷиаомези Ниёз-кончӣ таъкид мекунад, ки барои ҳар миллат ваҳдат мисли обу ҳаво зарур буда, миллат маҳз тавассути ягонагиву ҳамдигарфаҳмӣ подор ва мондагор аст. Марги Ниёз-кончӣ аз ноиттифоқӣ ва парокандагии мардум рух дод. Таърих гувоҳ аст, ки беҳтарин фарзандони миллат аз бегонапарастӣ, ноиттифоқӣ, ки ба гумроҳӣ мебарад, оворабу бечора ва беқадру хор гарданд. Ниёз-Кончӣ низ аз фарзандони бонанг ва худогоҳи диёри хеш буда, ки дар авҷи амалӣ гардонидани ормонҳо ва ниятҳои нек қатл гардид. Ва агар ваҳдату ягонагӣ набошад, садҳо Ниёз барин ҷавонмардони бонанг қурбон хоҳанд шуд.

Адабиётшиноси асарҳои таърихии шуравӣ С. М. Петров зикр карда буд, ки «унсурҳои драматизм дар асари таърихӣ ҳатман заруранд. Дуруст аст, ки асари таърихӣ бе драматизм буда наметавонад» [2, с. 55].

Вале дар баробари драматизм бояд ҳастии халқ, иқтидори халқ, ки моҳияти аслии зиндагонии ӯро муайян мекунанд, низ мабдаи тадқиқи таърихнигор гардад. Рӯзгори аз ҳад ғамангез ва ҷонгудози гузашта, ки ҷуз яъсу навмедӣ ба бор намеорад, ба асар руҳияи андуҳовар мебахшад. Таърихро, ҳаёт ва рӯзгори гузаштагонро маҳз бо ҳодисаҳои даҳшатбор не, балки бо тамоми ҷузиёт ва мукаммал, бо фарҳангу тамаддуни замони тасвиршаванда, бо рӯзҳои хуш ва рӯйдодҳои нек инъикос бояд намуд.

Ба андешаи М. Горкий низ аз навиштани «ҳақиқате, ки дилу ҷонро сахт азоб медиҳад, вале чизе намеомӯзад, инсонро фақат таҳқир менамояд, аммо ӯро тафсир намекунад» [1, с. 335], нанавиштан авлотар аст. Бешак, адиб наметавонад, аз инъикоси ин воқеаву ҳодисаҳои ғамангези замон гурез ҷӯяд, аммо онҳоро аз ҳад зиёд, пай дар ҳам ва муфассал нишон додан ба инъикоси моҳияти аслии зиндагони халқ, ба тадқиқи таърихии фалсафӣ монеъ мешавад. Халқ дар баробари фоҷиаҳои бузург бо дили бузург, бо руҳи баланд истодагарӣ карда, асрҳо

мондагор монд. Сорбон ҳамчун як таърихнигори пухтакор дар ин асар аз тасвири маҳзи манзараҳои фоҷиабор ва ғамангези таърих худдорӣ карда, таваҷҷуҳи хешро ба симоҳои зиндагидӯсту инсонпарвар равона намудааст. Қуввату матонати халқ дар баробари фоҷиаҳои бузург ин дили қавӣ, руҳи бешикаст ва нигоҳи дурахшон ба оянда аст, ки халқро мондагор месозад. Инро бо инъикоси рӯзҳои нек, руҳияи саршор аз ғояҳои некбинонаи мардуми одӣ, бо ҳазлу мутойибаи халқӣ, бо ҳикматҳои баландмазмун метавон нишон дод. Образҳои Қаҳҳорчаю Ғанӣ ва Равшани Раҳмон, ки ҳамеша бо меҳру муҳаббат ба зиндагӣ менигаранд, барои инъикоси ин ҳадафи нависанда хизмат кардаанд. Дар ҳама кору амалҳое, ки Ниёз-кончӣ баҳри ободии диёр мекард, онҳо ҳамчун намояндаи мардуми одӣ пешсаф буда, бо дили гарму руҳияи баланд анҷом медоданд.

Нуктаи дигаре, ки мавриди зикр аст, ки ин робитаи Бурҳон ва Умари писари Ниёз-Кончӣ аст, ки дар назар носозгору ноҷӯр ва ғайритабиӣ менамояд. Ниёз-кончӣ бо он ташвише, ки дар сараш хосса ҳангоми телефонхонаро бунёд кардан буд, вақти бо кӯдаки хурдсоли усто андармон шудан надошт. Ва аслан дӯстии Бурҳону Умар ба хати сужа тағйире намеорад, бинобар ин, тасвири ин манзара бидуни зарурат ва ҳадафу мақсад ба назар мерасад.

Симои занҳои тоҷик дар мисоли Сабзинаи азобкашида, ки сарриштаи тақдираш умре ба дасти дигарон ё ба ҳақ ё ба ноҳақ буд, ҳама меҳру муҳаббати дар сина ниҳонашро ба Ниёз бахшидан мехост, тасвир ёфтааст. Гоҳе, ки шавҳараш Фаёзро мурда пиндошта Сабзинаро ба бародари шавҳараш Аёз ба занӣ медиҳанд, ӯ хомӯш аст. Ва маҳз ҳамин хомӯшиву фурӯтанӣ ӯро ҳадафи маломат ва бадномӣ месозад. Сабзина ва Ширбадан симоҳои занони азияткашидаву кулфатзадаи сад сол пешанд, ки барои ҳалли одитарин масъалаи зиндагии худ ҳаққи овоз баланд кардан надоранд. Барои Ширбадан ҳусни зиёд мояи бадбахтӣ гардида, баъди сари шавҳари ҷавонмарг ӯро туъмаи амали нокасону ноҷавонмардон намуд. Вале бадбахтии Маҳтоб-духтари Намоз натиҷаи аъмоли палидонаи падару модар ва аҳли хонаводаи ӯст, ки тӯли солҳо ба наздикон раво медиданд.

Сорбон забони баёни хоси худро дошта, барои ифодаи андеша ва тасвирҳои хеле муносиб гоҳ мафҳумҳои ихчаму зебоеро меофарад, гоҳ аз гӯйишҳои мардумӣ вожаҳоеро меоварад, ки дар забони имрӯзи тоҷикӣ хеле пазируфтанианд: «Ниёз *ба дами табари дороён пахта ниҳод» [3, с.217]*.

Дар забони тоҷикӣ мафҳумҳои ширполо, обполо мавҷуданд, вале Сорбон ба такя ба решаи ин калимаҳо вожаи фикрполоро сохтааст: *«Ниёз гуфтаҳои бобоpo аз фикрполо мегузаронд» [3, с.190]*.

Ҷои дигар вожаи «фичонд»-ро, ки маънои расонданро дорад, истифода бурдааст, ки ба гӯишҳои мардуми болооби Зарафшон хос аст.

«…вақти аз чодир баромадани Ниёз Сабзина ба гӯши Ниёз гуфтаҳои бобоpo *фичонд» [3, с.213]*.

Аммо бо вуҷуди тасвирҳои баланди бадеӣ, ибораву мақолҳои ихчами халқӣ забони асар аз камбудӣ орӣ нест. Адиб ба равонии забони асари хеш на дар ҳама маврид муваффақ шудааст. Ҷумлаи зер аз рӯи мантиқ хато аст: «Ва онҳое, ки *имконашон* бар охират буд ва даррасидани намози одинаро мунтазир буданд, аз суратгирии ӯ сар печида, сар ба дигар тараф метофтанд ва фаши дастор ба даҳон мебурданд, ки ин барои суратгир мароқангезтар буд» [3, с. 288].

Шояд муаллиф *«…майлашон* барои ба даст овардани охират буд**»,** мегуфт, беҳтар мебуд, зеро «охират» яъне, дунёи баъди марг асту дар ҳаёт ҳеҷ имкони онро дастрас кардан вуҷуд надорад.

Ҳоло ӯ аз ҷанги имрӯзаи кӯдакон ва рӯканиву мӯкании *палонҷҳо* хабар надорад, вагарна ин сарборӣ бар ғамҳои дигар мебуд [3, с. 68].

Ин ҷо сухан дар бораи ҷанҷоли ду, балки зани се бародар меравад. Палонҷ чанд зани як мардро мегӯянд, вале ин занҳо бо ҳам палонҷ набуда, балки зани ҳевар номида мешаванд.

Муаллиф вожаи туркии «қаиш»-ро, ки шакли тоҷикии он серистеъмол ва зеботару ихчам аст, раво донистааст: «Марди калтаи сиёҳриши чоруқи қаиши сурх дар пой се хари болоркашро пеш андохта, аз дашти Қозӣ ҷониби Зарафшон мерафт» [3, с. 233].

Аммо бо вуҷуди нуқсонҳои ҷойдошта, асари мазакур далели он аст, ки Сорбон нависандаи пухтаҳарф ва таҷрибаандухтаест, ки бо мурури замон суханаш муассиртару ҳадафмандтар гардидааст. Эҷодиёти Сорбон бо фаро расидани даврони Истиқлол бо тобишу нумуъ ва муҳтавою ранги нав ба хонанда пешкаш гардид. Романи сеҷилдаи «Зарафшон» аз қабили асарҳои дар даврони нав эҷодкардаи Сорбон аст, ки мавзуи муҳим ва муҳтавои баландро доро буда, дар адабиёти тоҷик ҳамчун як асари арзишманд ҷойгузин гардидааст.

Адабиёт

1. *Горький М. Собрание сочинений в тридцати томах. Т.15 / М. Горький. – М., 1951. - 432 с.*
2. *Петров С.М. Советский исторический роман / С.М.Петров. - М., 1958. – 55 с.*
3. *Сорбон. Куллиёт. Ҷилди 5 / Сорбон. - Душанбе: Эҷод, 2009. - 288 с.*
4. *Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.4. / М.Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. – 382 с.*
5. *Сайфуллоев Атахон. Уфуққои тозаи наср. –Душанбе: Адиб, 2006. - 768 с.*
6. *Сорбон. Куллиёт. Ҷилди 3. - Душанбе: Эҷод, 2009. - 408 с.*

ҲУНАРИ ТАЪРИХНИГОРӢ ВА ЗАБОНИ БАЁНИ СОРБОН ДАР РОМАНИ «НИЁЗ-КОНЧӢ»

Романи «Ниёз-Кончӣ» далели он аст, ки Сорбон нависандаи пухтаҳарф ва таҷрибаандӯхтаест, ки бо мурури замон суханаш муассиртару ҳадафрастар гардидааст. Мақолаи «Инъикоси таърих дар романи «Ниёз-кончӣ»-и Сорбон аз рӯзгори мардуми кӯҳистони тоҷик, талошҳои ҷавонмарди ҷонсупореро ба мисли Ниёз баҳри ободонии диёр, гул-гулшукуфии меҳани азизаш нақл мекунад. Асари «Ниёз-кончӣ» асари таърихӣ буда, нависанда такя ба далелҳои муътамад ва ҳодисаҳои таърих тавассути образ, характер симоҳои барҷаста порае аз зиндагиномаи на он қадар дури мардуми тоҷикро зинда кардааст. Корнома ва зиндагии Ниёз барин ҷавонмардон баҳри бедории шуури мардум заминагузор шуда, онҳоро дар андешаи талоши дарёфти зиндагии хубу беҳтар ва озодӣ аз зулми дутарафа-аз як тараф амалдорони таҳҷоӣ ба мардум зулм мекарданд, аз тарафи дигар андозҳои амалдорони Русияи подшоҳӣ ба сари мардум бор шуда буд, меандохт. Инчунин заҳматҳои ин ҷавомарди бонангу номуси диёр боиси коста гардидани таъсири руҳониёни иртиҷоӣ дар ҷомеа гардида, дар мубориза баҳри решакан кардани хурофот асос гузошта, зеҳни мардумро ба таҳрик меовард.

Калидвожаҳо: Сорбон, роман, ҳунари таърихнигорӣ, рӯзгори мардуми кӯҳистон, ҳодисаҳои таърихӣ, образ, характер.

ИСКУССТВО ИСТОРИОГРАФИИ И ВЫРАЖЕНИЯ ЯЗЫК СОРБАНА В РОМАНЕ «НИЯЗ-КОНЧИ»

Роман «Нияз-кончи» доказывает, что Сорбон - зрелый и опытный писатель, слова которого со временем становились всё более эффективными и целеустремлёнными. Статья "Отражение истории в романе" Нияз-кончи "Сорбона рассказывает о жизни таджикского горного народа, усилиях такого преданного юноши, как Нияз, для развития Родины, процветания любимой Родины. Произведение «Нияз-кончи» - историческое произведение, и автор, опираясь на достоверные свидетельства и исторические события, через образ, характер и выдающихся деятелей возродил фрагмент не столь далекой биографии таджикского народа. Труд и жизнь молодых людей вроде Нияза положили начало пробуждению сознания народа, заставили задуматься о попытках найти хорошую и лучшую жизнь и свободу от двустороннего угнетения - с одной стороны, местные чиновники притесняли народ, с другой - обложили народ налогами чиновников царской России. Также усилия этого благородного и уважаемого юноши страны вызвали снижение влияния непокорных священников в обществе, заложили основу борьбы за искоренение суеверий, пробудили умы народа.

Ключевые слова: Сорбон, роман, искусство историографии, жизнь горцев, исторические события, образ, персонаж.

THE ART OF HISTORIOGRAPHY AND THE EXPRESSION LANGUAGE OF SORBON IN THE NOVEL OF “NIYAZ-KONCHI”

The novel “Niyaz-konchi” proves that Sorbon is a mature and experienced writer, whose words over time became more and more effective and purposeful. The article “Reflection of history in the novel of “Niyaz-konchi” of Sorbon is about the life of the Tajik mountain people, the efforts of a devoted young man as Niyaz for the development of the Motherland, the prosperity of the beloved Motherland. The work "Niyaz-Konchi" is a historical work, and the author, relying on reliable evidence and historical events, through the image, character and prominent figures, revived a fragment of a not so distant biography of the Tajik people. The work and life of young men like Niyaz laid the foundation for the awakening of the people's consciousness, made them think about trying to find a good and better life and freedom from bilateral oppression - on the one hand, local officials oppressed the people, on the other hand, the

taxes of officials of tsarist Russia imposed on the people. Also, the efforts of this noble and respected young man of the country caused decrease in the influence of recalcitrant priests in society, laid the basis for the struggle to eradicate superstitions, and aroused the minds of the people.

Keywords: Sorbon, novel, the art of historiography, life of the highlanders, historical events, image, character.

Дар бораи муаллифон

Набиев Абдухолиқ Мирзоевич
Номзади илмҳои филологӣ
Институти забон ва адабиёти ба номи
А. Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 21
Тел.: (+992) 93 508 46 08

Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна
Ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии
забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 77 72 48

Об авторах

Набиев Абдухолик Мирзоевич
Кандидат филологических наук
Институт языка и литературы имени
А. Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 21
Тел.: (+992) 93 508 46 08

Мухаммадохирова Ханифамо Иброхимовна
Ассистент общеуниверситетской кафедры
таджикского языка
Таджикский государственный педагогический
университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 77 72 48

About the authors

Nabiev Abdukholik Mirzoevich
Candidate of Philology
Institute of Language and Literature
named after A. Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 21
Ph.: (+992) 93 508 46 08

Muhammadokhirova Hanifamo Ibrokhimovna
Assistant of the general university department of
the Tajik language
Tajik State Pedagogical University named
after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: 918 77 72 48

ТДУ 891.550

НАҚШИ МАВЛОНО ДАР РУШДУ НУМУИ ТАМАДДУНИ АВРУПОИЁН

Қурбонов М., Қурбонова З.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар сарсухани китоби фаронсавии «Маснавии маънавӣ» Хонум Эва чунин сатрҳоро иншо кардааст: «Имони комил дорам, ки «Маснавӣ» бо нури худ Ғарбро равшан хоҳад кард». Дар осмони софу беғубори таърихи башарият Мавлоно Ҷалолидини Балхӣ ҳамчун ситораи дурахшонест, ки зиёда аз 800 сол боз бо андешаҳои ирфониву ахлоқии худ чун шоири ориф ҷойгохи худро мустаҳкам нигоҳ дошта ба ҳаводорони каломи пурасрораш мероси гаронбаҳоеро боқӣ гузоштааст. Таърихи адабиёти ҷаҳонӣ соҳибсуханеро кам дар ёд дорад, ки чун Мавлои Балх барои оламиён, дустдорони адабиёт осори гаронбаҳоеро ба мерос гузошта дар назди инсоният хизмати шоистаеро анҷом дода бошад.

Ба қавли Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: “Шахсияти Мавлоно боиси ифтихор ва сарфарозии мо, тоҷикон ва тамоми башарият аст. Ӯ, аслан, зодаи вахшонзамини имрӯза буда, бо қудрати сухан ва нубуғи эҷодиаш ба ҷаҳониён собит сохта, ки тоҷикон, воқеан, миллати куҳанбунёд, бофарҳанг ва соҳибмаърифатанд ва дар эҷоди осори адабиву илмӣ ва фалсафию ирфонӣ дасти тавоно доранд”.

Дар ҳақиқат пас аз Саноиву Аттор дар назми классикии тоҷику форс ба шеъри тасаввуфӣ Ҷалолиддини Балхӣ қадами ҷиддӣ гузошт.

Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз пайи Саноию Аттор омадем [1, с. 10].

Мавлавиро ҳама муҳаққиқон, чӣ дар Ғарб ва чӣ дар Шарқ, якдилона бузургтарин донишманди тасаввуфи башарӣ донистаанд. Мавлоно Ҷалолидини Балхӣ ҳамчун шоири ориф тавонист, ки бо осори гаронмоя ва саршор аз панду ҳикмати худ ба дили ҷаҳониён роҳ ёфта таваҷҷуҳи ховаршиносони дунёро ба сӯи худ кашад.

Аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ-адабӣ ба мо маълум аст, ки ҳанӯз дар асрҳои XVII-XVIII ашъори орифонаи Мавлоно ба қитъаҳои Амрикову Аврупо доман паҳн карда, диққати муштоқони андешаҳои орифонаи худро ба сӯи Ховарзамин кашид. Бори нахуст пораҳои ашъори ошиқонаи ӯ ба гӯши донишмандон ва мутарҷимони Ғарбу қитъаи Амрико расид.

Ба хонандаи нуктасанҷ маълум аст, ки ибтидои асри XX бархе аз олимони Аврупо дар илми ховаршиносӣ баҳсу мунозираҳои зиёдеро дар атрофи рӯзгор ва осори Ҷалолиддини Румӣ ва «Маснавии маънавӣ»-и ӯ бардоштанд.

Гарчанде мувофиқи баъзе маълумотҳо осори Мавлоно то солҳои 20-уми асри XX дар Амрико ва умуман Ғарб он қадар шуҳрат надошт, лекин дар кишварҳои Шарқ ӯро чун шоири орифу сӯфӣ мешинохтанд. Профессори Донишгоҳи бонуфузи Кембриҷи Англия Рейнолд Николсон бори аввал соли 1920 ба тарҷумаи англисии осори Мавлоно камар баста аз нахустин муаррифони Мавлоно дар Ғарб шинохта мешавад. Ин донишманд зиёда аз 10 сол, яъне байни солҳои 1925- 1937, аз болои осори Мавлоно махсусан “Маснавии маънавӣ”-и ӯ заҳмат кашида, бори аввал матни илмӣ-интиқодии “Маснавӣ”-ро анҷом дода, онро ба табъ расонид. Ин матн 25632 байтро дар бар мегирифт, ки то имрӯз донишмандон ва мухлисони Мавлоно аз он истифода мебаранд.

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ(1877-1938)- шоири маъруфи Ҳинду Покистон, ки худ дастпарвари донишгоҳҳои бонуфузи Аврупо буда бо ин ховаршиносони маъруфи дунё ҳамсуҳбат низ будааст, худро аз муридони Мавлоно дониста, нисбат ба пири маънавиаш чунин мегӯяд:

Нуктаҳо аз пири Рум омӯхтам,
Хешро дар ҳарфи ӯ во сӯхтам.
Боз бархонам зи файзи пири Рум
Дафтари сарбаста - асрори улум [1, с. 10].

Дар қитъаи Амрико бошад, саҳми мутарҷими маъруф профессор Колман Баркс дар шинохту тарғиби осори Мавлоно назаррас аст. Профессор Колман Баркс осори Мавлоноро дар шакли нав бо як фасоҳату балоғати беназир рӯи қоғаз оварда, пешкаши ҳаводорони каломаш кард, ки мақбули аҳли шеъру сухан шуд. Ховаршиноси варзида профессор Колман Баркс доир ба рӯзгору осори Мавлоно якчанд китобҳоро таҳти унвонҳои “Бунёди Румӣ” (1995), “Дасти ашъор”, “Панҷ шоири рӯҳонии форс” (1993) ва “Китоби ишқ” (2003) рӯи чоп овард, ки писанди хонандагону муштоқони каломи сеҳрангези ин шоири ориф гардид. Дар кишвари худ Амрико профессор Колман Баркс оиди сеҳри сухани орифонаи Мавлоно андешаронӣ намуда чунин мегӯяд: “Шуҳрати Мавлоно на кам аз Шекспир дар ақсои олам аст”.

Асарҳои зиёдеро дар фарҳангу адабиёти ҷаҳон дучор шудан мумкин аст, ки бо наср аз як забон ба забони дигар баргардон шудаанд. “Шоҳнома”-и безаволи ҳаким Фирдавсии Тусӣ ба ин мисол шуда метавонад, ки бо наср ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шудааст. Луи Лангле, шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ, “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсии Тӯсиро бо забони фаронсавӣ ба наср баргардон кардааст.

Дар ашъори Мавлоно ба қавли муҳаққиқон ва мутарҷимони осораш асроре нуҳуфта аст, ки ҳар як хонандаро баъди тиловат шефтаву шайдои худ мегардонад. Ба қавли муҳаққиқону мутарҷимони осораш Мавлоно на танҳо шоиру орифи Шарқӣ балки новобаста аз зодгоҳу мазҳабу дину оинаш мутаалиқ ба оламиён аст. Ҳамин буд, ки рузи маргаш тамоми мардуми Куния, ҳатто масеҳиёну юнониён гирёну нолон турбати Мавлоноро ба сӯи хонаи охирataш гуселонида буданд. Исботи ин гуфтаҳоро мо дар ғазали худи ӯ пайдо кардем:

Чӣ тадбир, ай мусалмонон, ки ман худро намедонам,
На тарсову яҳудиям, на габру на мусалмонам!
На шарқиям, на ғарбиям, на барриям, на баҳриям,
На аз хоки табииям, на аз афлоки гардонам!
Маконам ломакон бошад, нишонам бенишон бошад,
На тан бошад, на ҷон бошад, ки ман аз ҷони ҷононам.

Асарҳои гаронбаҳои Мавлоно “Маснавии маънавӣ”, “Девони кабир”, “Фиҳи мо фиҳи”, “Мактубот” дар осмони пурситораи адабиёти ҷаҳон дурахшонтарин ахтаронанд, ки роҳи наслҳои инсониятро новобаста ба дину оин, макон ва забонашон равшан менамояд.

Эъҷози каломи Мавлоно буд, ки шарқшиноси машҳури фаронсавӣ хонума Эва ду Витрей ошиқу шефтаи каломи сеҳрангези ин орифи Шарқ шуда, умри пурбаракати худро ба омӯзиши осори ӯ сарф кард. Ишқи ҷонсӯзи Мавлоно дар дили хонума Эва ду Витрей оташе барафрӯхт, ки ин ӯро бо олами орифон пайваст. Ишқи ирфонии Мавлоно буд, ки хонума Эваро рӯ ба Шарқ ва дини мубини ислом оварда, ба зиёрати хонаи Худо шарафёбаш кард. Хонума Эва қариб 30 сол аз болои Мавлоно ва осори боқимондаи ӯ заҳмат кашида асарҳои “Маснавии маънавӣ”, “Девони кабир”, “Фиҳи мо фиҳи”, “Мактубот”-и ин шоири орифро ба забони фаронсавӣ баргардон кард.

Хонума Эва ду Витрей кӯшиш ба харҷ додааст, ки ин ганҷинаи беҳамто ва шоҳкории безаволи Шарқ “Маснавии маънавӣ”-ро ба забони модариаш ба наср баргардон кунад. Дар баробари ин, шарқшиноси машҳури фаронсавӣ хонума Эва ду Витрей дар тарҷумаи осори манзуми Мавлоно ба монанди ғазал, рубоӣ низ даст дошта, онро бо як маҳорати фавқулода рӯи нашр овардааст. Барои мисол аз баргардониҳои хонум Эва ба тарҷумаҳои таҳтулафзии адабиётшиносони тоҷик Шокир Мухторов, Шамсиддини Ҳақназар ва Тоҷиддин Муҳиддинов рӯ меорем:

Рав, сар бинеҳ ба болин, танҳо маро раҳо кун,
Тарки мани хароби шабгарди мубтало кун.
Моему мавҷи савдо, шаб то ба рӯз танҳо,
Хоҳӣ, биё, бубахшо, хоҳӣ, бирав, ҷафо кун... [3, с. 9].

Дар баргардонии Эва ду Витрей ва тарҷумаҳои таҳтуллафзии Тоҷиддин Муҳиддинов ин мисраҳо чунин садо медиҳанд:

Рав ва саратро ба болин гузор, маро танҳо бимон,
Тарк кун ин фақири маҳкумшуда, ки шабҳояшро ба оворагардӣ

мегузаронад.
Шабҳоро то саҳар дар муҳориба, дар мунозира, дар мавҷҳои ишқ мегузаронем,
Агар ту онро хоҳӣ, биё ва моро бубахш ва агар ту онро хоҳӣ, бирав ва моро ҷазо кун [3, с. 9].

Ё ин ки рубоии машҳури Мавлоно, ки он дар сари санги оромгоҳаш “Қуббаи Хазро” кандакорӣ шудааст:

Боз о, боз о, ҳар он ки ҳастӣ, боз о!
Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о.
Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,
Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о [3, с. 8]!

Ин рубоӣ дар тарҷумаи Эва ду Витрей ва баргардонии таҳтуллафзии Тоҷиддин Муҳиддинов чунин ба гуш мерасад:

Биё. Биё, ҳар он ки ту ҳастӣ, биё!
Биё, агар ту ҳастӣ кофир, бутпараст ва ё худоношинос.
Ин дайри мо макони навмедӣ нест,
Агар сад бор зи аҳдат бигардӣ, биё [3, с. 8]!

Дар як суҳбати хоса нависанда ва тарҷумони шинохтаи тоҷик Урун Куҳзод бо рӯзноманигор Бахтиёри Абдураҳим гуфта буд, ки тарҷумон эҷод намекунад ва офаранда низ нест. Вай эҷоди касеро, офаридаи каси дигарро, аз забоне ба забони дигар мегардонад. Нависандаи хуб ҳатман тарҷумони хуб низ ҳаст. Дар ин замина метавон гуфт, ки шоири хуб тарҷумони хуб ҳам мебошад.

Хонума Эва ба қавли адабиётшинос Шокир Мухторов, ки солҳои 80-90-уми асри гузашта бо ӯ дар Фаронса ҳамсуҳбат гашта, ӯро “духтари Румӣ” низ ном бурдааст, умри дарозу пурбаракате дида, соли 1999 дунёи фониро тарк гуфта, дар қабристони Тиёи наздикии Париж ба хок супурда мешавад. Гӯё хонума Эва ду Витрей пеш аз маргаш ба дӯстону шогирдонаш васият кардааст, ки ӯро дар шаҳри Кунияи кишвари Туркия назди оромгоҳи Мавлоно ба хок супоранд. Ин васияти ӯ баъд аз 9 сол, яъне соли 2008, аз тарафи шогирдону пайравонаш амалӣ гашт.

Хулоса, дар тавзеҳоти «Маснавӣ» Хонума Эва гуфтааст: «Агар мо майли бештари ғарбиёнро ба ислом дар солҳои охир мулоҳиза кунем, ин падида, бешубҳа, маҳз бо лутфи фикр ва андешаҳои тасаввуфии мусулмонон умуман бо асарҳо ва ақидаҳои «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ ба амал омадаанд» [4, с. 29].

Адабиёт

1. *Балхӣ Ҷ. Маснавии маънавӣ. - Теҳрон, 2001. - 728 с.*
2. *Бартольд В. История изучения Востока в Европе и России. - Ленинград, 1925. - 270 с.*
3. *Коллектив. Наврузта. – 2015. - №4. – С. 8-9.*
4. *Мухторов Ш. Адабиёти тоҷик дар Фаронса. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 150 с.*
5. *Мухтор Ш. Замон ва тарҷумон. - Душанбе: Адиб, 1989. - 206 с.*
6. *Мухтор Ш. Мақолот. - Душанбе: Матбуот, 2001.*

НАҚШИ МАВЛОНО ДАР РУШДУ НУМУИ ТАМАДДУНИ АВРУПОИЁН

Дар мақолаи мазкур асосан масъалаи робитаҳои адабӣ дар назар гирифта шудааст. Муаллифон дар мақола мақоми шоир ва орифи адабиёти классикии форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва таъсири осори ирфонии ӯро ба намояндагони адабиёти ҷаҳонӣ ба қалам додаанд. Аз андешаҳои муаллифон бармеояд, ки таъсири ишқи ирфонии Мавлоно ба воситаи асараш “Маснавии маънавӣ” ба донишманди фаронсавӣ Хонума Эва ва профессори амрикоӣ Колман Баркс расидааст, ки онҳо ин асарро ба забонҳои худ баргардон кардаанд.

Калидвожаҳо: Мавлоно, Маснавӣ, робитаҳои адабӣ, адабиёти тоҷик, осори ирфонӣ, тарҷумаи бадей.

РОЛЬ МАВЛАНА В РАЗВИТИИ ЕВРОПЕЙСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

В данной статье в основном рассматривается вопрос о литературных отношениях. В статье авторы описали статус поэта персидско-таджикской литературы Мавлана Джалалуддина Балхи и влияние его мистических произведений на представителей мировой литературы. Из мнения авторов видно, что влияние мистической любви Мавланы через его труд «Маснави манави» дошло до французского ученого Хонумы Евы и американского профессора Колмана Баркса, которые перевели этот труд на свои языки.

Ключевые слова: Мавлана, Маснави, литературные связи, таджикская литература, мистические произведения, художественный перевод.

THE ROLE OF MAVLANA IN THE DEVELOPMENT OF EUROPEAN CIVILIZATION

This article mainly deals with the issue of literary relations. In the article, the author described the status of the poet and researcher of classical Persian-Tajik literature Mavlana Jalaluddin Balkhi and the influence of his mystical works on representatives of world literature. It can be seen from the author's opinion that the influence of Mawlana's mystical love through his work "Masnavi manavi" reached the French scientist Khonuma Eva and the American professor Colman Barks, who translated this work into their languages.

Keywords: Mawlana, Masnavi, literary connections, Tajik literature, mystical works, literary translation.

Дар бораи муаллифон

Қурбонов Маҷид
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Қурбонова Зирагул
Муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 907 70 07 76

Об авторах

Курбонов Маджид
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Курбонова Зирагул
Старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 907 70 07 76

About the authors

Kurbonov Majid
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Kurbonova Ziragul
Senior Lecturer at the University Department of Foreign Languages
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 907 70 07 76

ТДУ 891.15

РОЗҲОИ ТАЪРИХ ВА ШИНОХТИ БАДЕИИ ОН

Боқиев Ҳ. О., Аҳмадхонов К. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Расул Ҳодизода илова ба он ки аз муҳаққиқони шинохта ва эътирофшудаи таърихи адабиёти тоҷик аст, дар эҷоди осори бадеӣ низ роҳу равиши хоси худро дошта, ҳамчун нависандаи таърихнигор эътироф шудааст. Махсусан, осори бадеии ӯ "Танбӯри Дилкаш" (1964), "Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён" (1966), повести "Сапедадам" (1970), ҳикояҳои "Дар он шаби борон" (1971), "Масофаи роҳ" (1973), "Парвози Шоҳин" (1976), "Мактуб" (1978), "Кӯчаҳои ошно", "Роҳи ағба" (1979), "Ситорае дар тирашаб". Қисми аввал (1980), "Ишқи духтари Рум" (1985), "На ситораҳо мерезанд", қисми дувум (1991) ва ғайра бо хусусиятҳои хоси мундариҷавию бадеии худ чеҳраи ӯро ҳамчун нависандаи ҳунарманди таърихнигор дар ёди хонанда зинда хоҳад дошт. Романи "Ситорае дар тирашаб" зинаи нави ҷустуҷӯҳои бадеии Расул Ҳодизода дар фарогириии куллии сабақҳои таърих ва сарнавишти Аҳмади Донишу табақоти мухталифи ҷомеаи онзамонии аморати Бухоро буда, дар ин мақола баъзе паҳлуҳои он мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Расул Ҳодизода то замони эҷоди романи "Ситорае дар тирашаб" доир ба таҳқиқ ва шинохти аҳвол ва осори Аҳмади Дониш, нашри мероси ӯ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Таълифоти ӯ "Сарчашмаҳо барои омӯхтани адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри нуздаҳ" (1954), "Порчаҳо аз Наводир-ул-вақоеъ" (1957), "Асарҳои мунтахаби"-и Аҳмади Дониш (1959), "Саёҳат аз Бухоро ба Петербург" (1960), "Аҳмади Дониш" (1967), "Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри нуздаҳ" (1968), "Сапедадам" (повест аз рӯзгори Аҳмади Дониш, 1970), сенарияи филми "Ситорае дар зулмот" (1971) ва ғайра заминаро барои таълифи чунин як романи таърихии тарҷумаҳолӣ фароҳам оварда [8, с. 64-65].

Нахустин романи нависанда "Ситорае дар тирашаб" масъалаҳои фаъолияти иҷтимоиву сиёсии маорифпарвари барҷастаи тоҷик Аҳмади Дониш, робитаҳои иқтисодиву сиёсии Осиёи Миёнаву Русия, таърихи робитаҳои ҳасанаи халқҳои тоҷику ӯзбек бо халқи рус, солҳои камолоти эҷодӣ ва фаъолияти ҷамъиятии нависанда, маорифпарвар ва донишманди бузурги ислоҳотхоҳи асри нуздаҳи тоҷик Аҳмади Донишро дар бар гирифтааст. Расул Ҳодизода дар роман воқеиятҳои як давраи пармоҷарои зиндагии Аҳмади Дониш ва ҳаёти иҷтимоиву таърихии нимаи дувуми асри нуздаҳи замони ҳукмронии амир Насруллоҳро ба тасвир кашидааст. Ҳамчунин дар роман нависанда роҷеъ ба зиндагии халқ, зулми табақаҳои ҳукмрон, тадбирҳои Аҳмади Дониш барои паст кардани шиддати зулму золимӣ ва беҳбуди зиндагии мардум ва дар маҷмуъ қаламрави кишвари Бухоро, дар айни замон дар бораи рӯҳи тоза пайдо кардани робитаҳои сиёсиву иҷтимоии Бухорову Русия (тоҷикону русҳо), юришҳои амир, зиндагии тоқатшикани халқи меҳнаткаш, муборизаи бидъат ва ҳикмат, хурофот ва одамият сухан кардааст. Расул Ҳодизода дар ин замина саъй кардааст, ки бештар авзои сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии давр, рӯҳияи замонро дар пеши назари хонанда ҷилвагар созад. Аз ин ҷиҳат, дар баробари масъалаҳои ёдшуда нависанда тавонистааст, ки дар романи мавриди назар низоъи нируҳои дохили аморат, таърихи робитаҳои Бухорову Русия, дӯстону муқобилони ин қаробат ва сарнавишти ғуломони русро, ки дар Бухоро дур аз ёру диёри худ асир афтодаанд, низ бо камоли диққат ба тасвир кашад [5].

Дар вақташ, баъди нашри романи "Ситорае дар тирашаб" дар атрофи он мубоҳисаҳои зиёд ва тезу тунде барпо шуда буд. Донишмандоне мисли М. Шукуров [14, с. 435-437; 13, с. 127-138; 15, с. 139-140], Р. Амонов [1], А. Набиев [5] ва дигарон андешаҳои худро асосан доир ба тарзи тасвир ва хусусиятҳои бадеиии роман баён карда буданд. Нақди М. Шукуров ва Р. Амонов, ки моҳияти ҷустуҷӯҳои нависандаро холисона фаро намегирифт, боиси эътироз ва посухгӯйии Расул Ҳодизода низ гардида буд.

Муҳаммадҷон Шукуров дар як мусоҳибаи маҷаллаи "Садои Шарқ" аввалин бор доир ба ин роман ва хусусияти бадеии он ошкоро сухан карда буд. Вай ба суоли маҷалла-"Ба таъбири Пушкин гӯем, "иззату икроми гузаштаро ба ҷо овардан сирату сомонест, ки фазилатро аз ҷаҳолат фарқ мекунад". Мавлонои Румӣ низ дар ин боб фармудааст, ки ҳар қиссаро луғзест, қиссаро ҷиҳати он луғз ованд, на аз баҳри дафъи малолат, яъне тааммуқи фалсафӣ сари воқеоти куҳану нав зиёда муҳим аст"-посух дода, аз ҷумла афзудааст, ки "Лекин медонем, ки

ташаккули афкори иҷтимоиву фалсафӣ ва эстетикии Дониш аз аввал, аз солҳои ҷавонӣ баробари фарогирии куллии андӯхтаҳои маънавии гузаштагон ҷараён меёфт, натиҷаи дарки маънову мундариҷаи рӯйдодҳои конкрети замона дар партави сабақҳои таърих, дар партави ҷустуҷӯҳои маънавии гузаштаву муосири халқҳову кишварҳои гуногун буд. Ин протсеси ботинии мураккаб, пурпеч, зиддиятнок, ин бунёди интелектуалии ҳастии Дониш, ба андӯхтаҳои фалсафиву маънавии гузаштагон сахт алоқаманд будани он аз доираи сужети романи "Ситорае дар тирашаб" қариб тамоман берун мондааст ва фақат баъзе нишонаҳои он гоҳ-гоҳе андак ба чашм мерасаду бас. Ташаккули шахсияти Дониш дар роман ҳоло аз протсесҳои амиқу пурталотуми ботинӣ маҳрум аст. Ӯ дар ин асар қавиирода, донову бино, дурандеш ва сиёсатмадори чорачӯю чорасоз аст, вале шахсияти барҷастаи интелектуалӣ нест" [5, с. 139-140].

Расул Ҳодизода ба ин хулосаи М. Шукуров эътироз карда, аз ҷумла навишта буд: "Агар одам қавиирода бошад, донову бино бошад, дурандеш ва сиёсатмадори чорачӯю чорасоз бошад, пас вай шахси иинтелектуалӣ набуда кӣ мешавад? Аҳмади Дониш ҳанӯз дар роман пайдо нашуда интелекти ӯ пайдо мешавад. Суҳбати мулло Боқиву падари Аҳмадро ба хотир биёред..." [10, с. 246].

Баъдтар Р. Амонов низ дар тақриз ва ҷавобаш "ба "Мактуби кушод"-и Расул Ҳодизода ё худ андешаҳо оид ба роману романнависӣ" андешаи дар фавқ ёдшудаи М. Шкуровро тақвият бахшида, "бисёр саҳифаҳои" ин романро иборат аз "ахбороти оддӣ" дониста, "ба бисёр ҷойҳои он "конкретияти моддӣ" ва тасвири бадеӣ" нарасиданро аз камбудии ҷиддии роман ба қалам медиҳад, ки ба қавли Р. Ҳодизода "беасос" аст [1, с. 246].

Воқеан ҳам, аксари мақолаҳое, ки пас аз нашри қисми аввали роман дар матбуот чоп шудаанд, дар шинохти моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии нависанда холисона ва асоснок нестанд. Мутаассифона, романе, ки як давраи бузурги таърихи пурфоҷиаи халқҳои Осиёи Миёнаро фаро гирифтааст, романе, ки дар он масъалаи муҳимми таърихи Осиёи Миёна ва мақоми таърихии Русия тасвир шудааст, романе, ки дар он на тақдири як шахс, балки тақдиру сарнавишти табақаҳои мухталифи халқҳои гуногуни Осиём Миёна ва Русия ба доираи тасвир даромадааст, романе, ки дар он роҳи шахсию иҷтимоии як фарди бузург-Аҳмади Дониш мавқеи марказӣ дорад, то ба имрӯз баҳои сазовор нагирифтааст.

Расул Ҳодизода қабл аз таълифи романи "Ситорае дар тирашаб" повести "Сапедадам"-ро эҷод карда буд, ки дар он воқеаҳои байни ду сафари охирини Аҳмади Дониш ба Петербург тасвир шудааст. Дар ин повест тасвири характер ва нишон додани ҷустуҷӯҳои ҷиддии адабию эстетикӣ ва маорифпарварии Аҳмади Дониш дар маркази диққати нависанда меистад [3, с. 144]. Дар романи баъдӣ хостҳои ғоявии нависанда такмил ёфта, шахсияти инсонӣ ва ҳунарии Аҳмади Дониш дар матни воқеиятҳои пурмоҷарои як давраи муҳимми таърихи аморати Бухоро мавриди таваҷҷуҳ ва тасвири нависанда қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, шахсияти Аҳмади Дониш аз повести "Сапедадам" сар карда, то романи мавриди назар ва романи "На ситораҳо мерезанд" [12] дар ҷараёни фарогирии куллии сабақҳои таърих нишон дода шудааст. Масалан, ҳангоме ки усто Нодир ба Дониш кашидани тарҳи як иморати хурдеро мефармояд, ӯ тамоми сохтмон ва тарзи бинои мадрасаҳои кӯҳнаро дар Бухоро дида мебарояд. Мехоҳад дар илми меъморӣ рисолаҳои пешиниёнро аз назар гузаронад. Аммо мебинад, ки пешиниён иморатҳои олӣ бино кардааанду дар илми меъморӣ як рисолаи назариву амалӣ аз худ боқӣ нагузоштаанд. Дар асоси ҳамин сабақҳо Дониш худаш азм мекунад, ки дар ин илм рисолае таълиф намояд. Сабақҳои таърихро ӯ ҳам дар вақти таълифи рисолаи худ дар тартиби идораи давлати Русия аз рисолаҳои Форобию Абуалӣ ибни Сино меомӯзад. Чунон ки мебинем, баръакси пайбурди М. Шукуров Дониш аз саҳифаҳои аввали романи "Ситорае дар тирашаб" ҳамчун шахсияти интелектуалӣ ба тасвир омадааст.

Ташаккули шахсияти Донишро нависанда дар заминаи задухурди ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии қаҳрамонаш ба тасвир кашидааст. Ҷавоне, ки бо як ҷаҳон орзу ба хидмати арк қадам мегузорад, пас аз марги Рухсораи ноком ва кушторҳои бемаънии амир дар Шаҳрисабз бо чӣ гуна "талотум"-и эҳсос ва навмедиҳо ба Бухоро бармегардад. Ҳатто аз хидмати дарбор билкул даст кашиданӣ мешавад. Зеро ӯ барои беҳтар шудани вазъи ноҳинҷори мамлакату раият танҳо дасту по задани худ ва мисли худаш касонро бефоида мебинад.

Дар ин ҳол ба ҳукми тасодуф ба Русия меравад. Дар заминаи воқеиятҳои дидаву мушоҳида кардааш ягона роҳи наҷотро аз пасмондагиву ваҳшонияти низоми амирӣ дар мустаҳкам намудани алоқаҳо бо Русия мебинад. Р. Ҳодизода дар посух ба эроди ёдшудаи М. Шукуров ин амали Донишро, ки дар роман тасвир кардааст, нишонаи интелекти ӯ таъбир мекунад [10, с. 246]. Дар ҳақиқат, ҳушёрӣ, дақиқназарӣ ва моҳиятҷӯии Аҳмад аз саҳифаҳои

аввали роман таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунад. Масалан, суҳбати мулло Боқиву падари Аҳмадро ба ёд оваред. Хулосаи мулло Боқӣ дар бораи Аҳмад ин аст: “-Эй тақсир, агар ман ин қадар илм медоштам, дар ягон мадрасаи калони Бухоро мударрис мешудам” [11, с. 10]. Аз суханони мулло Носир маълум мешавад, ки Аҳмад бо донишу илмаш аз уламову фузалои замонаш болотар будааст. Ин бартарии Дониши ҷавон дар воқеаи ҳуҷуми муллоҳо ба савдогари рус Андреев, дар баҳси ӯ бо муфтӣ Ширинхоҷа дар бораи куфру имон ошкор мешавад. Заковати Дониш буд, ки ҳам дар Оренбург ва ҳам дар Петербург нисбати ӯ эҳтиром ва ҳусни таваҷҷуҳи оилимони русро ба вуҷуд меорад. Ба ин далел, Аҳмади Дониш дар романи “Ситорае дар тирашаб” ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳам оилавӣ ҳамчун шахсияти иҷтимоӣ, ҳамчун фарзанди ғамхор ва боирода, ҳамчун дӯсти вафодор, дастгири бечораву бенавоён, шахси пурэҳсос ва ишқпарвар, тасвир шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни хӯю хислати инсониашро нишон медиҳад.

М. Шукуров дар мақолаи дигар аз фазилатҳои ҳунарии романи Р. Ҳодизода ёд карда,“бунёди ҳуҷҷатии роман”-и “Ситорае дар тирашаб”-ро “хеле устувор” арзёбӣ мекунад ва таъкид меварзад, ки нависанда “кӯшиш дорад, ки аз ҳуҷҷатҳо дур наравад (фақат дар баъзе ҷойҳо замони вуқуи чанд воқеаро андаке пасу пеш овардааст) ва то ба охир ба он содиқ монда, аз ҳамин мавқеъ мурғи тахайюлро ба парвоз орад. Ҳуҷҷатписандии устувор на танҳо ба образи Аҳмади Дониш (тарзи зиндагии ӯ, тафсилоти сафари Петербург ва воқеаҳои роҳи сафар), балки ба аксари манзараҳои ҳаёти Бухоро дахл дорад” [14, с. 435].

Тасвири манзараҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Бухорои нимаи садаи нуздаҳ, аҳволи мардум, рӯйдодҳои гуногуне, ки вазъи замонро равшан мекунанд, дар романи “ Ситорае дар тирашаб” то ҷое вусъатнок буда, заминаи иҷтимоии ташаккули шахсияти қаҳрамони асосӣ ба таври муфассал тасвир ва баррасӣ шудааст. Ба ҳам алоқаманд будани сарнавишти чандин персонаж, ки дар байни онҳо намояндагони халққо ва табақоти гуногун ҳастанд ва ҳар кадоме дар сарнавишти худ ягон хусусияти замонро таҷассум кардаанд, барои нишон додани вазъияти мураккаби мамлакат имкон фароҳам овардааст. Ба ифодаи дақиқтар, “тадқиқи пурвусъати иҷтимоӣ аз роҳи офаридани образи намояндагони табақаҳои мухталифи ҷамъият ва халқҳои гуногун ба тариқи мутавозӣ бо роҳи фарогирии азими ҷуғрофӣ сурат гирифта, қимати маърифатбахшоии асарро хеле афзудааст” [7, с. 111].

Ин тарзи тасвир боиси он шудааст, ки робитаҳои гуногун ва мураккаби Дониш бо халқи одӣ, аъёну ашроф, аҳли дарбор, савдогарону муҳоҷирони бухории Оренбургу Уфа, зиёиёни пешқадами тоҷик ва рус омили асосии ташаккули шахсияти вай ва инкишофи маънавии ӯ гардидааст. Нависанда бо чунин тарзи фарогирии воқеияти сарнавишти Аҳмади Дониш ва бархӯрди ӯ бо он чи ки дар атрофаш мегузарад, ҳақиқати бенизомии мамлакат, нодониву ҷаҳолат, худраъйиву худсарии зимомдорон ва лабрез шудани косаи сабри мардумро бо тамоми ҷузъиёташ пешорӯйи хонанда мегузорад. Хонанда ба дурустӣ эҳсос ва дарк мекунад, ки равшанзамироне аз қабили Аҳмади Дониш, Садри Сарир ва Савдо моҳияти аслии воқеиятро фаҳмидаанд. На танҳо онҳо, балки ҳатто амир Насрулло низ вазъиятро як андоза ба тарзи худ ҳис кардааст ва чорае андешидан мехоҳад. Вале ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳи наҷоти халқу кишвар аз бунбаст моҳияти асосии андешаву оро ва амалу кирдори Аҳмади Донишро муайян менамояд. Дар романи “Ситорае дар тирашаб” нависанда аввалин кӯшишҳои Донишро дар ин замина ба тасвир гирифта, ҳадафи асосии зиндагии ӯро мушаххас месозад. Талошҳои Дониш гувоҳи он аст, ки вай бисёр мехоҳад халқу кишварро ба вусъатободи ҷаҳон, ба роҳи равшани зиндагии одамвор ҳидоят намояд.

Аз тасвири сарнавишт ва амалу кирдори Дониш бармеояд, ки вай беш аз ҳама ба Русия, ба илму маданияти рус ҳамчун омили мушкилкушо эътимод дорад. Вай аз маҳдудиятҳои диниву мазҳабӣ дур буда, ба ақли солиму фикри гиреҳкушо эътимод дорад ва ҳамин эътимод заминаи муносибати хирадмандонаи ӯ ба намояндагони пешқадами маданияти рус ва баъзе падидаҳои низоми иҷтимоиву сиёсии Русия мебошад. Р. Ҳодизода аввалин омилҳои мушаххаси иҷтимоиву таърихии ба сӯйи Русия бо умед рӯй овардани зиёиёни пешқадами тоҷик, пайдоиши тамоюли русии ҷараёни маорифпарвариро, ки нав шакл мегирифт, ба тарзи боварибахш тасвир кардааст.

Нақди адабӣ образи амир Насруллоро яке аз муваффақиятҳои дигари Р. Ҳодизода дар романи “Ситорае дар тирашаб” дониста буд. Дар ин замина М. Шукуров навишта буд, ки нависанда “ дар падид овардани характери Насрулло он равияи муҳиммеро, ки солҳои шасту ҳафтод дар насри таърихии тоҷикӣ ривоҷ гирифт, идома дод. То солҳои шаст тасвири персонажҳои манфӣ дар насри таърихӣ бештар ба тарзи ҳаҷвӣ тезу тунд ва карикатура, фақат бо ранги сиёҳ анҷом мепазируфт. Солҳои шаст дар тасвири персонажҳои манфӣ ҳам биниши

нависандагон паҳлуҳои гуногун пайдо карда, тадқиқи ҳамаҷонибаи характер қувват гирифт ва тарзу воситаҳои рангоранг истифода гардид” [14, с. 438]. М. Шукуров образҳои Абдураҳмонбеки миршаб, Асад-махсум ва Низомиддинро дар романҳои сегонаи Ҷ. Икромӣ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”, Остонақули қушбегӣ дар “Восеъ”-и С. Улуғзодаро бо ҳамин усул тасвиршуда дониста, меафзояд, ки “ин равия бунёди реалистии тасвирро бештар устуворӣ бахшида, боиси муътамадтар гардидани моҳияти иҷтимоиву фардии ҳодисаи манфии ҷамъият шуд” [14, с. 438]. Ба мушоҳидаи ӯ Р. Ҳодизода дар романи “Ситорае дар тирашаб” ҳангоми тасвири симои амир Насрулло аз ҳаҷву муболиға ва карикатура даст кашида, хислатҳои “он марди оқил, бераҳму хунхор ва бадгумони маккорро ба оромӣ ва бетаъҷил як-як нишон медиҳад” [14, с. 438].

Р. Ҳодизода дар ин роман моҳияти хислат ва амалу кирдори шахсияти манфӣ-амир Насруллоро дар суҳбатҳояш бо Дониш ва дигарон, дар амалу кирдораш, дар юришҳои зидди давлатҳои хонияи ҳамсоя ва шахсиятҳои саркаш ошкор менамояд. Нависанда тавонистааст, ки бо ин усули тасвир моҳияти асосии хӯю хислати шахсияти роман-амир Насруллоро бо ҳама мураккабиҳо, зиддиятҳо ва тағйироташ ба таври воқеӣ падид оварад. Ба ифодаи дақиқтар, нависанда дар ин роман тавонистааст, ки ҷузъиёти мушаххаси зиндагӣ ва амалу кирдори шахсиятҳоро ба воситаи тасвирҳои бадеӣ эътимобахш ба тасвир гирад. Ба ин далел, дар романи “Ситорае дар тирашаб” манзараҳои мушаххаси зиндагӣ ва амалу кирдори шахсиятҳо дар такмили ормони ғоявии нависанда кӯмак карда, ба таҳкими ҳақиқати таърих ва ҳақиқати бадеӣ мусоидат намудаанд.

Аълохон Афсаҳзод романи “Ситорае дар тирашаб”-ро “аз намунаҳои хуби насри ҳамосии муосири тоҷик” шинохта, таъкид мекунад, ки ин асар “ҷамъбасти андешаҳои муаллифро роҷеъ ба Аҳмади Дониш, муҳит ва замони ӯ фаро мегирад” [2, с. 20-21]. Дар маркази сужети роман чеҳраи инсонии Аҳмади Дониш қарор гирифтааст. Нависанда хӯю хислат ва амалу кирдори Донишро на фақат дар ҷараёни бархурди ӯ бо воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва амалу кирдори шахсиятҳои гуногун, балки ба воситаи тасвири робитаи ӯ бо Рухшона ошкор сохта, дар ин замина хислату фазилати хос, дониши бузург, андешаҳои амиқ ва муҳаббати софу беғаши ӯро ба хонанда намудааст. Тасвири иртиботи Дониш бо намояндагони табақоти гуногуни ҷомеаи Бухоро, аз ҷумла Мулло Носир, Мирзо Шамс, Қосими аробакаш, Нурулло, Зоҳир-ғулом ва рус-Лерх, Эрлих, Струве, Григорев, Игнатев, Волошин ва дигарон низ барои нависанда василае будааст, ки вазъи ҳаёти он рӯза, амалу кирдори одамон, орзуву омол ва тамоюлҳои ахлоқии шахсиятҳоро ошкор намояд. Тасвири ҳусни назари донишмандони рус ба тоҷикон ва таъриху фарҳанги онон, аввалан ҳадафи равшан сохтани муносибатҳои аморати Бухоро ва Русияро дошта бошад, сониян робитаи шахсияти марказии асар- Донишро ба муҳити иҷтимоии замон таъйид менамояд. Нависанда дар роман ба василаи тасвири низоъҳои тезу тунд ва бархӯрдҳои иҷтимоӣ сарнавишти мардум ва кишварро ба қалам дода, хонандаро бовар мекунонад, ки маҳз ба тақозои ҳаёти иҷтимоӣ, рӯйдодҳои сиёсӣ ва падидаҳои иқтисодии нимаи дувуми асри нуздаҳ шахсияти бузурге мисли Аҳмади Дониш ба арсаи таърих омад. Образи Дониш дар тасвири нависанда на чун ошубгар, балки ҳамчун фарди одиву хоксор ва ормонгаро ба назар меояд.

Дар таъйиди бузургии Дониш нависанда Бухорои асри нуздаҳро ба осмони тирашаб монанд кардааст, ки дар он ситораҳо ягон-ягон рушании хирае доранд, ки аз ин миён фурӯғи яке аз ситораҳо чашмгир аст. Ин ситора дар тасвири нависанда ҳамоно Аҳмади Дониш, мулаққаб ба Аҳмади калла аст, ки худ аз ин муҳит ба танг омада, роҳи раҳоӣ аз ин вазъро дар таҷдиди низоми давлатдориву ислоҳи вазъи иҷтимоии мамлакат мебинад (10, 166). Ба қавли саҳеҳи Ҷ. Ҳамроев “Дар ин асар Аҳмади Дониш чун шахсияте, ки мехоҳад маҷрои таърихро бо нерӯи ақл ва фаросат дигар кунад, ба қалам омадааст” [9, с. 159].

Дар тасвири образҳои манфӣ, аз ҷумла амир Насрулло низ нависанда аз қолаби маъмулии “амири ҷоҳил” даст кашида, паҳлуҳои гуногуни хӯю хислати ӯро чун инсон намудор кардааст, ки аз бисёр ҷиҳат тозакориҳои ӯро ифода мекунад. Масалан, дар роман дар баробари ифшои сиёҳкориҳову бадомӯзиҳо ва хиёнату ҷиноятҳои амир идроку эҳсоси инсонӣ ва нотавонии ӯро низ тасвир мекунад, ки гоҳо дар хонанда ҳисси шафқат ва тараҳҳумро бедор мекунад.

Чунон ки гуфта шуд, дар роман масъалаи робитаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро бо Русия ҷойгоҳи хос дорад. Дар ин замина нависанда бо тасвири фаъолияти зиёиёни тотор дар роман ҳадафи хоси ғоявиро дунбол кардааст, ки моҳияти дугона дорад. Нахуст, тоторҳо, ки худ мусулмон буданд, василае барои иҷрои ҳадафҳои геополитикии Русия дар аморати Бухоро ба шумор меомаданд. Сониян, ҳамчун афроди пойбанди

суннатҳои меросӣ заминаро барои пайдоиш ва устувор шудани робитаҳои ҳасанаи зиёиёни ҳар ду тараф фароҳам оварданд, ки намунаи он образи воқеии Алиоғо (Эрлих) мебошад [4, с. 90-91].

Ҳамчунон ки А. Набиев низ таъйид кардааст, романи “Ситорае дар тирашаб” асари “таърихии тарҷумаиҳолист” [5]. Муаллиф хусусияти сохторӣ ва мундариҷавии ин жанро ба назар гирифта образи шахсиятҳои асарашро офаридааст. Чеҳраи шахсиятҳо дар фони воқеиятҳои бузурги як давраи мушаххаси таърихӣ тасвир шудаанд. Дар ин ҳол ҳам тасвири асосноки ҳуҷҷатӣ ва ҳам консепсияи амиқи иҷтимоиву фалсафии шинохт ва тасвири таърих дар маркази диққати нависанда будааст. Ин тамоюли ҳунарӣ ба ӯ имкон додааст, ки мавқеи шахсиятҳоро дар ҷомеа дар матни таърих мушаххас намояд. Дар ин замина, ба фаъолияти иҷтимоии Аҳмади Дониш таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардани нависанда меъёри диди ӯро дар шинохт ва тасвири ҳақиқати таърих ва ҳақиқати бадеӣ муайян менамояд. Ин усули тасвир ҳам талошҳои шахсиятҳои мусбати романро барои ислоҳи вазъи ҷомеа нишон медиҳад, ҳам олами ботинӣ, маънавиёт ва рӯҳияи афроди мусбату манфиро рӯнамоӣ мекунад, ки далели ҳунари тасвиргарии нависанда мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои анҷомгирифта мо ба ин натиҷа расидем, ки Расул Ҳодизода дар романи “Ситорае дар тирашаб” на фақат муҳити мушаххаси таърихиро ба вуҷуд овардааст, балки қонунияти зиндагӣ ва фалсафаи таърих тавассути тадқиқи бамуддаъо ва ҷиддии сарнавишти инсонҳо, алоқаҳои хеле қавии иҷтимоиву равонии шахсиятҳо шакли эътимобахши бадеӣ низ пайдо кардаанд. Илова ба ин, романи нахустини нависанда кӯшиши ҷиддии ӯро дар тасвири ҳамаҷонибаи таърих, хӯю хислат ва амалу кирдори шахсиятҳои таърихӣ собит менамояд.

Адабиёт

1. *Амонов, Р. Ҷавоб ба мактуби кушоди Расул Ҳодизода ё худ андешаҳо оид ба масъалаи роману романнависӣ / Р. Амонов // Адабиёт ва санъат. – 1988. – 21-уми январ.*
2. *Афсаҳзод, А. Марди фарзона / А. Аълохон // Садои Шарқ. – 1988. - № 8. – С. 115-123.*
3. *Бақозода, Ҷ. Ситораи тобон дар уфуқи торикистон / Ҷ. Бақозода. Нависанда ва идеали замон. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 143-148.*
4. *Зайниддинов, М. Бозтоби зиёиёни тотор дар романи “Ситорае дар тирашаб” / М. Зайниддинов // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – С. 83-99.*
5. *Набиев, А. Ҳақиқати таърих ва ҳақиқати бадеӣ / А. Набиев // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 6-уми феврал.*
6. *Низомӣ, М. Дурахши ситорае дар тирашаб / М. Низомӣ // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – С. 163-173.*
7. *Раҷабов, М. Бурду бохти насри таърихӣ / М. Раҷабов // Садои Шарқ. – 1985. - № 10. – С. 110-118.*
8. *Самад, В. Достони ситораи саҳарӣ / В. Самад // Садои Шарқ. – 1985. - № 1. – С. 109-117.*
9. *Ҳамроев, Ҷ. Фарзанди фарзонаи Самарқанд / Ҷ. Ҳамроев // Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ). – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – С. 154-160.*
10. *Ҳодизода, Р. Насри имрӯзаи мо (Ҷавоб ба суолҳои журнали “Садои Шарқ” / Р. Ҳодизода. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – С. 240-253.*
11. *Ҳодизода, Р. Ситорае дар тирашаб. Роман / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 448 с.*
12. *Ҳодизода, Р. На ситораҳо мерезанд. Романи таърихӣ / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1991. – 432 с.*
13. *Шукуров, М. Худшиносии жанр / М. Шукуров. Паҳлуҳои таҳҷиқи бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – С. 127-141.*
14. *Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.*
15. *Шукуров, М. Адабиёт ва фалсафаи ҳастӣ / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1986. № 3. – С. 102-110.*

РОЗҲОИ ТАЪРИХ ВА ШИНОХТИ БАДЕИИ ОН

Дар мақола аввалин романи таърихии тарҷумаҳолии Расул Ҳодизода “Ситорае дар тирашаб” ва моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ дар тасвири воқеиятҳои иҷтимоиву таърихии нимаи дувуми асри нуздаҳ, сарнавишти Аҳмади Дониш ва дигар намояндагони табақоти гуногуни ҷомеаи аморати Бухоро ба таври мушаххас баррасӣ ва арзёбӣ шудааст. Дар вақти баррасӣ усули тасвири нависанда дар шинохти ҳақиқати таърихӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар матни воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии Бухорои садаи нуздаҳ ба таври муқоисавӣ бо назардошти андешаҳои интиқодии М. Шукуров ва Р. Амонов таҳлил шуда, дар ин замина хусусиятҳои бадеии ин романи таърихии тарҷумаҳолӣ ва дарёфтҳои ҳунарии муаллиф мушаххас гардидааст. Дар мақола собит шудааст, ки “Ситорае дар тирашаб” намунаи романи сирф таърихӣ буда, нависанда тавонистааст, ки воқеаҳои муҳимми ҷараёни маорифпарварӣ ва бедории шуури намояндагони табақоти пешқадами ҷомеаро асосан бо тасвири паҳлуҳои нави он ба тасвир гирад ва нақши таърихии қаҳрамони марказии роман Аҳмади Донишро дар ин раванд мушаххас созад.

Калидвожаҳо: Расул Ҳодизода, роман, таърихӣ, маорифпарварӣ, мундариҷа, ғоя, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, замон, робитаҳо, Бухоро, Русия, ҳақиқати таърих, ҳақиқати бадеӣ.

СЕКРЕТ ИСТОРИИ И ЕГО ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ ОЗНАКОМЛЕНИЕ

В данной статье рассматривается первый автобиографический роман Расула Хадизода "Звезда в сумерках" и суть его художественного исследования в изображении социально-исторических реалий второй половины XIX века, судьбы Ахмада Дониша и других представителей конкретно рассмотренных и оцененных различных классов общества Бухарского эмирата. В ходе дискуссии метод образа писателя в признании исторической правды и художественной правды в тексте политических и социальных реалий Бухары XIX века сопоставлялся в сравнительном порядке с учетом критических суждений М. Шукурова и Р. Амонова, и в этом контексте уточнены художественные особенности этого биографического исторического романа и художественные достижения автора. В статье доказывается, что «Звезда в сумерках» является образцом чисто исторического романа, и писателю удалось изобразить важные события воспитательного процесса и пробуждения сознания представителей передовых слоев общества главным образом изображая его новые аспекты и историческую роль центрального персонажа романа Ахмади Дониша, конкретизируя этот процесс.

Ключевые слова: Расул Хадизаде, роман, исторический, образование, содержание, идея, политический, социальный, экономический, время, отношения, Бухара, Россия, историческая правда, художественная правда.

THE SECRET OF THE STORY AND ITS LITERARY COGNITION

This article deals with the Rasul Hadizod's first autobiographical novel "The Star in the Twilight" and the essence of his artistic research in depicting the social and historical realities of the second half of the XIX century, the fate of Ahmad Donish and other representatives specifically discussed and evaluated different classes of society of Bukhara Emirate. During the discussion of the method of the writer's image in recognition of the historical truth and artistic truth in the text of the political and social realities of Bukhara in the 19th century was compared in a comparative manner, taking into account the critical judgments of M.Shukurov and R.Amonov and in this context the literary features of this biographical historical novel and the literary achievements of the author were specified. The article proves that Star in the Twilight is an example of a purely historical novel, and the writer managed to portray important events of the educational process and the awakening of the consciousness of representatives of the advanced strata of society mainly by depicting its new aspects and the historical role of the central character of the novel Ahmadi Donish, concretizing this process.

Keywords: Rasul Khadzoda, novel, historical, education, content, idea, political, social, economic, time, relationships, Bukhara, Russia, historical truth, artistic truth.

Дар бораи муаллифон

Боқиев Ҳамза Олимович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 538 26 04
E-mail: bokiev69@mail.ru

Аҳмадхонов Комрон Нақбуддинович
Ассистенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 65 32 00
E-mail: komronahmadhonov1996@gmail.com

Об авторах

Бокиев Хамза Олимович
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 538 26 04
E-mail: bokiev69@mail.ru

Ахмадхонов Комрон Наджбуддинович
Ассистент кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 65 32 00
E-mail: komronahmadhonov1996@gmail.com

About the authors

Bokiev Hamza Olimovich
Candidate of philological sciences, associate professor of the chair of Tajik Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 538 26 04
E-mail: bokiev69@mail.ru

Ahmadkhonov Komron Najbuddinovich
Assistant of the chair of Tajik Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 65 32 00
E-mail: komronahmadhonov1996@gmail.com

ТДУ 550.992(1)

НАҚШИ САНЪАТИ ТАЛМЕҲ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ АШӮР САФАР

Шаробова М. Қ.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Ашӯр Сафар яке аз шоирони номдор ва ҳунарманди доираи адабии Хатлон ба ҳисоб рафта, фаъолияти адабии ӯ аз солҳои 80-уми асри гузашта то аввалҳои даврони истиқлолият идома ёфтааст. Ашӯр Сафар дар доираи адабии Хатлон пас аз шоири халқӣ Сайидалӣ Вализода ҳунармандтарин ва маъруфтарин устоди сухани мавзун ба ҳисоб меравад. Ашъори вай моломоли афкори ватандӯстона, саршори андешаҳои инсонпарварона ва пур аз тахайюлоти тозаву завқбахши ҳаётдӯстонаву ошиқона мебошад. Хондани ашъори Ашӯр Сафар, махсусан ғазалиёти пурмуҳтаво ва гуногунмавзуи вай дар бисёр мавридҳо хонандаро ба ҳаяҷон меоварад ва ба дунёи тахайюлоти рангини шоир ворид месозад. Адабиётшинос Юсуф Акбаров яке аз сабабҳои маъруфият пайдо кардан ва миёни мардум маҳбубият касб кардани ашъори устод Турсунзодаро дар амиқию пурҳаяҷонии эҳсосот, гармию нармӣ ва муассирии он қаламдод кардааст [1, с. 149]. Ҳамин баҳогузории муҳаққиқи мазкурро дар мавриди эҷодиёти Ашӯр Сафар ҳам метавон истифода намуд, зеро ашъори ин шоир ҳам миёни мардум, хосса аҳли созу ҳунар маҳбубияти зиёде доранд ва тавассути таъсирбахшии хеш дар байни хонандагон мухлисони зиёдеро пайдо намудаанд.

Дар эҷодиёти Ашӯр Сафар миёни чи жанрҳои суннатӣ ва чи анвои муосири шеър ҷилваи жанри ғазал махсусан бештар аст. Дар тамоми марҳалаҳои ҳаёти пурбаракати хеш вай ба эҷоди ин жанри қадими адабиёти форсӣ-тоҷикӣ машғул буда, ҳеҷ гоҳ аз сурудани ғазал фориғ набудааст. Алиасғари Шеърдӯст дар мавриди муносибати шоирони тоҷик ба ғазалсароӣ менависад, ки «чароғи ғазал дар миёни шоирони тоҷик ҳамвора фурӯзон нигоҳ дошта шуда ва суннати ғазалсароӣ ҳаргиз мунқатеъ нагаштааст» [10, с. 133]. Ин сухани муҳаққиқи мазкурро дар мавриди Ашӯр Сафар ҳам метавон эътироф кард, зеро чароғи ғазалсароӣ ҳеҷ вақт дар хонаи тахайюли шоиронаи ӯ хомӯш нагардидааст. Дар ин жанр тамоми ҳунару истеъдод, афкору андешаҳои шоирона ва неруи тахайюли шоиронаи Ашӯр Сафар инъикоси қобили мулоҳизае ёфта, таваҷҷуҳи ҳар хонандаро ба хеш ҷалб менамоянд. Жанри ғазал нуқтаи ниҳоӣ ва авҷи истеъдоди шоири мазкур ба ҳисоб меравад. Дар жанри ғазал аст, ки дунёи пуртахайюли шоиронаи Ашӯр Сафар чун оинаи зебову пурҷило равшан мегардад ва онро дар баробари хонандагони хеш ҷило медиҳад. Қолабу шакл, дар умум ҷиҳатҳои сохтории жанри ғазал, мазмуну мундариҷа, муҳтаво, тарзи истифодаи васоити тасвири бадеӣ, дараҷаи ҳунари тасвиргарӣ – ҳама дар ғазалиёти Ашӯр Сафар то ҳадди лозим риоя гардидаанд. Муҳаққиқони муосир ҳам риояи қоидаҳои сохторӣ ва дарунии жанри ғазалро аслан аз риояи вазну қофия ва сохтори дохилии он зикр намудаанд [3, с. 127]. Бино бар ин, метавон гуфт, ки ғазалҳои Ашӯр Сафар дар риояти ин ҷиҳатҳо қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Дар эҷодиёти Ашӯр Сафар, махсусан дар ғазалҳои сершумори ӯ, нақши васоити тасвири бадеӣ басо бузург аст. Чун аксари шоирони ғазалсаро Ашӯр Сафар аз анвои санъатҳои бадеӣ бештар ба ташбеҳу истиора, тамсилу ирсолулмасал, муболиғаву иғроқ, таҷнису талмеҳ, ташхису ҳусни мақтаъ ва монанди инҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Васоити тасвири бадеӣ зиннати дарунии ғазалҳои шоирро муҳайё месозанд. Сабку услуб ва ҳунари суханпардозии Ашӯр Сафар дар робита бар корбурди анвои васоити тасвир махсус аст ва дар бисёр мавридҳо аз истиқлоли фикрии вай гувоҳӣ медиҳанд. Адабиётшинос Худоӣ Шариф ҳамин ҷиҳати ҳунари суханпардозии Ашӯр Сафарро ба назар гирифта, навиштааст, ки «Ашӯр Сафар дар шеъру сухан, ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва ҳунар бадеияти худро дорад» [8, с. 8].

Дар ғазалҳои Ашӯр Сафар дар баробари дигар анвои васоити тасвир, ки зикрашон рафт, ҳамчунин нақши санъати талмеҳ низ басо қобили таваҷҷуҳ аст. Талмеҳоти ашъори шоир мағзи суханони рангини шоирро ташкил медиҳанд ва онҳоро пурмоя мегардонанд. «Талмеҳ» вожаи арабист ва решаи он феъли «ламаҳа» мебошад. Феъли мазкур дар луғатномаи арабӣ ба русии Х.К. Баранов дар 8 маънӣ шарҳ ёфтааст, ки яке аз маъноҳои он ишорат кардан ба чизе

мебошад [2, с. 730]. Аммо худи вожаи *талмеҳ* дар луғатномаи мазкур дар маънои киноя маънидод шудааст. Шарҳи мазкурро метавон аз нигоҳи илми баён ё адабиётшиносӣ низ маънидод намуд, зеро дар шарҳи истилоҳии вожаи мазкур метавон ишороти киноии шоирро дар мавриди мафҳумҳову ашё фаҳмид, ишороте, ки ғайриҳақиқиянд ва маънои аслияшон ба назар гирифта намешавад.

Вазифаи бадеии талмеҳ барои шоир исботи сухан тавассути ишорот бар ашхос, қиссаҳо ва мафҳумҳову ашё мебошад [5, с. 201]. Дар ашъори гуногунжанри Ашӯр Сафар ва бавижа ғазалиёти ӯ ин вазифаи талмеҳ ба ҳайси санъати бадеӣ басо равшан мушоҳида мешавад. Ашӯр Сафар талмеҳро ҷиҳати баёни афкори хеш асос намуда, мазомини шоиронаи офаридаи хешро ба василаи онҳо ҷилваи бештар медиҳад. Дар ғазалиёти Ашӯр Сафар талмеҳ аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа гуногун мебошад. Вобаста ба гуногуннавъӣ мо дар талмеҳоти ашъори шоирро ба чунин анвоъ ҷудо намудем:

1.Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар қаҳрамонон мешавад. Ин навъи талмеҳ, дар навбати худ, ба ду қисм ҷудо мешавад:

а) талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар қаҳрамононии ҳамосаӣ ё шоҳномаӣ мешавад, аз ҷумла Рустам ва Суҳроб. Бояд қайд намуд, ки дар матни ғазалиёти Ашӯр Сафар як бор ишорат ба номи Суҳроб [4, с. 449] ва ду бор ишорат ба Рустам – дар гунаи Рустами Дастон ва Рустами Зол [4, 496] ба чашм мерасад;

б) талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат ба қаҳрамононии ишқномаҳо: Қайс ва Лайло мешавад [4, с. 483].

2. Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат ба номҳои асотирӣ мешавад. Дар ин навъи талмеҳ дар ғазалиёти шоир як намуна: Аҳриман ба чашм мерасад [4, с. 449].

3. Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат ба номҳои таърихӣ мушоҳида мешавад. Исми Ҳотам ва Шабдиз – номи аспи Хусрави Парвиз ба чунин навъи талмеҳ тааллуқ дорад [4, с. 477].

4. Талмеҳоте, ки ба ишорати номҳои ҷуғрофиёӣ бастагӣ доранд. Ин навъи талмеҳот низ чун навъи аввал ба ду қисмат ҷудо мешаванд:

а) талмеҳоте, ки ба номи шаҳрҳову минтақаҳо тааллуқ доранд, аз ҷумла: Каъба ва Хиросима [4, с. 504, 486];

б) талмеҳоте, ки ишора ба номи дарёҳо менамоянд: Оқсӯ, Рӯди Ҷайҳун [4, с. 473, 484].

5. Талмеҳоте, ки ишорат ба номи сайёраҳо менамоянд, аз ҷумла: Замин, Сурайё [4, с. 470].

6. Талмеҳоте, ки пайванд бо номи шоирону нависандагон доранд. Ин навъи талмеҳ низ, ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

а) талмеҳоте, ки ишорат ба номи классикон менамоянд. Масалан: Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ва Зебуннисо [4, с. 504, 498];

б) талмеҳоте, ки ишорат ба адибони муосир менамоянд: Ҷалол Икромӣ, Қутбӣ Киром, [4, с. 508, 495].

7. Талмеҳоте, ки ишорат бар аҳли ҳунар менамоянд. Масалан: Акашариф Ҷӯраев ва Одина Ҳошим [4, с. 499, 495].

8. Талмеҳоте, ки дар онҳо ишорат бар ашъори дигар шоирон мешавад [4, с. 450].

9. Талмеҳоте, ки тааллуқ бар мақолу масалҳо доранд [4, с. 488, 489, 504].

Мавзуоти мазкур асоситарин мавзуъҳо дар талмеҳоти эҷодиёти Ашӯр Сафар дар жанри ғазал маҳсуб мешаванд. Тавассути муроҷиат ба мавзуъҳои мазкур шоир мазомини хуберо мавриди тасвир қарор дода, ашъори хешро боз ҳам рангинтару муассиртар намудааст. Чи дар тасвири ҳолоти ишқӣ, чи дар тасвири зебоиҳои табиат ва чи дар баёни аҳвол ва авотифи шоирона Ашӯр Сафар бо бакоргирии ҳамчунин талмеҳот ба муваффақиятҳои назаррас ноил гашта, афкори хешро ҷилваи бештар медиҳад. Ба василаи истифодаи талмеҳ аст, ки вожаҳову ибораҳои ашъори шоир маънию мазмуни дигареро касб менамоянд ва дар саҳнаи офаридани образҳои нав фаъолона иштирок менамоянд. Табдили маънӣ ва мазмун таъсири сухани шоирро батамом дигар намуда, онро дар зеҳни хонандагон бештар ҷойгузин менамояд. Шоир ва мунаққиди маъруф Аскар Ҳаким ҳамин ҷиҳати вожаҳо дар матни шеърро ба назар гирифта, менависад, ки «вақте ки калима барои ифодаи мафҳуми батамом дигаре меояд, вай ягона ва нотакрор аст ва он мафҳуми тозаро танҳо дар ҳамон матн ифода мекунаду бас» [6,133].

Дар ҳақиқат, талмеҳоти истифодабурдаи Ашӯр Сафар дар матни ашъори вай батамом дар маънои дигар корбурд шуда, ҷиҳати пайдоиши образҳову мазмунҳои тоза нақши хуберо

бар ҷой мегузоранд. Масалан, дар байтҳои зер аз як ғазали шоир, ки ба тасвири фасли баҳор бахшида шудааст, ибораи камони Рустам на ишорат бар камони паҳлавони «шоҳнома», балки ишорат бар ҳолати табиӣ аст, ки дар баҳорон ба вуҷуд меояд:

Баҳор омад, гули хандон баромад,
Раёҳин бо қади ларзон баромад.
Зи Машриқ то ба Мағриб баъди борон
Камони Рустами Дастон баромад [4, с. 479].

Ин ҳолати табиӣ, чунонки медонем, дар байни мардуми тоҷик *ба тиру камон* ва *камони Рустам* ва дар забони илмии классикон ба *қавси қузаҳ* маъруфият дорад. Талмеҳи мазкур ҷанбаи таъсирбахшию завқбахшии мисраъ ва дар маҷмуъ байтро бештар намуда, тасвири шоирро басо рангину табиӣ кардааст. Зеботи тасвири баҳорон дар назари ҳар хонандае дар ҷой аввал қарор гирифта, зеҳни ӯро аз маонии аввали ибораи талмеҳӣ, яъне маънои аслии камон ва Рустам – қаҳрамони ҳамосаӣ дур сохта, сӯйи ҳолати муъҷизаофари табиат мекашонад. Адабиётшинос Худоӣ Шариф ҳам дар иртибот бар ҳамин мавзуъ баҷо қайд менамоянд: «Барои шоири лирик калима фақат воситаи тасвир набуда, балки ҳамон гуна ки дар русӣ мегӯянд, олами предмети вай аст» [9, с. 104].

Яке аз анвои марғуби талмеҳ дар ғазалиёти Ашӯр Сафар, чунонки дар фавқ зикр гардид, ин ишорат бар мисраот ва абёти шоирони классик мебошад. Аз ҷумла, дар ғазале, ки мавзуи он иборат аз таблиғи сулҳу дӯстӣ мебошад, Ашӯр Сафар мисраи Шайх Саъдиро и ҳунармандон истифода намуда, дар ишорат ба он афкори сулҳҷӯёнаи хешро зинат додааст:

«Он ки ҷанг орад, ба хуни хеш бозӣ мекунад»,
Дар паноҳи сулҳ фирӯзу тавоноем мо [4, с. 450].

Тавассути истифода аз мисраи мазкури Шайх Саъдӣ шоир фикри худро асоснок намуда, аз ҷониби дигар онро тақвият додааст.

Яке аз хусусиятҳои талмеҳ дар ашъори Ашӯр Сафар робита ва омезиши ин санъат бо дигар воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад. Дар ғазалиёти худ шоир баъзан ба воситаи талмеҳ ба эҷоди дигар анвои васоити тасвир муваффақ гардидааст. Аз ҷумла, тавассути талмеҳ сохта шудани ташбеҳ, тафзил, муболиға, истиора ва махсусан ташбеҳи навъи пӯшида нисбат бар дигар васоити тасвири бадеӣ ҷилваи бештар дорад. Масалан, дар байти зер бо истифода аз исми шоира Зебуннисо ва камони вай Ашӯр Сафар ташбеҳи зебоеро аз навъи пӯшидаи он сохтааст:

Ҳар куҷое меравад, аз вай нагардам ман ҷудо,
Ӯ шавад Зебуннисову ман камонаш мешавам [4, с. 498].

Бояд зикр кард, ки дар шеъри тоҷикӣ қабл аз ин вожаи *камон* дар ишорат бар *камони Рустам* гоҳ-гоҳ мавриди истифода қарор мегирифт, аммо ишорат бар *камони Зебуннисо* ва исми худи қаҳрамони миллати тоҷик ба ҳайси талмеҳ бисёр кам вомехӯрад. Бинобар ин, талмеҳи навъи мазкурро метавон аз навпардозиҳои Ашӯр Сафар маҳсуб донист. Тавассути талмеҳи мазкур шоир маҳбуби худро ба таври пӯшида, яъне бе истифода аз адоти ташбеҳ ба Зебуннисо ва шахси худро ба камони ӯмонанд кардааст.

Дар байти зерин аз ғазали дигар бошад, шоир боз талмеҳи нави дигар: *Акашариф Ҷӯраев* ва *тори* ӯро ба кор гирифта ва тавассути ин талмеҳ ташбеҳи пӯшидаи дигареро ба вуҷуд овардааст ва худро ба танбӯри санъаткори ҳунарманди монанд кардааст:

Пурсанд маро гоҳ ба танҳоӣ кӣ бошам,
Танбӯри Шариф Ҷӯрааму тор надорам [4, с. 499].

Дар байти зер, бо истифода аз номи *Ҳотами Той* санъати тафзилро ба вуҷуд овардааст:

Дар сахо аз Ҳотами афсонавӣ кам нестам,
Ҳар чӣ дорам дар бисотам, садқаи ёрон шавад [4, с. 477].

Чунонки дида мешавад, дар байти мазкур шоир саховатмандии хешро аз Ҳотами Той боло медонад.

Дар байти дигар шоир ба василаи ишорат бар Ҷайҳун санъати муболиғаро ба вуҷуд овардааст, ӯ ашки чашмони модарашро ба таври муболиға сад рӯди Ҷайҳун қаламдод кардааст:

Дар хаёлам чун бисанҷам талхии айёми ҷанг,
Ашки чашми модарам сад рӯди Ҷайҳун мешавад [4, с. 484].

Дар байти зер шоир тавассути талмеҳ санъати истиораро ба вуҷуд овардааст:

Пои Шабдези ҷаҳонпаймо нагардад суда ҳеҷ,

Ҳар қадар ки рӯзу шабҳо дар равуоем мо [4, с. 450].

Шабдез, чунонки дар таърих маълум аст, номи аспи Хусрави Парвиз аст, аммо дар байти мазкур бо ишорат бар Шабдез шоир «Корвони сулҳ»-и тоҷиконро дар назар дорад. Ғазале, ки байти фавқ дар шумори он аст, ба сулҳи тоҷикон бахшида шудааст.

Яке аз вижагиҳои талмеҳоти ашъори Ашӯр Сафар ишорат бар мақолу масалҳо мебошад. Яке аз вазифаҳои аввал ин дараҷаи талмеҳ ҳам ба ҳайси воситаи тасвири бадеӣ, чунонки дар фарҳангҳову осори муҳаққиқон зикр гардидааст, ин ишорат бар амсолу мақолҳо мебошад [7, с. 312]. Ин навъи талмеҳ дар қиёс бо дигар анвои талмеҳ дар эҷодиёти шоир ҷилваи бештар дорад ва аз ҳайси теъдод ҳам бештаранд. Ин навъи талмеҳ дар баробари ишорат бар суханони маъруфи халқию афкори бузургон, ҳамчунин вазифаи пандуахлоқӣ ва андарзро низ иҷро менамояд. Масалан, дар байти зер мисраи нахустин мазмуни пандуахлоқӣ дорад:

«Интизорӣ бадтар аз ҷон кандан аст»,

Ман ба ҷони беқарорам интизор [4, с. 488].

Чунонки дида мешавад, шоир интизории хешро тасвир карда, онро тавассути мақоли мисраи аввал асоснок намудааст ва аз ҷониби дигар фикри хешро дар иртибот бар мавзуи мазкур тақвият бахшидааст.

Дар ғазали дигар, шоир бо истифода аз мақоли «Сухан бисёр дону андаке гӯ» суханони хешро асоснок намудааст:

Гапи бисёр медонам, вале онро намегӯям,

«Сухан бисёр дону андаке гӯ», гуфтаанд охир [4, с. 489].

Дар байти зер бо истифода аз мақоли халқии дигар, ки ба бузургдошти модар бахшида шудааст, назари хешро ба модараш чунин баён кардааст:

Ба фарҳангам ба оби зар навиштам:

«Биҳишти тифлакон – маъвои модар» [4, с. 486].

Дар талмеҳоти ашъори Ашӯр Сафар ишорат бар ашхоси фарҳангӣ: шоирону нависандагон ва аҳли ҳунар бисёр ба назар мерасад. Аз ҷумла дар ғазали зерин, ки мавзуи он болидан аз рӯзҳои осудаву пур аз фараҳи миллат аст, ишорат бар исми Хоҷа Ҳофиз шудааст:

Баркушодам аз сари сидқу вафо

Аз китоби Хоҷа Ҳофиз фоли нав.

Гашт маълумам, ки мегардад накӯ

Рӯзгори мардум аз аъмоли нав [4, с. 504].

Адибони муосир низ дар талмеҳоти ашъори Ашӯр Сафар истифода шудаанд. Аз ҷумла дар байти зер ҳам исми Ҷалол Икромӣ ва ҳам сухани вай талмеҳ шудаанд:

«Бигзашта бихону қадри имрӯз бидон!»

Мегуфт ба суҳбате Ҷалол Икромӣ [4, с. 508].

Дар байти зер бошад, бо ишорат ба номи овозхони шаҳир Одина Ҳошим ва мусиқии миллии тоҷик «Фалак» аҳволи ботинии хешро чунин баён намудааст:

Ҳар гаҳе Одина мехонад «Фалак»,

Ман зи умри бебақо ғам мехӯрам [4, с. 495].

Талмеҳоте, ки ишорат ба номҳои ҷуғрофиёӣ менамоянд, дар эҷодиёти Ашӯр Сафар баъзан агар анъанавию такрорӣ бошанд, баъзан нав низ мебошанд. Аз ҷумла, дар байти зер аз як ғазали шоир, ки ба мавзуи вафову сидқ, дӯстӣ ва сулҳ бахшида шудааст, шоир исми Хиросимаро истифода карда, тавассути ишорат бар он нафрату бадбинии худро нисбат ба таҳқиру таҷовузи инсоният баён намудааст:

Таманно мекунам такрори рӯзи шодии мардум,

Намехоҳам вале гардад Хиросима дигар такрор [4, с. 486].

Чи тавре ки дида мешавад, дар ғазалиёти Ашӯр Сафар талмеҳ ба ҳайси василаи тасвири бадеӣ саҳми қобили мулоҳизае дошта, дар рангинтару муассиртар тасвир кардани мазомини шоирона нақши басазое ифода кардааст. Чи аз ҷиҳати гуногунии мавзуъ ва чи аз нигоҳи тарзи баён талмеҳоти истифоданамудаи Ашӯр Сафар ҷолибанд ва ҳар яке дар мавриди худ як навъ навгоние доранд.

Адабиёт

1. *Акбаров, Ю. Шеъри эҳсосу хирад / Ю. Акбаров // Садои Шарқ.- №9, 1981. - С. 149-155.*
2. *Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь. Издание шестое.-М.: Русский язык, 1984. - 942 с.*
3. *Сатторов, А. Шеър ва зиндагӣ / А. Сатторов // Садои Шарқ. - №10, 1975. - С. 116-136.*
4. *Сафар, А. Девон / Ашӯр Сафар. Мураттиб ва муҳаррир: Г. Сафар.- Душанбе: Адиб, 2018. - 967 с.*
5. *Иқболӣ, М. А. Шеър ва шоирон дар Эрони исломӣ / М. А. Иқболӣ.- Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1363. - 253 с.*
6. *Ҳаким, А. Сухан ва образ / А. Ҳаким // Садои Шарқ.- №11.-1973. - С. 132-142.*
7. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Муқаррирон: М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Қошим, Н. А. Маъсумӣ- М: Советская энциклопедия, 1969.-Ҷ. 2.- 948 с.*
8. *Шарифов, Х. Сухан аз меҳру вафо / Худоӣ Шарифов // А. Сафар. Девон. Мураттиб ва муҳаррир: Гурез Сафар.- Душанбе: Адиб, 2018.- С. 3-8*
9. *Шарифов, Х. Ташаккули услуб ва камолот / Х. Шарифов //Садои Шарқ. - №5. - 1982. - С. 96-104.*
10. *Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / А. Шеърдӯст.- Душанбе: Адиб, 1997. - 187 с.*

НАҚШИ САНЪАТИ ТАЛМЕҲ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ АШӮР САФАР

Тибқи нишондоди муаллифи мақола, Ашӯр Сафар яке аз шоирони ҳунарманди адабиёти охирҳои замони шуравӣ ва аввалҳои даврони истиқлоли миллати тоҷик ба шумор меравад. Ашӯр Сафар ҳам дар жанрҳои сунатии шеър ва ҳам дар тарзи шеъри нав истеъдоди вижа дорад. Миёни тамоми навъҳои шеърӣ дар эҷодиёти Ашӯр Сафар жанри ғазал мақоми махсусро ишғол менамояд. Жанри мазкур аз чиҳати теъдод ҳам дар эҷодиёти шоир бар кулли дигар жанрҳо бартарӣ дорад. Ғазалҳои шоир аз ҳайси мавзуъ ва мундариҷа басо пурғановат буда, ҳамчунин тавассути анвои гуногуни санъатҳои бадеӣ ороста гардидаанд. Дар тасвироти шоиронаи Ашӯр Сафар аз зумраи васоити тасвири бадеӣ махсусан тамсил, истиора, ташбеҳ ва талмеҳ нақши басо назаррас доранд, ки тавассути онҳо шоир мазомини зиёдро тарҳбандӣ намудааст. Аз байни васоити зикршудаи санъатҳои бадеӣ метавон санъати талмеҳро зикр намуд, ки дар тасвирҳои шоиронаи Ашӯр Сафар нақши қобили таваҷҷуҳро иҷро менамояд. Чунонки муаллиф қайд менамояд, талмеҳоти истифоданамудаи Ашӯр Сафар чи аз ҳайси навъ ва чи аз ҳайси махсусияти бакоргирӣ дорои баъзе хусусиятҳо мебошанд. Аз ҳайси мавзуъ талмеҳоти ашъори Ашӯр Сафар бештар маҳдуд бар номҳои таърихӣ, ривоятӣ, ҷуғрофӣ, номҳои шоирон ва суханони маъруфи онон, ҳамчунин мақолҳои халқӣ мебошанд. Аз ҳайси бакоргирии талмеҳ бошад, дар ғазалҳои Ашӯр Сафар дар тасвири мазомини шеърӣ омезиши талмеҳ бо дигар навъҳои санъатҳои бадеӣ ба чашм мерасад. Ашӯр Сафар баъзан ташбеҳот, муболиғаҳо, истиораҳо ва дигар навъҳои васоити тасвири бадеиро ба василаи талмеҳоти гуногунмавзуъ корбаст намудааст. Ба ҳам омадани санъатҳои гуногун ашъори шоирро басо зебову таъсирбахш намудаанд.

Калидвожаҳо: Ашӯр Сафар, ғазал, талмеҳ, қаҳрамони ҳамосӣ, номҳои асотирӣ, номҳои ҷуғрофӣ, номи сайёраҳо, номи шоирон, номи санъаткорон.

РОЛЬ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПРИЁМА «ТАЛМЕХ» В ГАЗЕЛЯХ АШУРА САФАРА

По словам автора статьи Ашӯр Сафар является одним из талантливых поэтов таджикской литературы советской эпохи и начало независимости. Ашӯр Сафар имеет большое мастерство как в традиционных, так и в новых форм стихосложения. Среди всех поэтических форм в творчестве поэта жанр газель имеет особое место. Вышеупомянутый жанр имеет превосходство в творениях поэта. Его газели богаты с точки зрения темы и содержания, а также украшены разными средствами художественного изображения. В поэтических изображениях Ашура Сафара из числа художественно-изобразительных искусств важную роль играют такие фигуры, как: аллегория, метафора, сравнение и указание, посредством которых поэт наделяет свои произведения многочисленными мотивами и смыслами. Как отмечает автор, фигура указание в творчестве Ашура Сафара с точки зрения разновидности и особенности использования обладает некоторыми свойствами. Вышеупомянутая фигура в большинстве своём разделяется на исторический, мифологический, географические темы, указывающие на человеческих имён, в том числе поэтов, писателей и других лиц, относящихся к культуре и искусстве, а также указывает на стихи поэтов, народных пословиц и поговорок. С точки зрения использования фигуры указания в газелях Ашура Сафара, в описании поэтических смыслов выявляется смешивание данной фигуры с другими средствами художественного изображения, такими как: сравнение, гипербола, метафора. Ашӯр Сафар иногда вышеупомянутых сердств поэтического описания осуществляет с помощью фигуры указания, по причине которых его стихи больше воспринимаютсякрасивыми и интересными.

Ключевые слова: Ашӯр Сафар, газель, талмех, эпические герои, мифологические имена, географические имена, имена планет, имена поэтов, писателей и мастеров искусств.

THE ROLE OF USING THE ARTISTIC DEVICE «TALMEH» IN THE GAZELS OF ASHUR SAFAR

According to the author of the article, Ashur Safar is one of the talented poets of Tajik literature of the Soviet era and the beginning of independence. Ashur Safar has great skill in both traditional and new forms of versification. Among all poetic forms, the ghazal genre has a special place in the poet's work. The aforementioned genre has superiority in the works of the poet. His ghazals are rich in theme and content, and are decorated with various means of artistic representation. In the poetic images of Ashur Safar from among the fine arts, an important role is played by such figures as: allegory, metaphor, comparison and indication, through which the poet endows his works with numerous motives and meanings. As the author notes, the figure of indication in the work of Ashura Safar has some properties in terms of variety and peculiarities of use. The above figure is mostly divided into historical, mythological, geographical themes, pointing to human names, including poets, writers and other persons related to culture and art, and also points

to poems of poets, folk proverbs and sayings. From the point of view of using the figure of indication in the ghazals of Ashura Safar, in the description of poetic meanings, the mixing of this figure with other means of artistic representation, such as comparison, hyperbole, metaphor, is revealed. Ashur Safar sometimes carries out the aforementioned hearts of poetic description with the help of an indication figure, due to which his poems are more perceived as beautiful and interesting.

Keywords: Ashur Safar, gazelle, talmeh, epic heroes, mythological names, geographical names, names of planets, names of poets, writers and masters of art.

Дар бораи муаллиф

Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна
Аспиранти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии Данғара
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел.: (+992) 905 80 60 54

Об авторе

Шаробова Махбуба Курбонмуродовна
Аспирант кафедры таджикского языка и литературы
Дангаринский государственный университет
735320, Республика Таджикистан, р. Дангара, ул. Марказӣ, 25
Тел.: (+992) 905 80 60 54

About the author

Sharobova Makhbuba Qurbonmurodovna
Post-graduate student of the Tajik language and literature department
Dangara State University
735320, Republic of Tajikistan, Dangara, st. Markazi, 25
Ph.: (+992) 905 80 60 54

УДК 882+895.1

ВКЛАД Л. Н. ТОЛСТОГО И ЛУ СИНЯ В РАЗВИТИЕ ЛИТЕРАТУРНОГО РЕАЛИЗМА В РОССИИ И КИТАЕ

Ян Лю
Российский университет дружбы народов

В XIX-XX вв. в мире появились новые настроения, которые способствовали развитию иного взгляда на жизнь общества, место человека в нем, а также становлению нового литературного направления, получившего название реализм. Изначально реализм зародился в европейской литературе, но в последующем интерес к описанию жизни с помощью «реальных» красок в литературных произведениях нашел отражение в творчестве российских поэтов и писателей, а затем в начале XX столетия получил развитие и в Китае.

В конце XIX столетия писатель Л. Н. Толстой стал центральной фигурой мирового литературного процесса [8, с. 18]. Л. Н. Толстой создал за свою жизнь множество бессмертных произведений, среди которых большую долю составляли крестьянские сюжеты [2]. В его творчестве русский литературный реализм достиг своих вершин. Как отмечает Г. Лукач «творчество Толстого является “шагом вперед” для всей мировой литературы благодаря тому, что художественный реализм достиг в нем нового, более глубокого развития» [6]. Также исследователь пишет, что писатель «продолжил традиции великого европейского реализма XVIII и XIX столетий, традиции Фильдинга и Дефо, Бальзака и Стендаля», спася великий реализм от гибели [6].

В Китае такой же статус носит писатель Лу Синь. Российский исследователь С. М. Петров назвал Лу Синя великим писателем-реалистом в китайской литературе. «В своих произведениях он (Лу Синь – прим. автора) хотел рассказать о горестях «несчастных людей больного общества, чтобы показать его болезни, привлечь к ним внимание и излечить их» [7, с. 291]. Лу Синь является первым великим писателем в истории новой китайской литературы, который наиболее глубоко отразил боль и проблемы крестьян [2].

Многие исследователи отмечают, что несмотря на отсутствие прямых контактов между Лу Синем и Л. Н. Толстым, в творчестве этих писателей прослеживается определенная степень духовного сходства [5; 10]. С другой стороны, различие во взглядах писателей на общество и жизнь отдельных людей в нем привели к наличию неодинакового восприятия окружающего мира героями их произведений, а также обусловили специфику русского и китайского литературного реализма.

В целом, творчество Л. Н. Толстого и Лу Синя сыграло важную роль в становлении реализма в русской и китайской литературе. Реализм в их произведениях характеризуется рядом схожих черт и отличий, выявление которых позволит определить специфику развития литературного реализма в России и Китае, что обуславливает актуальность темы настоящей статьи.

Объектом исследования в статье выступает литературное творчество Л. Н. Толстого и Лу Синя. В качестве предмета исследования представлены особенности реализма в произведениях Л. Н. Толстого и Лу Синя, которые оказали влияние на становление данного литературного направления в России и Китае.

Цель статьи – выявить влияние творчества Л. Н. Толстого и Лу Синя на развитие литературного реализма в России и Китае. Для достижения цели исследования предполагается необходимым рассмотреть условия, в которых формировался творческий подход двух писателей, выявить специфические черты проявляется реализма в их произведениях, а также оценить их влияние на распространение реализма в русской и китайской литературе.

Методы исследования представлены общенаучными, включающими анализ, синтез, обобщение. Был проведен анализ работ предшественников, посвященных творческому методу Л. Н. Толстого и Лу Синя, изучены труды по истории литературы России и Китая. Применен историко-литературный анализ, с помощью которого выявлена связь творчества писателей с общественно-историческими условиями эпохи. Методика сопоставительного анализа позволяет обнаружить общие черты и различия в творчестве Л. Н. Толстого и Лу

Синя, определяющие особенности развития литературного реализма в России и Китае и в целом характеризующие вклад писателей в реализм русской и китайской литературы.

Биография писателя оставляет неизгладимый след на его творчестве. В связи с этим, мы полагаем, что первым аспектом, с точки зрения которого следует проводить сравнение литературного творчества Л. Н. Толстого и Лу Синя, выступает выявление биографических фактов, которые непосредственно определили особенности взглядов двух писателей.

Л. Н. Толстой был аристократическим писателем, который долгое время жил в патриархальной деревне и питал глубокую привязанность к земле. Л. Н. Толстой начал описывать деревню и бедственное положение мещанского крестьянства с дебютного романа «Детство», ностальгируя по тихой жизни патриаршей усадьбы, мечтая найти счастливое царство для страдающих русских крестьян. Эта мысль проходит и через «Отрочество» и «Юность», а в «Войне и мире» Л. Н. Толстой написал о тяжелой борьбе народа в Великой Отечественной войне, установив бессмертный рекорд побед в Великой Отечественной войне. «Анна Каренина» еще больше обнажила «тьму» и «грязь» русского общества через разгадку Левина и подняла ряд серьезных проблем русской деревни [2].

Лу Синь также был из семьи помещиков и правительственных чиновников, но уже в детстве писателя финансовые возможности семьи существенно уменьшились. В юности Лу Синь поступил учиться в Японии и проведенные несколько лет там стали важными в биографии писателя и его становлении как творческой личности. В Японии после отчисления из колледжа по собственному желанию Лу Синь переехал в Токио, где познакомился с языковедом Чжан Тайянем, под руководством которого в последующем выполнил несколько переводов произведений русской литературы.

Он решительно противостоял существующему порядку с особым отношением, которое показало уникальный индивидуальный дух китайских интеллектуалов. Забота Лу Синя о людях низшего сословия проявляется через критику и негативное понимание, а в отрицании и сочувствии к слабым и маленьким людям, утратившим свой субъективный статус и самосознание в установленном общественном порядке, выражается популистская мысль Лу Синя. Описывая трагические судьбы крестьян и низшей интеллигенции, Лу Синь вскрыл первопричину страданий народа: этический порядок традиционной китайской культуры лишил людей их субъективного сознания, что еще больше обнажило проблему национального характера народа.

Л. Н. Толстой и Лу Синь использовали реализм, чтобы воспроизвести страдания крестьян, и в то же время они оба использовали один и тот же угол повествования, в основном с точки зрения высшего класса. Толстой выражал угнетение крестьян через князей и дворян (князь Нехлюдов в «Утре помещика» ходил однажды утром в дома к нескольким крепостным в своем имении и описывал бедственное положение крепостных по увиденному и услышанному). Лу Синь использовал первое лицо «я», чтобы описать страдания крестьян в своих романах. В «Благословении» повествователь впервые встретил госпожу Сянлинь на улице, посмотрел на нее и написал о ее трагической ситуации, как она стала нищей. В «Родине» также «я» рассказывает читателю о жизни молодого и пожилого Жуньту, а в последующем «я» вступает в диалог с матерью Жуньту, из которого становится дополнительно известно о причинах трудностей в жизни Жуньту. Все эти «я» принадлежат к высшему классу. Эти герои у Л. Н. Толстого и Лу Синя, а также многие другие, относятся к высшему сословию, в большей или меньшей степени содержа в себе авторский прототип. Из биографии Л. Н. Толстого известно, что в молодости он был недоволен системой школьного образования, он бросил школу и уехал домой в барскую усадьбу проводить реформы, потерпев неудачу (это нашло отражение в «Романе русского помещика», «Утре помещика», в образе Левина в «Анне Карениной»). Толстой – весьма субъективный писатель. Он никогда не оставлял своего описания себя. В его мышлении есть передовой народный характер. Лу Синь же отразил в «я» некоторые свои внешние особенности и привычки. Например, к «я» в «Родине» Жуньту обращается как к хозяину, а вторая тетя Ян говорит, что он ездит в паланкине.

Л. Н. Толстой и Лу Синь жили в разных странах и в разное время, оба, судя по происхождению и образованию, принадлежали к высшему сословию, и оба предали свой социальный класс и обращались к крестьянам, отражая их волю и требования и оплакивая социальную несправедливость.

Вторым аспектом, который следует изучить при сравнении проявления реализма в творчестве Л. Н. Толстого и Лу Синя, выступают историко-социальные условия, в которых создавались литературные произведения этих писателей. Как пишет Г. Лукач, различие творчества Л. Н. Толстого и других писателей определяется «конкретно-историческим различием общественных условий, особенностями русской революции» [6]. Китайский исследователь Фань Гофу пишет, что Л. Н. Толстой и Лу Синь «неотделимы от эпохи и национальных условий, в которых они жили» [10]. Таким образом, как в творчестве Л. Н. Толстого, так и в произведениях Лу Синя отразились особенности китайского социального развития и состояния общества, которые в свою очередь определили специфику проявления реализма в их произведениях.

Во времена Л. Н. Толстого Россия представляла собой феодально-самодержавную монархию, основанную на крепостном праве, такие отношения между помещиком и крестьянином считались само собой разумеющимися, но тормозили развитие производительных сил. К концу XIX в. стали появляться капиталистические факторы, разорялось большое количество фермеров. Позже крепостное право было отменено, но крестьяне по-прежнему не имели земли в своих руках и подвергались эксплуатации со стороны буржуазии.

Эпоха, в которой жил Лу Синь – конец XIX в. – начало XX в. характеризовалась тем, что в это время китайские крестьяне были гораздо более несчастными, чем прежде. В это время Китай был полуколониальной страной, многие страны пытались расширить свое влияние здесь, в то же время в деревне крестьянское хозяйство было очень отсталым, крестьяне подвергались эксплуатации, были вынуждены брать в аренду земли у помещиков, платить много налогов и отдавать часть урожая помещику.

Таким образом, Китай и Россия в то время были крупными сельскохозяйственными странами. Являясь свидетелями достаточно сложных времен для своих стран Лу Синь и Л. Н. Толстой родились в неспокойное время, что послужило большой предпосылкой для выбора тем для их творчества.

Третьим аспектом, изучаемым в статье, является специфика эстетических и литературных принципов реализма, отраженных в произведениях Л. Н. Толстого и Лу Синя.

Б. Бурсов пишет, что в произведениях автобиографической трилогии Л. Н. Толстого воплотились ключевые черты русского реализма, включающие «направление усилий преимущественно на выяснение возможностей человека достигнуть истинной нормы жизни и преодолеть какие бы то ни было отклонения от нее» [1, с. 71]. Л. Н. Толстой уделял особое внимание, подчеркивал и следовал эстетическим принципам реализма в своем литературно-художественном творчестве, всегда придерживался своего эстетического идеала религиозной этики. Его эстетические принципы в основном находят свое отражение в таких аспектах как придание важности связи между литературой, искусством и общественной жизнью, а также подчеркивание подлинности, типизации и народности литературы и искусства. Эстетический идеал Толстого в основном проявляется в отношении категорий правды, добра и красоты. С одной стороны, добро определяется Толстым как религиозное сознание и как содержание красоты, истина определяется как сущность человеческой жизни, как основа добра и условие осуществления добра. С другой стороны, в отношениях между истиной, добром и красотой добро рассматривается как центр, тогда как красота и истина являются условиями друг друга, и то, и другое стремится быть добром и интегрируется в добро. В творчестве Л. Н. Толстого «происходит постижение истинного смысла бытия и созерцательному отношению к жизни противостоит деятельностное» [9, с. 9]. Чжан Чжунфэн отмечает, что Л. Н. Толстой отошел от традиционного реализма и развил в своих работах «панреализм». Так называемое «панреалистическое» творчество означает, что автор не придерживается одной модели, а использует различные творческие приемы для непрерывного расширения «территории» реализма [13].

С точки зрения художественных особенностей произведений, творчество Лу Синя в определенной степени отличается от произведений Л. Н. Толстого. «Реализм Лу Синя находился в тесной связи с сознательной политической борьбой против господства» [Федоренко 1956: 475]. Это позволяет говорить о том, что в творчестве Лу Синя находят отражение черты социалистического реализма, хотя в действительности писатель не связывал свои произведения с социализмом, не являлся при жизни членом партии.

Лу Синь обращал внимание на народ с точки зрения современности, и его размышления и исследование «современности» и «традиции» отражали глубокое рациональное мышление Лу Синя о реальности. Лу Синь использовал лирические мазки для описания прекрасной стороны сельской жизни. В «Шэси» (досл. пер. «представление во время храмового праздника») он воспроизвел бесконечно интересное детство, проведенное в сельской местности. Но чаще он использовал мрачный стиль, чтобы описать реальность страданий крестьян, в том числе сельских женщин.

Несмотря на то, что оба писателя – и Лу Синь, и Л. Н. Толстой – относятся к реализму, в их творчестве отмечаются существенные различия, связанные с неодинаковым пониманием морали и эстетики. Лу Синь соглашается с гуманистическим духом Л. Н. Толстого, но выступает против непротивления, проповедуемого им. Природа, вера и нравственность Толстого, несомненно, лежат в основе его концепции непротивления, а также в известной степени определяют эстетические характеристики его литературных произведений.

Таким образом, Л. Н. Толстой и Лу Синь жили в разных странах и в разное время, происходили из семей высшего сословия, несмотря на это, в своих произведениях они затрагивали схожие проблемы, представляя жизнь несчастных крестьян и концентрируя внимание читателя на нравственных проблемах общества. Специфика мировоззрения обоих писателей оказала влияние на их творчество и в целом на реализм в литературе России и Китая.

В заключении можно сделать вывод, что Л. Н. Толстой и Лу Синь внесли особый вклад в развитие литературного реализма. Благодаря их творчеству, реализм в литературе не только продолжить свое существование, но и приобрел более специфические «национальные» черты. В настоящее время литературные произведения писателей-реалистов продолжают быть актуальными, что связано прежде всего с тем, что поднимаемые в них социальные проблемы имеют вневременное значение. Русский писатель Б. Екимов в отношении литературы Л. Н. Толстого пишет, что она «находит живой отклик в каждом новом поколении читателей, от начинающих до опытных, и должна входить в жизнь человека с юных лет» [Екимов 2016: 2]. В связи с этим, соглашаясь с точкой зрения писателя Б. Екимова, мы полагаем, что для расширения кругозора российских и китайских школьников, а также реализации культурного обмена в литературно-образовательной сфере, представляется необходимым изучение произведений Л. Н. Толстого и Лу Синя на занятиях по литературе в старших классах средней школы.

Литература

1. *Бурсов Б. У истоков реализма Л. Н. Толстого // Вопросы литературы. 1960 № 9. С. 71–111.*
2. *Ван Хуэй. Сравнение создания крестьянской темы у Толстого и Лу Синя // Исследования зарубежной литературы. 1994. № 3. С. 107–110. DOI: 10. 19915 / j. cnki. fls. 1994. 03. 024. (На китайском языке).*
3. *Ван Цзин. Сравнение нравственных и эстетических взглядов Лу Синя и Толстого – о потенциальном отношении Лу Синя к литературным произведениям Толстого // Журнал Хэбэйского педагогического университета (издание философии и социальных наук). 2016. № 39 (06). С. 48–53. DOI:10. 13763/j. cnki. jhebnu. psse. 2016. 06. 008. (На китайском языке).*
4. *Екимов Б. Необходимость Толстого // Литература в школе. 2016. № 3. С. 2–5.*
5. *Линь Юян, Чжо Гуаннин. Лу Синь и Толстой: диалог во времени и пространстве и китайско-российский культурный обмен // Признание шедевра. 2020. № 2. С. 8–10. (На китайском языке).*
6. *Лукач Г. Толстой и развитие реализма // К истории реализма. М., 1939 [Электронный ресурс]. URL: http://tolstoy-lit. ru/tolstoy/public/lukach-razvitie-realizma/ (дата обращения: 07. 12. 2022).*
7. *Петров С. М. Реализм. М., 1964.*
8. *Родин И. О. Русская литература с древнейших времен до начала XX века. М., 2012.*
9. *Сохряков Ю. И. Значение Л. Н. Толстого для развития американской романистики XX века // Литература в школе. 2021. № 5. С. 9–18. DOI: 10. 31862/0130-3414-2021-5-9-18*
10. *Фань Гофу. Диалог между движением новой культуры Лу Синя и «толстовством» // Серия исследований китайской современной литературы. 2020. № 1. С. 53–63. DOI: 10. 16287/j. cnki. cn11-2589/i. 2020. 01. 004. (На китайском языке).*
11. *Фань Гофу. Лев Толстой в мыслительной конструкции Лу Синя в Японии // Ежемесячник исследования Лу Синя. 2016. № 10. С. 81–91. DOI:10. 15945/j. cnki. cn11-2722/i . 2016. 10. 012. (На китайском языке).*
12. *Федоренко Н. Т. Китайская литература: очерки по истории китайской литературы. М., 1956.*
13. *Чжан Чжунфэн. О создании панреализма Толстого, его достижениях и потерях // Журнал Сычуаньского университета (издание философии и социальных наук). 2009. № 6. С. 90–96. (На китайском языке).*

Reference

1. *Bursov B. At the origins of LN Tolstoy's realism. Voprosy literatury. 1960. No. 9. Pp. 71–111. (In Russ.).*
2. *Ekimov B. Necessity of Tolstoy. Literatura v shkole. 2016. No. 3. Pp. 2-5. (In Russ.).*
3. *Fan Guofu. A Dialogue Between Lu Xun's New Culture Movement and "Tolstoyism". Chinese Modern Literature Research Series. 2020. No. 1. Pp. 53–63. DOI:10. 16287/j. cnki. cn11-2589/i. 2020. 01. 004. (In Chinese).*
4. *Fan Guofu. Leo Tolstoy in the Thought Construction of Lu Xun in Japan. Lu Xun Research Monthly. 2016. No. 10. Pp. 81-91. DOI:10. 15945/j. cnki. cn11-2722/i . 2016. 10. 012. (In Chinese).*
5. *Fedorenko N. T. Kitajskaja literatura: ocherki po istorii kitajskoj literatury [Chinese Literature: Essays on the History of Chinese Literature]. Moscow, 1956. (In Russ.).*
6. *Lin Yuyang, Zhuo Guangping. Lu Xun and Tolstoy: Dialogue Across Time and Space and Sino-Russian Cultural Exchange. Masterpiece Appreciation. 2020. No. 2. Pp. 8–10 (In Chinese).*
7. *Lukach G. Tolstoy and the development of realism // K istorii realizma. Moscow, 1939 [Electronic resource]. URL: http://tolstoy-lit. ru/tolstoy/public/lukach-razvitie-realizma/ (access date: 07. 12. 2022) (In Russ.).*
8. *Petrov S. M. Realizm [Realizm]. Moscow, 1964. (In Russ.).*
9. *Rodin I. O. Russkaja literatura s drevnejshih vremen do nachala XX veka [Russian literature from ancient times to the beginning of the 20th century]. Moscow, 2012. (In Russ.).*
10. *Sohrjakov Ju. I. The value of L. N. Tolstoy for the development of American novels of the XX century. Literatura v shkole. 2021. No 5. Pp. 9–18. DOI: 10. 31862/0130-3414-2021-5-9-18 (In Russ.).*
11. *Wang Hui. Comparison of Tolstoy's and Lu Xun's Peasant Theme Creation. Foreign Literature Research. 1994. No. 3. Pp. 107–110. DOI:10. 19915/j. cnki. fls. 1994. 03. 024. (In Chinese).*
12. *Wang Jing. Comparison of Lu Xun and Tolstoy's Moral and Aesthetic Views. Journal of Hebei Normal University (Philosophy and Social Science Edition). 2016. No. 39. Pp. 48–53. DOI:10. 13763/j. cnki. jhebnu. psse. 2016. 06. 008. (In Chinese).*
13. *Zhang Zhongfeng. On Tolstoy's "Pan-realism" creation and its gains and losses. Journal of Sichuan University (Philosophy and Social Sciences Edition). 2009. No. 6. Pp. 90–96. (In Chinese).*

ВКЛАД Л. Н. ТОЛСТОГО И ЛУ СИНЯ В РАЗВИТИЕ ЛИТЕРАТУРНОГО РЕАЛИЗМА В РОССИИ И КИТАЕ

В статье раскрываются особенности вклада Л. Н. Толстого и Лу Синя в развитие литературного реализма в России и Китае, акцентируется внимание на изучении аспектов становления творческой личности обоих писателей и их влиянии на творческий метод реализма, ставший основным в их литературных произведениях.

Цель исследования – выявить влияние творчества Л. Н. Толстого и Лу Синя на развитие литературного реализма в России и Китае.

Методы исследования включают как общенаучные, такие как анализ, синтез, обобщение, так и специальные, относящиеся к историческим наукам и литературным исследованиям, подобные историко-литературному анализу. Данный метод позволяет выявить связь творчества писателей с общественно-историческими условиями эпохи, определить условия развития творческого метода реализма Л. Н. Толстого и Лу Синя. С помощью сопоставительного анализа в работе с точки зрения трех аспектов – биография, историко-социальные условия, специфика эстетических и литературных принципов реализма – изучены особенности творчества двух писателей, выявлены общие черты и различия их литературных произведений, а также проведены параллели их творчества и национальной специфики литературного реализма России и Китая.

Основные полученные результаты. В результате сопоставительного анализа выявлено, что схожие биографические факты обусловили общие черты в выборе проблематики произведений Л. Н. Толстого и Лу Синя. Различие в историко-социальных условий, в которых создавали свои произведения два писателя, способствовало формированию разных взглядов на решение проблем общества, и в то же время определило специфику литературного метода реализма двух писателей, проявившуюся в эстетических и литературных принципах, в дальнейшем оказав влияние на русский и китайский реализм в литературе.

Краткие выводы. Произведения Л. Н. Толстого и Лу Синя продолжают оставаться актуальными и концентрируют в себе основные черты литературного реализма России и Китая. Их творчество продолжает волновать сердца современников, поскольку затрагиваемые в нем проблемы имеют общечеловеческий и вневременной характер. Поэтому для расширения кругозора российских и китайских школьников произведения Л. Н. Толстого и Лу Синя должны изучаться на занятиях по литературе в старших классах средней школы.

Ключевые слова: Лев Николаевич Толстой, Лу Синь, литературный реализм, Россия, Китай.

LEO TOLSTOY AND LU XUN CONTRIBUTION TO RUSSIAN AND CHINESE LITERARY REALISM DEVELOPMENT

The article reveals the features of the contribution of Leo Tolstoy and Lu Xun in the development of literary realism in Russia and China, focuses on the study of aspects of the formation of the creative personality of both writers and their influence on the creative method of realism, which has become the main one in their literary works.

The purpose of the study is to reveal the influence of Leo Tolstoy and Lu Xun on the Russia and China literary realism development.

Research methods include analysis, synthesis, generalization, and special methods, such as historical-literary analysis. By this method reveal the connection between the writers' creativity and the socio-historical conditions. Use comparative analysis from the three points of view (biographical, historical and social), author studied the two writer's specifics of the aesthetic and literary principles of realism, define parallels between their work and Russia and China national specifics literary realism.

As a result of a comparative analysis, it was revealed that similar biographical facts led to common features in the choice of the problematics of Leo Tolstoy and Lu Xun. The difference in the historical and social conditions in which the two writers created their works contributed to the formation of different views on solving the problems of society, and at the same time determined the specifics of the literary method of realism of the two writers, which manifested itself in aesthetic and literary principles, subsequently influencing Russian and Chinese realism in literature.

The works of Leo Tolstoy and Lu Xun continue to be relevant and concentrate the main features of the literary realism of Russia and China. Their work continues to excite the hearts of contemporaries, since the problems touched upon in it are of a universal and timeless nature. Therefore, to expand the horizons of Russian and Chinese schoolchildren, the works of Leo Tolstoy and Lu Xun should be studied in high school literature classes.

Keywords: Leo Tolstoy, Lu Xun, literary realism, Russia, China.

САҲМИ Л. Н. ТОЛСТОЙ ВА ЛУ СИН ДАР ИНКИШОФИ РЕАЛИЗМИ АДАБӢ ДАР РУСИЯ ВА ЧИН

Дар мақола вижагиҳои саҳми Л. Н. Толстой ва Лу Син дар инкишофи реализми адабӣ дар Русия ва Чин нишон дода шуда, ба омӯзиши ҷанбаҳои шаклгирии шахсияти эҷодии ин ду нависанда ва таъсири онҳо ба методи эҷодии реализм, ки дар эҷодиёти адабии онҳо мавқеи асосӣ дошт, тамаркуз сурат мегирад.

Мақсади тадқиқот муайян кардани таъсири Л. Н. Толстой ва Лу Син дар бораи инкишофи реализми адабӣ дар Русия ва Чин мебошад.

Методҳои тадқиқот ҳам усулҳои умумии илмӣ, аз қабили таҳлил, синтез, ҷамъбаст ва ҳам усулҳои махсуси марбут ба илмҳои таърих ва тадқиқоти адабӣ, аз қабили таҳлили таърихию адабӣ мебошанд. Ин методҳо ба мо имкон медиҳанд, ки алоқаи эҷодиёти нависандагон бо шароити иҷтимоию таърихии давру замон, ҳамзамон шароити инкишофи методи эҷодии реализми Л. Толстой ва Лу Син муайян карда шавад. Бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ дар мақола вобаста ба се ҷанба — зиндагинома, шароити таърихию иҷтимоӣ, вижагиҳои усулҳои эстетикию адабии реализм - хусусиятҳои эҷодиёти ду нависанда таҳқиқ карда шуда, хусусиятҳои умумӣ ва тафовути асарҳои адабии онҳо муайян карда шуда, дар байни эҷодиёти онҳо ва хусусиятҳои миллии реализми адабии Русия ва Чин муқоисаҳо оварда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии ба дастомада. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ маълум гардид, ки далелҳои якхелаи биографӣ хусусиятҳои умумиро дар интихоби масъалаҳои эҷодиёти Л. Н. Толстой ва Лу Син мушаххас мекунанд. Тафовути шароити таърихӣ ва иҷтимоие, ки ду нависанда асарҳои худро дар он эҷод кардаанд, ба ташаккули акидаҳои гуногун оид ба ҳалли мушкилоти ҷомеа мусоидат намуда, дар айни замон хусусияти услуби адабии реализми ин ду нависандаро муайян намуда, бо пайвастагӣ ба принсипҳои эстетикию адабӣ дар оянда ба реализми рус ва чинӣ дар адабиёт таъсир расонданд.

Натиҷаҳои мухтасар. Асарҳои Л. Н. Толстой ва Лу Син минбаъд ҳам рӯзмарра боқӣ монда, хусусиятхои асосии реализми адабиро дар Русия ва Чин ба худ мутамарказ мекунанд. Эҷодиёти онҳо то ҳол дили ҳамзамонони худро ба ҳаяҷон меоварад, зеро проблемаҳои дар он баёншуда характери умумибашарӣ доранд. Аз ин рӯ, барои васеъ кардани ҷаҳонбинии мактаббачагони рус ва чинӣ асарҳои Л. Толстой ва Лу Синро бояд дар дарсҳои адабиёти синфҳои болоии мактаби миёна омӯхт.

Ключевые слова: Лев Николаевич Толстой, Лу Синь, литературный реализм, Россия, Китай.

Об авторе

Ян Лю
Аспирант
Российский университет дружбы народов
117198, Российская Федерация, г. Москва,
ул. Миклухо-Маклая, 6
E-mail: 1042218145@rudn. ru

About the author

Yang Liu
Graduate student
Peoples' Friendship University of Russia
117198, Russian Federation, Moscow,
st. Miklukho-Maclay, 6
E-mail: 1042218145@rudn. ru

Дар бораи муаллиф

Ян Лю
Аспирант
Донишгоҳи дӯстии халқҳои Русия
117198, Федератсияи Русия, ш. Москва,
к. Миклухо-Маклай, 6
E-mail: 1042218145@rudn. ru

ТДУ 891.550

ИДОМАИ СУННАТҲОИ ДОСТОНСАРОИИ АСРИМИЁНАГӢ ДАР ДОСТОНИ “ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН”-И ШАМСИДДИН ШОҲИН

Ризоева З. Б.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ

Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик қиссае, ки ба чунин ҷаззобият тавониста бошад мавриди истиқболи адибони давраҳои гуногуни адабиёт қарор гирад, кам аст. “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шамсиддин Шоҳин аз достонҳои машҳури адабиёти мо ба шумор рафта, тибқи ахбору ривоятҳо аз рӯзгорони мардуми араб сарчашма гирифтааст ва ба мавзуи анъанавии адабиёти мо табдил ёфтааст. Шояд ҳамин фоҷиаи ишқи пурмоҷарои “Лайлӣ ва Маҷнун” сабаби иштиҳори бештари ин қиссаи марғуб дар адабиёти ҷаҳон гардидааст ва дар таърихи инсоният марҳилаҳои гуногунро пушти сар намуда, ҳамчу шоҳкори адабӣ дар анъанаи достонсароӣ дохил шудааст.

Аз маълумоти сарчашмаҳо маълум мегардад, ки Шоҳин аз шоирони ғазалсарои замони худ буда, ба таълифи достони “Лайлӣ ва Маҷнун” баъд аз вафоти завҷааш пардохтааст ва муҳаққиқи рӯзгор ва осори Шамсиддин Шоҳин – адабиётшиноси тоҷик Холиқ Мирзозода, таълифи ин асарро ба давраи якуми эҷодиёти шоир нисбат медиҳад [10, с. 82]. Шояд ҳамон дарду сӯзи ниҳони шоир буд, ки ӯ дар таълифи достони “Лайлӣ ва Маҷнун” муваффақ мешавад ва ин достон бо фарогирии матлаб дар эҷодиёти шоир мақоми муҳимро ишғол менамояд.

Маълумот дар бораи Шамсиддин Шоҳин ва эҷодиёти ӯ дар сарчашмаҳои адабии асри XIX ва XX ба таври хеле маҳдуд дастрас ҳастанд, аммо дар омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёту эҷодиёти шоир осори худи шоир бештар кумак мекунад.

Рочеъ ба зиндагинома ва мероси адабии Муҳаммад Шамсиддини Шоҳин асари адабиётшиноси тоҷик Холиқ Мирзозодаро бо унвони “Шамсиддин Шоҳин” [10] метавон аз осори таҳқиқотии арзишманд, ки тамоми паҳлуҳои рӯзгору осори шоирро дар бар мегирад, унвон кард. Дигар асари муҳим дар шинохти Шоҳин ва мероси адабии ӯ - “Шоҳин. Тадқиқи нав дар ҳаёт ва эҷодиёти шоир” [18] мебошад, ки ба қалами Расул Ҳодизода тааллуқ дорад. Ҳамчунин асари монографии академик Абдуҷаббор Раҳмонов бо унвони “Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX” [14] низ дар муайян намудани мавқеи ғазалсароии шоир судманд мебошад. Ҳамчунин дар баробари як қатор осори пажӯҳишие, ки ба шахсияти Шамсиддин Шоҳин ва мероси адабии ӯ бахшида шудааст, дар омӯхтани ҳамаҷонибаи ҳаёту эҷодиёти шоир ба тазкираҳо ва дигар мақолаву рисолаҳо низ мурочиат шудааст, ки “Тазкираи Афзалӣ”-и Афзал Махдуми Пирмастӣ [13], “Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам [11], “Тазкират-уш-шуаро”-и Мир Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ [2], “Тазкори ашъор”-и Садри Зиё [9], “Намунаи адабиёти тоҷик”-и Садриддин Айнӣ [1], ёддоштҳои Мирзо Муҳаммад Қобили Ғиждувонӣ [19] ва ғайра аз ин қабиланд. Махсусан зикри номи Мирзо Муҳаммадқобили Ғиждувониро, ки аз мухлисону дӯстдорони каломи Шамсиддин Шоҳин буда, чиҳил соли ҳаёти худро дар ҷамъоварии мероси адабии шоир гузаронидааст, дар омӯзиши зиндагинома ва мероси адабии Шоҳин муҳим мешуморем.

Ҳунару истеъдоди волои суханварии Шоҳинро аксари тазкиранигорон дар ғазалсароӣ баҳо додаанд, аммо маҳорату қобилияти маънирасӣ ба ин шоири ҷавон даст дод, то асари бузургу мондагореро чун “Лайлӣ ва Маҷнун” офарад. Чуноне ки А. Бобоев ва И. Ҳидоятов дар мақолаи “Шоҳини баландпарвоз” мегӯянд: “Дар осори манзуми Шоҳин мавзуи анъанавии ишқ ва образи ошиқ мавқеи арзандае дорад ва суханвари ҳассос дар ин ҷода навпардозӣ ва тозагӯиҳои қобили таҳсин кардааст” [7, с. 62]. Ҳарчанд дар эҷоди достони “Лайлӣ ва Маҷнун” шоир ғаму андӯҳи ниҳони қалби худро сармашқ кардааст, аммо бо ин ҳама, ӯ тавонистааст дар риояи суннатҳои достонсароии асримиёнагӣ гӯйи маънӣ ронад. Аз хати сюжаи достон бармеояд, ки Шоҳин, асосан, достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и худро дар пайравӣ аз достони ҳамноми Низомӣ офаридааст.

Низомии Ганҷавӣ аз аввалин адибонест, ки ин достонро дар анъанаи достоннависии форс-тоҷик ворид намудааст, аз ин рӯ аксари адибоне, ки то Шоҳин дар эҷоди онҳо достони “Лайлӣ ва Маҷнун” мавқеъ пайдо намудааст, аз ин роҳгузар ба таълифи достон пардохтаанд.

Ҳадафи мо низ аз ин пажӯҳиш бо нишон додани суннати достонсароии асримиёнагӣ дар эҷоди достони “Лайлӣ ва Маҷнун” муайян намудани мавқеи Шамсиддин Шоҳин дар риояи суннатҳои достонсароӣ дар таълифи достони ҳамноми Низомӣ мебошад. Аммо пеш аз он ки ба тарҳи мавзуи асосӣ пардозем, бояд ба як нуктаи муҳим ишора шавад, ки ҳарчанд дар таърихи адабиёти тоҷик аввалин назмкунандаи ин достон Низомӣ шинохта шудааст, аммо то Низомӣ дар ашъори шоирон ишораҳои зиёдеро аз қаҳрамонҳои марказии ин достони дилангез – Лайлӣ ва Маҷнун метавон мушоҳида намуд.

Брагинский И. С. дар мавриди достони “Лайлӣ ва Маҷнун” бар ин назар аст, ки шояд ин достони марғуби мардуми араб дар миёни халқ шуҳрати зиёд дошта, тавассути адабиёти шифоҳӣ ба адабиёти дигари олам ворид гардидааст. Дар исботи сухани худ ҷой доштани номҳои Лайлӣ ва Маҷнунро дар адабиёти асри Х – дар шеъри устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ низ таъкид месозад [8, с. 338].

Дар ин бора Афсаҳзод А. дар китоби “Достони “Лайлӣ ва Маҷнун” –и Абдурраҳмони Ҷомӣ” бо таҳлилу баррасии бисёр аз манобеи арабӣ, пардохта, дар мавриди шахсияти Лайливу Маҷнун мегӯяд: “... номи аслии ӯро баъзеҳо Қайс ибни Муод ва баъзеҳо Маҳдӣ ибни Мулаввақ мегӯянд. Насаби саҳеҳаш аз қабилаи банӣ Ҷаъд ибни Каъб ибни Рабиа ибни Омир ибни Саъсаъа (ба ривояте банӣ Уқайл ибни Каъб ибни Рабиа) будааст” [4, с. 9]. Нисбат додани ин ду шахсияти адабӣ ба ду шахсияти таърихӣ беҳуда нест. Дар мавриди шахси воқеӣ ва таърихӣ будани Маҷнун (Қайс ибни Мулаввақ), ки бо ин тахаллус шеър менавиштааст ва ҳатто соли фавти ӯро 689 м. навиштаанд, баҳсҳо зиёданд.

Аммо дар бораи Лайлӣ ғайр аз манобеи арабӣ, дар “Сафарнома”-и Носири Хусрав ҳам бо маълумоти аҷибе рӯ ба рӯ мешавем, ки аз вуҷуди шахсияти Лайлӣ хабар медиҳад: “ Аз Тоиф бирафтем ва кӯҳу шикастагӣ буд, ки мерафтем ва ҳар ҷо ҳисоракҳо ва деҳакҳо буд ва дар шикастаҳо ҳисораке хароб ба ман намуданд. Аъроб гуфтанд, ки хонаи Лайлӣ будааст ва қиссаи эшон аҷиб аст” [16, с. 85].

Таърихи дурударози мавҷудияти чунин қиссаҳо дар адабиёт дар ашъори шоирони марҳилаҳои гуногун низ ба мушоҳида мерасад, ки гувоҳи ин далеланд. Барои мисол намунае аз ашъори Робеа Балхӣ меорем:

Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,
Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт [5, с. 114],

ки маънӣ аз шеъри устод Рӯдакӣ:

Бихандад лола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун, ба сони дидаи Маҷнун.

бурдааст.

Аммо дар мавриди ҷараёни ба адабиёт ворид шудани қиссаи Лайлӣ ва Маҷнун назари мусташриқи маъруфи рус Е. Э. Бертелс бо нигоҳи И. С. Брагинский тафовут дорад. Ӯ чунин ақида дорад, ки ин қисса ба воситаи адабиёти тасаввуф ба адабиёти форсии тоҷикӣ ворид шудааст [6, с. 242-243] ва назари Е. Э. Бертелс шояд ҳамон ҳусни фоҷиабори асар аст, ки онро бештар ба достонҳои лирикӣ – тасаввуфӣ наздик гардонидааст.

Гузашта аз ин, чи тавре болотар ишора доштем: “... шахси таърихӣ будан ё набудани Маҷнунро исбот кардан душвор аст. Далелҳои исботу радди он қариб баробар аст. Ба назар чунин мерасад, ки Маҷнун шояд шахси таърихӣ бошад, лекин қиссаву афсонаҳои марбут ба саргузашти ӯ, ки ҳоло вуҷуд доранд, дар асоси қиссаву афсонаҳои дигари арабӣ хеле такмилу таҳрир ёфта, шахсияти Маҷнун ҳам ба шахсияти афсонавӣ табдил гардида бошад.... Дар хусуси Лайлӣ ҳам метавон айнан ҳаминро бигуфт, фақат бо иловаи он ки дар саргузашти ӯ лаҳзаҳои асосии саргузашти шоира Лайло – ал-Ахялия (асри XII) низ таҷассуми бадеӣ ёфтааст” [4, с. 8-9]. Аммо ин ки дар осори адибони мутасаввиф қиссаи ишқи Лайлию Маҷнун аз асри XI сар карда, таъвили ирфонӣ ёфтааст ҷои шаку тардид нест ва интишори он дар назму насри ирфонӣ нишон медиҳад, ки ақидаи Е. Э. Бертелс дар ин маврид қобили мулоҳиза аст. Дар пажӯҳишҳои татбиқӣ роҷеъ ба мутобиқати шахсияти Маҷнун бо уқалои маҷонин, ки дар ирфон ва тасаввуф мақоми баланде доранд ва таъсири ғазали узрӣ ба ғазали ирфонии форсӣ сухан меравад [4, с. 23-24]. Махсусан дар ишқи Маҷнун, ки ишқе маънавӣ ва

дур аз ҳавову шаҳват аст, таъсири ирфон бузург аст. Таълифи як қатор достонҳои ишқии “Лайлӣ ва Маҷнун” дар таҳаввули достонсароии форс-тоҷик заминаи мусоидеро фароҳам овард, ки бо образҳои Лайлӣ ва Маҷнун алоқамандии зич доранд. Мактаби достонсароӣ низ аз Низомӣ сарчашма гирифта, дар инкишофи ин мактаб саҳми Амир Хусраву Мавлоно Ҷомӣ бисёр бузург аст, ки минбаъд дар асрҳои XVI-XIX низ ба таври зебову шоён ба назар мерасад.

Дар мақолаи профессор У. Тоиров “Назаре ба қиссаи ҷонгудози “Лайлӣ ва Маҷнун”” сарчашмаҳо ва чӣ гуна интишор ёфтани достони мазкур дар адабиёти ҷаҳон чунин омадааст: “Аз сарчашмаҳои хаттӣ аввалин бор доир ба ин қисса адабиётшиноси эронинажоди араб – Ибни Қутайба (828-889) дар асари “Аш-шеър-ваш-шуаро”, мусиқишинос ва шоири форс-тоҷик Абулфараҷи Исфаҳонӣ (897-967) дар “Китоб-ул-ағонӣ” маълумот додаанд...

... Дар ашъори шоирони машҳури адабиёти форс-тоҷик Рӯдакӣ, Робиа, Носири Хусрав ва дигарон абёте дучор меояд, ки ба қиссаи Лайлию Маҷнун ишора шудааст, аммо нахустин достон доир ба ин қиссаи шӯрангез ба қалами Низомии Ганҷавӣ тааллуқ дорад. Низомӣ соли 1188 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф кард. Достони ӯ дар муддати хеле кӯтоҳ шуҳрати зиёд пайдо кард ва дар пайравии он достонҳои зиёде ба вуҷуд омад” [15, с. 289], ки баъдан адабиётшинос тамоми достонҳои то ҳол мавҷудаи “Лайлӣ ва Маҷнун”-ро бо нишон додани муаллифонашон зикр менамояд, ки теъдоди онҳорпо ба 132 адад мерасонад.

Чи тавре мушоҳида мегардад, баъд аз Низомӣ дар суннати достонсароии форс-тоҷик ин асар шуҳрати зиёде пайдо намуд ва Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷӯи Кирмонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Мулҳам, Шоҳин ва дигарон низ дар пайравии ӯ чунин достони зебо офариданд. С. Нарзуллоева дар монографияи худ - “Мавзуи “Лайлӣ ва Маҷнун” дар таърихи адабиёти шарқшиносии шуравӣ” [12] аз таърихи баромади асар сухан ронда, аксаран маълумоти шарқшиносони ҷаҳонро дар ин боб хулоса мекунад ва андешаи худро бо нигоҳи олими тоҷик А. Афсаҳзод чунин изҳор медорад: “Достони “Лайлӣ ва Маҷнун” аз фолклори араб ба адабиёти форс-тоҷик дохил шуда, баъдан ба мамлакатҳои Шарқи дуру наздик паҳн гардидааст” [12, с. 11].

Бертелс Е. Э. зикр менамояд, ки: “Бо ин ҳама олимон исбот намудаанд, ки достонҳои ҳамноми “Лайлӣ ва Маҷнун”, ки дар асри XIII Амир Хусрав таълиф намуда буд ва дар асрҳои XV-XVI Ҷомӣ, Навоӣ, Ҳотифӣ, Ҳилолӣ, Мактабӣ, Фузулӣ таълиф кардаанд, идомаи суннати достосароӣ ба шумор рафта, бо композитсияи худ аз якдигар фарқ мекунанд [6, с. 23]”.

Яке аз шоирони машҳури асри XIX-и тоҷик, ки дар таълифи ин достон худро аз идомадиҳандагони кори Низомию Амир Хусрав ва Мавлоно Ҷомӣ мешуморад, Шамсиддин Шоҳин мебошад.

Достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шамсиддин Шоҳин аз рӯйи мавзуву мундариҷа дар идомаи суннатҳои достонсароии асримиёнагӣ таълиф гардида, ба достонҳои ҳамноми то Шоҳин офаридашуда монанд мебошад. Шоир чун дигар адибони достонсаро кӯшиш намудааст дар хатти сюжаи асари худ дигаргуниеро ворид созад.

Дар мавриди ин достон ва сарчашмаҳои эҷоди он дар асарҳои Е. Э. Бертелс “Низами и Фузули” [6], А. Афсаҳзод “Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» -и Абдураҳмони Ҷомӣ” [4], Г. Ю. Алиев “Темы и сюжети Низами в литературах народов Востока” [3], С. Нарзуллоева “Тема “Лейли и Меджнун” в истории литератур народов Востока” [12] маълумотҳои ҷолиби таваҷҷуҳ оварда шудааст, ки бо такя ба ин маълумоти мавҷуда пажӯҳиши хешро анҷом додем. Тибқи маълумоти Х. Мирзозода охирин назираи “Лайлӣ ва Маҷнун”-ро Ш. Шоҳин таълиф намудааст, ҳарчанд аз рӯйи маълумоти Е. Э. Бертелс навишта шудани достони “Лайлӣ ва Маҷнун” дар соли 1917 аз ҷониби кадом як шоири номашҳури хуҷандӣ таъкид гардида бошад ҳам, аммо азбаски ин достон то замони мо нарасидааст, онпро аз ҳисоби достонҳои таълифшуда берун мекунем [10, с. 86].

Чи тавре дар боло ёдовар шудем, Шамсиддин Шоҳин бо офаридани достони “Лайлӣ ва Маҷнун”, ки сабаби назми он даргузашти бармаҳали завҷаш буд, мехоҳад ғаму андӯҳи гаронро аз дилаш барорад. Ҳарчанд дар достони офаридаи Шоҳин ҳусни тақлиду таваҷҷуҳ ба достонҳои пешин ҷой дошта бошад ҳам, аммо шоир чун дигар адибоне, ки мундариҷаи

достонро мутобиқ ба авзои сиёсиву иҷтимоии давр кардаанд, ҳолати ҳузну нокомӣ бештар ба мушоҳида мерасад ва маълум аст, ки шоир дар зери рӯҳияи яъсу навмедӣ асари худро сурудааст.

Аз ин бармеояд, ки достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Шоҳин аз достонҳои ҳамноми Низомӣ, Амир Хусрав ва Ҷомӣ фарқи намоёне дорад. Ин фарқ ҳам дар сужети достон, ҳам дар офаридани образҳо ва ҳам дар маҳорати бадеӣ зоҳир гаштааст, ки таҳлилу баррасии образҳои ҷудогонаи достон метавонад вижагиҳои асари Шоҳинро муайян намояд.

Шоҳин дар баъзе мавридҳое, ки ӯро ногузир ба самти дигар мебарад сюжаи асари худро нав кардааст, бо ворид намудани мазмуну идеяҳои нав дар асар, ки ҳамзамон услуби соддаву равони он низ то андозае аз чунин ибтикорот ба шумор меравад, тозакориҳои Шоҳин ба чашм мерасад. Дар ин асар, пеш аз ҳама, дар ҷаҳонбинӣ, амалу рафтору кирдори қаҳрамонҳои асосии достон – Лайлӣ ва Маҷнун ва дигар образҳое, ки аз ҷониби шоир тасвир ёфтаанд, ба таври возеҳ нигоҳи шоирро дар таълифи достон муайян мекунад.

Шамсиддин Шоҳин дар муқоиса ба дигар достонсароён образи Лайлиро барҷаста тасвир намуда, ӯро дар нисбат ба тақдири ояндаи худ бетафовут намешуморад. Аммо Маҷнун дар нисбат ба Лайлӣ бурдбору нокомтар тасвир ёфтааст ва махсусан Шоҳин ин ҳолатро дар “Гуфтор дар хитоби Маҷнун бо зоғ” [19, с. 204], ки дар шикваҳои Маҷнун, ҳангоми қарор доштани ӯ дар миёни мурдаҳои зиёде, ки бар асари ҷанги Навфал бо қабилаи Наҷд-падари Лайлӣ иттифоқ афтода буд, пай бурдан мумкин аст:

Мегуфт ба худ, ки эй балокаш,
В-эй наъли бало зи ту дар оташ.
Бахти бади туст, к-ин азизон,
Гаштанд ба хоки тира яксон.
Эй фитнаи даҳр бар сари ту,
В-эй касвати наҳс дар бари ту.
Аз шумии толеи ту эй дун,
Тарсам, ки фитад ситора дар хун.
Эй кош ту ҳам дар ин миёна,
Бар тир яке шуди нишона,
То дар сафи куштагони Лайлӣ,
Будӣ ба ту ҳам нишони Лайлӣ [19, с. 205].

Маҷнун дар кушта шудани ин мардуми бегуноҳ, ки барои дифои ишқи ӯ бо қабилаи Наҷд ҷангида худро қурбон карданд, хешро гунаҳкор меҳисобад, аз ин рӯ, худро ба сияҳрӯзӣ малъун медорад. Аз ҷониби дигар, раҳмдилии Маҷнун то ба ҳаддест, Оҳанги шикваи Маҷнун дар ин ҷо на танҳо аз ҷудоӣ бо Лайлӣ аст, дар тасвири ин манзара чунин ба назар мерасад, ки шоир ба воситаи он мехоҳад бигӯяд, ки дар миёни зиндаҳо қарор доштани шоир баъзан бадтар аз ҳузури ӯ дар миёни ин мурдаҳо аст. Шоҳин ҳатто дар ин эпизод як ҳамгуние ба ҳаёти воқеии замони худ барқарор мекунад.

Чи тавре мушоҳида мешавад, Шоҳин дар офаридани ин асар ҳам хати истиқбол ва ҳам хати истиқлол дорад. Истиқбол аз он дорад, ки достони машҳуреро дар пайравӣ аз Низомиву Амир Хусрав ва Ҷомию Ҳилоливу дигарон ба қалам додааст ва албатта барои риояи суннатҳои достонсароии асримиёнагӣ кӯшидааст, то ҷое, ки қувваю имкони эҷодӣ даст медиҳад, асареро ҳамсатҳо достонҳои ҳамноми “Лайлӣ ва Маҷнун” таълиф намояд. Истиқлол аз он дорад, ки Шоҳин мехоҳад ба воситаи ин достон бори сангини бар дӯш доштаашро андаке ҳам бошад, сабук гардонад ва чунонки аз ғояи асар маълум мегардад, шоир дар он дарди ҳиҷрони завҷаи ҷавонмаргашро месарояд, аммо ин ба танҳоӣ як ғаму диққати аз даст додани маҳбубааш набуд, балки дигар омилҳое, ки сабаби сияҳрӯзии шоир гашта, дар оташи ҳиҷрони ӯ равған мерехт шуда буд. Аз ин рӯ, ба заминаҳои истиқлоли фикрӣ даст ёфтани Шоҳинро танҳо метавон чунин хулоса кард.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки Шоҳин бо ҳунару истеъдоди нотакрори худ тавонист дар таълифи достони “Лайлӣ ва Маҷнун” бо риояи суннатҳои устувори адабиёти пешин мақоми худро дар рушду таҳаввули адабиёти асри XIX ҷовидона гардонад.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик. Ба кӯшиши Алии Рифоқӣ / С. Айнӣ. - Теҳрон, 1385 ҳ. – 372 с.*
2. *Абдӣ, Абдуллохоҷа. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо / Абдуллохоҷа Абдӣ. – Душанбе: Дониш, 1983.*
3. *Алиев, Г. Ю. Темы и сюжеты Низами в литературах народов Востока / Г. Ю. Алиев. – М.: Наука, 1985. – 332 с.*
4. *Афсаҳзод, А. Достони "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Ҷомӣ / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1970. – 297 с.*
5. *Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.*
6. *Бертельс, Е. Э. Низами и Фузули. Избранные труды / Е. Э. Бертельс. – М.: Издательство восточной литературы, 1962. – 554 с.*
7. *Бобоев, А., Ҳидоятов, И. Шамсиддини баландпарвоз // Уфуқи илм. – Душанбе. №3. – С. 35-39.*
8. *Брагинский, И. С. Из истории таджикской народной поэзии / И. С. Брагинский. – М., 1965. – 496 с.*
9. *Зиё, Шарифҷон Махдуми Садр. Тазкори ашъор. Ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ / Шарифҷон Махдуми Садри Зиё. – Теҳрон: Суруш, 1380 ҳ. – 428 с.*
10. *Мирзозода, Х. Шамсиддин Шоҳин / Х. Мирзозода. – Душанбе: Ирфон, 1962. – 128 с.*
11. *Муҳтарам, Н. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи А. Ҷонфидо ва дебочаи Куллиёти Айнӣ / Н. Муҳтарам. –Душанбе: Дониш, 1978. – 369 с.*
12. *Нарзуллаева, С. Тема "Лейли и Меджнун" в истории литератур народов советского Востока / С. Нарзуллаева. – Ташкент: Изд. "Фан" Узбекской ССР, 1983. – 136 с.*
13. *Пирмастӣ, Афзал-махдум. Афзал-ут-тазкор. – Захираи дастхатҳои шарқии АМИ Тоҷикистон, №50027.*
14. *Раҳмонов Абдуҷаббор. Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX / Абдуҷаббор Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 216 с.*
15. *Тоиров У. Назаре ба қиссаи ҷонгудози "Лайлӣ ва Маҷнун" // Шеъре агар ҳаст / У. Тоиров. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – 316 с.*
16. *Хусрав, Носир. Сафарнома. Ба чоп тайёркунандагон: Камол Айнӣ, Салоҳат Айнӣ / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 120 с.*
17. *Ҳилол, Муҳаммад Ғанимӣ. "Лайлӣ ва Маҷнун" дар адабиёти арабӣ ва форсӣ. Пажӯҳише нақдӣ ва татбиқӣ дар дар ишқи узрӣ ва ишқи сӯфиёна. Тарҷума ва шарҳи Ҳодӣ Назарии Муназзам ва Райҳона Мансурӣ – Теҳрон: Нашри Най, 1393. – 344 с.*
18. *Ҳодизода, Р. Шоҳин. Тадқиқи нав дар ҳаёт ва эҷодиёти шоир / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1974. – 140 с .*
19. *Шоҳин, Шамсиддин. Ашъори мунтахаб. – Сталинобод: Матбааи марказии вазорати маданият РСС Тоҷикистон, 1959. - 444 с.*

ИДОМАИ СУННАТҲОИ ДОСТОНСАРОИИ АСРИМИЁНАГӢ ДАР ДОСТОНИ "ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН"-И ШАМСИДДИН ШОҲИН

Шамсиддин Шоҳин аз идомадиҳандагони суннати достонсароии адабиёти форс-тоҷик дар таълифи достони "Лайлӣ ва Маҷнун" ба шумор меравад. Дар таърихи адабиёти тоҷик дар эҷодиёти шоирони зиёде ин достон ба чашм мерасад ва маълум аст, ки ҳар шоир вобаста ба марҳилаи рӯзгори худ бо завқу салиқаи хоссе дар навиштани достон маҳорат варзидааст. Шоҳин низ аз шуарое маҳсуб меёбад, ки бо дили пур аз ранҷи фироқи аз даст додани завҷааш ба достони "Лайлӣ ва Маҷнун" руҷуъ намудааст. Ин достон ба давраи аввали эҷодиёти шоир марбут аст. Аммо ба ин нигоҳ накарда, як достони шевое дар идомаи суннатҳои достонсароии асримиёнагӣ шуҳрат пайдо намуд. Дар ин мақола ҳунари достонсароии Шоҳин дар риояи суннатҳои устувори пешин мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: Шамсиддин Шоҳин, "Лайлӣ ва Маҷнун", суннат, маҳорат, достон, ғиноӣ, эҷодиёт, асримиёнагӣ, достонсароӣ.

ПРОДОЛЖЕНИЕ ТРАДИЦИИ СРЕДНЕВЕКОВОГО ПОЭМОСЛОЖЕНИЯ В ПОЭМЕ "ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУН" ШАМСИДДИНА ШОХИНА

Шамсиддин Шохин принадлежит к числу продолжателей традиции написания поэмы "Лейли и Меджнун" в персидско-таджикской литературе. В истории таджикской литературы эта поэма встречается в творчестве многих поэтов, и каждый из них испытал своё перо в соответствии с историческим этапом своей жизни и в зависимости от своего индивидуального художественного мастерства. Шохин принадлежит к числу поэтов, который приступил к написанию поэмы "Лейли и Меджнун" с сердцем, полным чувства разлуки со своей любимой. Эта поэма написана в начальный период его творчества. Но несмотря на это, она прославилась как великолепный образец в плеяде произведений, написанных по традиции написания лирических поэм периода средневековья. В статье научным анализом охвачено мастерство Шохина в написании поэм с соблюдением устойчивых традиций прошлых времён.

Ключевые слова: Шамсиддин Шохин, "Лейли и Меджнун", традиция, мастерство, поэма, лирическая, творчество, средневековий, поэмосложенный.

CONTINUE OF THE TRADITION OF MEDIEVAL POEM COMPOSITION IN THE POEM “LEILI AND MAJNUN” OF SHAMSIDDIN SHOKHIN

Shamsiddin Shokhin is one of the followers of the tradition of writing the poem "Leyli and Majnun" in Persian-Tajik literature. In the history of Tajik literature, this poem is found in the work of many poets, and each of them tested his pen in accordance with the historical stage of his life and depending on his individual artistic skill. Shokhin is one of the poets who started writing the poem "Leyli and Majnun" with a heart full of feelings of separation from his beloved. This poem was written in the initial period of his work. But despite this, she became famous as a magnificent example in a galaxy of works written according to the tradition of writing lyric poems of the Middle Ages. In the article, scientific analysis covers Shokhin's skill in writing poems in compliance with the stable traditions of the past.

Keywords: Shamsiddin Shokhin, “Leyli and Majnun”, tradition, craftsmanship, poem, lyrical, creativity, medieval, poetic.

Дар бораи муаллиф

Ризоева Зухро Бозоралиевна
Докторант аз рӯи ихтисос (Phd)-и кафедраи адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ
734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С.Сафаров, 16

Об авторе

Ризоева Зухро Бозоралиевна
Докторант по специальности (PhD) кафедры таджикской литературы
Кулябский государственный университет имени А.Рудаки
734065, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С.Сафаров, 16

About the author

Rizoeva Zuhro Bozoralievna
Doctoral student (PhD) of the department of Tajik literature
Kulyab State University named after A. Rudaki
734065, Republic of Tajikistan, Kulyab,
S.Safarov st., 16

ТДУ 891.550(092)

НАҚШИ ШОКИР МУХТОР ДАР ТАҲҚИҚИ АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ФАРОНСА

Султонова Ш. Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар илми адабиётшиносии тоҷик баъди солҳои 50-уми асри бистум пажӯҳиши пайвандҳои адабии Шарқу Ғарб, бахусус равшан намудани мақом ва таъсири эҷодиёти Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва ғ. ба адибони ғарбӣ шуруъ шуд, ки дар ин роҳ ҷустуҷӯҳои як гурӯҳ пажӯҳишгарон чашмрас аст. Солҳои 70-уми асри гузашта мақолаҳои аввалин оид ба омӯзиши пайвандҳои адабии Аҷаму Аврупо дар навиштаҳои Ҳ. Назирова «Сайри Ҳофиз дар Англия», Г. Баракаева ва П. Демидчик «Заметки к переводам Хафиза» рӯи чоп омаданд. Мақолаву рисолаҳои П. Демидчик, В. Белан, В. Самад, Ш. Мухтор, Ҳ. Шодикулов, М. Шаҳидӣ, Ҳ. Назирова, Л. Малкина, Р. Деҳотӣ, А. Давронов, Ш. Мамадамбарова ва дигарон дар пажӯҳиши паҳлӯҳои гуногуни пайвандҳои адабии халқи тоҷик бахусус таъин ва баррасӣ намудани мақоми классикони адабиёти форсии тоҷикӣ ба монанди Фирдавсӣ, Сино, Хайём, Носири Хусрав, Аттор, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Айнӣ ва дигарон роҷеъ ба тарҷума ва шуҳрати сардафтари адабиёти классики тоҷику форс – устод Рӯдакӣ низ изҳори назар намудаст.

Адабиёти классикии форсу тоҷик, осори гаронмояи намояндагони бузурги он дар миёни хонандагони Шарқу Ғарб тавассути тарҷума эътибор пайдо кардаанд. Аз асри 17 асарҳои бузургони адабиёти классикии тоҷик ба такрор ба забонҳои машҳури Аврупо тарҷума мешаванд. Имрӯз “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ, рубоиёти Хайём, осори илмию адабии ибни Сино, “Гулистон” ва “Бӯстон”-и Саъдӣ, ғазалиёти Ҳофиз аз асарҳои писандидаи ҳар фарди соҳибзавқи сайёраи мост. Шоирони классики мо шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кардаанд, зеро осорашон мазмунан баланд ва пандашон ҳаётианд.

Ба гуфтаи Шокир Мухтор дар тарҷумаи осори сардафтари адабиёти форс-тоҷик устод Абӯабдулло Рӯдакӣ саҳми фаронсавиён калон аст. Ба тарҷумаи шеърҳои сардафтари адабиёти форс-тоҷик дар Фаронса аз охири асри 19 машғуланд. Рӯдакӣ мисли Хайём ба сарзамини Балзак замоне омад, ки дар адабиёти фаронсавӣ назми символистӣ арзи вуҷуд карда буд. Илова бар ин, нимаи дуюми асри гузашта замони нашъунамои шеъри фаронсавӣ буда ба эътибори мавзуъ бо назми асримиёнагии мо умумияте дорад [6, с. 126].

Бо забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла фаронсавӣ нисбатан дер тарҷума шудани осори Рӯдакӣ сабаб дорад. Донишманди адабиёти классикии форсу-тоҷик А. Мирзоев менависад, ки ҳарчанд ба таҳқиқи эҷодиёти Рӯдакӣ дар Ғарб аз аввали асри 19 сар карда бошанд ҳам, вале ба ҷамъ намудани осори боқимондаи ӯ танҳо аз солҳои 70-уми асри гузашта оғоз намуданд.

Фаронсавиён ҳам ба тарҷумаи осори Рӯдакӣ баъди нашри Эте даст заданд. Ба ин кор пеш аз ҳама шарқшиноси номии фаронсавӣ Дармстетер камар баст. Рисолаи “Зуҳури назми форсӣ”-и ӯро комёбии илми шарқшиносии Франсияи нимаи дуюми асри 19 донистан равост. Ин таҳқиқот, ки низ дорои тарҷумаҳои зиёд аз осори адибони форс-тоҷик аст, барои олимони минбаъдаи аврупоӣ чун сарчашма хизмат кард. Бори нахуст қасидаи “Шикоят аз пирӣ”-ро Ҷ. Дармстетер ба фаронсавӣ тарҷума карда дар рисолаи “Зуҳури назми форсӣ” ҷой дод. Вале бояд гуфт, ки Дармстетер махсус ба тарҷумаи шеърҳои Рӯдакӣ машғул нашудааст. Вай ҳангоми навиштани асари номбурда ба тасдиқи мулоҳизаву андешаҳояш чанд шеъри Рӯдакиро тарҷума кардааст. Азбаски муҳақиқ истеъдоди шоирӣ надошт шеърҳоро ба тарзи таҳтулафз ба фаронсавӣ гардонидааст. Қасидаи “Шикоят аз пирӣ” дар матни асл аз 34 байт иборат буда, вале дар он ҷавонии шоир, шуҳрату эътибори ӯ ва замони пириаш тасвир ёфтааст. Вале тарҷумаи Дармстетер танҳо чордаҳ сатри зерини матни аслро фаро мегирад:

Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯи мушкинмӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?
Басо канизаки некӯ, ки майл дошт бад-ӯ,
Ба шаб зи ёрии ӯ назди ҷумла пинҳон буд.

Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.
Ту Рӯдакиро, эй моҳрӯ, ҳаме бинӣ,
Бад-он замона надидӣ, ки ин чунинон буд.
Бад-он замона надидӣ, ки дар ҷаҳон рафтӣ,
Сурудгӯён, гӯи ҳазордастон буд.
Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бишнуфт,
Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.
Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд [6, с. 126].

Ин сатрҳо дар аввалин тарҷумаи фаронсавӣ мазмуни зайл пайдо кардаанд:

“Эй дилбари моҳрӯи мушкинмӯй, оё ту медонӣ, ки пештар ғуломи ту чӣ тавр буд?..

Бисёр духтарони ҷавони зебо ӯро дӯст медоштанд ва шабона пинҳонӣ барои дидани ӯ меомаданд...

Шеърҳои ман биёр дилҳоро мисли абрешим нарм карданд, ки пештар чун сангу сандон буданд...

Ту Рӯдакиро дар ин замон мебинӣ, ту ӯро замоне, ки бо риндон зиндагӣ мекард, надидай!

Ту ӯро вақте, ки гирди олам сурудгӯён мегашт надидай! Вагарна мегуфтӣ: ӯ булбули ҳазорсадо аст!

Давроне, ки шеърҳои ӯ оламро фатҳ карда буданд гузашт; давроне, ки ӯ шоири Хуросон буд, гузашт!..

Замона дигар шуд, ман ҳам дигар шудам, ба ман асоямро биёр, зеро вақти асову кулвор шуд!” [6, с. 127].

Чунон ки мебинем, Дармстетер танҳо байтҳои барҷаста ва вазндори қасидаро интихобан тарҷума кардааст. Тарҷумаи мазкур ба нопуррагӣ ва таҳтулафзии худ нигоҳ накарда, барои таҳқиқотчиёни минбаъдаи устод Рӯдакӣ кумак расонид.

Соли 1950 “Шикоят аз пирӣ” бори дигар ба фаронсавӣ тарҷума шуд. Ин дафъа ба тарҷумаи ин шоҳасари Рӯдакӣ шарқшиноси номии Фаронса Анри Массэ (1866-1969) даст зад. Барои тарҷумаи Массэ нашри Ҳерман Эте хизмат кардааст. Тарҷума дар китоби шарқшинос “Баёзи форсӣ” (Париж, 1950) бо номи “Ҷавониям. Ҳайҳот.. ” ҷой дорад. Тарҷумаи номбурда низ матни пурраи қасида намебошад. Вале тарҷумаи якум пурратар аст. Массэ танҳо аз тарҷумаи чанд сатри матни асл сарфи назар кардааст. Чун тарҷумаи аввал, тарҷумаи Массэ ҳам ба наср ба фаронсавӣ гардонида шудааст. Ин тарҷумаро насри озод ҳисобидан мумкин аст, зеро тарҷумон аз баъзе пораҳои мураккаби матни асл сарфи назар менамояд. Чунончи, мисраҳои

Маро бисуду фурӯ рехт, ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло бал чароғи тобон буд,
Сапеду симрада буду дуру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатра борон буд,
Яке намонд кукун з-он, ҳама бисуду бирехт...

дар тарҷумаи насри озоди Массэ ба таври зайл омадааст: “Як замоне, ки дандонҳоям чун шамъ медурахшидаанд, реза-реза шуданд ва ҳамагӣ рехтанд. Онҳо нуқра буданд, дурру марҷон буданд, ё ситораи саҳарӣ, ё қатраи борон буданд. Акнун ҳамагӣ шикастанд ё рехтанд” [6, с. 127].

Дар тарҷума ин гуна калимаю ибораҳои “бисуду рехт”, “ло бал” ба шакли “чун”ва “реза-реза шуданд ва рехтанд” омадаанд, ки ҳаммаънои ибораҳои матни асл мебошанд. Ду мисраи аввали матни асл дар тарҷума бо як ҷумла ифода шудаанд. Ҳар байти устод бо як ҷумлаи Массэ баробар аст. Тарҷумаи Массэ бад нест ва ҳамвазни асл аст. [6, с. 127].

Шокир Мухтор сатҳи тарҷумаи осори Рӯдакиро аз ҷониби тарҷумонҳо мушаххасан нишон медиҳад. Масалан, ӯ дар бораи тарҷумаҳои хуби ашъори ошиқонаи устод Рӯдакӣ аз тарафи Дармстетер сухан ронда мегӯяд: «Шарқшиноси франсавӣ шеърҳои ошиқонаи

Рӯдакиро дуруст маънидод карда, дар тарҷумаҳояш мазмуни асосии онҳоро пурра дода тавонистааст. Байти машҳури ошиқонаи шоир:

Кори бӯса чу об хӯрдани шӯр,
Бихӯрӣ беш, ташнатар гардӣ

дар тарҷумаи таҳтуллафзии Дармстетер чунин аст:

Бӯсаҳое ҳастанд, ки аз об ҳам шӯртар,
Ҳар чӣ бисёр хӯрӣ, ҳамон қадар гардӣ ташнатар».

Шокир Мухтор ғайр аз ин мақола, ки ба тарҷумаи осори устод Рӯдакӣ дар Урупо, ба вижа Фаронса, бахшида шудааст, боз маҷмуа ва ё баёзе ба унвони «Рӯдакӣ бояд, ки ояд бори дигар бар ҷаҳон…» низ мураттаб сохтааст, ки дорои аҳамияти муҳим дар рӯдакишиносӣ мебошад, зеро дар он на танҳо гуфтори адибони гузаштаву муосир гирдоварӣ шудаанд:

Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,
Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.
Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,
Ҳам фузун ояд, агар чунон ки бояд бишмарӣ.
Рашидии Самарқандӣ
Асо бар даст меоӣ зи роҳи дурр, эй устод,
Зи шаҳри тирабахтиҳо ба шаҳри нур, эй устод.
Барои он ҳама озори ҷисмониву рӯҳонӣ
Бидорӣ кӯрии таърихро маъзур, эй устод…
Лоиқ Шералӣ

Балки дар пешсухани муфассали он (“Рӯдакӣ - сари шоирони ҷаҳон”) аз шуҳрату мақоми шоир дар арсаи адабиёт ҳам сухан дар миён оварда шудааст.

Албатта, вай дар хусуси сифати тарҷумаҳо, ки аксаран таҳтуллафзию насрӣ анҷом дода шудаанд, низ хабар додааст. Агарчи вай ин тарҷумаҳоро барои шинохти устод Рӯдакӣ ва шеъри ӯ номукаммалу ноқис медонад, аммо боз ҳам ба хидмати мутарҷимон арҷ мегузорад ва аз кори онҳо, ки ба сифати пули адабию фарҳангӣ байни Шарқу Аврупо, ба хусус адабиёти тоҷик ва фаронсавӣ хидмат мекунанд, изҳори қаноатмандӣ менамояд.

Шокир Мухтор сатҳи тарҷумаи осори Рӯдакиро аз ҷониби тарҷумонҳо мушаххасан нишон медиҳад. Масалан, ӯ дар бораи тарҷумаҳои хуби ашъори ошиқонаи устод Рӯдакӣ аз тарафи Дармстетер сухан ронда мегӯяд: «Шарқшиноси франсавӣ шеърҳои ошиқонаи Рӯдакиро дуруст маънидод менамояд».

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асосан тавассути тарҷумаҳо ба оламиён дастрас гардидааст. Аз порчаҳо ва достонҳои алоҳидаи он мардуми фарҳангдӯсту адабиётпарасти Ғарб барои ифодаи марому омоли хеш фаровон истифода кардаанд ва ҳатто корнамоӣ ва қаҳрамониҳои достонҳои «Шоҳнома»-ро ба корномаҳои эпосҳои халқҳои худ муқоиса кардаанд [8, с. 185].

Оид ба тарҷумаҳои арманӣ, русӣ, гурҷӣ, қазоқӣ ва ӯзбекии «Шоҳнома», инчунин ҳусни онҳо дар таърихи пайвандҳои адабии то замони инқилоб ва баъд аз инқилобии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Аврупо тадқиқотҳои арзишманд ба миён омадааст.

Дар пажӯҳиш ва баррасии робитаҳои адабӣ, махсусан дар муайян намудани пайванди адабиёти тоҷик бо адабиёти халқҳои Аврупо- олмонӣ, фаронсавӣ, лаҳистонӣ, англисӣ ва ғайра хизмати адабиётшиноси номвари тоҷик, устод Шокир Мухтор сазовори тавақҷуҳи махсус аст. Шокир Мухтор аз ибтидои фаъолияти адабиётшиносии худ ба тадқиқу пажӯҳиши робитаҳои адабӣ, махсусан тарҷумаи осори классикони адабиёти тоҷику форс Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Саъдӣ, Хайём, Ҳофиз, Мавлавӣ, аз адибони муосири тоҷик Садриддин Айнӣ, ки ховаршиносон, шоирону нависандагони Аврупо, бахусус фаронсавиён дар асрҳои гуногун анҷом додаанд, аз нигоҳи таърихӣ бо усули муқоисавӣ машғул шудааст.

Омӯзиши усули муқоисавӣ, чӣ тавре, ки адабиётшинос Н. К. Гудзий таъкид менамояд аз бисёр ҷиҳат барои муайян намудани махсусияти ин ва ё он адабиёти миллӣ ё худ ин ва ё он фардияти нависандагӣ мусоидат мекунад.

Ш. Мухтор аз рӯи ҳамин вижагӣ амал намуда, «ҳусни тавақҷуҳи рӯзафзуни фаронсавиёнро ба мероси халқҳои форсу тоҷик нишон медиҳад, ки мавқеи ҳар олим ва

устоди суханро дар болоравии илму маърифат ва тафаккури бадеии мардуми Фаронса таъкид менамояд».

Муаллиф дар мақола ва рисолаҳои худ оид ба мақоми Фирдавсӣ дар Фаронса, нахустин мутарҷимони осори шоир ба забони фаронсавӣ, ҳусни тарҷумаҳо пажӯҳиши муфассалеро ба анҷом расонида ва бо ҳамин диққати пажӯҳишгаронро дар муҳити илмӣ ва адабии Фаронса ба худ кашид ва бо ин кори худ дар адабиётшиносии муқоисавӣ саҳми муҳиме гузошт. Дар мақолаи «Шоҳнома» дар Фаронса» муҳаққиқ ба хизматҳои шарқшиноси номӣ Луи Лангле баҳои сазовор дода, нишон медиҳад, ки нахустин мутарҷим ва муҳаққиқи Фирдавсӣ дар Фаронса Луи Лангле ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар ин мақола ва мақолаи «Шоҳнома» дар тарҷумаҳои фаронсавӣ» ба тарҷумаи пораҳое, ки аз ҷониби Лангле ба амал омадааст, баҳо дода навиштааст, ки «тарҷумаҳои Лангле ба таври таҳтуллафзӣ» сурат гирифтаанд. Ш. Мухтор кӯшидааст, ки матни аслро бо тарҷума муқоиса намуда, ба ҳам наздикии онҳоро нишон диҳад. Ӯ дар ин бобат ба хулосаҳои ҷолиб меояд ва таъкид мекунад, ки Лангле кӯшиш ба харҷ додааст, ки «асолати шеърҳои шоирро нигоҳ дорад…», бинобар ин ҳангоми тарҷума тамоми нозукиҳою зебоиҳои услубии асарро ба забони тарҷума намоиш медиҳад.

Шокир Мухтор дар ин мақолаҳо тарҷумаҳои Жюл Молро бо тарҷумаҳои дигари достонҳои «Шоҳнома», ки аз ҷониби Л. Брикту, Анри Массе, Р. Леско ва Ж. Лазар ва дигарон амалӣ гаштааст, муқоиса намуда, тарҷумаи Молро беҳтарин ва мукаммалтарин донистааст.

Ш. Мухтор маводи зиёди гирдовардаашро дар сурати мақолаву андешаҳое, ки тӯли солҳои зиёд иншо намуда ба дасти хонанда расонида буд, мукаммал намуда, дар охир, дар сифати рисолаи докторӣ дифоъ намуд, ки як боби он ба таърихи омӯзиш ва тарҷумаҳои «Шоҳнома»и Фирдавсӣ дар Фаронса бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар ин боб, ки аз чор зерфасл иборат аст, оид ба мақоми Фирдавсӣ дар нақди адабии давраи романтизм, нақди адабии фаронсавии нимаи дуюми садаи 19, нақши Фирдавсӣ дар нақди адабии давраи нави фаронсавӣ солҳои 1930-1980 ва тарҷумаҳои фаронсавии «Шоҳнома» муфассал истода, ҳар яке аз он мавзуъҳоро ба ҷиддият мавриди пажӯҳиш қарор додааст, ки чунин пажӯҳиши доманфароху пуразриш ба назари мо на ба ҳар пажӯҳишгари равобити адабӣ даст медиҳад.

Воқеан, ин андешаи донишманди равоншод аз нигоҳи илмӣ зиёд арзишманд буда, барои мақому мавқеи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯро дар Англия ва Амрико мавриди баррасии ҳаматарафа намудан нақши роҳнамоӣ бозидааст.

Хулоса, хонандаи имрӯзаи тоҷик тавассути асарҳои таҳқиқотӣ ва тарҷуманамудаи адабиётшиноси шинохта Шокир Мухтор аз робитаҳои фарҳангиву мадании соҳибкаламони Шарқ бо мардуми Аврупо аз наздик шинос мешаванд. Дар баробари ин хонандаи хушзеҳн аз тадқиқотҳои аврупоиёне, ки донандаи хуби забон ва маданияти шарқиёнанд ва дар бораи онҳо тадқиқотҳои илмӣ бурдаанд огаҳӣ меёбанд.

Адабиёт

1. *Валӣ Самад Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳими адабиёт / Самад Вали – Душанбе: «Ирфон» 1976. - 298 с.*
2. *Давронов А. Пайванди замонҳо ва қимати адабиёт / А. Давронов Душанбе: Маориф 1994. - 228 с.*
3. *Мухтор Ш. Сарчашмаи дарёи назм / Ш. Мухтор // Маданияти Тоҷикистон, 1982, 15 июн.*
4. *Мухтор Ш. Фирдавсӣ дар Фаронса / Ш. Мухтор. – Душанбе, 1999. – 150 с.*
5. *Мухтор Ш. Мақолот (маҷмуаи мақолаҳо), / Ш. Мухтор - Душанбе, «Матбуот», 2001. – 243с.*
6. *Мухтор Ш. Осори Рӯдакӣ дар Фаронса / Ш. Мухтор - "Садои Шарқ" Душанбе, 1984. - 165 с.*
7. *Мухтор Ш. Адабиёти тоҷик дар Фаронса / Ш. Мухтор - Душанбе: Ирфон, 1985. 155 с.*
8. *Мухтор Ш. Замон ва тарҷумон / Ш. Мухтор - Душанбе: Адиб, 1989. 206 с.*
9. *Мухтор Ш. История развития французской научной иранистики. / Ш. Мухтор–Душанбе, 1996. - 309 с.*
10. *Мухтор Ш., Шамсиддини Ҳ. Баргузидаи насри Фаронсаи асрҳои XIV - XX / Ш. Мухтор - Душанбе «Истеъдод» 2011. 557 с.*
11. *Мухтор Ш. Луи Арагон ва суханварони Аҷам. 19. / Ш. Мухтор // Masse Henri Antalogie persane Xl-XlX s) 1987. - 142 с.*
12. *Савтҳои Ховар / мураттиб Ш. Мухтор. - Душанбе: «Ирфон», 1986. - 240 с.*

НАҚШИ ШОКИР МУХТОР ДАР ТАҲҚИҚИ АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ФАРОНСА

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи нақши Шокир Мухтор дар таҳқиқи адабиёти тоҷику форс дар Фаронса меравад. Мусташриқони Фаронса, ба мисли Эрбелою Дюперрон, Ланглэю Сасӣ, Тассию Дефремерӣ, Мейнару Дармстетер, Арлею Юару Массэ, Корбену Гуашон, Лазару Фушекур оид ба адабиёти классикии тоҷик ва намояндагони он асарҳои ҷолиб навишта, хонандагони фаронсавиро бо шоҳкориҳои шеъри Аҷам ошно

сохтанд. Имрӯз хонандаи фаронсавӣ имкон дорад, ки тарҷумаи дилхоҳи шеъри Рӯдакию Фирдавсӣ, Хайёму Аттор, Румию Саъдӣ, Ҳофизу Ҷомиро ба даст гирифта, аз осори инсонпарварони онон лаззати эстетикӣ бардорад. Адибони Фаронса ба воситаи тарҷумаҳои олимони худ ба шоҳбайту андешаҳои серҳикмати шуарои Аҷам ошно гардида, минбаъд дар офаридаҳои худ аз фикру образҳои ҷудогонаи асарҳои шоирони форс-тоҷик истифода бурдаанд. Адабиёти Фаронса адабиёти бузургу сарватманд аст, дар ҳар давру замон барои истиқболи ин ё он адиби мо омода буд ва барои қабули шеъри баландпарвози Аҷм самимона дасти дӯстӣ дароз карду заминаи шеъри худро бо кӯмаки дӯстон пурфайзу сермазмун сохт.

Калидвожаҳо; Шокир Мухтор, осор, адибони фаронсавӣ, тарҷума, робитаҳои адабӣ, адабиёт, шеър, пажӯҳиш, муҳаққиқон, мақола, шуҳрат, шарқшиносон.

РОЛЬ ШАКИРА МУХТАРА В ИССЛЕДОВАНИЯХ ТАДЖИКСКОЙ И ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ ВО ФРАНЦИИ

В данной статье говорится о роли Шакира Мухтара в исследовании таджикско-персидской литературы во Франции. Французские востоковеды, такие как Эрбело и Дюперрон, Лангли и Сасси, Тасси и Дефремери, Майнар и Дармштеттер, Арле и Жуар Массе, Корбен и Гуашон, Лазар и Фушекур, написали интересные работы о таджикской классической литературе и ее представителях и познакомили французских читателей с шедевры поэзии Аджама. Сегодня французский читатель имеет возможность подобрать нужный перевод стихов Рудаки и Фирдавси, Хайяма и Аттара, Руми и Саади, Хафиза и Джами и насладиться эстетическим наслаждением от их гуманистических произведений. Французские писатели через переводчиков своих ученых познакомились с мудрейшими стихами и мыслями Аджама и в дальнейшем использовали в своих произведениях отдельные идеи и образы произведений персидско-таджикских поэтов. Французская литература — великая и богатая литература, она всегда была готова приветствовать того или иного нашего писателя, и искренне протягивала руку дружбы, чтобы принять возвышенную поэзию Аджама, и сделала основу его поэзии богатой и значимой с помощью друзей.

Ключевые слова; Шакир Мухтар, произведения, французские писатели, перевод, литературные связи, литература, поэзия, исследования, исследователи, статьи, известность, востоковеды.

THE ROLE OF SHAKIR MUKHTAR IN THE RESEARCH OF TAJIK AND PERSIAN LITERATURE IN FRANCE

This article talks about the role of Shakir Mukhtar in the study of Tajik-Persian literature in France. French orientalists such as Herbelot and Duperron, Langley and Sassi, Tassi and Defremery, Mainar and Darmstetter, Arles and Jouard Masse, Corbin and Gouchon, Lazar and Fouchekour, wrote interesting works about Tajik classical literature and its representatives and introduced French readers to masterpieces poetry of Ajam. Today, the French reader has the opportunity to choose the right translation of the poems of Rudaki and Firdavsi, Khayyam and Attar, Rumi and Saadi, Hafiz and Jami and enjoy the aesthetic pleasure of their humanistic works. French writers, through translators of their scientists, got acquainted with the wisest poems and thoughts of Ajam and later used in their works certain ideas and images of the works of Persian-Tajik poets. French literature is a great and rich literature, it has always been ready to welcome this or that of our writer, and sincerely extended the hand of friendship to accept the sublime poetry of Ajam, and made the basis of his poetry rich and significant with the help of friends.

Keywords: Shakir Mukhtar, works, French writers, translation, literary relations, literature, poetry, research, researchers, articles, fame, orientalists.

Дар бораи муаллиф

Султонова Шукрона Бобоҷоновна
Омӯзгори кафедраи забони фаронсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 835 85 86

About the author

Sultonova Shukrona Bobojonovna
Teacher of the French language department
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 835 85 86

Об авторе

Султонова Шукрона Бобожоновна
Преподаватель кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический
университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 835 85 86

ТДУ 891.550

СОХТОР ВА МУҲТАВОИ РИСОЛАИ «МАҚСАД-УЛ-АҚСО»-И АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

Сатторов Ҳ. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» рисолаи кӯтоҳ ва мухтасаре ба шумор меравад, ки ба эҳтимоли зиёд онро муаллиф қабл аз соли 680 ҳиҷрии қамарӣ таълиф намудааст. Таваҷҷуҳ ба тарҷумаи осори Азузиддини Насафӣ ба забонҳои хориҷӣ аз қарни ҳабдаҳ, дақиқан аз соли 1655 милодӣ оғоз ёфта, дар ҳамин сол буд, ки қисмате аз рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» ба забони лотинӣ тарҷума шуд. Аз ҷумла, Полмер, Фритз Мер ва Ҳенри Корбен низ дар муаррифии шахсият ва осори Насафӣ алоқамандии густардаи хешро зоҳир кардаанд [2].

Маҷмуаи расоили маъруфи вай бо номи «Инсони комил» аз ҷониби Морижон Мавла бо муқаддима ва ҳавошӣ тасҳеҳ шудааст, ки ба он Ҳенрӣ Корбен муқаддимае нигоштааст. Ин нукта аз он далолат мекунад, ки ҳарчанд Азизуддини Насафӣ дар гӯшаи узлат умр ба сар мебурд, пажӯҳишгарони аврупоӣ ҳанӯз дар қарни ҳабдаҳуми милодӣ, дақиқан аз соли 1655 ба шинохти зиндагинома ва мероси ӯ тасмим гирифтаанд.

Ҳарчанд осори ин нависандаи сӯфимашраб дар кишварҳои форсизабон, аз ҷумла дар Эрон бо кӯшиши Мирбоқирии Фард ва дигарон ба чоп расидааст, аммо то кунун дар Тоҷикистон ҳанӯз таҳқиқоти мукаммал аз манзари шинохти арзишҳои адабиву бадеии таълифоти Азизуддини Насафӣ сурат нагирифтааст ва ҳамин матлаб моро водор месозад, ки роҷеъ ба вижагиҳои бадеиву сабкии осори мансури ин шахсияти ориф, хоса «Мақсад-ул-ақсо» таваҷҷуҳ карда шавад.

Муаллиф дар сабаби навиштани китоб дар муқаддимаи рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» чунин навиштааст: «Аммо баъд, чунин гӯяд азъафу заъфоъ ва ходими фуқаро Азиз ибни Муҳаммад ан-Насафӣ, ки ҷамоати дарвешон аз ин бечора дархост карданд, ки мебояд дар маърифати зоту сифот ва афъоли Худой ва дар маърифати нубуввату вилоят ва дар маърифати инсон ва дар маърифати мабдову маоди инсон китобе ҷамъ кунад ва дар аввали китоб баён кунад, ки: «раванда кист ва роҳ чист ва манзил чанд аст ва мақсад кадом аст ва дигар баён кунад, ки шариат чист ва тариқат чист ва ҳақиқат чист ва инсони комил кадом аст ва дигар баён кунад, ки суҳбат чист ва тарк чист ва сулук чист ва инсони комили озод кадом аст». Дархости эшонро иҷобат кардам ва аз Худованди Таоло ёриву мадад хостам, то аз ҳаззо ва залал нигоҳ дорад [1, с. 43].

Маълум мешавад, ки «Мақсад-ул-ақсо» низ чун осори дигари нависанда, аз ҷумла «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Инсони Комил», «Кашф-ул-ирфон», «Асрор-ут-тасаввуф», «Хос-ул-ҳуруф» бо дархости ҷамоати дарвешон ба қалам омадааст ва аслу муҳтавои он ба хотири маърифати оламу одам, шахси раванда ё солик, роҳу манзил, шариату тариқат, инсони комил, суҳбат ва тарку сулуку амсоли ин ба қалам омадааст.

Аз нигоҳи сохтор ин асар аз як муқаддимаи муфассал ва чанд боб таркиб ёфтааст.

Вобаста ба ин унвони бобҳои рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» чунин тартиб доранд: «Дар маърифати зоти Худо», «Дар баёни сифоти Худо», «Дар афъоли Худо», «Дар маърифати афъол бар қавли аҳли ҳикмат», «Дар баёни эътиқоди аҳли тақлид ва аҳли истидлол ва аҳли кашф», «Дар маърифати инсон» ва ғайра [1, с. 50].

Як нуқтаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» пеш аз ҳама асари назарии ирфонӣ ба шумор меравад, чун дар навбати аввал барои дарвешони навроҳ навишта шудааст.

Вобаста ба ин, маълум мешавад, ки он бештар фарогири шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ ба шумор меравад. Фасли аввали рисола дар шарҳи раванда аз дидгоҳи Азизуддини Насафӣ чунин омадааст: «Дар баёни он ки раванда кист ва роҳ чист ва манзил чанд аст ва мақсад кадом аст».

Ин ҷо аз дидгоҳи Азизуддини Насафӣ истилоҳи ирфонии раванда шарҳу тафсир ёфтааст. Вежагии хоси корбурди истилоҳоти ирфонӣ дар ин асари Азизуддини Насафӣ дар

он зуҳур меёбад, ки нависанда кӯшидааст, ки гунаҳои тоҷикии истилоҳотро ба кор бигирад, ки дар осори дигари ирфонӣ дида намешаванд.

Масалан, ӯ ба ҷои сулук вожаи тоҷикии равандаро ба кор бурдааст ва ба ҷои силк калимаи роҳро. Ба мушоҳида мерасад, ки аз калимаи солик низ дар маворидиро зарурӣ истифода мекунад. Масалан, баъд аз шарҳи истилоҳи ирфонии раванда дар ҳамин ҷо таъкид мекунад, ки «ва ин чанд ҳазор солик, ки ба роҳ дароянд».

Аммо боз ҳам нуфузи гунаҳои тоҷикии истилоҳот ба чашм мерасад, ҳол он ки бештари маврид нависандагони суфимашраб аз вожаҳои «солик» ва «сулук» истифода кардаанд, ки аслан арабианд. Ҳатто ба ҷои манозил ва мароҳил, ки дар истилоҳи аҳли ирфон ба таври васеъ истифода мешавад, Азизуддини Насафӣ ҳамоно вожаи «роҳ»-ро ба кор мегирад, ки ин ҷо ҳам ин мафоҳимро ифода мекунад ва ҳам тариқатро, ки дар асл арабӣ ҳастанд.

Маълум мешавад, ки муҳимтарин вежагии сабки таълифи ин асар дар корбурди гунаҳои тоҷикии истилоҳоти ирфонӣ ва нуфузи истилоҳоти хоси аҳли тариқат дар шеваи баёни он ба мушоҳида мерасад, ки ҳамоно сабки хоси содаву равони тоҷикии Фарорудӣ доштани осори нависандаро бозгӯӣ мекунад.

Дар баробари ин, ҷиҳати такмили ҷанбаҳои бадеии насри асари хеш Азизуддини Насафӣ аз санъатҳои бадеӣ низ ба кор гирифтааст, ки омил ба тақвияти арзишҳои адабии асар гардидаанд.

Чун дар дигар осори хеш Азизуддини Насафӣ дар ҳар асари ирфонии хеш дидгоҳҳои аҳли тасаввуф, муваҳҳидон ва ҳакимону файласуфонро шарҳу тафсир мекунад ва ин усули нигориши вай ба вуҷуди унсурҳои шарҳ дар таркиби асар таъкид меварзанд. Масалан, дар фарҷоми ин фасли китоб таъкид медорад, ки «Аҳли ваҳдат ҳам мегӯянд, ки аз ту то ба Худой роҳ нест. Аз ҷиҳати он ки вуҷуд яке беш нест ва он вуҷуди Худой аст таоло ва тақаддус ва ба ғайр аз Худой вуҷуди дигар нест ва имкон надорад, ки бошад. Аҳли ваҳдат мегӯянд, он чи нест, худ нест ва он чи ҳаст, ҳастии Худой аст таоло ва тақаддус» [3, с. 50].

Аз вежагиҳои муҳими марбут ба ҷойгоҳи аносири шарҳ дар он зоҳир мешавад, ки он бештар хоси осори насрии ирфонӣ ба шумор меравад. Нависанда чун дигар адибони ориф тавассути ба кор гирифтани рақамҳои муҳимтарин нишона ва аломати аҳли мавриди назари хеш, чун муваҳҳидону дарвешон ва дигар табақаҳоро баршумурда як ба як он аломотро тафсир мекунад.

Ба назар мерасад, ки Азизуддини Насафӣ низ чун дигар орифон бо зикри ин аломот гунае мақомоти маънавии роҳравро, ки то ба мартабаи аҳли ҳақиқат расидааст, бармешумурад ва ба навъе консепсияи сайри сулуки маънавии хешро баён медорад.

Ба ибораи дигар, назари Азизуддини Насафӣ ба он мепайвандад, ки бо зикри ин сифот мехоҳад баён кунад, ки барои ба ҳақиқат расидани роҳрав бояд ӯ даҳ дараҷаро тай намояд, ки ҳар яке аз онҳо ба нишонаи аломате дар тақсимбандии вай баррасӣ шудаанд.

Нуктаи дигаре, ки бояд афзуд, ин аст, ки рисолаҳои Насафӣ, аз ҷумла «Мақсуд-ул-ақсо» дар мақоми як фарҳанги ирфонӣ низ метавонанд хидмат кунанд. Дар таркиби ин асари нависанда мо метавонем аносири фарҳанги истилоҳоти ирфониро низ ба мушоҳида гирем, зеро бо шеваи чунин фарҳангҳо гоҳе маврид мусталеҳот ва мафоҳими ирфонӣ ба таври муъҷаз шарҳу тавзеҳ шудаанд.

Баробари ин, мусаллам аст, ки чун асар ба шеваи муроҷиат ба дарвешону навроҳон ба қалам омадааст, дар ҷараёни шарҳу тафсири мафоҳим ва истилоҳоти хос нахуст бо зикри «эй дарвеш» нависанда ба мубтадиён муроҷиат мекунад, ки ин нукта ба нуфузи санъати нидо дар насри ӯ таъкид меварзад.

Аз ҷумла, пас аз шарҳу тафсири назари аҳли ваҳдат чунин меоварад: «Эй дарвеш!» ту мепиндорӣ, ки Худой вуҷуд дорад ва ту ҳам ба ғайри вуҷуди Худой, вуҷуди дигар дорӣ. Ин саҳве азим аст ва пиндори хато аст».

Байт:

Як қадам бар нафси худ неҳ, он дигар дар кӯи дӯст,
Ҳар чи бинӣ дӯст бин, бо ину онат кор нест [1, с. 70] .

Ин ҷо дар баробари зикри вежагии мазкури сабкии асари «Мақсад-ул-ақсо» дигар махсусиятҳои ҳунарии шеваи баёни нависандаро низ метавон таъкид дошт, ки он истифодаи ашъор ба шумор меравад.

Намунаи он байти болост, ки ба эҳтимоли зиёд моли худи Насафӣ ба шумор меравад, чун онро дар китоби «Инсони комил» ҳам метавон ба мушоҳида гирифт ва баробари ин

чанде аз шореҳони «Маснавии маънавӣ» дар шарҳи мақомоти маънавӣ ба ҳамин китоби нависанда ишорат кардааст.

Аммо ба мушоҳида мерасад, ки гунаи дигари он байт низ дар сарчашмаҳо рафтааст, ки чунин шакл дорад:

Як қадам бар хештан неҳ, он дигар дар кӯи дӯст,
Ҳар чи бинӣ, дӯст бин, бо ину онат кор нест .

Яъне, дар гунаи дигари байт ба ҷои «як қадам бар нафси худ неҳ» шакли «як қадам бар хештан неҳ» омадааст.

Ҷои дигар, дар баёни шарҳу тафсири сайри иллаллоҳ ва сайри филлаллоҳ нукоте меоварад ва баъдан дар таъйиди назари хеш байте зикр мекунад: «Чун маънии ҷаззабаро донистӣ, акнун бидон, ки маънии сулук сайр аст ва сайр бар ду қисм аст: сайри илаллоҳ ва сайри филаллоҳ. Сайри илаллоҳ ниҳоят дорад, аммо сайри филаллоҳ ниҳоят надорад.

Аҳли тасаввуф мегӯянд, ки сайри илаллоҳ иборат аз он аст, ки солик чандон сайр кунад, ки Худойро бишиносад, чун Худойро шинохт, сайри илаллоҳ тамом шуд, акнун ибтидои сайри филаллоҳ бошад ва сайри филлаллоҳ иборат аз он аст, ки солик баъд аз шинохти Худой чандони дигар сайр кунад, ки тамоми сифот ва асомиву афъоли Худойро дарёбад ва илму ҳикмати Худойро бидонад ва сифоту асомии Худой ва илму ҳикмати Худой бисёр аст, балки ниҳоят надорад, агарчи ниҳоят надорад, то зинда бошад, дар ин кор бошад.

Байт:

Аз сифоти ту он чи ҳиссаи мост,
Камтар аз қатра беҳ зи сад дарёст.

Ҳангоми истифодаи ашъор вежагии дигари сабкии асар ба мушоҳида мерасад, ки ҳатто ба шеър будани он ба сурати зикри вожаи байт ишорате мефармояд.

Агар аз ду байт зиёда мавриди истифода қарор бигирад, ба он ҳамчун назм таъкид мекунад. Ин равиши кори нависандаро ҷои дигар чунин ба мушоҳида метавон гирифт:

«... акнун вақти зуҳури вилоят аст, чун вилоят зоҳир шавад, ҳақоиқ ошкоро гардад ва сурат пинҳон шавад ва гуфта шуд, ки то акнун дар мадрасаҳо баҳсӣ сурат мекарданд, акнун дар мадрасаҳо баҳси ҳақоиқ кунанд, ҳақиқати ислом ва ҳақиқати имон ва ҳақиқати саловату савм ва ҳаҷ ошкоро кунанд ва ҳақиқати биҳишту дӯзах ва сирот ва савобу аъқоб пайдо кунанд» [1, с. 73].

Назм:

Гар сари қадри туъма абдол шавад,
Ин ҷумлаи қилу қол помол шавад.
Ҳам муфтии шаръро ҷигар хун гардад,
Ҳам хоҷаи ақлро забон лол шавад.

Мавриди дигар ҳангоми шарҳу тафсири ҳақиқати муваҳҳидон ва маънии ваҳдат пас аз шарҳи матлаби хеш байте маъруф аз Фирдавсиро ба ин шакл ба кор мегирад:

Байт:

Ҷаҳонро баландиву пастӣ Туӣ
Надонам чиӣ, ҳар чи ҳастӣ, Туӣ».

Бидон, ки аҳли ваҳдат ду тоифаанд: як тоифа мегӯянд, ки вуҷуд яке беш нест ва он вуҷуди Худой аст таоло ва тақаддус ва ба ғайри вуҷуди Худой вуҷуди дигар нест ва имкон надорад, ки бошад ва ҳамин тоифа мегӯянд, ки агар чунон будӣ, ки ҳама рӯз будӣ ва шаб набудӣ, мардум рӯзро нашнохтандӣ ва ҳарчанд, ки доноён гуфтандӣ, ки ин рӯз аст, мардум фаҳм накардандӣ, аммо чун шаб ҳаст, мардум рӯзро мешиносанд, ҳамчунин агар ғайри Худой будӣ, мардум Худойро бишинохтандӣ, аммо чун ғайри Худой вуҷуд надорад Худойро намешиносанд.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар ҳамин маврид шеваи истифодаи масал ҳамчун унсури муассир дар сабки нигориши нависанда ба назар мерасад. Дар идомаи шарҳи ин матлаб Азизуддини Насафӣ ба моҳиён масал мезанад, ки дар асл онҳо масали соликонанд ва зимнан як ҳикоягунае аз забони онон нақл мекунад, ки бо порчаи шеърӣ ҷамъбаст мешавад:

«Вақте моҳиён дар дарё ҷамъ шуданд ва гуфтанд чандин гоҳ аст, ки мо ҳикояти об мешунавем ва мегӯянд, ки ҳаёти мо аз об аст ва бақои мо ба об аст ва ҳаргиз обро надидаем, баъзе аз моҳиён гуфтанд, ки мегӯянд: Дар фулон дарё моҳие ҳаст доно ва обро дидаву обро мешиносад, пеши он моҳӣ равем, то обро ба мо намояд ё нишони об ба мо диҳад. Онон, ки доноёни эшон буданд, рӯй ба сафар оварданд ва муддатҳо дар сафар буданд, то ба он дарё

расиданд ва он моҳиро диданду хидмат карданду суол карданд ва гуфтанд: Чандин гоҳ аст, ки мо ҳикояти об мешунавем ва мегӯянд, ки ҳаёти мо аз об аст ва бақои мо ба об аст ва ҳаргиз мо обро надидем, инак, ба хидмати шумо омадаем, то обро ба мо намоед. Он моҳӣ дар ҷавоб гуфт [3, с. 50]:

Назм:

Эй дар талаби гираҳгушоӣ мурда,
Бо васл бизода в-аз ҷудоӣ мурда.
Эй бар лаби баҳру ташна дар хок шуда,
В-эй бар сари ганҷу аз гадоӣ мурда.

Он гоҳ фармуд, ки фаҳм кардед. Гуфтанд, ки на. Он гоҳ фармуд, ки шумо ғайри об ба ман бинамоед, то ман обро ба шумо бинамоям. Гуфтанд: фаҳм кардем ва обро дидем

Тавре қаблан ҳам таъкид гардид, «Мақсад-ул-ақсо» аз ҷумлаи аввалин рисолаҳои ирфонӣ маҳсуб меёбад, ки ба забонҳои урупоӣ, яъне забони лотинӣ тарҷума гардидааст. Аз миёни нусхаҳои хаттие, ки аз ин асар дар кишварҳои Туркия, Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Чин мавҷуд ҳастанд, маълум мегардад, ки китоби мазкур дар миёни мусалмонони сарзаминҳои мазкур соҳиби шуҳрати фаровон ва бузурге гардидааст.

Хоса, мавҷудияти чандин нусхаҳои хаттии ин асар ва осори дигаре аз Азизуддини Насафӣ дар китобхонаи Музеи Мавлонои Туркия баёнгари он аст, ки ин асар дар назди Мавлонои Балхӣ низ мақому манзалати хос доштааст.

Илова бар ин, худи нависанда баробари файзбардорӣ аз китоби муқаддаси Қуръон, аҳодиси набавӣ аз китобҳои муътабари нависандагони тасаввуф, чун Шаҳобуддини Суҳравардӣ ва андешаҳои дигарон файз бардоштааст.

Дар умум, аз баҳсу баррасии ҷойгоҳи «Мақсад-ул-ақсо» дар насри ирфонии форсу тоҷик маълум мешавад, ки он аз ҷумлаи осори муътабаре ба шумор меравад, ки нависандагони дигари қаламрави адабиёти тасаввуф аз муҳтаво ва мундариҷа, шеваи нигориши он таъсир бардоштаанд.

Дар сабки нигориши нависанда нуфузи вожагони ноби тоҷикӣ афзалият дорад ва ин шеваи баён ҳатто дар корбурди шакли тоҷикии истилоҳот таъсир гузоштааст, ки дар осори дигари адибони аҳли тасаввуф дида намешавад. Баробари ин, корбурди ашъор ва масалҳои ирфонӣ дар тақвияти ҷанбаҳои бадеии насри ин китоби арзишманди тасаввуфӣ таъсири матлуб гузоштаанд.

Рисолаи мавриди назари мо баробари фарогирии масъалаҳои ҷудогонаи ирфонӣ аз ҷанбаҳои адабиву бадеӣ низ орӣ нест. Махсусан, оҳангнокӣ, мавзуният, ҷаззобият, корбандии сачъ ва санъатҳои бадеӣ арзиши адабии онро боло бардошта, осори мазкурро ҳамчун асари муҳим муқаррар сохтааст.

Дар баробари ин, истифодаи порчаҳои манзуми шеърӣ барои ороиши ин асар ва баланд бардоштани арзиши адабии он мусоидат кардааст.

Мавзуъҳои рисола ва истилоҳоти дигаре, ки барои ташреҳи абъоди муҳаббат ба кор гирифта шудаанд, ин рисоларо дар баҳрагирӣ аз забони маҷозӣ, бартару авлотар муаррифӣ дар ташаккули насри ирфонӣ инъкос намудааст.

Ин амр як бори ташаккули насри ирфонро дар истифода аз забони отифиву ҷаззобӣ дар амал нишон дода пешкаши хонанда намудааст. Сабки нигориш ва забони рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-и Азизуддини Насафӣ аз махсусиятҳое бархурдор аст, ки бо таҷаддуду навовариҳо дар забони давраи зиндагии нависанда имтиёзу бартарият нисбат ба дигар асарҳои ирфонӣ дорад.

Адабиёт

1. *Насафи Азизуддин. Максад-ул-ақсо. Нусхаи қаламии архиви миллии Ҷумҳурии исломии Афғонистон. - Кобул. №61/1.*
2. *Насафи Азизуддин. Мақсуди ақсо. Ба кӯшиши Ҳомид Раббонӣ. - Теҳрон: Ҳомидӣ, 1351. - 88 с.*
3. *Насафӣ, Азизуддин. Максад-ул-ақсо [Матн] / Нусхаи қаламии архиви миллии Ҷумҳурии исломии Афғонистон. - Кобул. №61/1.*
4. *Хатибӣ, Ҳусайн. Фанни наср дар адаби порсӣ. - Теҳрон, интишороти «Завор», 1375. - 637 с.*
5. *Ҳалабӣ, Алӣ Асғар. Таъсири Қуръон ва ҳадис ба адабиёти форсӣ / Алӣ Асғар Ҳалабӣ. – Теҳрон: Асотир, 1371. – 328 с.*
6. *Ҳақиқат, Абдурафеи Суҳравардӣ / Шаҳиди фарҳанги миллӣ. – Теҳрон: Интишороти «Кумиш». 1378. – 345 с.*
7. *Ҳодизода Р. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1999. – 187 с.*

СОХТОР ВА МУҲТАВОИ РИСОЛАИ «МАҚСАД-УЛ-АҚСО»-И АЗИЗУДДИНИ НАСАФӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи сохтор ва муҳтавои рисолаи «Мақсад-ул-ақсо»-и Азизуддин Насафӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» асари кӯтоҳ ва мухтасаре ба шумор меравад, ки ба эҳтимоли зиёд онро муаллиф қабл аз соли 680 ҳичрии қамарӣ таълиф намудааст. Аз нигоҳи сохтор ин асар аз як муқаддимаи муфассал ва чанд боб таркиб ёфтааст. Вобаста ба ин унвони бобҳои рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» чунин тартиб доранд: «Дар маърифати зоти Худо», «Дар баёни сифоти Худо», «Дар афъоли Худо», «Дар маърифати афъол бар қавли аҳли ҳикмат», «Дар баёни эътиқоди аҳли тақлид ва аҳли истидлол ва аҳли кашф», «Дар маърифати инсон» ва ғайра.

Калидвожаҳо: сабк, осор, ирфон, тасаввуф, шева, ҷанба, андеша, набавӣ, аҳодис, суфӣ, муҷаддас, вуҷуд, маҷом, тариқат, маърифат, осор, мақсад.

СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ КНИГИ «МАКСАД-УЛ-АКСО» АЗИЗУДДИН НАСАФИ

В данной статье исследуется вопрос о структуре и содержании диссертации «Максад-ул-аксо» Азизуддина Насафи. Кратким и лаконичным считается трактат «Максад-ул-аксо», который, скорее всего, был написан автором до 680 г. хиджры. По структуре работа состоит из подробного введения и нескольких глав. Согласно этому заглавию, главы трактата «Максад-ул-аксо», имеют следующий порядок: «О познании природы Бога», «Об описании атрибутов Бога», «О действиях Бога», «О познании деяний по мнению людей мудрости», «О объяснении верований людей таклидов» и людей завоеваний и людей открытий», «В знании людей» и других.

Ключевые слова: стиль, артефакты, мистицизм, суфизм, стиль, аспект, мысль, набави, хадисы, суфии, моджадды, существование, система, тарикат, знание, артефакты, цель.

STRUCTURE AND CONTENT OF LITERARY WORK OF "MAQSAD-UL-AQSA" OF AZIZUDDIN NASAFI

The structure and substance of Azizuddin Nasafi's work "Maqsad-ul-Aqsa" are reviewed in this article. Maqsad-ul-Aqsa is thought to have been authored before 680 A. H. It is regarded as being brief and concise. The material is divided into chapters and a thorough introduction. According to this title, the chapters of the work of "Maqsad-ul-Aqsa" -“The purpose of the end” are as follows: “On the knowledge of the nature of God”, “On the description of the attributes of God”, “On the actions of God”, “On the knowledge of deeds according to people of wisdom”, "On the expression of the faith of people of criticism, people of argumentarians and people of discoveries", "In human cognition" and others.

Keywords: writing style, literary work, mysticism, sufism, aspect, thought, nabavi, ahadith, sufi, mujjaddas, existence, system, tariqat, knowledge, maqsad, cognition, criticism, purpose.

Дар бораи муаллиф

Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович
Ассистенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 987 82 22 21
E-mail: sattori1990@mail.ru

About the author

Sattorov Khabibullo Jabborovich
Senior Lecturer at Chair of Theory and History of Tajik Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 987 82 22 21
E-mail: sattori1990@mail.ru

Об авторе

Сатторов Хабибулло Джабборович
Старший преподаватель кафедры теории и истории таджикской литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 987 82 22 21
E-mail: sattori1990@mail.ru

УДК 821.161.1

ЖЕНСКИЕ ОБРАЗЫ В ПЬЕСЕ «БОГАТЫЕ НЕВЕСТЫ» А. Н. ОСТРОВСКОГО

Гаипова Н. У.
Российский университет дружбы народов

Творчество А. Н. Островского выделяется своеобразной реалистичной народностью в русской драматургии. В пьесах воспеваются злободневные социальные проблемы через призму драматизма и комизма. Типизация женских образов довольно редко становились основным предметов научного исследования в драматургии А. Н. Островского. Систематизация женских персонажей в драматургии А. Н. Островского в обобщенной форме рассматривались в работах и трудах ученых как А. И. Журавлева, А. И. Ревякин, Л. М. Лотман, А. П. Скафтымов, А. В. Мирзоян.

В настоящей работе анализу подвергается женские образы в пьесе «Богатые невесты», написанная в 1876 году.

А. Н. Островский правдиво показал народному зрителю женскую судьбу с комической и драматической стороны. В рассматриваемой пьесе рисуются социально-бытовые картины современности и судьба русской женщины, которая определялась исходя из социального и финансового положения.

Женские образы нуждаются в отдельном рассмотрении и систематизации героинь, при этом учитывая авторскую позицию предстоит внимательно проанализировать гендерную проблематику [5, с. 101].

Проблема героя в пьесах А. Н. Островского анализируется на примере мужских персонажей, были определены герой идеолог и интеллектуальный герой [2, с. 71]. А для женских персонажей дается общее понятие, выделяются женские образы на положительные типы с общенародными чертами: Катерина «Гроза», Лариса «Бесприданница», Кручинина «Без вины виноватые» [9, с. 14].

По мнению А. И. Журавлевой, психологические драмы, написанные в 1870-годы выделяются «безгеройностью», так как А. Н. Островский, изображая буржуазную эпоху показывает образа «героя-современника», его духовную пустоту, а также человеческие отношения, основанные на торговле [3, с. 98].

Однако, в пьесе «Бешеные деньги», написанная в 1870 году, героиня Лидия относится к типу «женщина-змея» [6, с. 316]. «Последняя жертва» опубликована в 1878 году, героиня Юлия определяется как «жертва века» [6, с. 321].

Важно отметить, мотив купли-продажи является основным сюжетообразующим компонентом во многих произведениях драматурга. В пьесе «Богатые невесты» в диалоге Гневышова и Белесовой отражается мотив действия персонажей, который сводится к материальным интересам и принципу купли-продажи: «Гневышов. Мои финансовые дела в большом расстройстве». «Белесова. Да, я понимаю: если вас заставили выбирать что-нибудь одно - меня или деньги, - так дело кончено, вы мной пожертвуете, вы и не задумаетесь даже» [8, с. 253].

А. Н. Островский был мастером характеристики и типизации персонажей, и его женские образы часто имели ярко выраженные черты.

Проблематика падшей женщины и красавицы одна из острых проблем, волнующих русских писателей. Самоубийство героини является художественной и нравственной задачей для постановки авторского видения искупление греха в романе «Анна Каренина» Л. Н. Толстой и в драме «Гроза» А. Н. Островского. А в романе «Идиот» Ф. М. Достоевского и в пьесе «Бесприданница» А. Н. Островского героинь спасает убийство и гибель от рук мужчин, которых их любят. По мнению, Е. Г. Холодова творческий диалог Ф. М. Достоевского и А. Н. Островского заканчивается тождественными историями героинь, но между женскими образами существует большая разница [7, с. 480].

В пьесах «Гроза» и «Бесприданница» изображается поэтичность натуры Катерины и Ларисы, в результате стремление к счастью героини становятся одними из «жертвами». Любовь не только губит ее, но и приносит ей унижения и глубокое разочарование [6, с. 323].

Пьеса «Богатые невесты» подвергалась анализу, по мнению ученых, в пьесе нет персонажей с положительным началом, и достойных сочувствие, а в образе матери Анны Афанасьевны положительные качества преувеличены [11, с. 114]. Кроме того, в пьесе нет ярких типов, а также слабый сюжет и конфликт [1, с. 157].

В пьесе «Богатые невесты» А. Н. Островский поднимает масштабные проблематику. Тему внешней красоты сопоставляется с внутренним богатством героини: «Гневышов. Да, она красавица положительно. Красота - дело хорошее; но нравственные качества в человеке должны стоять выше; и вы увидите…» [8, с. 239].

В образе порочной красавицы Валентины Васильевны рисуется аморальное поведение женщины. В ранних пьесах драматурга грех карался гибелью в патриархальной и буржуазно-мещанской семье, А. Н. Островский показал спасение человеческой души и искупление греха с помощью смерти. Смерть являлась освобождением героини от позора и социального угнетения.

Обратим внимание, что задача А. Н. Островского как драматурга, была создать художественные произведения для зрителя, а на для читателей. Драматические произведения А. Н. Островского включают в себе обличительно-нравственный характер, осуждающий человеческие пороки, при этом учитывая нравственного уровня изображаемой среды [10, с. 436].

Однако, женские образы, которые часто подвергаются манипуляцию со стороны любимого человека, при этом сохраняют доброту и честность, душевную чистоту и нравственность. Героиня страдает от жестоких жизненных обстоятельств и несправедливости. А. Н. Островский преувеличивает добродетель в образе женщины, идеализирует общечеловеческие качества и мораль.

В 1870-1880 годы создание идеального и высокого героя становится основной проблемой, в результате сложившихся революционного настроя в обществе повышается протест против социальной действительности. Естественно, рост революционной силы отражается в драматургии А. Н. Островского. В пьесе «Последняя жертва» красота, чистота и благородство души героини сталкивается буржуазным хищничеством. Самопожертвование героини ради близкого человека используется в интересах материального благополучия: «Дульчин… Твоя бесконечная преданность дала мне несчастное право мучить тебя. Твоя любящая душа все простит… и ты опять будишь любить меня и приносить для меня жертвы» [8, с. 439]. «Юлия. Я принесла последнюю» [там же]. Исключительной чертой многих женских образов в драматургии А. Н. Островского являются преданность и искренняя любовь. К сожалению, в большинство пьесах женские персонажи испытываются любовью, благородное чувство становится добычей лицемерной морали. Однако, в пьесе «Последняя жертва» история любви Юлии появляются новые черты: «Юлия. А эта любовь хороша?» [8, с. 440]. «Юлия… Я не жалела ничего для вас, я вам отдала все, что у меня было; я все переносила для вас; одного переносить не могу… Вы заставили меня терпеть стыд и унижения и не оценили этой жертвы. Я рассудила, что лучше мне разлюбить вас, чем сделаться для вас бесстыдной попрошайкой» [8, с. 440].

Объединяющим фактором образов героинь произведений А. Н. Островского является совершенно определений стандарт поведения женских персонажей как «самопожертвование» и «альтруизм». Важным отметить, что стремление героинь, именно такому поведению для достижения семейного благополучия, счастья и любви.

Несмотря на твердое убеждение место и роли, стандарты поведения женщины в общественной жизни, А. Н. Островский раскрывает внутренние качества женщины как личности. В пьесе «Богатые невесты» героинь необходимо рассмотреть с позиции религиозности и духовности русской женщины. В пьесе описывается христианские добродетелях как любовь к ближнему. Для покаявшейся души не страшен суд человеческий. Для драматургии А. Н. Островского религиозность и христианские ценности являются естественным нормальным дыханием [4, с. 13].

«Богатые невесты» отличается художественным контрастом между добродетелью и пороком, борьба святого и грешницы [12, с. 66].

Драматург характеризует обостренную религиозную проблематику в капиталистическом обществе, так как женская духовная самореализация превзошла окружающих ее людей. В процессе социальных противоречий героиня достигла некой

власти и авторитета над мужчиной с помощью самовыражения и собственной уникальностью. В итоге женские образы играют колоссальную роль идеала добродетели в нравственном становлении личности.

В пьесах драматурга часто присутствует разнообразие персонажей, и каждый из них приносит в пьесу свою уникальную динамику и развитие сюжета. Образ Антонина Власьевна Бедонегова – второстепенный герой, богатая вдова со сложным и противоречивым характером. В поисках спутника жизни готова жертвовать своим состоянием, полученное в наследство от покойного мужа.

Антонина Власьевна - хитрая и амбициозная героиня, которая стремится к достижению своих целей. Этот образ является деловым человеком, который использует финансовое положение, чтобы добиться желаемого и удачно выйти замуж: «Пирамидалов. Из приданого да из протекции» [8, с. 262]. «Бедонегова… вы можете себе линию найти… через женщину, через богатую» [8, с. 263].

Одним из ярких образов считается Анна Афанасьевна Цыплунова, которая вступает в роли защитника. Диалог матери и сына является ключевым моментом раскрытия замысла пьесы и характера персонажей: «Цыплунова. А за проступки ты бы казнил их смертной казнью?» [8, с. 233].

«Цыплунов… Но когда в моих глазах унижается тот высокий идеал, который я себе создал, когда женщины с какой-то навязчивой откровенностью обнаруживают свои самые непривлекательные стороны, - не могу же я не замечать этого» [Там же].

Далее А. Н. Островский показывает, что люди имеют не только добродетели, а и свои пороки, присущие каждому грешному человеку. Стоит ли судит человека за неидеальность. Необходимо ли ожидать от слабого божьего создания ту неземную чистоту: «Цыплунова…предполагаешь в них какие-то небывалые добродетели и требуешь от них того, чего в них нет» [8, с. 234].

«Цыплунов. Быть может, я ошибаюсь, но мне всегда казалось, что женщины отдают явное и очень обидное предпочтение людям нестрогой нравственности и даже иногда порочным перед людьми чистыми. Мало того, к людям совершенно чистым они показывают какую-то ненависть» [8, с. 234].

Действительно, в диалоге матери и сына осуждается не одна женщина, а все женщины этой эпохи. Юрий Михайлович Цыплунов молодой человек лет тридцати, предпочитающий уединение и избегание от общества, выступает в роли инквизитора: «Цыплунова. И ты думаешь, что сказал что-нибудь очень ужасное про женщин, что-нибудь очень обидное для нас? Так знай же, что женщины совершенно правы в этом случае, - потому что нет более несносных деспотов, как вы, люди чистые. Вы создаете в своем воображении каких-то небывалых богинь, да потом и сердитесь, что не находите их в действительности. Вы, чистые натуры, не только не прощаете, но даже готовы оскорбить любимую женщину, если она не похожа на те бледные, безжизненные шаблоны, которые созданы вашим досужим воображением» [8, с. 234-235].

В диалоге матери и сына можно видеть конфликт поколения. Анна Афанасьевна Цыплунова сторонник женской эмансипации: «Цыплунова… Ах, предоставь ты женщинам жить, как они хотят» [8, с. 233]. А Юрий Михайлович – это герой инквизитор-моралист, который от героини требует ангела-девочку, детскую чистоту и при этом ошеломлен роскошной женской красотой.

Во время разговора с инквизитором драматург верно описывает психологическое состояние Валентины Васильевны. Она слушает о нравственности, обязанностях человека, серьезных и высоконравственных людях, о серьезном взгляде на жизнь со «скрытым неудовольствием» и с «раздражением». Важно отметить, что героине внушает страх и будит совесть взгляд Юрия Михайловича: «Белесова… Этот инквизиторский взгляд мне становится страшен; мне кажется, что он устремлен не на лицо мое, а прямо ко мне в душу и требует от меня какого-то ответа, какого-то отчета» [8, с. 228].

Далее идет признание Валентины Васильевны, в то же время героиня презирает своего инквизитора: «Белесова … каждый это сам знает, что каждый учился всему этому… В разговоре вообще стараются не показывать слишком явно своего умственного или нравственного превосходства над прочими. Надо щадить людей. Когда кто-нибудь с уверенностью полного мастера говорит об обязанностях человека, - простые смертные, люди

легкомысленные, такие, как я, должны думать, что этот урок относится к ним, что эта филиппика есть косвенное порицание их легкомысленного поведения. Ну, и конфузишься… торжествовать над нами легко. Но, мне кажется, и мы имеем право сказать учителю: да, мы легкомысленны; но мы не мешаем вам быть святым, не мешайте и нам быть грешными! Научить вы нас не научите, а оскорбить можете» [8, с. 245].

В пятом явлении описывается бунт грешника, А. Н. Островский показывает основные корни безнравственности общества, которые ведут человека к гибели. Валентина Васильевна в своем аморальном поведение обвиняет Гневышева и его жену: «Белесова…Вы как меня воспитали? …что честно и бесчестно для женщины, вы от меня скрыли…Ваша глупая жена всеми силами старалась развивать во мне гордость, мотовство, суетность; и как она радовалась своим успехам, нисколько не подозревая, что она старается для вас, что она действует в пользу ваших сластолюбивых замыслов» [8, с. 254].

«Белесова…Вы не дали мне никакого понятия о нравственности, когда я была ребенком, а что было во мне хорошего от природы, вы погубили, лишь только я успела выйти из детства» [8, с. 255].

Концовка второго действия имеет революционный и социально-значимый характер в назначение страшного суда и в определение судьбы героини. Драматург описывает внутреннюю борьбу Валентины Васильевны, единственное средство спасения самоубийство для героини окажется малодушием: «Белесова. Не покончить ли с жизнию? (Подумав.) Нет, что за малодушие! Это средство всегда в моих руках, и я всегда им могу воспользоваться… да, еще успею… успею, когда нужно будет» [8, с. 256].

В четвертом действие А. Н. Островский открывает нам мир, в котором они живут и дает почву для осуждения не только женщин, а наоборот окружающую среду в котором они живут. Валентина Васильевна защищает права и свободы женщин, ее монолог может быть ярким примером сторонников женской эмансипации: «Белесова… Вы не знаете моего прошедшего, вы не выслушали моих оправданий, и вы осудили, осыпали публично оскорблениями бедную, беззащитную женщину» [8, с. 272]. «Каких вы женщин видели? Любопытно знать то общество, то знакомство, в котором вы усвоили себе такие изящные манеры» [Там же]. «Белесова… вы видели женский пол только в прислуге, то есть горничных, нянек, кухарок; между ними вы выросли, между ними вы находитесь теперь и никак не можете подняться выше нравственного уровня этого общества. К вашей няньке, которую вы, по своей нелепой, неуклюжей и смешной страстности, конечно обожаете, вероятно ходил пьяный муж; бранил, а может, и бил ее. От частого повторения вам это казалось естественным и законным, и вы подумали, что со всякой женщиной можно так же обращаться… Вы хотите казаться неуязвимым, вы разыгрываете роль святого. Как это смешно!» [8, с. 273].

Важно отметить тот момент, когда героиня осознает силу женщины, свою миссию и назначение в этом мире: «Я ведь женщина, я любопытна; и страшно мне, и женское любопытство тянет меня заглянуть в этот неведомый для меня мир супружества… Ах, страшно, страшно!.. Мне теснит грудь, я умираю… Рыдай, рыдай, несчастная! И если эти слезы не облегчат тебя, лучше не живи!» [8, с. 256].

Драматург поднимает тему христианское раскаяние и смирение ради искупления грехов. Важно отметить, авторскую позицию А. Н. Островского в испытании грешницы, что были подчеркнуты ни самоубийство, ни беспощадное осуждение, ни красота, ни деньги, а только искренняя любовь и раскаяние сможет спасти грешную душу: «Белесова… Нет, в делах важных никогда не нужно слушать мудрецов и знатоков сердца человеческого, а надо следовать собственному внутреннему побуждению. В молодом сердце, как бы оно испорчено ни было, все-таки говорят еще свежие природные инстинкты» [8, с. 270]. «Белесова… Я вижу, чувствую, что эта любовь для меня спасительна, умоляю вас, не покидайте меня! Мне нужна помощь, нужно участие» [8, с. 277].

Образу падшей женщины проявляют презрение, жалость и сочувствие, но Валентина Васильевна испытывается с помощью высокого чувства и достойна ли она любви: «Цыплунов…Почти всякая женщина имеет что-нибудь хорошее, за что можно ее полюбить» [8, с. 247]. «Белесова. Например, красавицу порочную, падшую?.. » [там же]. «Цыплунов. Если она высоко держит голову, не стыдится своего порока, а гордится им, - такая женщина в глазах каждого порядочного человека заслуживает презрения; но если она сокрушается, раскаивается…то она более всякой имеет право на любовь и сострадание, потому что только любовь может уврачевать ее сердце, растерзанное угрызениями; одна любовь может спасти

ее от отчаяния, одна только всепрощающая любовь может помирить ее с жизнию…» [8, с. с. 248].

Заключение. Нравственно-философская проблематика в драматургии А. Н. Островского тесно связана с социально-экономическими проблемами и политической ситуации в середине XIX века. А. Н. Островский раскрывает нравственный выбор героини, ее преодоление бесчеловечной буржуазной морали, проявление внутренней свободы в мире расчета и наживы.

Художественные произведения драматурга позволяет исследователям раскрыть эволюционного подхода к социальным вопросам, а именно трансформацию идеала женщин, женскую эмансипацию и гендерной проблематики в творчестве А. Н. Островского.

Систематизация женских персонажей является актуальным вопросом в русской литературе XIX века и теории литературоведения.

Таким образом, анализируя пьесу «Богатые невесты» можем выделить три типа женских образов: Анна Афанасьевна Цыплунова – герой защитник грешницы, Валентина Васильевна Белесова – красавица-грешница, Антонина Власьевна Бедонегова – герой деловой человек, а также героя инквизитора-моралиста в образе Юрия Михайловича Цыплунова.

Итак, анализ литературных героев и драматургических произведений А. Н. Островского показывает, что женские образы дают почву для новых интерпретаций литературных персонажей.

Литература

1. *Белякова Е. Н. Текстологический комментарий к комедии А. Н. Островского "богатые невесты": к вопросу о становлении авторского замысла" Два века русской классики, vol. 3, no. 3, 2021, pp. 142-159.*
2. *Журавлева А. И. А.Н.Островский-комедиограф. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1981. - 216 с.*
3. *Журавлева А. И. Драматургия А. Н. Островского. Учебное пособие к спецкурсу. Москва: Издательство Московского университета, 1974 г. -104 стр.*
4. *Журавлева А. И., Некрасов В. Н. Театр А. Н. Островского. - М.: Просвещение, 1986. - 156 с.*
5. *Капустин Н. В. "Творчество А. Н. Островского в гендерном аспекте: комедия «Волки и овцы»" Вестник Костромского государственного университета, vol. 22, no. 2, 2016, pp. 101-105.*
6. *Лотман Л. М. А.Н.Островский и русская драматургия его времени / Л. М. Лотман; Отв. ред. Б. М. Эйхенбаум. - М. ; Л.: Изд-во АН СССР, 1961. - 360 с.*
7. *Островский А. Н. Полн. собр. соч.: в 12 т. Т. 4. М.: Искусство, 1975. 542 с.*
8. *Островский А. Н. Полное собрание сочинений: В 12 т. / Под общ. ред. Г. И. Владыкина [и др.] Т. 7: Пьесы 1874-1878. -М.: Гослитиздат, 1960. 481 с.*
9. *Ревякин А. И. Драматургия А. Н. Островского. (К 150-летию со дня рождения) / А. И. Ревякин. - М.: Знание, 1973. - 64 с.: ил. - (Новое в жизни, науке, технике. Литература; 1).*
10. *Скафтымов А. П. Поэтика художественного произведения/А. П. Скафтымов; Сост. В. В. Прозоров, Ю. Н. Борисов. Вст. ст. В. В. Прозорова. - М.: Высш. шк., 2007. (Классика литературной науки). - С. 535*
11. *Тихомиров В. В. (2021). А. Н. Островский визави Ф. М. Достоевский: комедия "Богатые невесты" и роман "Идиот". Вестник Костромского государственного университета, 27 (4), 113-119*
12. *Фаркова Е. Ю. Богатые невесты, комедия в 4-х действиях // А. Н. Островский. Энциклопедия / гл. ред. И. А. Овчинина Кострома: Костромаиздат; Шуя: ШГПУ, 2012. с. 660*

ЖЕНСКИЕ ОБРАЗЫ В ПЬЕСЕ «БОГАТЫЕ НЕВЕСТЫ» А. Н. ОСТРОВСКОГО

В настоящей работе основное внимание акцентируется на женские образы в пьесе «Богатые невесты». Цель исследования заключается в выявлении типизации женских образов в пьесе «Богатые невесты» через рассмотрения идеологических, нравственных, философских и экономических факторов. Особое внимание в работе уделяется классификацию литературного героя на примере женских образов, а также трансформацию образа грешницы в русской литературе в конце XIX века на фоне революционного настроя эпохи. Отдается предпочтение анализу героини Валентины Васильевны Беселовой и типизацию других женских персонажей в пьесе «Богатые невесты». Для достижения поставленных задач использовались следующими методами исследования: логико-семантический анализ, герменевтический и сравнительно-сопоставительный методы. Основными выводами проведенного исследования являются авторское видение драматурга и идейно-художественная позиция А. Н. Островского в искупление красавицы-грешницы с помощью любви и спасение души через искреннего покаяния. В результате анализа были выявлены следующие типы литературного героя в пьесе «Богатые невесты»: герой защитник, герой красавица-грешница, герой деловой человек и герой инквизитор-моралист. Сделанные выводы могут быть полезными в систематизации литературных героев в драматургии А. Н. Островского, а также в дальнейшем изучении влияния женской эмансипации и гендерной проблематики в русской литературе XIX века.

Ключевые слова: пьеса, литературный герой, нравственность, грех, красота, персонаж, женский образ, драматургия.

FEMALE IMAGES IN THE PLAY "RICH BRIDES" BY A. N. OSTROVSKY

In this work, the main attention is focused on female images in the play "Rich Brides". The purpose of the study is to identify the typification of female images in the play "Rich Brides" through consideration of ideological, moral, philosophical and economic factors. Special attention is paid to the classification of the literary hero on the example of female images, as well as the transformation of the image of a sinner in Russian literature at the end of the XIX century against the background of the revolutionary mood of the era, preference is given to the analysis of the heroine Valentina Vasilyevna Beselova and the typification of other female characters in the play "Rich Brides". To achieve the objectives, the following research methods were used: logical-semantic analysis, hermeneutical and comparative methods. The main conclusions of the study are the author's vision of the playwright and the ideological and artistic position of A. N. Ostrovsky in the redemption of a beautiful sinner with the help of love and the salvation of the soul through sincere repentance. As a result of the analysis, the following types of literary hero in the play "Rich Brides" were identified: the defender hero, the sinner beauty hero, the business man hero and the moralist inquisitor hero. The conclusions drawn can be useful in systematizing literary heroes in the drama of A. N. Ostrovsky, as well as in further studying the influence of female emancipation and gender issues in Russian literature of the XIX century.

Keywords: play, literary hero, morality, sin, beauty, character, female image, dramaturgy.

ОБРАЗИ ЗАНОН ДАР ПЙЕСАИ «АРУСҲОИ САРВАТМАНД»-И А. Н. ОСТРОВСКИЙ

Дар ин мақола диққати асосӣ ба образи занон дар пйесаи «Арусҳои сарватманд» равона гардидааст. Мақсади тадқиқот муайян намудани типикунонии образи занон дар пйесаи «Арусҳои сарватманд» бо назардошти омилҳои идеявию ахлоқӣ, фалсафӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ба таснифи қаҳрамони адабӣ дар мисоли образҳои зан, ҳамчунин ба табдили симои гунаҳкор дар адабиёти охири асри 19-и рус дар пасманзари вазъи револютсионии давр диққати махсус дода мешавад. Ба таҳлили қаҳрамонзан Валентина Василйевна Беселова ва образҳои занони дигар дар пйесаи «Арусҳои сарватманд» афзалият дода мешавад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳо усулҳои зерини таҳқиқот истифода шуданд: таҳлили мантиқӣ-семантикӣ, герменевтикӣ ва муқоисавӣ. Хулосаҳои асосии таҳқиқот дидгоҳи муаллиф дар бораи драматург ва мавқеи идеявию бадеии А. Н. Островский ба растагории гунаҳкори зебо бо ёрии муҳаббат ва наҷоти руҳ тавассути тавбаи самимӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳлил навъҳои зерини қаҳрамонони адабӣ дар пйесаи «Арусҳои сарватманд» муайян карда шуданд: қаҳрамони ҳимоятгар, қаҳрамони зебои гунаҳкор, қаҳрамони корчаллон ва қаҳрамони тафтишгар-ахлоқгаро. Хулосаҳои баровардашуда барои ба низом даровардани қаҳрамонҳои адабӣ дар драматургияи А. Н. Островский, инчунин дар бобати минбаъд омӯхтани таъсири озодии занон ва масоили гендерӣ дар адабиёти руси асри 19 метавонанд зарур бошанд.

Калидвожаҳо: пйеса, қаҳрамони адабӣ, ахлоқ, гуноҳ, зебоӣ, характер, образи зан, драматургия.

Об авторе

Гаипова Нафиса Улугбековна
Аспирант кафедры русской и зарубежной литературы филологического факультета
Российский университет дружбы народов
117198, Российская Федерация, г. Москва, ул. Миклухо-Маклая, 6
E-mail: nulugbekovna@mail.ru

Дар бораи муаллиф

Гаипова Нафиса Улугбековна
Аспиранти кафедраи адабиёти рус ва хориҷа
Донишгоҳи дӯстии халқҳои Русия
117198, Федератсияи Русия, ш. Москва, к. Миклухо-Маклай, 6
E-mail: nulugbekovna@mail.ru

About the author

Gaipova Nafisa Ulugbekovna
Postgraduate student of the Department of Russian and Foreign Literature, Faculty of Philology
Peoples' Friendship University of Russia
117198, Russian Federation, Moscow, st. Miklukho-Maclay, 6
E-mail: nulugbekovna@mail.ru

ТДУ 398 (575.3)

МУРУРЕ БА ЖАНРИ ЛАТИФА ВА ОБРАЗҲОИ ОН

Қосимӣ С. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Жанри латифа ва вижагиҳои он. Ҳар як жанри адабӣ таърихи пайдоиш, такомул, инкишоф ва албатта, дар як даврае таназзулоти худро дорад. Латифа низ ҳамчун жанри хурди мансури эпикии фолклорӣ ифодагари орзую омоли гӯяндагон дар давру замони муайян буда, таърихи худро дорост.

Нишонаҳои ҳаҷву ҳазлу шухӣ ва мутоибаву мунозираҳои халқӣ, ки дар онҳо лутфи латиф – асос (ё ҷон)-и латифа дида мешавад, ҳанӯз дар давраҳои ибтидоии ҳаёти ҷамъиятию фарҳангӣ арзи ҳастӣ кардаанд. Донишманди рус Луначарский А.В. барҳақ таъкид намудааст: «Илми мардумшиносӣ нишон медиҳад, ки ханда ҳанӯз дар пояҳои ибтидоии инкишофи маданият вуҷуд дошт… . Қавму аҷдод ба воситаи ханда, ки бештар шакли мусобиқаро дошт, ҳамдигарро сарзаниш ва тамасхур мекарданд» [27, с. 40]. Ин маънӣ, дар осори донишманди бузурги Юнони бостон Арасту низ ба назар мерасад. Дар навиштаҳои ӯ ибораи «шакли хандаовари гуфтор»-ро воҳӯрдан мумкин, ки баъдтар он латифа ном гирифта, ба жанри махсуси фолклорӣ табдил ёфт.

Ёдгориҳои қадимаи суғдӣ, адабиёти паҳлавии асрҳои II ва III-и мелод ва китобҳои халқии қарнҳои баъдина низ шаҳодати ин гуфтаҳо буда, аз ҷониби муҳаққиқони маъруф К.А.Иностранцев, И.С.Брагинский, А.В.Луначарский, Е.Э.Бертелс, А.Н.Болдирев, А.З.Розенфелд, Н.Маъсумӣ, С.Улуғзода, Х.Мирзозода, Р.Амонов, В.Асрорӣ, Ю.Бобоев, Р.Мусулмониён, С.Маҳдиев, Р.Раҳмонӣ, Д.Раҳимов ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Манбаъ ва маъхазҳои таърихию илмӣ ва адабию бадеии латифаҳо собит мекунанд, ки ин жанр (дурусттараш қаринаҳои қадимаи ин унсури адабӣ – ҳаҷв, мутоиба, мунозира, нодира, назира, зарифа, базла, аҷиба, ҳикоят ва ғайра) дар адабиёти гуфторӣ ва навиштории мо таърихи тоисломӣ дошта, намунаҳои онҳо тавассути адабиёти паҳлавӣ ва як силсила ҳикояҳо то ба замони баъдина расидаанд ва дар қофилаи онҳо дигар асару маҷмуаҳое иншову эҷод шудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқи ин соҳа, латифашиноси машҳури тоҷик Саъдӣ Маҳдиев мафҳуми «латифа» асосан, аз асри XIII дар эҷодиёти Саъдӣ, Ҳофиз, Убайди Зоконӣ ба маънии имрӯзаи худ истифода шудааст [16]. Вале то маъруфият пайдо кардани истилоҳи «латифа» ба ин маънӣ, бештар калимаҳои «ҳикоят» ва «мутоиба» кор фармуда мешуданд.

«Латифа» вожаи арабӣ буда, дар луғат маънои «латиф» ва «нозук»-ро дошта, бо сухан лутф кардан, нозукбаёнӣ ва зарофатгӯӣ дар жанри латифа ҷойи асосиро ишғол менамояд. Латифа дар истилоҳ нақли кӯтоҳест, ки дар он воқеа зуд сар шуда, ҳамзамон бо ханда ба охир мерасад.

Латифаҳо бо вуҷуди ҳаҷман кӯтоҳ будан дорои банду басти қавие буда, муҳимтарин масъалаҳои аҳлоқиву сиёсӣ ва иҷтимоиро дар бар мегиранд. Гӯяндагон тавассути латифаҳо камбудию нуқсонҳои ашхоси алоҳидаро бо як зарофати гуворое танқид карда, беҳтарин намунаҳои мушаххаси муҳокимарониву гуфторро таҷассум намудаанд.

Латифа ҳамчун жанр дар асрҳои II-III-и мелодӣ пайдо шуда, дар замони пеш аз ислом (садаҳои IV - V) такомул ёфтааст. Дар даврони хилофати араб (қарнҳои VI-VIII) то андозае рӯ ба таназзул ниҳода, дар қарнҳои миёна (садаҳои XI - XIV) боз рушд кардааст. Дар даврони муосир (асрҳои XX-XXI аз нигоҳи гирдоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқ) ба пояи баланд расидааст.

Маҳз жанри латифа дар ин давраҳои таърихӣ тавонистааст, ки бо моҳияти баланди иҷтимоӣ ва суханҳои хушу зарофатҳои намакин нуқсон ва кирдорҳои ношоями аҳли ҷомеаро зери тозиёнаи танқид гирад ва бад-ин васила, барои ислоҳи камбудиҳо ёрӣ расонад.

Бо назардошти сарчашмаҳои таърихӣ, маҷмуаҳои бадеӣ, рисолаҳои илмӣ ва адабиёти назариявӣ тақсимбандии раванди бавуҷудоӣ ва инкишофи жанри латифаро бад-ин рақам метавон қарор дод:

1. Асарҳое, ки мазмуну мундариҷа ва образҳои латифаҳои халқӣ дар онҳо истифода шудаанд; 2. Китобҳое, ки дар асоси латифаҳои халқӣ таълиф шудаанд; 3. Маҷмуаҳои фолклорӣ, ки аз ҷониби аҳли илму фарҳанг гирд оварда шудаанд; 4. Адабиёти илмие, ки дар онҳо таҳқиқи жанри мазкур дида мешавад ё ба он бахшида шудаанд; 5. Рӯзнома ва маҷаллаҳои илмӣ-оммавие, ки дар онҳо латифаҳои халқӣ чоп щудаанд ё доир ба жанри мазкур сухан рафтааст.

Аввалин маҷмуаи фолклорӣ доир ба жанри латифа ин китоби шоири ширинкаломи тоҷик А.Деҳотӣ мебошад, ки "Латифаҳои тоҷикӣ" ном дорад. Ин асар чаҳор маротиба бо таҳриру тавзеҳот дар солҳои гуногун рӯи нашрро дидааст:

1. "Латифаҳо" (тартибдиҳанда А.Деҳотӣ, таҳрири адабии С.Айнӣ. - Сталинобод: НДТ, 1938, 127 саҳ., 161 латифа); 2. "Латифаҳои тоҷикӣ" (ҷамъкунанда А.Деҳотӣ, бо ислоҳ ва иловаҳо, чопи дуюм. – Сталинобод:: НДТ, 1949, 151 саҳ., 8 қисм, 207 латифа); 3. "Латифаҳои тоҷикӣ" (ҷамъкунанда А.Деҳотӣ, чопи сеюм. – Сталинобод: НДТ, 1954, 142 саҳ., 205 латифа); 4. "Латифаҳои тоҷикӣ" (ҷамъкунанда А.Деҳотӣ, чопи чорум. – Сталинобод: НДТ, 1958, 108 саҳ., 8 боб, 207 латифа).

Дар ин радиф, гуфтаҳои латифашиноси тоҷик С.Маҳдиевро низ бояд ёдвар шавем, ки мавсуф таъкид кардааст: "Нашри илмии латифа нахустин бор аз тарафи А.З.Розенфелд дар китоби "Намунаҳои фолклори Дарвоз" сар шуда, баъдтар ин таҷриба дар китоби "Афсонаҳои Самарқанд" инкишоф дода шудааст" [16, с. 22-23]. (Албатта, дар дигар китобҳои илмию оммавӣ, хрестоматия ва маҷмуаҳои фолклорӣ низ латифаҳо гирд овада шуда, доир ба онҳо маълумоти мухтасари илмӣ дода шудааст, вале ҳамаи онҳоро дар ин ҷо овардан шарт нест).

Маврид ба ёдоварист, ки "Латифаҳо" (танзим ва таҳрири адабии Р.Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1994, 272 саҳ., 15 мавзуи алоҳида) нахустин китоби калонҳаҷми тоҷикист, ки 778 латифаи ҳазломези рангин, шавқангезу дилошӯби халқӣ ва китобиро дарбар мегирад.

Баъдан, "Латифаҳо" (мураттибон – Р.Амонов ва Д.Обидов. – Душанбе, 2007, 264 саҳ., 15 мавзуъ, 904 латифа.) ҳамчун маҷмуаи калонҳаҷми латифаҳои тоҷикӣ маҳсуб шудааст, ки қисми асосии маводи ин маҷмуа латифаҳое мебошанд, ки дар китоби қаблан тартибдодаи Р.Амонов ("Латифаҳо", 1994 – Қ.С.А.) шомиланд.

"Проблемаи жанри латифа"-и Маҳдиев С. (1977) – тадқиқоти пуразриш, пурмаънӣ, пурсарват, пурганҷ ва пураҳмиятест, дар роҳи омӯзиши жанри латифа ва адабиётшиносии тоҷик. Чуноне ки аз номи рисола бармеояд, дар он проблемаи то ҳол ба куллӣ ҳалнашудаи жанри латифа собит шудааст. Мундаричаи асар аз муқаддима, се боб, хулоса ва ҳошия иборат аст.

С.Маҳдиев дар муқаддимаи китоб роҷеъ ба нахустин сарчашмаҳое, ки дар онҳо унсурҳои жанри латифа дида шууаст, истилоҳи латифа ва дар ашъори сухандонони гузашта вохӯрдани он, ифодаи истилоҳи "латифа" дар маҳалҳои тоҷикнишин ва муродифи калимаи латифа дар забонҳои дигар, марҳаъи пайдоиш, такомул ва инкишофи жанри латифа, китобҳои таърихию маҷмуаҳои бадеию рисолаҳои илмию адабиёти назариявӣ оид ба латифа, гӯяндагони латоифи халқӣ ва таснифоти латифаҳо маълумоти муфассал додааст.

"Хусусияти жанрии латифаҳои тоҷикӣ" – чунин ном дорад, боби аввали асар. Зери ин мавзуъ доир ба тадқиқотчиёни жанри мазкур ва афкори онҳо, фарқияти латифаҳо аз соири жанрҳои адабӣ, шартҳои ба амал омадани латифаҳои халқӣ, монандӣ ва фарқияти сюжету образҳои латифаҳои халқии тоҷикӣ аз фолклори дигар халқияту миллатҳо, муносибати ин жанри адабиёти гуфторӣ бо адабиёти навиштарӣ ва хусусияти хоси жанри мутазаккир сухан рафтааст.

Боби дуюм "Мундариҷаи ғоявии латифаҳо" номгузорӣ шуда, масъалаҳои мазмуну мундариҷа ва гурӯҳбандии онҳоро дарбар мегирад.

Боби сеюми китоб бошад, "Ҷанбаи психологии тасвири қаҳрамонҳои латифаҳо" ном дошта, оид ба таърихияти образ ва персонажҳои латифаҳои тоҷикӣ, қаҳрамонҳои асосӣ ва заминаҳои пайдоиши ин шахсиятҳо, афкори муҳаққиқони гуногунзабон доир ба қаҳрамонҳои латифаҳо маълумот додааст.

Дар "Хулоса" ва "Ҳошия"-и кор муаллиф фикрҳо хешро ба таври конкретӣ нишон дода, иловаҳои худро оид ба ҳар як қисмати кор додааст.

Хулласи калом, С.Маҳдиев дар китобаш "Проблемаи жанри латифа" аввалин шуда, масъалаҳои асосии латифаҳои тоҷикиро ба таҳқиқ расонида, дар асоси далелҳои зиёди илмию адабӣ ва таърихию этнографӣ хусусиятҳои сохтории жанри мазкурро нишон додааст.

Инчунин, ин фолклоршиноси маъруфи тоҷик тавонистааст, ки аз таърихи гирд овардану омӯхтан, мундариҷаи ғоявӣ ва қаҳрамонҳою персонажҳою прототипҳои латифаҳои халқӣ ва китобӣ маълумоти пурраи илмӣ диҳад.

Монографияи Қосимӣ С.А. бо номи “Бадеияти латифаҳои халқии тоҷикӣ” (Душанбе: Ирфон, 2020, 186 саҳ.) низ тадқиқоти мукаммали илмӣ дар самти латифашиносии тоҷик аст, ки масоили тасвирофариниро дар латифаҳои халқии тоҷикӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудааст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ роҷеъ ба зуҳури каломи бадеъ дар латифа шоирона таъкид намудааст:

Лаим ними гунаҳ бо ҳазор узр набахшад,
Ба як латифа каримон ҳазор ҷурм бибахшанд [31, с. 231].

“Ба як латифа каримон ҳазор ҷурм бибахшанд”, ки ин бечуну чаро қудрат ва сеҳри жанри латифаро нишон дода, аз бадеияти олӣ орӣ набудани он дарак медихад. Маҳз сухани бамавриду мушаххас ва дорои мазмуни таъсирноку бадеияти баланд ба жанри латифа чунин қувват бахшидааст:

Ба ширинзабониву лутфу хушӣ,
Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ [31, с. 258].

ё ки ба ақидаи Абдураҳмони Ҷомӣ:

Мард бояд, ки ба лутфи сухану ҳусну хитоб,
Табъи арбоби ситамро зи ситам боз дорад [1, с. 369].

Ба вижа Ҷомӣ низ дар бораи аз «лутфи сухану ҳусну хитоб» саршор будани жанри латифа ибрози андеша намуда, ба ин васила аз бадеияти баланди латифаҳои халқӣ сухан рондааст.

Образҳои жанри латифа. Ногуфта намонад, ки образҳои латифаҳои халқии тоҷикӣ ва офариниши онҳо бо тамоми ҷузъиёташ ба назар мерасанд. Кушодани симоҳои ширкаткунандагони латифаҳо барои муайян намудани баъзе мисолҳои ҳаҷвии адабиёт кӯмаки калон мерасонанд.

Маънои луғавии “образ” (кал. рус.) дар забони форсӣ – тоҷикӣ “тимсол”, “симо”, “шакл”, “сурат”, “тасвир”, “сувар”, “мусаввир”, “мусаввар”, “мусаввара”, “тасаввур”, “муҳокот”, “тандиса” ва “муҷассама” буда, асарҳои бадеӣ “сурати ҳаёти инсонист” [18, с. 95].

Дар адабиёти бадеӣ образ ба ду маъно фаҳмида мешавад: якум, аҳли қалам ба ҳодисаю воқеият, рӯйдодҳои ҷомеа ва кору амали одамон бо ҷиҳатҳои хаёли бадеӣ, идеянокӣ ва фасоҳату балоғати сухан назар меафканад. Дуюм, рафтор, кирдор, гуфтор, тарзи зиндагӣ ва вазъи рӯҳии инсонро инъикос менамояд.

Инак, ташреҳи истилоҳоти ҷузъии образ дар адабиётшиносию фолклоршиносӣ ва маҳорати офариниши онҳо дар мисоли жанри латифа чунин сурат мегирад: “Персонаж” калимаи лотинӣ буда, маъноаш шахс ва симо аст. Кулли ширкаткунандагони асарҳои бадеиро, ки ашхос ҳастанд, персонажҳо ё худ иштироккунандагон мегӯянд. Персонажҳоро дар асарҳои бадеӣ аз рӯи фаъолияташон ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) асосӣ ё худ марказӣ; 2) дуюмдараҷа; 3) лаҳзавӣ ё худ эпизодӣ. Персонажҳои дуюмдараҷа ва лаҳзавӣ ё худ эпизодиро кӯмакдиҳанда низ мегӯянд [19, с. 76].

Персонажҳои асосӣ (марказӣ) – аз маънои ибора пайдост, ки ин гуна персонажҳо ашхосе мебошанд, ки дар кулли воқеоти асари бадеӣ ва ё қисмати зиёди он ширкат варзида, пешбарандаи ҳодисот, ҳалкунандаи тазод ва низомкашандаи хатти сюжет аст. Хислату чеҳраи комил маҳз ба чунин шахсон тааллуқ доранд.

Персонажҳои асосӣ дар сар то сари сюжети жанри латифа (бо назардошти ҷиҳатҳои хурдии жанр ва содагию кӯтоҳии сюжети он) амал карда, аёнкунандаи кору кирдор ва хислату гуфтори ҷиҳатҳои хоси худ мешаванд.

Табиати жанри латифа зиёда аз ду ва ё се персонажро хуш надорад. Персонажҳои асосӣ ё худ марказии латифаҳо нақши асосиро дар сар то сари нақл мебозанд. Персонажҳои асосӣ ё худ марказии жанри латифа мавриди зиёде ҳамчун шахсони зирак ва доно таҷассум ёфта, намунаи як гурӯҳи аҳли ҷамъият арзёбӣ мешаванд. Ақлу заковат, донишу фаҳмиш, малакаю маҳорат, ҷаҳонбинию биниш ва чеҳраю хислати ин тоифа шахсон ҳамчун симои асосӣ (марказӣ) аз ҷараёни сюжети латифа кушода мешавад. Ба инҳо мисол шуда метавонанд: Искандар, Анӯшервон, Бузурҷамеҳр, Талҳак, Хоҷа Насриддин, Мулло Мушфиқӣ, персонажҳои маҳаллӣ:

Акои Нағзибек, Бердӣ Охун, Масолеҳ, Ҷумъаи Анта, Ризоқулҷонсарак, Юсуфҷонқизиқ, Саидалӣ Вализода, Боқӣ Раҳимзода, Ғалча, Гундӯл (инчунин, як қатор намояндагони умумиёфтаи маҳалҳо: дарвозӣ, маҳаллатӣ, ширинӣ, румонӣ, ванҷӣ, кӯлобӣ, ленинободӣ, қаротегинӣ) ва ғайра [16, с. 104].

Дар баъзе ҳолатҳо ё ки худ марказӣ худро гулу гумроҳ вонамуд карда, бо ҳамин роҳ ҳама гуна воқеаҳои нангини даврро фош намуда, ҳадафи хешро амалӣ мекарданд. Ин гуна хислат аз Абунаввос, Туфайлӣ, Баҳлул, Ҷуҳо, Афандӣ (албатта, миқдори кам) сар карда, то персонажҳои маҳаллӣ ба чашм мерасанд.

Иштироккунандагон ё худ персонажҳои дуюмдараҷа ва лаҳзавӣ (эпизодӣ) –и латифаҳо ононе мебошанд, ки дар маврид ё лаҳзаи ҳодисаю воқеаҳои сюжет иштирок намуда, барои ҳаллу фасл, кушодани гиреҳ ва умуман, ёрии персонажҳои асосӣ (марказӣ) кӯмаки хешро дареғ намедоранд. Дар латифаҳои халқии тоҷикӣ персонажхои дуюмдараҷа ҳамчун симоҳои барҷастаи ёридиҳанда пайдо шуда, баробари иҷрои вазифаи худ нопадид мегарданд.

Р.Амонов қайд мекунад, ки муносибати персонажҳо ба ҳамдигар бештар дар шакли муколама сурат мегирад, яъне дар латифаҳо мақоми муколама – гуфтугӯ бузург аст [10, с.8]. Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки тамоми ҳамсуҳбатони персонажҳои асосӣ (марказӣ) персонажҳои дуюмдараҷа ҳисоб мешаванд.

Персонажҳои лаҳзавӣ (эпизодӣ) бошанд, дар латифаҳои халқӣ ангуштшуморанд. Онҳо: духтари ҳамсояи Афандӣ (Л., саҳ. 235-236), шахсони ғайримушаххас (ё номуайян) ба мисоли: яке (Хрест. ф.т., с.157-158), зани як одам (Афс. Ӯрот., саҳ. 337-338), як одам (Афс. Ӯрот., саҳ.300), як каси давлатманд (Афс. Ӯрот., саҳ.312), мизбон (Нам. ф. д. Р., саҳ.119-120), роҳзанҳо (Афс. Ӯрот. саҳ.302-303), духтарчаи Афандӣ (Афс. Ӯрот., саҳ.305), қозӣ (Б.ш. № 103), духтари оҳангар (Л., саҳ.304), ясавул (Л., саҳ.28), ҳамсояи Афандӣ (Хрест. ф. т. саҳ.167-168), зани Мушфиқӣ (Эҷод. дах. х. т., саҳ. 209) ва ғайра.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки персонажҳои лаҳзавӣ дар латифаҳои халқии тоҷикӣ лаҳзае пайдо шуда, дар ҳалли муаммои сюжат дахолат мекунанд, яъне онро ё ҳал мекунанд ё мураккабтар мегарданд. Пас аз иҷрои вазифаи худ онҳо дар сужет дигар пайдо намешаванд.

Персонажҳоро аз рӯи моҳияти худ ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: 1. мусбат; 2. манфӣ.

Персонажҳои мусбат онҳое мебошанд, ки идеалҳои пешқадами нависанда ва шоирро ифода карда, барои ростиву накӯкорӣ, мақсадҳои нек, амали хайр ва ҳақиқату адолат мубориза мебаранд. Онҳо аз дигар иштироккунандагони асар бо рафтору кирдори ҳасанаи худ фарқ мекунанд ва барои дигарон талқинкунандаи ин роҳанд.

Персонажҳои мусбати латифаҳои халқӣ, аз қабили Искандари Мақдунӣ, Нӯшервони Одил, Бузургҷамеҳри Ҳаким, Хоҷа Насриддини Афандӣ, Мулло Мушфиқии доно ва персонажҳои маҳаллии дорои характери мусбат мебошанд. Ин зумра персонажҳои мусбат шахсонеанд, ки дар ҳар ҳолате бошанд, бар ҳарифи худ пирӯз мешаванд, ҳам дар ақлу заковат ва ҳам дар гуфтору пиндор.

Ногуфта намонад, ки на ҳамаи персонажҳои асосӣ ё худ марказии латифа дорои хусусияти мусбатанд. Қисме аз он персонажҳо манфианд. Аз ҷумла, дурӯггӯйҳо, майпарастон, дуздон, ноқисулақлон, танбалон ва ғайра. Амали ин тоифа персонажҳои манфӣ (агарчи асосӣ ё худ марказӣ ҳам бошанд) аҳамияти тарбиявӣ низ доранд (дар муқоиса бо персонажҳои мусбат) [19, с. 88-89].

Вобаста ба тағйири замон ва табадулоти сиёсии даврон номи персонажҳои мусбат (ки ҳамчун қаҳрамон ҳисоб меёбанд) ҳамон тавр монда, номи персонажҳои манфӣ (ки бисёрашон асосӣ ё худ марказӣ ҳам мешаванд) иваз мешаванд. Масалан, дар даврањои қадим – халифаҳо, амирон, бойҳо ва муллоҳо, дар асрҳои миёна – феодалон ва қозиҳо, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ – душманони Ватан, фашистони немис (Гитлер, Ганс, Мюлер) ва капиталистон, дар рӯзҳои мо – коммунистҳо, шахсиятҳои сиёсӣ ва ғайра. Вале дар муқобили ҳамаи ин образҳо бо мурури вақт ҷой иваз карда, ҳамоно қаҳрамонони дӯстдоштаи халқ – Хоҷа Насриддин Афандӣ ва Мулло Мушфиқӣ меистанд. Якчанд персонажҳои алоҳидае дар латифаҳои халқӣ вомехӯранд, ки дар ташаккули образҳои асосӣ (Афандӣ ва Мушфиқӣ) мақоми махсусро мебозанд, ки инҳо зан, ҳамсоя ва дӯстони Афандӣ ё Мушфиқӣ мебошанд. Ин персонажҳо дар бисёр мавридҳо ҳамсуҳбатони қаҳрамонони халқиянд.

Қаҳрамон – “он аст, ки нависанда дар симо ва олами ботинии ӯ мазмуни хеле зиёди мусбатро акс кунонидааст ва ба воситаи ӯ нормаи муайяни кирдори ҷамъиятиро устувор мегардонад” [17, с. 21].

На ҳамаи персонажҳо метавонанд, қаҳрамон шаванд, вале ҳамаи қаҳрамонҳо метавонанд, ки персонаж бошанд ва албатта, персонажи асосӣ ё худ марказӣ.

Қаҳрамонҳои латифаҳои халқии тоҷикӣ инҳоянд: Искандар, Афлотун, Нӯшервон, Бузурҷамеҳр, Хоҷа Насриддин, Мулло Мушфиқӣ ва персонажҳои асосӣ ё худ марказии маҳаллӣ ба монанди: ширинӣ, маҳаллатӣ, рӯмонӣ, ванҷӣ, қаротегинӣ, кӯлобӣ, дарвозӣ (албатта дар ҳолате ки ифодакунандаи намунаи одамони доно, зирак, фаъол, накӯкор, наҷиб ва қаҳрамон бошанд).

Вазифаи қаҳрамонҳои латоифи маҳаллӣ, мисли дигар латифаҳои халқии тоҷикӣ чор ҷиҳат доранд:

1. барои вақти мардумро дар тӯю маъракаҳо хуш кардан; 2. танқиди аъёну ашроф, яъне табақаҳои боло; 3. паст задани ин ё он маҳал; 4. нишон додани хислат, рафтор ва кирдорҳои манфури одамӣ.

Яке аз ҷиҳатҳои фарқкунандагии қаҳрамон ё худ персонажи асосӣ ин кушодагии характер ё хислати ӯ дар асарҳои бадеӣ мебошад. Дар латоифи халқӣ низ хислати қаҳрамонҳо мухтасар ифода гардида, чӣ гуна шахс будани онон аз ягон ҷиҳат аён мешавад. Мавқеи қаҳрамон, доираи фаҳмиш ва тафаккуру ақоиди вай нисбат ба муҳит, ҷомеа, амалиёти ӯ дар сужети асар, муносибаташ бо дигар персонажҳо, гуфтору рафтор ва кирдору пиндори қаҳрамон дар айёми содиршавии ҳодисаю воқеаҳо муҳимтарин васоити хислати вай ба шумор мераванд ва вобаста ба такомулоти тадорукоти ҷомеа такмил ёфта, пурра мешаванд.

Ҳамаи персонажҳо наметавонанд, характер шаванд, вале ҳамаи қаҳрамонҳо характеранд, чунки симои онҳо (дар латифаҳои халқӣ ё дигар жанрҳои хурд) ба қадри ҳол кушода мешаванд.

Хислатҳои қаҳрамонҳою персонажҳои латифаҳои халқиро метавон чунин нишон дод: Искандар, Анӯшервон, Бузургҷамеҳр - боинсофӣ, одилӣ, хирадмандӣ, Афандӣ, Мушфиқӣ - доноӣ, зиракӣ, ҳозирҷавобӣ; подшоҳон - ноадолатӣ, беинсофӣ; қозиҳо - порахӯрӣ, муфтхӯрӣ; муллоҳо хасисӣ, гурусначашмӣ; дуруғгӯйҳо - дуруғгӯй, мардумфиребӣ, чоплусӣ; дуздон - дуздӣ, мардумозорӣ; девонаҳо - камақлӣ, шоирон - хушсуханӣ, боадабӣ; табибон - нодонӣ ва ғ.

Чун латифаҳои халқиро мешунавӣ ё мутоила мекунӣ ва сухан дар бораи подшоҳ (амир), қозӣ, вазир, мулло, рӯҳонӣ, шоир, табиб, дурӯғгӯ, дузд, танбал, ноқисулақл, девона, шахси сода ва ғ. меравад, беихтиёр хислати умумиёфтаи ин гуна одамон пеши назар меояд.

Типи қаҳрамонҳои мусбати латифаҳо ифодакунандаи ашхоси адолатҷӯ, накӯкор, зирак, ҳазлгӯ ва ширинкор мебошанд. Типи образҳои манфӣ бошанд, зидди инҳоянд.

С.Маҳдиев дар хусуси яке аз типҳои машҳури латифаҳо – Хоҷа Насриддин чунин овардааст: “Хоҷа Насриддин қаҳрамони миллии ин ё он халқ набуда, балки вай машҳуртарин образи умумиёфтаи фолклори байналхалқӣ мебошад, ки офарандаи он асосан, мардуми шаҳрҳои мутараққии асрҳои миёна мебошад” [16, с. 122].

Ба маврид аст, агар қайд кунем, ки образҳои маҳаллӣ ба монанди: дарвозӣ, ванҷӣ, помирӣ. ленинободӣ, ширинӣ, маҳаллатӣ, рӯмонӣ, ҳисорӣ, кӯлобӣ, ғармӣ ва ғ. типи одамони зирак ва ё гӯлу гумроҳро ифодагаранд. Дар ин маврид онҳо хусусияти мушахасии маҳаллии худро гум карда, махсусияти умумии характери манфӣ ё мусбат мешаванд.

Оид ба тип ва прототипҳо (алалхусус, прототипи Хоҷа Насриддин) дар латифаҳои халқӣ муҳаққиқони ин жанр - М.Н.Болтаев [6], Ф.Н.Юлдошева [30], М.Г.Таҳмосиб [26], В.А.Гордлевский [7], К.С. Давлатов [8], Раззоқов Х. [25] ва С. Маҳдиев [16] ибрози назар кардаанд. Аз ҷумлаи онҳо Ф.Н Юлдошева муайян кардааст, ки маълумоти нахустинро оид ба Хоҷа Насриддин ҳанӯз дар асрҳои 18-19 дучор омадан мумкин аст. Аз ин рӯ, “маълум мешавад, ки қаҳрамони фолклор Хоҷа Насриддин аз прототипи худ 400-600 сол пештар гузаштааст. Умуман, прототипи Насриддин Афандӣ худи халқ аст [30, с. 8]. М.Н. Болтаев ва М.Г.Таҳмосиб бошанд, Хоҷа Насриддин Тӯсиро прототипи Хоҷа Насриддини фолклорӣ мешуморанд [16, с. 118].

Тадқиқотчии варзидаи жанри латифа С.Маҳдиев ин назарияҳои болоиро инкор мекунад.

Як ҷиҳати дигари масъалаи образофаринии латифаҳои халқии тоҷикӣ, ин мавҷудияти образҳо дар латифаҳо доир ба ҳайвонот, ҳашарот, паррандагон ва умуман ғайриинсонҳо мебошад. Образҳои ин гуна латифаҳо бештар заргӯш, харгӯш, гург, фил, пашша, хар, гов,

зоғ, паланг, саг, рӯбоҳ, шағол, шер ва ғайраҳоянд. Агарчи ин гурӯҳи латифаҳоро дар маҷмуаҳои фолклорӣ камтар дучор меоем, вале дар байни халқ бошанд, бисёр маъмуланд. Барои мисол ва таҳлили образҳои он як намуна меоварем: “Як поезд пъри ҳайвоно рафтестай, ай ҷъмла заргӯш ам. Як ҳолатое мешава заргӯш мехоҳа зурии хъдша нишун бъда. Медроя дар вагони ҳамсоя, хърс, гърг, рӯба, саг, шағол, шер ва ғайра шъштагиян. Заргӯши хъд қиғъра сар мекъна:

- Кияй дар иҷа каратеист?

Ҳич кас ҷавоб намеда. Заргӯш мега, ки:

- Ҳич касе, ки каратеист нест, ҳама 10 сумӣ ҷамъ кънан.

Бечора ҳамаи ҳайвуно ай тарсшуна 10 сумӣ ҷамъ мекънан. Заргӯши хъд сумора мегиравъ мерава дар ресторани поезд ӯ рӯз дам мегиравъ боз пъга меёя аму вагон қиғъра боз сар мекъна:

- Кияй дар иҷа каратеист?

Боз ҳама хапъ хъп. Боз заргӯши хъд фармон меда:

- Ҳама 20-сумӣ ҷамъ кънан.

И дафъ ам ҳама 20-сумӣ ҷамъ мекънанъ меданъш.”

Заргӯши хъд боз мерава дар қисми истироҳат. Пъга мешава боз меёя аму вагон. Дод мезана, ки:

- Кияй дар иҷа каратеист?

Дар ами вахт гърг фикр мекъна, ки “ко бест бинъм, ки и чӣ кор мекара боша” ва мега, ки “мън”. Заргӯши хъд мегарда мега, ки:

- Тъ, ки каратеистӣ биё шахматбозӣ кънем” (Б.ш. 100).

Образҳои ин латифаҳои халқӣ заргӯш ва гург мебошанд, ки аввалӣ асосӣ буда, дуюмӣ ёридиҳандаи он аст. Дар образи заргӯш ҳайвоноти дорои хислатҳои чустучолокӣ, зиракӣ ва “зӯри беҷон”-ӣ нишон дода шудааст. Дар образи гург бошад, хислати “беҷони зур” таҷассум ёфтааст.

Дар дигар латифаҳо низ образҳои ҳайвонҳои гуногун ифода гардиданд.

Тақсимбандии латифаҳо аз рӯйи образ ва таснифоти образҳо аз рӯйи давру мавқеъ, ки аз тарафи С.Маҳдиев нишон дода шудааст [16, с. 104-105], ноқис аст. Чунки қисмати гурӯҳбандии латифаҳо аз рӯи образ натавонистааст, ки қаҳрамон ва персонажҳои дигарро ба монанди: амирон, вазирон, шоирон, табибон, рӯҳониён, дуздон, дурӯғгӯён, кӯкнориҳо, боён, танбалон, девонаҳо (ё ноқисулақлон) ва ғайра дарбар гирад, ки маҳз чунин симоҳои умумикардашуда хислатҳои ҳаматарафаи ашхоси конкретиро дарбар мегиранд. Андар боби қисми дуюм – тақсими образҳо аз рӯи давр ва мавқеъ бояд чунин ҷумлаҳоро илова кард: а) образҳои тоисломӣ: пирон, деҳқонон, хизматгорон; б) образҳои давраи хилофат (асри 8-11): ҳокимон, халифаҳо, девонаҳо; в) образҳои асрҳои миёна (12-19): подшоҳон, қозиҳо, феодалон, махдумон; г) образҳои замони собиқ Шӯравӣ (қарни 20): кӯлакҳо, босмачиҳо, фашистон, капиталистон, коммунистон ва шахсиятҳои сиёсӣ; д) образҳои замони истиқлолият (садаҳои 20-21): ҷанговарон (ё боевикҳо), шахсиятҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғайра.

Образҳои мусбати ҷовидонаи жанри латифа – Афандӣ ва Мушфиқӣ низ дар баробари образҳои абадии адабиёти навишторӣ ва гуфтории ҷаҳон: Ҳотами Той, Рустам, Суҳроб, Лайлӣ, Маҷнун, Фарҳод, Ширин, Юсуф, Зулайхо, Прометей, Тарков, Хлестаков, Дон Жуан, Фауст, Дон Кихот, Ҳамлет, Отелло, Эдип, Ленин, Маркс ва Энгелс ҷой доранд. Ин образҳои ҷовидонаи латифаҳои халқии тоҷикӣ заминаи воқеӣ дошта, аз замонҳои пайдоиш то ба давраи мо вобаста ба дигаргуниҳои сиёсии ҷомеа амалиёту гуфтори хешро дигар карда бошанд ҳам, абадияти худро гум накардаанд. Ин образҳои ҷовид ҳамчун ифодакунандаи мақсаду маром ва афкору ақоиди тоифаҳои гуногуни ҷамъият буда, идеяҳои пешқадами замонро ба воситаи лутфу зарофат пеш меронданд.

Пешрафту пасрафти ҷамъияту табиат ва ҳодисоту воқеоти онҳо бе зиддият вуҷуд дошта наметавонанд. Тазод дар ҳама давру замонҳо ҳамқадами ҳаёт ва зиндагию амалиёти одамон будааст. Аз ин рӯ, муайян кардан душвор нест, ки ҳамвора бо образҳои ҷовидонаи мусбат образҳои ҷовидонаи манфӣ низ арзи ҳастӣ доранд. Образҳо (ё персонажҳо)-и адабиёти тоҷикро ба мисли Султон Маҳмуд, Амир Темур, Гитлер ва ғайра ҳамчун образи манфии ҷовидонаи латифаҳои халқии тоҷикӣ шуморидан равост, агарчи ин персонажҳо бевосита хоси жанри латифа набошанд ҳам.

Образ ва офариниши он дар латифаҳои халқии тоҷикӣ бо тамоми ҷузъиёташ ба назар мерасад. Ба таъбири С. Маҳдиев: “Таҳлили образҳои латифаҳои тоҷикӣ барои муайян намудани баъзе образҳои ҳаҷвии адабиёт ёрии калон мерасонад” [16, с. 139].

Хулоса. Ҳаҷву ҳазлу тамасхур дар шаклу намудҳои гуногун зоҳир гардидаанд, ки жанри латифа яке аз маъмултарини онҳост. Шунидан ва ё хондани латифа ба кас ғизои руҳӣ медиҳад ва ба ӯ шодиву хурсандӣ мебахшад. Асоси латифаро суханҳои хандаовар ташкил мекунад. Хандае, ки аз латифа ба вуҷуд меояд, ба омилҳои зайл вобаста аст: “амали ғайричашмдошт, ногаҳонӣ, суханбозӣ – ба маъноҳои гуногун истифода ва ё фаҳмидани сухан, савол ва ё ҷавоби таваккалӣ, пойдарҳаво, бемантиқ, гуфтори нешдору обдор..., нишонрас ... амали ғайритабиӣ, гуфтори хилофи мантиқ, баркасд ва ё ноҷо...” [10, с. 3].

Латифаҳо дорои банду басти мустаҳкаме буда, бо вуҷуди ҳаҷман кӯтоҳ будан муҳимтарин масъалаҳои сиёсию ахлоқиро дарбар гирифтаанд. Ба ифодаи дигар жанри латифа бо он ки ҳаҷман хурд аст, вале мазмуни бузург ва ғаниро дар худ таҷассум кардааст. Устухонбандӣ ва сужети жанри мазкур содаю муъҷаз аст. На ҳамаи аҷзои устухонбандӣ дар латифа ба назар мерасад. Ҷузъи асосии устухонбандии жанри мазкур, албатта мазмуну мундариҷаи латифаҳо мебошад.

Образофаринӣ бошад, дар латифаҳои халқии тоҷикӣ гуногун аст. Қисме аз тимсолҳои онҳо бо номи ашхоси таърихию афсонавӣ алоқаманд бошанд ҳам, бархе дигарашон ашхоси машҳури маҳаллиянд. Чуноне ки аз маҳорати образофаринии халқ дар латифаҳо ошкор шуд, бештар иштироккунандаи онон Хоҷа Насриддин Афандӣ ва Мулло Мушфиқӣ буда, камтари дигар намояндагони аҳли ҷомеа ба назар мерасанд. Нақши образҳои тамсилӣ ва шахсонидашуда – ҳайвонот, паррандагон, хазандагон ва ашёҳо низ назаррас аст.

Қаҳрамонони латифаҳои тоҷикӣ ҳамчун ифодакунандаи маром мақсади гӯянда мунъакис шуда, дар таърихи тараққиёти ҳаҷву мутоибаи халқи тоҷик нақши муҳим бозидаанд. Гӯяндагон тавассути образҳои латифаҳо камбудиву нуқсонҳои ашхоси алоҳидаи табақаҳои ҷамъиятиро бо як зарофати гуворое танқид намуда, беҳтарин намунаҳои муҳокимарониву гуфторро таҷассум намудаанд.

Маҳз жанри латифа дар ин таърихи тулонӣ тавонистааст, ки бо суханҳои хушу зарофатҳои намакин нуқсону камбудиҳо ва рафтору кирдору пиндору гуфтори зишти аҳли ҷомеаро зери тозиёнаи танқид гирад ва бо ин роҳ лаҳзаҳои гувороро баҳри мардум таҷассумгар шавад, ки ин халқро ба ояндаи нек гувоҳ буд, ҳаст ва мебошад.

Рӯйхати ихтисораҳо:

1. Афс. Ӯрот. – “Афсонаҳои Ӯротеппа”.
2. Б. ш. – Бойгонии шахсӣ.
3. Л. – Латифаҳо.
4. Нам. фол. д. Р. – “Намунаҳои фолклори диёри Рӯдакӣ”
5. Хрест. ф. т. – “Хрестоматияи фолклори тоҷик”.
6. Эҷод. даҳ. х. т. – “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”-и В. Асрорӣ ва Р. Амонов.

Адабиёт

1. *Абдураҳмони Ҷомӣ. Куллиёт / Ба чоп тайёркунанда А. Афсаҳзод, ҷ.7. - Душанбе: Адиб, 1987.*
2. *Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1990.*
3. *Асрорӣ В. ва Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1980.*
4. *Афсонаҳои Ӯротеппа (тартиб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Рабиев). – Душанбе: Дониш, 1992.*
5. *Бобоев Ю. Назарияи адабиёт (бо ислоҳу иловаҳо). – Душанбе: Маориф, 1992.*
6. *Болтаев М.Н. Вопросы гнесологии и логики в произведениях Ибн-Сино и его школы.- Душанбе: Ирфон, 1965.*
7. *Гордлевский В. А. Ходжа Насриддин. В ки. “Анекдоты о Ходжа Насриддине”. – М.: Изд. вт., 1957.*
8. *Давлятов К. С. О происхождении образа Ходжа Насриддина: автореф. ... канд. дис. - Томск, 1968.*
9. *Қосимӣ С. Бадеияти латифаҳои халқии тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020.*
10. *Латифаҳо (тартибдиҳанда А. Деҳотӣ, муҳаррири адабӣ С. Айнӣ). – Сталинобод: НДТ, 1938. (ҳур. лотинӣ)*
11. *Латифаҳои тоҷикӣ (ҷамъкунанда А. Деҳотӣ, бо ислоҳ ва иловаҳо, чопи дуюм). – Сталинобод: НДТ, 1949.*
12. *Латифаҳои тоҷикӣ (гирдоваранда А. Деҳотӣ, чопи сеюм). – Сталинобод: НДТ, 1954.*
13. *Латифаҳои тоҷикӣ (мураттиб А. Деҳотӣ, чопи чорум). – Сталинобод: НДТ, 1958.*
14. *Латифаҳо (танзим ва таҳрири адабии Р. Амонов). – Душанбе: Ирфон, 1994.*
15. *Маҳдиев С. Таърихи пайдоиши образи Хоҷа Насриддин. Дар маҷмуи “Армуғони олимони ҷавон”. – Душанбе, 1966.*
16. *Маҳдиев С. Проблемаи жанри латифа. – Душанбе: Дониш, 1977.*

17. *Мирзозода Х. Образи бадеӣ чист? – Душанбе: Ирфон, 1976.*
18. *Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1992.*
19. *Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990.*
20. *Намунаҳои фолклори диёри Рӯдакӣ (тартибдиҳандагон Р. Амонов ва М. Шукуров). – Душанбе: НДТ, 1963.*
21. *Раҳмонӣ. Р. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик. – Душанбе: Сино, 2008.*
22. *Раҳмонӣ Р. Фолклори тоҷикон: Дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ. –Душанбе: ДМТ, 2021.*
23. *Раҳмонӣ Р., Қосимӣ С. Адабиёти гуфтории тоҷикон. –Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020.*
24. *Раҳимов Д. Фолклори тоҷик. – Душанбе: Эҷод, 2009.*
25. *Раззоқов Х. Сатира и юмор в узбеском фольклоре: автореф. ... канд. дис. - Ташкент, 1976.*
26. *Тахмосиб М. Г. В предисловии книги «Анекдоты Муллы Насриддина», 1964.*
27. *Фаслномаи илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ – Гули мурод. - 1997. - №4-6 (2).*
28. *Фолклори тоҷик (материалҳо ва мақолаҳо) – Душанбе: Дониш, 1973.*
29. *Фолклори Ӯротеппа (мураттиб Ч. Рабиев). – Душанбе: Дониш, 1991.*
30. *Юлдошев Ф. Н. Проблема типазиции образа народного героя Ходжа Насриддина.: автореф. ... канд. ис. - Ташкент, 1974.*
31. *Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. – Душанбе: Адиб, 1991.*

МУРУРЕ БА ЖАНРИ ЛАТИФА ВА ОБРАЗҲОИ ОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи яке аз гунаҳои маъмули насрии адабиёти гуфторӣ – латифа ва образҳои он меравад. Муаллиф рочеъ ба таърихи пайдоиши гунаи латифа (дурусттараш қаринаҳои қадимаи ин унсури адабӣ – ҳачв, мутоиба, мунозира, нодира, назира, зарифа, базла, ачиба, ҳикоят ва ғайра) маълумот дода, ҳамчунин дар хусуси хидмати фолклоршиносон, адибон ва олимони ватаниву хориҷӣ дар самти пажӯҳиши латифаҳои халқии тоҷикӣ андешаҳои худро баён намудааст. Баъдан, муаллифи мақола бо назардошти сарчашмаҳои таърихӣ, маҷмуаҳои бадеӣ, рисолаҳои илмӣ ва адабиёти назариявӣ тақсимбандии раванди бавуҷудоӣ ва инкишофи жанри латифаро бад-ин рақам тақсимбандӣ намудааст: 1. Асарҳое, ки мазмуну мундариҷа ва образҳои латифаҳои халқӣ дар онҳо истифода шудаанд; 2. Китобҳое, ки дар асоси латифаҳои халқӣ таълиф шудаанд; 3. Маҷмуаҳои фолклорӣ, ки аз ҷониби аҳли илму фарҳанг гирд оварда шудаанд; 4. Адабиёти илмие, ки дар онҳо таҳқиқи жанри мазкур дида мешавад ё ба он бахшида шудаанд; 5. Рӯзнома ва маҷаллаҳои илмӣ-оммавие, ки дар онҳо латифаҳои халқӣ чоп щудаанд ё доир ба жанри мазкур сухан рафтааст. Муаллифи мақола маҷмуаи фолклорӣ ва тадқиқотҳои мукаммали илмиро доир ба гунаи латифаҳои халқии тоҷикӣ тибқи принсипи таърихият шарҳу эзоҳ ва баррасӣ намуда, оид ба ҳар як тадқиқот андешаҳои худро баён намудааст. Масоили образҳои латифаҳои халқии тоҷикӣ (персонаж (асосӣ, дуюмдараҷа, лаҳзавӣ ва ё мусбату манфӣ) ва қаҳрамонҳои асосию (Искандар, Афлотун, Нӯшервон, Бузурҷамеҳр, Хоҷа Насриддин, Мулло Мушфиқӣ) маҳаллӣ (дарвозӣ, ванҷӣ, помирӣ, ленинободӣ, ширинӣ, маҳаллӣ, румонӣ, ҳисорӣ, кӯлобӣ, ғармӣ)), типу прототип (алалхусус прототипи Хоҷа Насриддин) ва вазоифи онҳо бо мисолу намунаҳо нишон дода шуда, дар охир натиҷагириҳои муаллиф оид ба мавзуи мазкур хулосабарорӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: латифа, фолклор, фолклоршиносӣ, адабиёти гуфторӣ, жанри фолклорӣ, образ, персонаж, ҳачв.

ИССЛЕДОВАНИЕ ЖАНРА АНЕКДОТА И ЕГО ОБРАЗОВ

В данной статье речь идет об одном из наиболее распространенных видов прозы устной литературы - анекдота и их образах. Автор приводит сведения об истории возникновения анекдота (точнее, о древних традициях этого литературного элемента – сатира (хаджв), диалог (мутоиба), дискуссия (мунозира), надира, назира, зарифа, базла, аджиба, рассказ (хикоя) и др.), а также высказал свои мысли о вкладе фольклористов и писателей и отечественных и зарубежных учёных в исследования таджикских народных анекдотов. Далее автор статьи, принимая во внимание исторические источники, художественные сборники, научные трактаты и теоретическую литературу, разделил процесс возникновения и развития жанра анекдота на следующие категории: 1. Произведения, в которых использованы содержание и образы народных анекдотов; 2. Книги, опубликованные на основе народных анекдотов; 3. Фольклорные сборники, собранные деятелями науки и культуры; 4. Научная литература, в которой рассматриваются исследования данного жанра или посвящены ему; 5. Газеты и научно-популярные журналы, в которых публиковались народные анекдоты или обсуждался этот жанр. Автор статьи разъяснил и рассмотрел сборник фольклора и полные научные исследования по типам таджикских народных анекдотов по принципу историчности, а также высказал свое мнение по каждому исследованию. Сюжеты образов таджикских народных анекдотов (персонажи (главные, второстепенные, сиюминутные или положительные и отрицательные) и главные действующие лица (Искандар, Афлотун, Нушерван, Бузурджамер, Ходжа Насриддин, Мулло Мушфики) местные (Дарвази, Ванджи, Помири, Ленинабади, Шири), местный, румонский, хисорский, кулобийский, гармийский)), на примерах показаны тип прототипа (особенно прототип Ходжи Насриддина) и их функции, а в конце сделаны выводы автора по данной теме.

Ключевые слова: анекдот, фольклор, фольклористика, устная литература, фольклорный жанр, образ, персонаж, сатира.

STUDY OF THE GENRE OF ANECDOTE AND ITS IMAGES

This article deals with one of the most common types of prose in oral literature - anecdotes and their images. The author provides information about the history of the origin of the joke (more precisely, about the ancient traditions of this literary element - satire (hajv), dialogue (mutoiba), discussion (munozira), nadira, nazira, zarifa, basla, ajiba, story (hikoya), etc.), and also expressed her thoughts on the contribution of folklorists and writers and domestic and foreign scientists in the study of Tajik folk jokes. Further, the author of the article, taking into account historical sources,

collections of art, scientific treatises and theoretical literature, divided the process of the appearance and development of the joke genre into the following categories: 1. Works in which the content and images of folk jokes are used; 2. Books published based on folk jokes; 3. Folklore collections collected by scientists and cultural figures; 4. Scientific literature that examines or focuses on research in a given genre; 5. Newspapers and popular science magazines in which this genre and folk jokes are published or discussed. The author of the article explained and reviewed a collection of folklore and complete scientific studies on the types of Tajik folk jokes based on the principle of historicity, and also expressed his opinion on each study. The plots of the images of Tajik folk jokes (characters (main, secondary, momentary or positive and negative) and the main characters (Iskandar, Aflotun, Nushervan, Buzurjamer, Khoja Nasriddin, Mullo Mushfiki) local (Darvaz, Vanj, Pomiri, Leninabadi, Shiri), local, Rumon, Hisor, Kulob, Garm)), examples show the type of prototype (especially the prototype of Khoja Nasriddin) and their functions, and at the end the author's conclusions on this topic are made.

Keywords: anecdote, folklore, folkloristics, oral literature, folklore genre, image, character, satire.

Дар бораи муаллиф

Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 45 66 93
E-mail: hofiz200469@mail.ru

Об авторе

Косими Саади Абдулкадир
Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой методики преподавания языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 45 66 93
E-mail: hofiz200469@mail.ru

About the author

Kosimi Saadi Abdulkodir
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Methods of Teaching Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 45 66 93
E-mail: hofiz200469@mail.ru

ТДУ 07(575. 3)

ВИЖАГИҲОИ ПАХШИ МУСТАҚИМ ДАР МАРҲИЛАҲОИ АВВАЛИ ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИК

Абдуллоева А. Н., Шарипова Д. Х.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Телевизион ин фаъолияти махсуси хабаррасонии электронӣ дар низоми махсуси таҷҳизотҳои қабулкунанда ва равонкунанда тариқи мавҷ аст. Бунёди он кори дастҷамъонаи олимони ҷаҳон аст. “22 майи соли 1911 олими рус Б. Л. Розинг ба ихтирооти А. Т. Столетов ва А. С. Попов такя намуда, дар ҷаҳон аввалин шуда, тасвирро дар масофа зери экрани карнаи электронӣ – нурдиҳандааш намоиш дод, ки дар манзари сафетчатоб пайдо шудани хатҳои сиёҳ ба назар мерасид” [1, с. 23]. Дар миёнаи солҳои 30 – юми асри гузашта аввалин системаи телевизиони электронӣ пайдо шуд ва амалиётҳо бо ёрии телевизион ва лӯлаҳои электронӣ амалӣ мегардиданд. «Аввалин намоишҳои мунтазами телевизионӣ соли 1936 дар Инглистон ва баъдан соли 1941 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чунин намоишҳо оғоз гардиданд» [2, с. 8]. Дар ин баробар муҳаққиқ З. Эшматов, дар хусуси ихтироъкориҳои олимони рус баён доштааст: «Олимони рус Б. Л. Розинг, И. С. Катаев, П. В. Шкамова, В. К. Зворикин ва дигарон дар такя ба кашфиёту ихтирооти олимони Аврупо телевизионро дар як муддати муайян ба вуҷуд оварданд» [3, с. 5]. Аз ин нуқтаҳо маълум мегардад, ки дар таърихи журналистикаи ҷаҳон аввалин нишонаҳои пайдоиши телевизион дар Инглистон ва Амрико ба назар расидааст. “Тараққиёти имрӯзаи ахбору алоқаи (коммуникатсия) иттилоотии ҷаҳон бемисл аст. Аз рӯйи маълумоти ташкилотҳои гуногун ҳоло дар ҷаҳон беш аз 30 ҳазор стансияҳои радио ва телевизион, миллиардҳо теле ва радиоприёмникҳо фаъолият доранд” [4, с. 8-9].

Муаллифи китоби “Режиссураи телевизион, кино ва радио” Саидҷон Қодирӣ бар ин назар аст, ки: “Ҳадафи асосии стансияҳои телевизионӣ, ин қонеъ намудани эҳтиёҷоти сокинони шаҳру ноҳия вобаста ба ҷойгиршавии стансия, ба ахбори дақиқу асоснок оид ба воқеаҳои ҷаҳон, ҷумҳурӣ ва шаҳр мебошад, ки он барои инкишофи олами маънавию фарҳангии онҳо кумак расонида, ба ташвиқу тарғиби арзишҳои баланди ахлоқи умумибашарӣ, инсондӯстӣ мусоидат менамояд” [5, с. 7].

Дар робита аз таърих ва ташаккулу таҳаввули телевизион дар ҷаҳон гуфтан ба маврид аст, ки таъсиси он дар аксар кишварҳои ҷаҳон санаҳои гуногунро дар бар гирифтааст. Соли 1939 дар шаҳри Маскави Русия бо усули телевизиони электронӣ барномаҳо пахш гардиданд. Инчунин, соли 1951 Студияи марказии телевизионӣ дар Маскав ташкил гардид, ки дар як муддати кӯтоҳ рӯ ба рушд намуд. Ҳамзамон, соли 1952 шаҳрҳои Киев, Минск, Екатеринбург ва соли 1953 дар ин раванд дар Рига, Таллин, Боку, Харков, Самара, Тошканд, Вилнюс ба бунёди телевизионҳои худ асос гузоштанд. Аввалин намоишҳои телевизионӣ дар Берлин соли 1935 сурат гирифтааст. Телевизион дар Испания дар соли 1956 пайдо гардид. Аввалин намоиши телевизионӣ моҳи январи соли 1954 дар Италия ба фаъолият пардохтааст. Нахуст намоишҳои техникии тасвирӣ дар Фаронса соли 1931 гузашта, студияи озмоишии он соли 1933 ташкил гардидааст. Дар Эрон соли 1967 ва дар Афғонистон 1977 телевизион роҳандозӣ гардид. Соли 1962 дар Сурия, дар Арабистони Саудӣ соли 1965 ва дар Ироқ бошад соли 1958 фаъолияти худро оғоз менамояд.

“Пайдоиш ва рушду нумуи телевизион дар Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ ба таърихи таъсис ва ташаккули телевизиони марказии Иттиҳоди Шуравӣ алоқамандии бевосита дорад” [3, с. 5]. Аз соли 1959 то соли 1965 марказҳои зиёди техникии телевизионӣ, дар умум, 60 марказ дар Иттиҳоди Шуравӣ фаъолият дошт. “Охири соли 1965 дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ 160 Маркази техникии телевизионӣ амал мекард, қариб 15 миллион телевизион хизмат мерасонд, онҳоро 70 миллион одамон тамошо мекарданд” [1, с. 23].

Дар марҳилаи аввали фаъолият, телевизионҳои дар боло зикр гардида мушаххас аст, ки шакли пахши барномаҳоро ба таври мустақим ба роҳ монда буданд. Ва телевизиони тоҷик низ ҳанӯз аз замони тавлиди худ, (3 –октябри соли 1959) моҳияти аслии худро дар шакли мустақим нишон додааст. Муаллифи асари “Телевизион ва радиои Тоҷикистон дар масири таърих” изҳор медорад, ки “Соати шаши бегоҳӣ наттоқон Рафоат Абдусаломова ва Валентина Исаева бо салому паёми хеш экрани телевизиони Тоҷикистонро боз карданд. Он рӯз телевизиони миллӣ нахустбарномаи худро дар ҳаҷми якуним соат манзури бинандагон кард” [6, с. 19]. Ин санаи таърихиро муҳаққиқони зиёди ватанӣ И. К. Усмонов, Д. Давронов,

П. Гулмуродзода, С. Хоҷазод, З. Эшматов, Ҳ. Сангин, И. Мирзоев, Ш. Мусо, Г. Умарова дар асарҳои худ ёддошт кардаанд, аммо, аввалин наттоқи телевизиони тоҷик Р. Абдусаломова шарҳи дигар медиҳад: “... ёдам ҳаст. Ҷумлаи аввал ин хел буд: “Ассалому алейкум, тамошобинони азиз! Студияи телевизионии Сталинобод барномаҳои аввалини худро оғоз менамояд”. Баъд аз он барномаи иттилоотии “Ахбор”, киножурнали “Тоҷикистони советӣ”, филми ҳунарии “Тоҷикфилм” – “Чароғак дар кӯҳсор” ба эфир баромад” [7, с. 188].

Барои махсусияти барномаҳои мустақим дар телевизиони тоҷикро баррасӣ кардан ба санаҳои гуногуни таърихи такя кардан зарур аст. Собиқадори телевизион Р, Абдусаломова, ёддошт мекунад, ки “Аз моҳи ноябри соли 1959 сар карда шумораи барномаҳои таҷрибавӣ торафт бештар гаштанд. Аз 1 – уми январи соли 1960 бошад, барномаҳо доимӣ ба эфир мебаромаданд” [8, с. 27].

Дар ин мақола инкишофи телевизионро дар чанд марҳилаи таърихӣ таҳлил намудан ба маврид аст. Маълум аст, ки аз лаҳзаи тавлиди телевизион, марҳилаи нахустини фаъолияти он бо пахши мустақим зич алоқаманд буда, пахшҳои дигар дар он давра бо сабабҳои набудани технология вуҷуд надоштанд, зеро он замон сабти видеомагнитӣ мавҷуд набуд.

Аз рӯзҳои аввали тавлидаш телевизион ниҳоятдараҷа мустақим буд. Солҳои 60 – ум дар давраи даҳсолаи фаъолияти телевизиони тоҷик, вақте ки марҳилаи ба по хестанашро аз сар мегузаронид, маҳз ба воситаи пахши мустақим фаъолияташ густурда буд, гарчанде, ки дар ин солҳо дар телевизион барномаҳо ба идораҳо тақсим нашуда, инчунин, барномаҳо асосои жанрӣ надоштанд, лекин аз ҷиҳати сохт ва мазмун хеле хубу диданибоб пешкаши омма мегардиданд. Яъне дар ин давра диди коргардонҳо ва наворбардорон нақши танзимгариро иҷро мекард. “Охири соли 1960 Маркази телевизионӣ ба кор даромад, аз рӯйи лоиҳаи инженерон Г. Ракошис, Е Горбатий, В. Борисенко, М. Солиев ва А. Патсук шумораи камераҳои каналӣ ба нуҳто расонида шуд, студияи алоҳида барои наттоқон бо таҷҳизоти зарурӣ ба кор даромад. Аз аввали соли 1960 намоишҳо ҳафтае се маротиба ба муддати то 1, 5 соат пахш мешуданд” [1, с. 15]. Аз ин рӯ, намоишу барномаҳои телевизиони “Тоҷикистон” аз гурӯҳи эҷодӣ, техникӣ ва баромадкунандагон масъулияти бештарро талаб мекарданд, зеро ки дар ҳолати пахши ин шакли барнома роҳ додан ба хатогӣ боиси камаҳамиятии барнома дар назди тамошобин мегардид. Соли 1960 дар Телевизиони “Тоҷикистон” чунин барномаҳо тариқи пахши мустақим дар эфир намоиш дода мешуданд. ““Репортаж аз асрҳои дур”, (намоиш барои бачаҳо бо забони русӣ дар ҳаҷми 20 дақиқа) “Киножурнал”, (10 дақиқа) “Хабарҳои охирин”, (тоҷикӣ 5 дақиқа), “Як рӯзи ҳафтсола” (фотоочерк дар бораи соҳаи нави саноати республика, бо забони тоҷикӣ ва русӣ)” [1, с. 15]. Муҳаққиқ И. Мирзоев изҳор медорад, ки “Он солҳо имконияти пешакӣ сабт кардану танзим намудани барномаҳо набуд” [9, с. 35] Воқеан, барномаҳо бо тамоми камбудӣ дар назарҳо намоён мешуданд, аммо баранда ва ҳам иштирокчиён самимияти хос доштанд. Дар идомаи изҳороташ И. Мирзоев баён месозад, ки дар барномаи “Ҳаёти деҳот”, бригадаи совхози “Ёвон-2” баромад мекард ва барномаро мегӯяд муҳаққиқ, Хосият Олимова пеш мебурд: “... Мудир муқаддимаи баромадашро хонду ҳини ному насаби коргарони пешқадами участкаашонро номбар кардан нохост хомӯш шуда, ба сӯйи бригадир нигоҳ карда гуфт: - А, бача, ин матн аз ман нест, кани қоғазҳоятро деҳ ман бинам, матнҳо шояд иваз шуда бошанд?... ” [9, с. 36]. Дар ин гуна пахшҳои мустақим дар ягон давра арзиши барнома гум намегардад, баръакс, арзиши баландро соҳиб мешавад.

Лозим ба таъкид аст, ки дар омӯзиши ҷиҳатҳои таърихии пахши мустақими телевизиони тоҷик барномаҳои иттилоотӣ дар мадди аввал қарор мегирад, зеро ки фаъолияти телевизиони тоҷик бо ин барномаҳо шакл гирифтааст. “Навигариҳои телевизионӣ”, ин аввалин барномаи иттилоотӣ буд, ки ҳаррӯз понздаҳ дақиқа мустақиман бо забонҳои тоҷикӣ ва рӯсӣ пахш мегашт. Баъдан тағйири ном карда унвони “Ахбор” – ро гирифт. “Аз аввали соли 1965 барномаҳои ҳаррӯзаи иттилоотии “Навигариҳои телевизионӣ” ба “Ахбор” табдили ном карданд (ба забони русӣ “Новости”)” [1, с. 288].

Нимаи дуюми солҳои 60-уми қарни XX дар ҷаҳон муборизаи иттилоотӣ вусъат гирифт, нуфузи васоити ахбори хориҷӣ афзуд, таваҷҷуҳ ба барномаҳои иттилоотӣ бештар шуд, мубориза барои ғасби фазои иттилоотӣ ошкору ниҳон тақвият ёфт. Дар ин раванд на танҳо барномаи иттилоотии телевизиони тоҷик, балки телевизионҳои ҷамоҳири Шуравӣ аз раванди пешрафти ҷомеа ақиб мемонданд, доираи фарогирии иттилоот маҳдуд ва оҷилият заиф буд. Талаботи бинандагон ба рӯйдодҳои муҳимтарини дохил ва хориҷи кишвар қонеъ намегардид. Мақомоти салоҳиятдор бобати раҳоӣ аз ин бунбаст тадбирҳои муассир андешиданд. “Аз 1 –уми январи соли 1968 дар шабакаи аввали телевизиони умумииттифоқӣ (Маскав) барномаи иттилоотии “Время” таҳияву пахш гардид, ки он аз 3 блоки 15 дақиқагӣ мураттаб гардида буд. Барномаи иттилоотии “Время” қабл аз ҳама барномаҳои хабариро ба

системаи муназзам овард, оғилияти пахши ахборро таъмин кард. Тасмим гирифта шуд, ки соатҳои муайян дар ҳамаи телевизионҳои ҷамоҳири иттиҳод пахш гардад. Аз 16 – уми сентябри соли 1968 барномаи "Время" соати 23^{30} тавассути телевизиони "Тоҷикистон" пахш мешуд. Ин барнома тулли 24 сол (то ибтидои соли 1992) мардуми ҷумҳурии моро бо рӯйдодҳои муҳими ҷаҳон ошно месохт, зеро имкониятҳои техникии телевизиони Тоҷикистон даст намедоданд, ки оғилияти ахбори иттиҳод ва хориҷӣ таъмин гардад" [1, с. 288]. Дар телевизиони ватанӣ баъд аз 9 соли фаъолият шуъбаи "Навигариҳои телевизионӣ" ташкил гардид, ки онро муҳаққиқ С, Хоҷазод низ шарҳ додааст: "Соли 1968 дар сохтори телевизиони тоҷик редаксияи "Навигариҳои телевизионӣ" ташкил шуд, ки ҳамарӯза барномаи "Ахбор" (15 дақиқа ба забони тоҷикӣ) ва "Новостӣ" (10 дақиқа ба забони русӣ) омода месохт" [1, с. 288].

Фарогирии пахши мустақим, табиати аслии телевизиони тоҷик ва дигар телевизионҳои ҷамоҳир дар ин марҳила ба шумор мерафт. Муаллифи асари "Наттоқ чеҳраи телевизион", аввалин намоиши идонаи "Чароғаки солинавӣ"- и соли 1959 – ро ёдовар шуда изҳор медорад, ки "... тамоми барномаҳо мустақиман пахш мегардиданд. Чунин имкониятҳои фаровоне, ки имрӯз баҳри гурӯҳҳои эҷодӣ фароҳам аст, он солҳо ҳатто қисман ҳам набуд" [7, с. 39]. Тафовути барномаҳои марҳилаи аввали телевизиони тоҷик ба куллӣ фарқ доштанд. Муаллиф дар идомаи изҳороташ таъкид медорад ки "Ман бо Валентина Исаева назди арчаи солинавии орододашуда истода ба мардум табрикоти хешро аз номи телевизиони "Тоҷикистон" мерасондему байни нақлҳо аз комёбиҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар, суруду рақсҳо аз студия манзур мегардид, ҳар ҷое наворҳои тавассути кинокамера гирифташуда намоиш дода мешуд. Паси мизи назди арча якҷоя бо ёрии як микрофон бо навбат сухан гуфтан душвориҳо меовард. Рӯ ба рӯ монитор (экрани дохилӣ), дар онҳо аксҳо, наворҳо, намоёнанд, барандагон садоеро намешунаванд, танҳо тасаввур менамоянд, ки чи гуна аксҳо дар экран асту кай онҳо аз паси кадр хонда мешаванд. Ҳамаи инҳоро мо барандагон бояд дар ёд нигоҳ медоштем" [7, с. 40]. Аз ёддошти муаллиф маълум мегардад, ки ин барномаи калонҳаҷми идона дар шакли таҷрибавӣ амалӣ гардидааст. Аз замони тавлиди телевизиони тоҷик яъне аз марҳилаи аввали пахшҳои телевизионӣ, ки пахши мустақим ягона роҳи пахши телевизион буд муаллифи асари "Наттоқ чеҳраи телевизион" изҳор медорад, ки "Дар чунин шароити вазнин кормандони телевизион солҳои тулонӣ бе сабту танзим барномаҳои рангин таҳия намуданд. Баъдтар, ҳангоме ки студияи калон ба истифода дода шуд, барномаҳои калонҳаҷми "Чароғаки солинавӣ", "Муҳаббат ва оила", "Наво", "Дугонаҳо" ва даҳҳо барномаҳои дигар мустақиман ба бинанда манзур гаштанд. Барномаҳои мусиқӣ бе фонограмма манзур мегаштанд. Тасаввур кунед, агар садои ягон асбоби мусиқӣ лаҳзае ҷӯр нагардад ва ё аз кор барояд, чӣ гуна навозише ба гӯш мерасад? Барои он ки чунин лаҳзаҳои ногувор рух надиҳад, режиссёр ва муҳаррир ҳафтаҳо бо ҳунармандон машқ мегузарониданд" [7, с. 14]. Барномаҳои ин марҳила хусусияти бадеӣ доштанд. Яъне ҷанбаҳои публитсистӣ дар ҳар барнома дида мешуд ба истиснои "Навидҳои телевизионӣ". Муаллиф дар нукоти дигари ҳамин мавзуъ изҳор медорад, ки "Бинандагонро бо барномаҳои бадеӣ –мусиқӣ бештар ҷалб намудан иконият бояд пайдо мекардем" [7, с. 14].

Таҷрибаи бисёрсоатаи кор дар пахши мустақим, дар он солҳо ба режиссёрҳо, асисстентҳо, наворбардорон, садобардорон ба сайқали маҳораташон имконият медод, ки дар пахши мустақим кор карда мебоист зуд амал кунанд, зеро дублҳо вуҷуд дошта наметавонистанд, тамоми камбудиҳо дар пеши назари тамошобинон ошкор буд. "Солҳои 1962 дар даруни як барномаи мустақим якбора чанд лаҳзаҳоро омода месохтанд: барои мисол, ин ҳолатҳо дар вақти консерт ва ё спектаклҳо бештар ба чашм мерасид. 25 - уми феврал коллективи Театри драмавии ба номи устод Лоҳутӣ спектаклӣ "Туфон"- ро (аз рӯи пессаи Ғанӣ Абдулло) пешкаши бинандагони телевизиони тоҷик гардонд" [1, с. 17]. Ин намоишнома низ аваллин саҳнаи театрӣ буд, ки дар студияи телевизион тариқи мустақим ба тамошобин пешкаш гардидааст. Дар он ҷараёнҳо дар бораи хатогӣ ё нуқсони наворбардорӣ, режиссёрӣ ҳарчанд ба чашм мерасид, бинобар табии будани намоишнома эътибори ҷиддӣ дода намешуд. Арз менамоем, ки чандин намоишномаҳоро барои мисол овардан ба маврид аст: спектакли телевизионии "Гули санг" - и "Ғанӣ Абдулло", ки тариқи пахши мустақим ба эфир бароварда шуд. Ва ин намоишнома ба мардум мавриди писанд қарор гирифта, борҳо ҳунармандонро ба студия даъват намуда, такроран намоишномаро тариқи мустақим ба саҳна гузоштаанд.

Муҳаққиқ Эшматов З. изҳор медорад, ки "Ташкили кори телевизион дар ибтидо кори саҳлу осон набуда, як навъ инқилобро мемонд" [2, с. 11]. Пахши мустақим на танҳо барои журналистро ҳамчун хабардеҳ ва ё интиқолдиҳандаи иттилоот, балкӣ ҳамчун муайянкунандаи симои шахси озод ва дорои қобилияти озодона баён намудани фикру

ақидаҳои худ дар ҷомеа муаррифӣ менамуд. “Тули даҳ соли фаъолият (1959- 1969) намоишҳо пурра ё мустақиман пахш мешуданд, ки дар ин ҳолат дар аксар жанрҳо барнома таҳия кардан мушкилӣ эҷод менамуд. Ҳарчанд аксари кормандони эҷодӣ ва техникии телевизиони тоҷик даҳсолаи якум ҳирфаӣ набуданд, лекин аз таҷрибаи кор ба дараҷаи устодӣ расиданд. Аз солҳои ҳафтодум эҷодкорони касбӣ ба майдон баромаданд бо саъю талошашон домани жанрҳои телевизионӣ васеъ, муҳтавои барномаҳо пуробуранг гардид” [10, с. 48]. Ҳарчанд баромадҳои барандагони онвақтаи телевизион характери расмии онҳоро мефаҳмонид, аммо пахши табии барномаҳо ба он барандагон мавқеи баланд мебахшид. Бо мурури замон ба майдон технологияи сабтии видеонавор ворид гардид, ки феълан аз таҷрибаи телевизион пахши мустақимро хориҷ сохт ва ба кори тележурналистон таъсири манфӣ расонд, ҳамоно пахшро аз фаврият ва табиият каме маҳрум намуд. Аз ин сифатҳои асосӣ, ки ба телевизион мансубанд, маълум мегардад, ки маҳз ҳамон вақт марҳилаи якуми – аввали телевизион хотима ёфта буд.

То солҳои 1974, яъне то пайдо шудани технологияи сабтии видео, дар ин марҳилаи таърихӣ пахши мустақим дар телевизиони тоҷик ягона роҳи пахши барномаҳо буд. Аввалин пахши мустақими ғайри студиявӣ дар телевизиони “Тоҷикистон” аз ҷараёни бозиҳои варзишӣ амалӣ гардида буд. “Он солҳо таваҷҷуҳ бештар ба пахшҳои ғайристудиявӣ дода мешуд, яъне ба пахшҳои мустақим аз воқеаҳои муҳими сиёсӣ, фарҳангӣ ва варзишии ҳаёти кишвар. Ин бозӣ аз рақобатҳои майдонии “дастаҳои класси “б” (чемпионати СССР) миёни гурӯҳҳои “Энергетик”, (Сталинобод) ва “Химик” (Кемерово)” [1, с. 17]. Дар телевизиони тоҷик аваллин намоиши мустақим аз ҷараёни мусобиқаи футбол аст, ки ин намоиш бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ муддати 90 дақиқа тариқи мустақим намоиш дода шудааст. Ҳар як барномае, ки дар он солҳо пахш мегашт эҳтимолоти зиёди хато кардан дошт. Сохтори ташкили дастгоҳи барномасозӣ фаъолияти фаъолро аз кормандон талаб мекард. “Нахустин агрегати нерӯгоҳи азими барқи обии Норак ба кор даромад. Бегоҳии ҳамон рӯз бошад, дар студияи телевизион намоиши идонаи чорсоата баргузор гардид, ки дар он ғайр аз бинокорону роҳбарони иншооти азим намояндагони корхонаҳои муҷовир аз шаҳрҳои Маскаву Свердловск, Харкову Чехов, олимони машҳури Федератсияи Руссия ширкат варзиданд. 31 марти соли 1975 бошад, аз шаҳри Турсунзода оид ба ҳосил намудани нахустин хӯлаи арзиз ва ба кор даромадани заводи пуриқтидори алюминии Регар гузориши мустақим ташкил карда шуд” [11, с. 43]. Тамоми барномаҳои телевизион бо мушкилиҳои бешумор эфир мебаромад.

Баъдан наздик ба солҳои 80 – ум, вақте пахшҳои сабтӣ ба қайд гирифта шуд ва аввалин имкониятҳои таҳрир пайдо шуданд. Телевизион дар мавриди барномаҳои мустақим камтаваҷҷуҳ шуд. Ин нуктаро муаллифи ин сатрҳо низ шарҳ медиҳад: “Ҳанӯз аз соли 1980 таҳаввулоти техникӣ телевизионро фаро гирифта, давра ба давра воситаҳои техникӣ ҷойи ҳамдигарро иваз карданд (СВХС, ПАНАСОНИК 20, ПАНАСОНИК 455, БЕТАКАМ СП, МИНИ ПТС ва аз соли 2006 ширкатҳои РТВ–и мамлакат вазифадор карда шуданд, ки то соли 2015 пурра ба пахши рақамӣ гузаранд)” [12, с. 138].

Яъне барномаҳои сабтшударо аз мустақим афзалтар донистанд. Дар ин марҳила (соли 1980) кормандон бо камераи ТЖК, яъне камераи телевизионии журналистӣ таъмин гаштанд, ки истеҳсоли Ҷопон буда, имкон медод, воқеотро ҳамон соат ба навор гирифта ба таври оҷил танзим намуда ба эфир пахш намоянд. Вазъиятро ташаккули техникаи видеосабткунанда тағйир намуд. То ин вақт наворбардориҳои берун аз студиявӣ танҳо дар СТҲ (стансияҳои телевизионии ҳаракаткунанда) бо телекамераҳои бузурги ноқулай ва киноплёнкаҳои борики дар он вақт паҳншудаи 16 мм –и киноформати ранга, ки аз хориҷа ба телевизион оварда шуда буд, амалӣ мегаштанд. Имконияти сабти телебарномаҳо ба вуҷуд омад, дар ивази расмҳои картонии дар эфир аз студия пахшшаванда “шерозаи барномаҳо”, “ишораҳо” бо танзими мусиқӣ сохта шуданд. Бо гузашти айём дар эфири телевизионӣ, инчунин ҳарфчопкунаки электронӣ низ ба вуҷуд омад, ки он ҷойи расмҳои сохта дар лабораторияҳои студиявиро иваз намуд.

Лозим ба таъкид аст, ки дар охири солҳои 80-ум тамоюли пахши мустақим аз нав дубора эҳё шуд. Муҳасилин дарк карданд, ки таҳвили барномаҳои сабтшуда, ба барҳам додани фазои иттилоотҳои фаврӣ оварда мерасонад ва ба бунёди ҳақиқати ғайриреалӣ замина мегузорад. Барномаҳое, ки мустақим мунташир мешаванд, ҳамзамон ҷолибтар ва диққатҷалбкунандатар ва мавриди таваҷҷуҳи бештари тамошобинон хоҳанд шуд. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки дар таърихи телевизиони тоҷик дар замони Шӯравӣ охири солҳои 80-ум – ибтидои солҳои 90-ум аз дидгоҳҳои гуногун таваҷҷуҳи хоса дорад. Дар заминаи мавзуи таҳқиқоти мо метавон чунин фактро қайд намуд, ки маҳз дар ҳамин солҳо пахши

мустақим тадриҷан аз зери мамнуъҳои мафкуравӣ ва сензура берун баромада, ба як навъи мукаммали эҷодиёти журналистии телевизион табдил ёфт.

Дар муқоиса ба журналистикаи солҳои 90 – ум ёдовар мешавем, ки барномаи "Субҳ", - и телевизиони "Тоҷикистон", ки замони тавлидаш ба солҳои 1998 дуруст меояд дар шакли мустақим пахш мегашт. Тавзеҳоти ин андешаро муаллифони асари "Асосҳои журналистикаи телевизион" чунин маънидод мекунанд: "Барномаи "Субҳ"-и ТВТ ба намоиши мустақими рангоранг табдил гардид. Ба он бахшҳои нави "Кӯҳандиёр", "Ситораҳои варзиш", "Асрори маънӣ", "Модарнома", "Аёда", "Шукрона", "Шавқат", "Илмат ба амал", "Таронаҳои ҷовидона", "Фазилат" илова шуд" [13, с. 20]. Ҳамин нукотро муаллифи асари "Телевизион ва радиои Тоҷикистон дар масири таърих", шарҳи дигар медиҳад: "... бо мақсади комилсозии фазои расонаии кишвар, афзун намудани рағбати мардум ба телевизион, тарғиби фарҳанги миллӣ барномаи дусоатае бо номи "Субҳ", таъсис ёфт. Ҳамарӯза (дар баъзе ҳолатҳо ба истиснои рӯзи душанбе) аввал дар ҳаҷми якуним ва аз соли 2002 дар ҳаҷми ду соат (аз соати 6 ^{00} то 8^{00}), барномаи "Субҳ" имкони васеи пурсишу посух бо таҳиягарон ва қаҳрамонони барномаро фароҳам овардааст" [6, с. 83]. То соли 2001 барномаи "Субҳ"–ро, на барномаи "Субҳ", балки телевизиони "Субҳ" унвон гузошта буданд. Шояд аз он сабаб буд, ки идеяи чунин як барномаи мустақимро бевосита раиси вақти кумитаи телевизион Сайф Раҳимзоди Афардӣ роҳандозӣ намуда буд.

Падидоии ин шакл барномаҳои мустақим дар воқеъ барои тафаккури миллӣ ва анъанаҳои давлатдории навини демократӣ, дида тавонистани дурнамои суботи вазъи ҷомеа дар солҳои 90 – ум дар зеҳну шуури тамошобини тоҷик ҳамчун унсури мавҷудияти ҷомеаи бонизому солим зарур шумурда мешуд.

Адабиёт

1. *Саидмурод Х. Таърихи телевизиони Тоҷикистон / Х. Саидмурод. - Душанбе: Анҷумани девоштиҷ, 2007 - 239 с.*
2. *Эшматов З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон / З. Эшматов. - Душанбе: Кайҳон, 2016. – 231 с.*
3. *Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ / А. Нуралиев. - Душанбе: Сурушан, 2001. – 223 с.*
4. *Қодирӣ С. Режиссураи телевизион, кино ва радио/ Қодирӣ С. - Душанбе: Ирфон, 2011. – 210 с.*
5. *Гулов С. Нақши радиову телевизион дар фазои иттилоотии Тоҷикистон/ Гулов С. // Васоити электронии ахбор ва армонҳои миллӣ / Душанбе: Баҳманрӯд, 2015. – 157 с.*
6. *Мусо Ш. Телевизион ва радиои Тоҷикистон дар масири таърих / Ш. Мусо. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. - 26 с.*
7. *Абдусаломова Р. Наттоқ чеҳраи телевизион. - Душанбе: Сурушан, 2002. – 143 с.*
8. *Абдусаломова Р. Телевизион ойинаи зиндагист. – Душанбе: Сурушан, 2002. – 55 с.*
9. *ТҶ машварати расонавӣ /Афзалиятҳои расонавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ТВ, радио, нашрияҳои чопӣ, сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо // ТҶ машварати расонавӣ", 2019. – 18 с.*
10. *Саидмуроди Хоҷазод. Садои меҳр / Саидмуроди Хоҷазод. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. 63 с.*
11. *Субҳон Раҳматов. Минбари савту калом/ Субҳон Раҳматов. – Душанбе, 2001. - 43 с.*
12. *Манонова М. Нақши наворбардор дар фаъолияти телевизионӣ/ Манонова М. // Васоити электронии ахбор ва армонҳои миллӣ. - Душанбе: Баҳманрӯд, 2015. - 157 с.*
13. *Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе: Сармад-Компания, 2010. – 112 с.*

ВИЖАГИҲОИ ПАХШИ МУСТАҚИМ ДАР МАРҲИЛАҲОИ АВВАЛИ ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИК

Муаллифон ҷиҳатҳои таърихии инкишофи телевизион дар ҷумҳуриро таҳлил намуда, ба чунин натиҷаҳо омадаанд, ки имрӯз дар марҳилаи ҷории телевизион давраи ҷаҳонишавиро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҷараёни ин давра, асосан, бо ниёзҳои афзояндаи аудитория ба гирифтани иттилооти муосири дорои хусусияти ҷаҳонӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, пахши иттилоотӣ ва иттилоотӣ-таҳлилӣ бештар ба пахши мустақим ниёз дорад. Ба назари муаллиф, барномаҳои марбуттае, ки то соли 2006 пахшу нашр гардидаанд дар доираи барномарезиҳои ҳирфаии замони Шуравӣ сохта шуда буд. Ва таҷрибаи тавлидгарии ҷадид ҳанӯз дар фазои иттилоотӣ корбаст нашудааст. Аз ин лиҳоз, муаллифон иброз медоранд, ки журналистони марҳилаҳои ҷангӣ ва пасоҷангии мо солҳои (1992-1997 ва 1998-2006) аз лиҳози техникӣ ва фановарӣ қафомонда буданд. Мушаххас гардид, ки пахши мустақими телевизион солҳои охир ба гӯшаи фаромушӣ супурда шудааст. Пахши мустақим махсусият ва вижагии фарогирӣ мехоҳад. Тариқи пахши барномаҳои мустақим шаффофияти рақобати ҳирфаӣ дар сатҳи шабакаҳои ватанию хориҷӣ таъмин карда шуда, сатҳи журналистикаи телевизион боло бурда шавад.

Калидвожаҳо: пахши мустақим, жанр, телевизион, журналист, баранда, рақобат, табии, иртибот, таърих муосир, ҳирфавӣ, барнома.

ХАРАКТЕРИСТИКИ ПРЯМОГО ВЕЩАНИЯ НА ПЕРВЫХ ЭТАПАХ ТАДЖИКСКОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ

Авторы проанализировали исторические аспекты развития телевидения в республике и пришел к таким выводам, что сегодня на современном этапе развития телевидения можно наблюдать период глобализации. Течение этого периода в основном связано с растущими потребностями аудитории в получении современной информации глобального характера. Поэтому информационные и информационно-аналитические передачи нуждаются в большем количестве прямых трансляций. По мнению авторов, соответствующие программы, выходившие в эфир до 2006 года, создавались в рамках профессионального программирования советского времени. А новый производственный опыт еще не реализован в информационном пространстве. В связи с этим автор констатирует, что наши журналисты военного и послевоенного периодов (1992-1997 и 1998-2006 гг.) отставали в плане техники и техники. Прямые трансляции требуют специализации и специфики освещения. Обеспечить прозрачность профессионального конкурса на уровне отечественных и зарубежных сетей за счет прямых трансляций, поднять уровень тележурналистики.

Ключевие слова: прямая трансляция, жанр, телевидение, журналист, телеведущий, конкуренция, естественный, контакт, современный, талантливый, программа.

FEATURES OF LIVE BROADCASTING IN THE EARLY STAGES OF TAJIK TELEVISION

The authors analyzed historical aspects of the development of television in the republic and came to such conclusions, that today in the current stage of television it is possible to observe the period of globalization. The flow of this period is mainly related to the growing needs of the audience to receive modern information of a global nature. Therefore, informational and information-analytical broadcasts need more live broadcasts. In the opinion of the author the related programs, that were broadcast until 2006 were created within the framework of professional programming of the Soviet era. The new production experience has not yet been implemented in the information space. In this regard, the authors points out that our journalists of the war and post-war stages (1992-1997 and 1998-2006) were lagging behind in terms of technology. it became clear that live television broadcasting has been forgotten in recent years. It is necessary that the live broadcast wants specificity of coverage. The transparency of professional competition at the level of domestic and foreign networks should be ensured by broadcasting live programs and the level of television journalism should be raised.

Keywords: television, Journalist, live broadcasts, program, instant, natural, genre, form, profession, conversation.

Дар бораи муаллифон

Абдуллоева Адиба Негматовна
Муаллими калони кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73-а
Тел: (+992) 55 138 59 59
E-mail: adib8801@mail.ru

Шарипова Дилбар Холмирзоевна
Муаллими калони кафедраи фортепианно ва гузориши овоз
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73-а
Тел: (+992) 902 44 94 25
E-mail: dilbar80@mail.com

Об авторах

Абдуллоева Адиба Негматовна
Старший преподователь кафедры телерадиожурналистики
Государственний институт культуры и искусств имени М. Турсунзаде
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад, 73-а
Тел: (+992) 55 138 59 59
E-mail: adib8801@mail.ru

Шарипова Дилбар Холмирзоевна
Старший преподователь кафедры фортепианно и постоновки голоса
Государственний институт культуры и искусств имени М. Турсунзаде
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад, 73-а
Тел: (+992) 902 44 94 25
E-mail: dilbar80@mail.com

About the authors

Abdulloeva Adiba Negmatovna
Senior teacher of Department of journalist and radio
Tajik State Institute of culture and Arts named after M. Tursunzoda
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad st., 73-a
Ph: (+992) 55 138 59 59
E-mail: adib8801@mail.ru

Sharipova Dilbar Kholmirzoevna
Senior teacher of Department the piano and range voice
Tajik State Institute of culture and Arts named after M. Tursunzoda
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad st., 73-a
Ph: (+992) 902 44 94 25
E-mail: dilbar80@mail.com

УДК 9+39(470+571+575.32)

МЕСТО ВОЕННО-АДМИНИСТРАТИВНЫХ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ РОССИИ В ОСВЕЩЕНИИ ЭТНОГРАФИИ ПАМИРА В НАЧАЛЕ XX ВЕКА

Сайнаков С. П.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Российские военные специалисты, отличались широтой своих интересов. Они наблюдали и усердно изучали многостороннюю жизнь населения края. Когда получали информацию, тут же её фиксировали.

В числе русских военных специалистов, интересовавшихся этнографией края, входит генерал-майор В. Н. Зайцев. Находившийся на постоянной службе на Памире он составил статистические данные по численности населения края, собрал материалы по этнографии таджиков, особенно родовые отношения у киргизов, занятности, конфессиональные принадлежности население края. Особый интерес имеет для нас составленное В. Н. Зайцевым в конце своей работы статистические данные в таблицах отдельно по каждой волости, бекств и обществ, по названию населенных пунктов, количество дворов, численности население и скота в них [6, с. 76-78].

Капитан Корнилов в своей работе «Кашгария» [9] обращая внимание к этнографии арийского население региона, особенно сарыкольцев, ваханцев, в частности отмечает, что среди горных таджиков в лучших условиях живут сарыкольцы. Они, согласно его сведениям, живут в больших селениях, особенно занимаются земледелием, к тому же, имеют большие стада [9, с. 243]. Интерес проявляет к себе информация Корнилова касательно жилища сарыкольцев. Он пишет, что у состоятельных сарыкольцев кроме общей семейной жилой комнаты, имеются ещё отдельные комнаты для спальни и для гостей [9, с. 280-281].

Среди сведений, касающихся этнографии Памира, особое место занимают документы, принадлежавшие перу барона А. Черкасова. Они в действительно заслуживают особого внимания. Будучи секретарем Российского Политического агентства, в Бухарском эмирате, посетив Памир наряду со служебными задачами, А. Черкасов описал свои наблюдения, касающиеся этнодемографических и конфессиональных показателей населения края. Касательно сохранения расово - этноантропологических признаков коренного населения Памира, А. Черкасов пишет, что «с физической стороны таджики носят явные признаки принадлежности своей к арийцам, и в них почти незаметно примеси чужой, тюркской крови. … Между таджиками очень много блондинов и шатенов с голубыми глазами» [13, с. 110].

Некоторые русские исследователи края тоже твердо отмечают, что именно Памир и его окрестности были прародиной арийской расы. «Наука, – отмечает А. Е. Снесарев, – признаёт эту народность, упорным пережитком древнего арийского племени» [18, с. 113], добавляя к этому, он призывает к изучению языков и обычаев таджиков Памира, таким образом, по его мнении оно выведет вопрос об арийцах «из сфер кабинетной замкнутости на почву практическую и осязаемую» [3, с. 69].

Сами памирцы отстаивали ту же точку зрения, признавая своё арийское происхождение, и об этом открыто напоминали исследователям. «В беседах с нами, – пишет А. А. Бобринской, – горцы любили всегда подчёркивать свои иранские связи (арийские связи. – С. С.) или иранское происхождение, во что, по-видимому, они верят. Называют они себя ирани (арийцы. – С. С.), иногда прибавляя к этому название таджик. При этом часто говорили: мы такие же таджики, как и жители Дарваза» [2, с. 46]. М. С. Андреев внимательно и тщательно изучал этнографию Памира, в частности, он, пишет, что от первой встречи с одним жителем село Хуфа Рушанского района в Ташкенте (1901 г.) до 1929 г. и во время последней поездки на Памире (1943 г.) не мало не колеблясь, они объявляли себя «настоящими таджиками». «Асли тољик мо њастем» – «Настоящие таджики – это мы» [1, с.

120]. Знаменитый таджикский и российский этнограф Р. Р. Рахимов очень четко определяет этногенетический происхождение памирцев, в частности он пишет, что «было бы справедливее называть их первотаджиками (*нахусттоджик*), волей судьбы оказавшимися в теснинах *тектонических стен*, но сохранившими ауру таджикскости (*тоджиктабори*) в восходящих к древней индоиранской общности мифах и сказаниях, в основных чертах комплекса традиционно - бытовой культуры, наконец, в своей крови» [16, с. 111].

Среди авторов, которые в той или иной мере причастных к этнографическому изучению Памира особое место принадлежит известному русскому и советскому востоковеду и военному деятелю А. Е. Снесареву. Будучи в 1902 – 1904 годах начальником Памирского пограничного отряда, он имел возможность, более обстоятельно знакомится с традициями местного населения. В своем военно-географическом обзоре составленным по результатам рекогносцировочной работе летом 1904 г. А. Е. Снесарев приводит не мало сведений этнографического характера по Дарвазу, Ванчу и Язгулему, особенно по языку и говоров [19]. Исследователь показывает переходный период восточноиранских говоров к новоперсидскому языку, особенно в Дарвазе. А. Е. Снесарев первым из исследователей обнаружил ванчский говор и процесс исчезновения одного из памирских языков в Ванче. К сожалению, он не записывал его образцы. Но несколько лет спустя И. И. Зарубин в известной мере установил ванчский язык [7, с. 79 – 91]. Советский учёный А. З. Розенфельд в результате анализа таджикских говоров подтвердил тот факт, что несколько веков назад памирские языки занимали широкую территорию, в том числе охватывали пределы Ванча, Дарваза, Каратегина и далее [17]. Борис Лапин, посетивший Язгулем в 1927 году, записывал от одного местного старика убедительный факт, о том, что язгулемский язык «владел землями Дарваза и Пянджского заречья. Кроме долины Ванджа, где был свой язык. Теперь по - юздомски (язгулемский. – С. С.) говорят только в нашем ущелье, по нашему счёту тысяча девятьсот человек. Везде в других местах народ принял фарси…» [14, с. 93].

Особенности религиозного верования на Памире сравнительно подробно изучены А. Е. Снесаревым. В своей работе «Религия и обычаи горцев Западного Памира» [3, с. 57 – 86; 20] автор, подробно рассматривая данный вопрос, кроме описания особенности бадахшанского исмаилизма, он уделяет соответствующего внимания и на особенности материальной культуры населения края, сохранившийся в результате изолированности от внешнего мира. В данной работе имеются ценные сведения по географии, истории, лингвистики, пережитках доисламских верований, земледелии, характер горца, его одежды, традиционные праздники, особое почтение день пятница, обычаи, связанные с отправкой на летовки, бракосочетание и свадьбы, обряд над новорожденным, жертвоприношение, игры, похоронно - поминальные и другие обряды у таджиков Памира. В том числе, автор коротко освещает музыкальное искусство и причисляет название нескольких музыкальных инструментах у горцев.

В докладной записке А. Е. Снесарева о закоте в Западном Памире приведены материалы, которые характеризируют экономическое положение на местах [4, с. 174 – 193]. Доклад А. Е. Снесарева даёт объективное объяснение причинам волнения местного населения против Бухарской администрации, на Памире увязывая это с пренебрежительное отношение мангитов к местным традициям.

А. Е. Снесарев и А. Черкасов, объективно описывая мангитских злодеяний и их грабительство на Памире, именно их отчеты и донесения вынуждало российскую администрацию в Туркестане, освободить памирские бегства из бухарского беззакония и обеспечить непосредственное их вхождение под юрисдикцию Российской империи. Барон А. Черкасов впервые поставил перед Российской администрацией на повестку дня вопрос о том, чтобы устроить на Памире продовольственные магазины, организовать бесплатную медицинскую помощь населению, открыть при Хорогском отряде школу для детей, а с вечерними занятиями для взрослых, формировать местную милицию, соединить Памир телефонной линией с Ферганой [5, с. 284 – 286].

В 1907 г. из Ферганы через Алайскую долину и Дарваз, с заходом в Язгулем и далее, приехал со служебными целями А. К. Разгонов, который оставил в своих записках много интересных этнографических сведений о населении пересеченных им территорий. Исследуя края, он отмечает, что здесь в горах сохранён тип таджиков, напоминающий библейские времена. Люди одеты в рубищах, гладя на них, человеку сразу вспоминается «ветхозаветных аскетов» [15, с. 34]. Таким же описывал таджиков Памира Д. Л. Иванов. Он отмечает, что

таджик равнин мало - помалу «стал вводить в своей лексикон чуждые ему лексикон, усваивать чуждые обычаи, культуру, … Если мы проследим таджика от центра к периферии, от границы Памира чрез Дарваз, Каратегин до Бухары, — для нас с необыкновенной наглядностью представится постепенность этнографического перехода». Он отмечает, что в Шугнане, Рушане и далее таджик стародавнего, чистого и он с неподдельной ревностью хранит эту чистоту, эту самобытность. «Проходя Дарваза, мы почти не заметим перехода …». Хотя в Каратегине таджик преобладает и совершенно давит редкого киргиза, который исчезает в арийской расе и многое напоминает ещё Дарваз, тем не менее, уже здесь чувствуется влияние «туркестанского» режима [8, с. 647 – 648].

Некоторые отрывочные этнографические сведения по сарыкольцев приводятся в работе полковника Ласточкина [10]. Автор, придерживается мнения о том, что Восточный Туркестан за долго до нашего летосчисления был населен иранскими племенами саками. Указывая на состав население Кашгара он, в частности, сообщает, что представители арийской расы в крае являются памирские таджики – сарыкольцы, около 6 тысяч человек и ваханцы 1 тысяч человек, вместе составляют всего 0,3 % население региона. Автор, выявил, что они являются шиитами (исмаилитского толка. – С. С.), говорящий на наречии древнеперсидского языка, живут оседло, занимаются земледелием и скотоводством [10, с. 99]. Интересные данные автора для этнографов являются его сведения о жителях бекств Шихпу, Пахпу и Чипан в ущельях юго-западного угла Карагалыкского уезда в которых проживало около 9 тысяч человек. Исследователь отмечает, что они представляют остаток какого - то древнего племени «уцелевшего благодаря недоступности своих ущелий от смешения с другими народами» [10, с. 99]. Они тоже высокого роста, многие с русыми волосами и светлыми глазами, разговаривают особым языком, по религиозным принадлежности являются шииты [10, с. 99]. Эти жители, тоже памирские таджики, автор, тоже по национальному и религиозному составу населения края, правильно включает их в состав памирских таджиков, которое вместе с ваханцами и сарикольцами составляли тогда 0,8 % от всего население региона [10, с. 102]. Следует отметить, что знаменитый А. Шишов, ссылаясь на сведения ряда исследователей, описывает их совершенно арийскую наружность, «между собой объясняются на совершенно отличном языке, и что они мусульмане шиитского толка, подобно бадахшанцам и ваханцам, т. е. маулаи (исмаилиты. – С. С.)» [22, с. 23]. Другие этнографические стороны жизни таджиков Кашгарии, Ласточкин показывает по характеристике региона в целом, с всего населяющими народами.

Офицер Муханов, с целью военно-статистических исследований путешествовал по Восточному Памиру, Шугнану и Вахану, итогом его путешествия явился военно-статистический очерк о Памире [12].

Хотя он скромно показывает себя составителем, но работа имеет почти полностью исследовательский характер. Работу Муханова можно считать последней среди работ дореволюционных русских военных представителей. В ней всесторонне рассматривается традиционная жизнь населения, быта, административное устройство, земледелие, кустарное производство и другие промыслы на Памире. Работу смело можно считать, истинным источником по истории и этнографии Памира. Определяя численность населения Памирского района свыше 21 тысяч человек [12, с. 37], Муханов отмечает, что персидский язык для горцев является общепонятным.

В этот период в изучении этнолингвистики Памира имеют заслуги Н. Д. Ягелло, и поручик Н. Туманович. Им принадлежит попытка изучения лингвистики памирских таджиков. Н. Туманович под редакцией Н. Д. Ягело, опубликовал краткую грамматику и словарь шугнанского языка для служебного пользования, она имеет для современной лингвистики огромное значение для сравнительного анализа со словарем Д. Л. Иванова и современного грамматического состояния этого диалекта [21].

В этнографическом изучении Памира, в частности, оставшиеся под водой село Сарез, мы обязаны начальнику Памирского отряда подполковника Г. А. Шпилко [23, с. 202 – 231; 24, с. 60 – 62], который возглавил в 1904 – 1911 гг. этот пост. Он даёт сведения о сборе последнего урожай ячменя и пшеницы дехканам из сарезских полей, процесс их иммиграции из угрожаемого затопленим места [23, 209], описывает легенды, частью фаталистического характера, бытующие среди народа о возникновении Усойского обвала [23, с. 211 – 212].

Надо учитывать заслуги полковника пограничной службы Д. Н. Логофета в изучении Горно - Бадахшанской автономной области. Несмотря на некоторые неточные выводы автора в области верования населении края, он определяет, что регион является прародиной арийской расы и призывает российских исследователей к тщательному изучению Памира. «Для нас русских, – пишет он, – эти места являются особенно интересными, так как они были первоначальными местопребыванием наших предков белых гуннов, скифов и сарматов. Составляя собою в начале государство гуннов или хиу-нов, образовавшееся около 1200 г. до Р. Х. и существовавшее почти тысячу лет, а затем игравшее крупную роль в виде Индопарфянского и Индоскифского государств, сменивших греко - бактрийцев и уступивших затем свою роль в Азии народностям иранского и монгольского происхождения. Антропологические и лингвистические исследования Дарваза, Шугнана и Рушана могли бы в значительной степени рассеять туман, окружающий вопросы о происхождении славян» [11, с. 365 – 366].

Таким образом, в освещение и изучение традиционной жизни таджиков-памирцев, военно-политические деятели дореволюционной России занимают заметное и притом достойное место. Они не только защищали и изучали Памир, но внесли свой вклад в благоустройство населения края и развитие культуры на Памире. Они строили колесные дороги, мосты, первую современную школу – русско - туземную, первую малую электростанцию и мастерские в Хороге.

Литература

1. *Андреев М. С. Самоопределение Хуфцев // Давыдов А. С. Этническая принадлежность коренного населения Горного Бадахшана (Памира). Душанбе, 2005. С. 120 – 124.*
2. *Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам гр. А. А. Бобринского. М., 1908. 150 с.*
3. *Документ № 1. – Из статьи А. Е. Снесарева «Религия и обычаи горцев Западного Памира» // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.). Сборник документов. Ответственный редактор и автор введения А. В. Станишевский. Составитель П. А. Агафонов. М., 1984. ЛЛ. 57 – 86.*
4. *Документ № 23. – Зякет в Западном Памире // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931гг.). ГА ГБАО. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 174 – 193.*
5. *Документ № 30. – Отчет коллежского ассесора барона Черкасова о командировке в Памирские бекства Бухарского ханства в 1905 – 1906 гг. Декабря 1906 г. // ГА ГБАО. Ф. 25. Оп. 3. Ед. хр. 12. ЛЛ. 266 – 289.*
6. *Зайцев В. Н. Памирская страна – центр Туркестана. Историко - географический очерк (с картой) подполковника В. Н. Зайцева // Ежегодник Ферганской области. Т. II. Отдельный оттиск. Г. Новый Маргелан, 1903. 78 с.*
7. *Зарубин И. И. К списку памирских языков // Доклады Российской Академии наук. Серия «В». 1924. С. 79 – 91.*
8. *Иванов Д. Л. Шугнан. Афганистанские очерки // Вестник Европы. № 6. 1885. С. 612 – 658.*
9. *Корнилов. Кашгария или Восточный Туркестан. Опыт военно-статистического описания. Ташкент, 1903. 445 с.*
10. *Ласточкин. Восточный Туркестан. Кашгария. Составитель генерального штаба полковник Ласточкин. Ташкент, 1911. 114 с. + 20 иллюстративного приложения, план г. Кашгара, и схема уровень торговли Кашгария с Россию.*
11. *Логофет Д. Н. В горах и на равнинах Бухары (Очерки Средней Азии). СПб., 1913. 620 с.*
12. *Муханов. Памирский район. Военно-статистическое описание Туркестанского военного округа. Ташкент: Изд. штаба Туркестанского военного округа, 1912. 112 с.*
13. *Отчет секретаря Российского политического агентства в Бухаре А. Черкасова о командировке в Припамирские бекства Бухарского ханства в 1904 г. // Халфин Н. А. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире (конец XIX – начало XX в.). М., 1975. С. 98 – 118.*
14. *Плеханов С. Н. Раскрытая ладонь. Ага-Хан и его мюриды. М., 2006. 189 с.*
15. *Разгонов А. К. По Восточной Бухаре и Памиру. Ташкент, 1910. 230 с.*
16. *Рахимов Р. Р. Али, алиды и их объекты культа в Центральной Азии (К трактовке феноменов Али в таджикско - суннитской и таджикско - исмаилитской среде) // Иран - наме. Научный востоковедческий журнал. № 2 (22). Алматы, 2012. С. 109 – 152.*
17. *Розенфельд А. З. К вопросу о памирско - таджикских языковых отношениях // Труды Института языкознания Академии наук СССР. Т. VI. М., 1956. С. 273 – 280.*
18. *Снесарев А. Е. Авганистан. Том первый. М., 1921. 244 с.*
19. *Снесарев А. Е. Восточная Бухара. Военно - географический очерк // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Выпуск XXIX. СПб., 1906. 148 с.*
20. *Снесарев А. Е. Религия и обычаи горцев Западного Памира // Туркестанские ведомости. 1904. №№ 89 – 93.*
21. *Туманович. Краткая грамматика и словарь шугнанского наречия. Составитель поручик Туманович. Под редакцией подполковника Ягелло. Ташкент, 1908. 33 с.*
22. *Шишов А. П. Таджики. Этнографическое исследование. Алматы, 2006. 392 с.*

23. *Шпилко Г. А. Землетрясение 1911 года на Памирах и его последствия (Хронологическая справка и отчёт о результатах работ экспедиции Памирского отряда) // Известия Туркестанского Отдела Императорского Русского Географического Общества. Т. X. Выпуск I. Ташкент, 1914. С. 202 – 231.*
24. *Шпилко Г. А. Новые сведения об Усойском завале и Сарезком озере // Известия Туркестанского Отдела Императорского Русского Географического Общества. Т. XI. Выпуск 2. Часть 2. Ташкент, 1915. С. 60 – 62.*

МЕСТО ВОЕННО - АДМИНИСТРАТИВНЫХ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ РОССИИ В ОСВЕЩЕНИИ ЭТНОГРАФИИ ПАМИРА В НАЧАЛЕ XX ВЕКА

В статье рассматривается вклад военно-административных представителей России в освещение этнографических особенностей населения Памира. Показано, что они в период службы и во время поездки на Памире в результате полевых работ, путём методов наблюдения и опроса собрали уникальный материал по этнографии Памира. Российские дореволюционные военные деятели в своих отчётах, записках и воспоминаниях наиболее подробно описывают достоверную информацию о географии края, этнографии и традиционной жизни населения Памира.

Ключевые слова: Памир, Россия, таджики, военные деятели, этнография, жизнь, язык, обряд, традиция.

МАҚОМИ НАМОЯНДАГОНИ ЙМАЪМУРИИ РОССИЯ ДАР ИНЪИКОСНАМОИИ ЭТНОГРАФИЯИ ПОМИР ДАР ИБТИДОИ АСРИ XX

Дар мақола нақши намояндагони ҳарбӣ-маъмурии тоинқилобии Россия дар инъикоси этнографияи Помир баррасӣ гардидааст. Қайд гардидааст, ки онҳо ҳангоми хизмат ва сафар ба Помир дар натиҷаи усулҳои таҳқиқоти мушаххас, мушоҳида, пурсуҷӯӣ оид ба география, этнографияи Помир ва ҳаёти ҳаррӯзаи аҳолии минтақа дар қайдњо, ҳисобот ва ёддоштҳояшон маълумоти муфассалтару ҷолибтареро ҷамъоварӣ карданд.

Калидвожаҳо: Помир, Россия, тоҷикон, мутахассисони ҳарбӣ, этнография, ҳаёт, забон, урфу одат, анъана.

THE PLACE OF MILITARY AND ADMINISTRATIVE REPRESENTATIVES OF RUSSIA IN COVERING THE ETHNOGRAPHY OF THE PAMIR AT THE BEGINNING OF THE XX CENTURY

The article examines the contribution of military-administrative representatives of Russia to the coverage of the ethnographic features of the population of the Pamirs. It is shown that during their service and during their trip to the Pamirs, as a result of field work, through observation and survey methods, they collected unique material on the ethnography of the Pamirs. Russian pre-revolutionary military figures in their reports, notes and memoirs describe in most detail reliable information about the geography of the region, ethnography and traditional life of the population of the Pamirs.

Keywords: Pamir, Russia, Tajiks, military leaders, ethnography, life, language, ritual, tradition.

Об авторе

Сайнаков Сайнак Парпишоевич
Кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+ 992) 93 416 20 99
E-mail: saynakov2012@mail.ru

About the author

Saynakov Saynak Parpishoevich
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of the History of the Tajik People
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+ 992) 93 416 20 99
E-mail: saynakov2012@mail.ru

Дар бораи муаллиф

Сайнаков Сайнак Парпишоевич
Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+ 992) 93 416 20 99
E-mail: saynakov2012@mail.ru

ТДУ 9(575.3)

ШУМОН ВА АҲОРУН ДАР САРЧАШМАҲОИ ХАТТӢ ВА ҲУҶҶАТҲОИ БОСТОНШИНОСӢ

Бобомуллоев С., Сангинов Ҳ. Ҳ.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Шумон ва Аҳорун моломоли таърихи пурпечутоб, ҳаводиси мухталифи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ буда, ин ду мулки ҳамсоя ва муддате ба як иттиҳоди сиёсӣ шомилу дар даврони мухталиф ба ҳайати давлат ва сохторҳои сиёсии гуногун дохил буда, аз нигоҳи муносибатҳои таърихӣ-фарҳангӣ низ мароқангез мебошанд. Дар сарчашмаҳои хаттӣ оғоз аз замони бостон маълумотҳои зиёд дар бораи онҳо оварда шудааст. Дар солҳои охир вобаста ба дастовардҳои бостоншиносӣ маълумотҳои зиёди манобеи хаттӣ тасдиқи худро ёфта, барои мо саҳифаҳои нави ин гӯшаҳои диёрамон боз мегардад.

Дар асрҳои IX-XII мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва Сурхандарё чор мулки мустақил зикр мешавад: Шумон, Аҳарун, Чағониён ва Қубодиён, ки онҳо аз сарчашмаҳои хаттии ибтидои асримиёнагии хитоӣ ҳам маълум буданд. Агар мавқеъгирии ду мулк: Қубодиёну Чағониён маълум бошад, пас ҷойгиршавии ду мулки дигар пурраю возеҳ набуда, андешаҳо дар ин бора мухталифанд. Тибқи маълумотҳо Аҳорун дар ғарбии Шумон ва дар шарқии Чағониён ҷойгир буданд.

Маҳз дар ибтидои асрҳои миёна Шумон бо ҳамсояаш - мулки Аҳорун як давлатро ташкил намуда, онҳоро як ҳоким идора мекарду қароргоҳаш дар қалъаи Шумон буд. Он ҳатто бо Чағониён метавонист рақобат намояд [2, с. 711].

Дар манобеи хитоӣ Шумон дар шакли Суман зикр ёфтааст. Тибқи маълумотҳои сайёҳи хитоӣ Сюан Сзан, дар асри VII мулки Суман аз Ғарб ба Шарқ ба масофаи 4 рӯза роҳ дарозӣ, аз Ҷануб ба Шимол ба масофаи 1-рӯза роҳ паҳнои дошт . Дар пойтахти Суман ду маъбади хурди буддоӣ дида мешуд. Мувофиқи солномаи хитоии «Тан-шу» бошад дар нимаи аввали асри VII пойтахти ин мулк Хи-су ё Ки-су ба ҳисоб мерафт... [3, с. 678].

Ин мулк дар сарчашмаҳои арабӣ ҳам зикр шудааст. Аз ҷумла вобаста ба рафти ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна доир ба он чанд маълумоти арзишманде дида мешавад. Муҳаммад Ҷарири Табарӣ менигорад, ки қалъаи Шумон дар оғози садаи VIII мустаҳкам буда, дар дохили қалъа чашмаи об ҷорӣ буд. Дар қиссае дар бораи шӯриши Рофеъ ибн Лайс, як қатор маҳаллаҳои зисти байни Термизу Чағониёнро қайд намудааст, академики маъруф В.В. Бартолд дар такя ба ин манобеъ дар аниқ кардани мавқеи баъзе мулкҳо кӯшиш карда буд. Ба андешаи ӯ дар Шарқи (аниқтараш дар Шимолу Шарқи)-и Чағониён Аҳорун ҷойгир буда, дар шарқиаш бошад, мулки Шумон доман паҳн карда буд. Пас аз Шумон вилояти Вашгирд қомат афрохтаю бо мулкҳои Вахшу Хатлон ҳамсарҳад буд [4, с. 144]. Дар нимаи аввали асри IX Шумон бо «мулки Ҳошим ибн Баниҷур», ки фарогири Вахшу Ҳаловард буд, ҳамсарҳадӣ дошт. Дар нимаи дуюми асри IX Шумон рӯ ба шикаст ниҳода, тобеи Аҳорун гашта, дигар дар ҳайати мулкҳои Тохаристон қайд нагаштааст.

Агар дар давраи лашкаркашиҳои Қутайба ибни Муслим (оғози садаи VIII) Шумон ва Аҳорун мулкҳои мустақил буданд, пас дар асри X, дар ҳайати давлати Сомониён онҳо аллакай ба Чағониён тобеъ гашта, як воҳиди маъмуриро ташкил медоданд. Маврид ба зикр аст, ки ин мулкҳо ҳамавақт аз нигоҳи сиёсию иқтисодӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, дар таърихи сиёсии давлатҳои Сомониён, Қарахониён ва Ғазнавиён нақши муассирро мебозиданд.

Дар асоси маълумотҳо шаҳри Шумон дар домани кӯҳҳо ҷойгир буда, қалъаи шаҳр дар баландии теппае қомат афрохта, дохили он ободу васеъ, барои ба муддати зиёд муҳофизат аз душманон ва бо шароитҳои хуб таъмин буд. Аз рӯйи ҳаҷм шаҳри Шумон дар асри X агарчӣ нисбат ба Термизу Вашгирд хурдтар буд, лекин сераҳолию обод ва зебо маҳсуб мешуд. Дар шаҳр работ, корвонсарой ва дигар нуқтаҳои фурӯши молу коло мавҷуд буда, зиндагӣ ба қавле «ҷӯш» мезад.

Мувофиқи маълумоти олими англис Лестранҷ, Шумони асримиёнагӣ дар ҷойи ҳозираи Ҳисор қарор дошт, аммо олими Шӯравӣ М. М. Дяконов андеша дошт, ки вилояти Шумон байни рӯдҳои Чангоб (Хонақоҳ) ва Кофарниҳон, аммо шаҳри Шумон – дар ҳудуди шаҳри Душанбе меистод. Донишмандон Е. А. Давидович ва А. Мухторов, шаҳри Шумонро дар ноҳияи Ҳисор медонистанд. Мувофиқи андешаи пажӯҳишгар Ғ. Ғоибов Шумон ва Аҳорун - ин ду вилояти таърихии Тахористон водии Ҳисори имрӯзаро бо Шаҳринав Душанбе якҷоя дар бар мегирифт. Онҳо дар сарчашмаҳои таърихи асрҳои IX-XI аксар вақт якҷоя ёд мешаванд. Аз рӯи навиштаҳои Табарӣ маълум мегардад, ки дар давраи пеш аз ҳуҷуми арабҳо Шумону Аҳорун як шоҳ доштаанд ва он ҳам бошад шоҳи Шумон буд. Аз рӯи навиштаи Сюан-Сзан он шоҳ турк будааст. Номи шоҳро Табарӣ ҳангоми тавсифи ҳодисаҳои солҳои 705-709 ҳамчун Гуштаспон, Ғислштон ё Қисбштон овардааст. Аҳорун бошад, дар шарқи Чағониён воқеъ гардида буд. Ҳанӯз В.В. Бартол шаҳри марказии Шумонро дар ҷои Ҳисор (Қалъаи Ҳисор ва атрофи он) воқеъ медонист, аммо олимони дигар онро воқеъ дар ҷои Ҳисори нав шаҳраки Ҳисори имрӯза медонистанд. Бостоншинос Чейлитко Қалъаи Шодмонро, ки дар дурии 16 км аз деҳаи Қипчоқ воқеъ аст, омӯхта, ба хулосае омад, ки маҳз ҳамин қалъа маркази Шумон аст. Аммо дар ҳақиқат, Қалъаи Шодмон қалъаест, ки дар сарҳади шарқии Шумон барои муҳофизати вилоят аз душманон сохта шуда буд. Маълумотҳое, ки дар «Ҳудуд-ул-олам» ва «Таърихи Табарӣ» омадаанд, ба он далолат мекунанд, ки шаҳри Шумон дар ҷои мустаҳками хеле баланд воқеъ гардида, дар дохили он чашмаи обе мавҷуд буда аст. Дар ҳақиқат Қалъаи Ҳисори имрӯза дар ҷои мустаҳками бисёр ҳам баланде воқеъ гардида, дар дохили он чашмаи калони об то имрӯз вуҷуд дорад. Ҷарири Табарӣ ҳангоми тавсифи ҷанги байни арабҳою шоҳи Шумон, ки соли 709 рӯй дод, чунин навиштааст: «Ҳангоме шоҳи Шумон фаҳмид, ки аз дасти арабҳо халосӣ нахоҳад ёфт, ҳамаи тиллову танга ва ҷавоҳироти худро ҷамъ оварда дар чашмаи бетаге, ки дар маркази Қалъа воқеъ буд, партофт». Ҳамаи ин маълумотҳо ба он далолат мекунанд, ки шаҳри марказии Шумони асри VIII маҳз дар ҷои Қалъаи Ҳисори имрӯза ва ҷануби он воқеъ гардида будааст.

Олимон ҷои шаҳри Аҳорунро то ҳол дуруст муайян накардаанд. Чунончи Е.В. Зеймал куҳнашаҳреро, ки 10 га масоҳат дорад, бо номи Ӯзбеконтеппа ва дар соҳили дарёи Ширкент воқеъ гаштааст, омӯхта ба хулосае омад, ки маркази Аҳорун ҳамон Ӯзбеконтеппа аст. М.М. Дяконов бошад маркази Аҳорунро воқеъ дар ҷои вайронаҳои назди Чимқурғон Шаҳринав медонист. Омӯзиши ин вайронаҳо, ки 350 га-ро фаро мегиранд, маълум кард, ки он асосан ба давраи антиқа мансубанд. Вале дар як гӯшаи он шаҳр осори зиндагии мардумро дар асрҳои VII-VIII пайдо кардаанд, ки гумон меравад онҳо харобаҳои Аҳорун бошанд. Аз рӯи маълумоти Табарӣ маълум мегардад, ки шоҳи Шумон дар ибтидои асри VIII пурзӯр шуда, Аҳорунро забт намуд ва ба Шумон ҳамроҳ кард. Бо ҳамин гуфтан мумкин аст, ки баъди ин ҳодиса Аҳорун ҳамчун вилояти таърихии мустақил пурра аз байн рафт [1, с. 74].

Аҳорун ба шакли Харун низ ёд шудааст. Ахбори таърихи Табарӣ ва маълумотҳои ҷуғрофиёии арабинависи Эронӣ Ибни Хурдодбек ба он далолат мекунад, ки Аҳорун тақрибан дар ноҳияи Шаҳринави имрӯза дар ҷойи харобаҳои Чимқурғон воқеъ буд. Тибқи ҳафриёти бостоншиносӣ, ёдгории таърихии Чимқурғон асосан ба давраи антиқа мансуб аст. Деворҳои мудофиавии шаҳр 7 км дарози доштанд. Чимқурғон дар ноҳияи Шаҳринав ёдгории бисёртабақа буда, дар як гӯшаи он дар асри VII-VIII ҳаёт вуҷуд доштааст. Пас, ҷои шубҳае наемонад, ки Аҳорун дар ҳамон гӯшаи ободи Чимқурғон дар ноҳияи Іаҳринави имрӯза воқеъ будааст.

Тибқи навиштаи Муҳаммад ибн Ҷарири ал-Табарӣ дар асараш “Таърихи Табарӣ”, шоҳи Шумон, ки бисёр нерӯманд буд, дар аввали асри VIII ба Аҳорун ҳуҷум оварда, онро пурра ба тасаруфи худ медарорад ва шоҳи Шумон лақаби шоҳи Шумону Аҳорунро мегирад. Бо ҳамин ба вуҷуд доштани вилояти таърихие бо номи Аҳорун дар водии Ҳисор хотима гузошта шуд [6, с. 187].

Сабаби ба ҳуҷуми шоҳи Шумон тоб наовардани Аҳорун дар он буд, ки Аҳорунро чанд сол пеш аз ин ду маротиба аробҳо ба хок яксон карда, ғорат намуда буданд: чунон чи дар солҳои 700 сарлашкари араб Муҳаллаб ба Аҳорун ҳуҷум кард ва чанд муддат дар Аҳорун лашкаргоҳ сохт. Баъд аз чанд сол(704) писари Муҳаллаб – Муфаззал бори дувум ба Аҳорун ва Шумон ҳуҷум намуда, онҳоро ғорат карда ва амволи ғоратнамудаашро дар байни аскарон тақсим намуд. Тибқи хабари Табарӣ Шумон ва дар ҳайати он Аҳорун бори охир дар солҳои 709-710 аз ҷониби Қутайба ибни Муслим забт ва ғорат карда шудааст.

Тибқи маълумотҳои бостоншиносӣ дар ҳудуди Ҳисор дар масофаи 68 м. ба ҷанубу шарқ аз мадрасаи Махдуми Аъзам қабатҳои мадании асрҳои V-VI ва X-XI дастрас гашта, дар масофаи 7 м. дар шимолу шарқ, дар кунҷи масҷиди Сангини Ҳисор бошад қабатҳои мадании садаҳои X-XII ёфт шуд. Мувофиқи маълумотҳои маҳаллӣ Масҷиди Сангин ҳанӯз дар давраи халифа Умар, яъне дар қарни VII, худи Қалъаи Ҳисорро бошад шоҳ Афросиёб асос гузоштааст. Дар шарқии Қалъаи мансуб ба охири давраи асримиёнагии Ҳисор бошад шаҳраки антиқаи Хоки Сафед ва гӯрхонаи Тупхона мавқеъ дорад, ки онҳо мансуб ба асрҳои аввали солшумории то мелод мансуб дониста шудаанд. Дар такя ба ин мавод – маълумотҳои маҳаллӣ, тақрибан бунёди Ҳисор ба воқеият наздик мебошад. Нахуст шаҳри Ҳисор дар ҷойи шаҳраки Хоки Сафед мавқеъ гирифта, дар ибтидои асрҳои миёна шаҳр дар ҷойи Қалъаи Ҳисор сохта шуда, дар сарчашмаҳо бо номи Шумон ёд шудааст [5, с. 134].

Дар натиҷаи омӯзиши маълумоти сарчашмаю манобеи бостоншиносӣ то ҷое марҳилаи муайяни таърихии Ҳисор омӯхта шуда, боз ҳам возеҳу пурра омӯзиши ин гӯшаи диёри бостониамон тақозои пажӯҳишҳои навро дорад.

Адабиёт

1. *Асозода С. Тахористон (маҷмуаи мақолаҳо). - Душанбе: Ирфон, 2016.*
2. *Бартольд В.В. Сочинения. Т.3. – М., 1965.*
3. *Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644-704 гг.). – Душанбе, 1989.*
4. *Давидович Е. А., Мухтаров А. Страницы истории Гиссара. - Душанбе: Ирфон, 1969.*
5. *Дьяконов М.М. Работы Кафирниганского отрияд. Труды Согдийского Таджикскогой археологический экспедиции. Т.1. - М., 1950.*
6. *Радилиловский В.В. Работы в верховьях реки Ширкент. Археологические открытия 1982 г. – М., 1984.*

ШУМОН ВА АҲОРУН ДАР САРЧАШМАҲОИ ХАТТӢ ВА ҲУҶҶАТҲОИ БОСТОНШИНОСӢ

Дар мақолаи мазкур рӯйдодҳои мухталифи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ду ҳамсоясалтанатҳо - Шумон ва Аҳорун баррасӣ карда мешавад. Маълумоти муҳими археологӣ оид ҳавзаҳои мустақили дарёҳои Кофарниҳон ва Сурхандарё низ нашр шудаанд. Шумон дар манбаҳои хаттӣ бо номҳои гуногун зикр шудааст. Аз рӯи гуфтаҳои сайёҳи чинӣ Сюан Шаня, дар асри XI дарозии мулки Суман аз ғарб ба шарқ 4 рӯз аз шимол ба ҷануб 1-рӯза роҳ будааст. Бино ба солномаи хитоии “Тан-шу” дар нимаи аввали асри II Хи-суэ Ки-су пойтахти ин салтанат ба ҳисоб мерафт. Олимон ва археологҳо барои муайян кардани таърихи қадимаb Осиёи Марказӣ таҳқиқотҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Е.В. Зеймал дар Узбеконтеппа, М. Дяконов дар Чимқурғон, В.В Бартол ва Чайлитко чанде дигар муҳақиқон дар ин замина бар он назаранд, ки мавқеи имрӯзаи Ҳисор маркази давлатдории Шумон ва Аҳорун аст. Маълумотҳо оид ба мақолаи мазкур аз сарчашмаҳои хаттӣ, таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва бостоншиносони ватанӣ оид ба таърихи давлатдории ду ҳамсоясалтанати Шумон ва Аҳорун барои хонандагон ҷамъоварӣ карда шудааст.

Калидвожаҳо: Шумон, Аҳорун, Ҷағониён, Қубодиён, Солномаи хитои “Тан-шу”, Хи-су, Ки-су, Вахшгирд, Ҳаловард, Ҳошим ибни Банҷур, Тахористон, Қутайба ибни муслим, Гуштосп, Қалъаи Ҳисор, Қипчоқ, Афросиёб ва Масҷиди сангин.

ШУМОН И АХОРУН В ПИСЬМЕННЫХ ИСТОЧНИКАХ АРХЕОЛОГИИ

В данной статье рассматриваются различные политические, экономические, социальные и культурные события двух соседних царств – Шумона и Ахаруна. Опубликованы также важные археологические данные, относящиеся к самостоятельным владениям водоём и рек Кофарнигон и Сурхандарья. Они упомянуты в письменных источниках под разными именами. По словам китайского путешественника Сюань Шаня, в XI веке поместье Сумана имело длину 4 дня с запада на восток и 1 день с юга на север. Согласно китайской хронике «Тань-шу», в первой половине XI века Хи-суэ Ки-су считался столицей этого царства. Ученые и археологи выполнили множество исследований, чтобы определить древнюю историю Центральной. Э.В. Зеймаль в Узбеконтепе, М.М. Дьяконов в Чимкургоне, В.В. Бартол и Чайлитко и ряд других исследователей придерживаются мнения, что нынешнее место Гиссара является центром Шумонской и Ахарунской государственности. Данные статьи и материалы для читателя собраны из письменных источников, сведений зарубежных ученых и отечественных арехологов по истории государственности двух соседних царств Шумона и Ахаруна.

Ключевые слова: Шумон, Ахарун, Чагани, Китайские хроники Тан-шу Хи-су, Ки-су, Вашгирд, Халовард, Хашим ибн Банджур, Тахаристан, Кутайба ибн Муслим, Гиссарский замок, Кипчак, Афросиаб и Каменная мечеть.

SHUMON AHD AHORUN IN THE WRITTEN SOURCES OF ARCHEOLOGY

This article discusses various political, economic, social and cultural events of two neighboring kingdoms - Shumon and Aharun. Important archaeological data related to the independent estates of the Kofarnihon and Surkhandarya river basins have also been published. They are mentioned in written sources with different names. According to the Chinese traveler Xuan Szan, in the 11th century, Suman's estate was 4 days long from west to east, and 1 day long from south to north. According to the Chinese chronicle "Tan-shu", in the first half of the 11th century,

Hi-su Ki-su was considered the capital of this kingdom. Scientists and archaeologists have completed many studies to determine the ancient history of Central. E.V. Zeimal in Uzbekonteppa, M.M. Dyakonov in Chimkurgon, VV Bartol and Chailitko and several other researchers are of the opinion that the current place of Hisar is the center of Shumon and Aharun statehood. Materials have been collected for the reader in this article from written sources, information of foreign scientists and domestic archaeologists on the history of the statehood of the two neighboring kingdoms of Shumon and Aharun.

Keywords: Shumon, Aharun, Chagani, Chinese chronicles Tan-shu Hi-su, Ki-su, Vashgird, Halovard, Hashim ibn Banjur, Takharistan, Kutaiba ibn Muslim, Hissar castle, Kipchak, Afrosiab and Stone Mosque.

Дар бораи муаллифон

Бобомуллоев Саидмурод
Доктори илмҳои таърих, профессор
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
Тел.: (+992) 93 413 72 04

Сангинов Ҳусниддин Ҳайталиевич
Докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 988 94 60 00

Об авторах

Бобомуллоев Саидмурод
Доктор исторических наук, профессор
Институт истории, археологии и этнографии имени А. Дониша НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33
Тел.: (+992) 93 413 72 04

Сангинов Хусниддин Хайталиевич
Докторант по специальности (PhD) кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 988 94 60 00

About the authors

Bobomulloev Saidmurod
Doctor of Historical Sciences, Professor
Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish of the NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
Ph.: (+992) 93 413 72 04

Sanginov Khusniddin Khaitalievich
Doctoral student in the specialty (PhD) of the Department of History of the Tajik People
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 988 94 60 00

ТДУ 339.9(575.3+55)

ТОҶИКИСТОН – ЭРОН: ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТӢ

Шарофов С., Турсунов Т. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тоҷикистон ва Эрон ба муносибатҳои дипломатии хеш дар таърихи 9 январи соли 1992 ҳусни оғоз бахшида, ба ташаккули шакли сифатан нави равобити байнидавлатӣ шуруъ намуданд. Сафоратхонаи Эрон дар Тоҷикистон моҳи январи соли 1992 ва сафоратхонаи Тоҷикистон дар Эрон соли 1995 ба фаъолият шуруъ карданд. Баъдан ҷуғрофиёи ҳамкорӣ бо Осиёи Марказӣ васеъ шуда, ҳоло тамоми давлатҳои минтақаро дар бар мегирад. Дар пасманзари равобити муташанниҷ бо кишварҳои араб, ихтилофҳо бо Ғарб ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ барои Эрон ҷуброни хароҷоти бунбастӣ тавассути дарёфти дӯстону шарикони нав, таҳкими равобити тиҷоративу иқтисодӣ буд.

Дар консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат бо Ҷумҳурии Исломии Эрон чунин муайян шудааст: “Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳо бо Ҷумҳурии Исломии Эрон низ омили муштаракоти таърихӣ, забонӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд ҳам муносибатҳои пойдори дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманди гуногунсоҳаро бо ин кишвар бар пояи дуҷониба ва бисёрҷониба беш аз пеш тавсеа хоҳад бахшид” [6].

Тақвияти мавқеъ дар Осиёи Марказӣ ба Эрон имкон медиҳад, ки як қатор вазифаҳои ба ҳам алоқамандро ҳаллу фасл кунад.

Вазифаи аввал баромадан аз бунбаст мебошад, ин барои имиҷи байналмилалии Эрон хос аст. Дар ин самт дипломатияи Эрон ба он нигаронида шудааст, ки дар ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ тавонад барои рафъи мушкилоти сиёсати хориҷӣ ва бунбасти иқтисодии Эрон кӯмак кунад. Эрон худро ҳамчун як шарики боэътимод бо манофеи мутавозӣ бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон муаррифӣ мекунад. Дар маҷмуъ, сиёсати Эрон дар Осиёи Марказӣ ҳатто барои он нерӯҳои беруна, ки дар дигар ҷанбаҳои низомию сиёсии фаъолияти Тоҷикистон бар он фишор меоранд, қобили қабул мебошад.

Вазифаи дуюм ба даст овардани фоидаи реалӣ аз ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ манфиати муштарак доранд. Масалан, Эрон роҳи транзитии Таҷон – Сарахс – Машҳадро бунёд кард, ки ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бандарҳои Халиҷи Форс, ба бозорҳои Шарқи Наздик, Осиёи Ҷанубу Ҷанубу Шарқӣ дастрасӣ пайдо карданд. Роҳи оҳани Таҷон-Сарахс-Машҳад дар соли 1996 ба кор даромад, як муҳаррики тавонои ҳамкориҳои минтақавӣ барои Эрон аст [16].

Эрон кӯшиш мекунад, бар асоси шартҳои ҳамкориҳои минтақавӣ ҳузури иқтисодии худро дар Осиёи Марказӣ густариш диҳад. Аммо, бе ба вуҷуд овардани инфраструктураи зарурии нақлиёт ба ин мақсад ноил шудан имкон надорад. Дар соли 1992 бунёди роҳи оҳани ВМКБ-и Тоҷикистон бо Мазори Шариф – Ҳирот (Афғонистон) ва Машҳад (Эрон) ба нақша гирифта шуда буд, аммо ба далели ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ин тарҳ амалӣ нашуд. Дар соли 2007 бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд роҳи оҳани Ҷалолиддини Румӣ - Панҷи Поён - Қундуз - Мазори Шариф-Ҳирот-Машҳад сохта мешуд. Аммо ин лоиҳа амалӣ нашуд. Моҳи августи соли 2017 Эрон сохтмони роҳи оҳани 184 километрро аз Хофи Эрон то Ҳироти Афғонистон анҷом дод. Маҳз тариқи ин роҳ Афғонистон тавассути Эрон ба 11 долони байналмилалӣ, аз ҷумла ба Аврупо ва баҳр дастрасӣ пайдо мекунад.

Пас аз баста шудани созишномаи сулҳ дар соли 1997 равобити Душанбеву Теҳрон ба як давраи рушди устувор ворид шуд. Дар ин муддат Эрон ба яке аз шарикони аслии иқтисодӣ ва сармоягузорони Тоҷикистон табдил шуд.

25 июли соли 2006 ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон М.А. Нажод ба Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи тиҷорати имтиёздор, ки байни Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон ба имзо расид, дар тақвияти ҳамкориҳои тиҷоратии ду мамлакат таккони ҷиддӣ бахшид [11]. Ҳамин тариқ, то соли 2013 гардиши мол миёни ду кишвар 292,3 миллион доллари амрикоиро ташкил дод. 9,9 дарсади содироти Тоҷикистон ва 4,3 дарсади воридоти ин кишвар ба Эрон рост меомад [18, с. 9]. Эрон дар тарҳҳои гидроэнергетикӣ ва зербиноӣ дар Тоҷикистон сармоягузорӣ кардааст. Соли 2003 миёни Эрон ва Тоҷикистон созишнома дар бораи сохтмони нақби "Истиқлол" ба имзо расида, ҳаҷми маблағгузорӣ 39 миллион долларро ташкил дод. Аз ин маблағ 10 миллион доллар маблағгузории грантии ҳукумати Эрон, 7,8 миллион доллар ҳиссаи ҳукумати Тоҷикистон ва 21,2 миллион доллар – қарзи ҷониби Эрон ташкил медод [10]. Сохтмони НБО-и Сангтӯдин - 2 расман 20 феврали соли 2006 оғоз ёфт. Барои бунёди ин истгоҳ Эрон 180 миллион доллар ҷудо кард. Саҳми ҷониби Тоҷикистон 40 миллион долларро ташкил дод. Агрегати якуми неругоҳи барқи обӣ 5 сентябри соли 2011, агрегати дуюм 10 сентябри соли 2014 ба кор даромад. НБО-и Сангтӯда-2 дар тӯли 12,5 сол моли Эрон дониста мешавад ва баъд аз он моли Тоҷикистон мешавад [15]. Эрон борҳо Тоҷикистонро дар баҳсҳои иқтисодӣ ва ихтилофҳо бо ҳамсояҳояш, пеш аз ҳама бо Ӯзбекистон ва Туркманистон фаъолона дастгирӣ кардааст. Душанбе дар навбати худ аз манофеи Теҳрон дар фазои пасошӯравӣ, бахусус дар чаҳорчӯби иттиҳодияҳои мухталифи ҳамгироии кишварҳои ИДМ, назири Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё ҳимоят кард.

Эрон ба унвони як кишвари узв бархӯрди созмони Шанхайро ба принсипҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва мушкилоти умдаи байналмиллалӣ муттаҳид мекунад. Эрон аз идеяи таъсиси Бонки Рушди СҲШ пуштибонӣ ва дар Ассотсиатсияи байнибонкӣ ширкат мекунад, ки ба гуфтаи иддае аз нозирон, ширкат дар тарҳҳои мушаххаси минтақаро осон мекунад.

Эрон тавонист заминаи рушди минбаъдаи равобит бо давлатҳои Осиёи Марказиро ба вуҷуд оварад. Бо истифода аз афзалиятҳои объективӣ, ӯ тавонист мавқеи худро ишғол кунад, шарики муҳим гардад, имкониятҳои режимҳои маҳаллиро барои диверсификатсияи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва сиёсати хориҷӣ васеъ намояд [1].

Дар суханронии худ дар маросими ифтитоҳи навбати аввали нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-2 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки: "Имрӯз муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии миёни кишварҳои мо тадриҷан густариш ёфта, рафтуомади озоди мардум таъмин карда шудааст, ки ин амр ба пешрафти соҳибкориву сармоягузорӣ, инчунин тавсеаи равобити суннатии мо мусоидати фаъол менамояд" [12].

15 июли соли 2012 дар шаҳри Душанбе, дар мулоқоти муовини раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Лутфулло Фурӯзанда ва Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти босамари 150 ширкати эронӣ дар Тоҷикистон ва афзоиши тиҷорати мутақобила, ки соли 2011 ҳаҷми умумии он ба 204 миллион доллари амрикоӣ расида, нисбат ба соли 2010 2% афзудааст, изҳори қаноатмандӣ шуд. Ҳамзамон бо ин Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки «имкону захираҳо барои якчанд маротиба боло бурдани нишондодҳои табодули молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Эрон хеле зиёд аст» [8].
Мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва Эрон дар заминаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон фаъолият дорад. Ҷаласаи 13-уми ин комиссия рӯзҳои 2-3 декабри соли 2019 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид ва тақвияти ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ таъкид шуд.

Аз ҷадвалҳои зерин маълум мегардад, ки то соли 2015 мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва Эрон рӯ ба инкишоф овардааст.

Ҷадвали 1.

Содироти Тоҷикистон ба Эрон дар солҳои 2004-2009 (млн.дол. ИМА) [17, с.155]

2004	2005	2006	2007	2008	2009
29,6	36,7	76,1	75,5	95,6	48,8

Ҷадвали 2.

Воридот аз Эрон ба Тоҷикистон дар солҳои 2004-2009 [17, с.155]

2004	2005	2006	2007	2008	2009
26,3	30,9	34,2	60,9	120,6	78,9

Ҷадвали 3.

Мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва Эрон дар соҳои 2013-2014 [3, с.15]

	млн. доллари ИМА		%		ҷой	
	2014	2013	2014	2013	2014	2013
Эрон	226,2	253,0	4,3	5,1	6	5

Ҷадвали 4.

Содироти мол аз Тоҷикистон ба Эрон дар солҳои 2013-2014 [3, с.15]

	млн. доллари ИМА		%		ҷой	
	2014	2013	2014	2013	2014	2013
Эрон	64,0	66,6	6,5	7,1	4	3

Ҷадвали 5.

Воридоти мол аз Эрон ба Тоҷикистон дар солҳои 2013-2014 [3, с. 15]

	млн. доллари ИМА		%		ҷой	
	2014	2013	2014	2013	2014	2013
Эрон	162,2	186,1	3,8	4,6	6	8

Ҷадвали 6.

Мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва Эрон дар соҳои 2010-2014 [3, с. 17]

2010		2011		2012		2013		2014	
млн.дол.	%	млн.дол.	%	млн.дол.	%	млн.дол.	%	млн.дол.	%
201,2	5,2	207,3	4,6	217,5	4,2	253,0	5,1	226,2	4,3

Тоҷикистон дар соли 2015 воридоти маҳсулоти Эронро муваққатан боздошт. Хадамоти гумрук он замон гуфт, ки барои воридоти маҳсулоти ғизоӣ аз Эрон - чойи хушк, гӯшти мурғ, мурғи қимма ва дигар маҳсулот ба далели пастсифатии онҳо маҳдудият ҷорӣ шудааст. Сабаби дигар набуди тамғагузорӣ бо хатти кириллӣ дар рӯйи молҳо гуфта мешуд [14]. Мушкилии равобити Тоҷикистону Эрон боиси коҳиши ҳаҷми муомилоти мол миёни ин кишварҳо шуд. Эрон то соли 2015 бузургтарин шарики тиҷоратии Тоҷикистон буд [19]. Агар дар соли 2013 гардиши мол миёни Тоҷикистону Эрон 292 миллион долларро ташкил дода бошад, пас то поёни соли 2016 ин рақам 114 миллион долларро ташкил додааст [14]. Дар соли 2020 гардиши тиҷорати хориҷии Тоҷикистону Эрон 57,7 миллион долларро ташкил дода, аз ин миқдор 9,4 миллион доллар содирот ва 48,4 миллион доллар воридот аз Эрон будааст. Дар ҳаҷми тиҷорати хориҷии кишвар саҳми муомилоти мол миёни Тоҷикистону Эрон 1,3 дарсадро ташкил медиҳад [2].

Сухангӯи Идораи гумруки исломӣ гуфт, ҳаҷми муомилоти ғайринафтӣ миёни Эрон ва Тоҷикистон дар соли гузаштаи тақвимии Эрон то 20 марти соли 2021 ба 131 миллион доллар расид, ки нисбат ба соли гузашта 463 дарсад афзоиш ёфтааст. Ба гузориши хабаргузории Агентии хабарии Эрон гардиши мол миёни ду кишвар низ дар муқоиса то 20 марти соли 2021 489 дарсад афзоиш ёфтааст [4]. Бо вуҷуди равобити бузурги таърихиву фарҳангии ду кишвар, тиҷорат миёни ду ҷониб қонеъкунанда нест. Соли гузашта Эрон ба Тоҷикистон ба

маблағи 124 ҳазору 737 тонна ба маблағи 91,6 миллион доллар мол содир кардааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 535 дарсад аз нигоҳи вазн ва 459 дарсад бештар аст. Воридот аз Тоҷикистон 14 ҳазору 512 тонна ба маблағи 39 миллиону 437 миллион долларро ташкил дод, ки 263 дарсад аз нигоҳи вазн ва 439 дарсад афзоишро нишон медиҳад [4]. Маҳсулоти кишоварзӣ, чормағз, масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти нафту кимиё, ширинӣҳо ва шоколад, маҳсулоти саноатӣ, электроника, асбобҳои рӯзгор, пойафзол ва либос, асбобҳои ошхона, маҳсулоти кимиёвӣ, таҷҳизоти саноатӣ, нассоҷӣ, чарм, канселярӣ, техникаи кишоварзӣ ва бастабандии Эрон умдатарин буд. Ҳаҷми умумии муомилоти тиҷорати Эрон ва Тоҷикистон дар 15 соли гузашта 2 миллиарду 583 миллион доллар, содироти Эрон ба Тоҷикистон 2 миллиарду 200 миллион доллар ва воридот аз Тоҷикистон 376, 365 миллион долларро ташкил додааст [4].

10 январи соли 2022 дар Теҳрон, сафири Тоҷикистон дар Эрон Низомиддин Зоҳидӣ дар конфронси “Дуронамои равобити Эрон ва Тоҷикистон” ба муносибати 30-умин солгарди истиқрори равобити дипломатии ду кишвар изҳор дошт, ки: “то кунун Эрон ва Тоҷикистон 160 санади ҳамкорӣ имзо кардаанд ва ҳарду кишвар ба мувофиқа расиданд, ки гардиши мол ба 500 миллион евро афзоиш ёбад. Ҳаҷми гардиши мол миёни Эрон ва Тоҷикистон дар се моҳи охир дар муқоиса бо даври мушобеҳи соли гузашта 3 баробар афзоиш ёфтааст” [5].

11 феврали соли 2022 дурнамои рушди ҳамкориҳо дар мулоқоти вазири рушди иқтисод ва тиҷорати Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва сафири Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадтақии Собирӣ баррасӣ шуд. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки аз имконоти мавҷуда дар робита ба таҳияи “Харитаи роҳ” барои то 500 миллион доллар афзоиш додани гардиши молу коло ва таъсиси корхонаҳои муштарак дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон пурра истифода кунанд [13]. М. Собирӣ дар навбати худ аз вазири рушди иқтисод ва савдо хост, то аз манотиқи озоди иқтисодӣ, аз ҷумла Чобаҳор ва шаҳрҳои саноатии вилоятҳои Қазвин, Машҳад ва Хуросон боздид кунад, то таҷрибаи Эрон дар ин замина омӯхта шавад.

30 майи соли 2022 ҳангоми сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Эрон 16 созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расониданд, ки ба таҳкими робитаҳо дар бахшҳои гуногун равона шудаанд [4]. Миёни ин ҳуҷҷатҳо барномаи дарозмуддати ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Эрон барои солҳои 2022- 2030, Ёддошти тафоҳум байни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати роҳ ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар заминаи тавсеаи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, созишнома оид ба таъсиси Шурои муштараки соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар оянда барои густариши ҳамкориҳои тиҷоратии ду кишвар таккони нав мебахшад.

Эрон ба унвони як узви фаъоли СҲИ дар тавсеъаи ҳамкориҳои кишварҳои узви ин созмон нақши муҳим дорад ва аз Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ дар таъйини аҳдофи ин созмон иқдомоти фаъолтарро интизор аст. Илова бар ин, Эрон метавонад бо мусоидат ба равобити тиҷоратӣ ва роҳандозии роҳҳои ҳавоӣ, заминӣ ва обӣ дар ташвиқи ҳамкориҳои иқтисодии минтақа нақши муассир бозад.

Дар ҳамин ҳол, бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар моҳҳои январ-сентябри соли 2022 ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистону Эрон беш аз 157 миллион долларро ташкил дода, аз Тоҷикистон ба Эрон ба маблағи беш аз 73 миллион доллар содирот ва воридоти он ба Эрон содир шудааст. Молҳои Эрон ба маблағи беш аз 84 миллион доллар ба Тоҷикистон ворид карда шудааст [7].

Мақомоти Эрон бар ин назаранд, ки тавсеъаи хатти ҳавоӣ ва роҳи оҳан миёни Эрон ва Тоҷикистон ва сармоягузорӣ дар тавсеъаи бандарҳо метавонад як омили муассир дар рушди иқтисоди Тоҷикистон бошад. Иқдомоти фаъоли Эрон дар заминаи ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ роҳро барои ҷалби кишварҳо ба ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ дар чаҳорчӯби ин Созмони ҳамкории иқтисодӣ боз кардааст.

Барои тақвияти ҳамкориҳо тадбирҳои зерин аз аҳаммият холӣ нест:

1. Барои амнияти минтақавӣ ва иттифоқи халқҳои форсизабон ҳамкории Тоҷикистон ва Эрон тақвият дода шавад. Ин омил аз ҳар ҷиҳат: чӣ геополитикӣ, чӣ амниятӣ ва чӣ иқтисодиву фарҳангӣ барои ду кишвар манфиати бештар меорад. Зеро, роҳбарияти Эрон дар густариш ва тасвиби ғояҳои пантуркизм хатареро барои манофиатҳои Эрон ва Тоҷикистон

мебинад. Туркия якҷоя бо Озарбойҷон ва дигар ҷумҳуриҳои туркзабон кӯшиш мекунад, ки Эронро аз Моварои Қафқоз ва Осиёи Марказӣ берун кунад. Аз ин рӯ, ҳукумати Эрон дар ҳамкорӣ бо Тоҷикистон ба ташкили “Иттиҳоди кишварҳои туркӣ” ё “Бозори муштараки туркҳо” муқовимат мекунад. Гузашта аз ин, дар расонаҳои Туркия даъватҳои “муҷозоти Эрон”, “фиристодани қувва ба Арманистон” ва “гирифтани заминҳои Туркия аз Русия” бештар садо медиҳад.

2. Марҳила ба марҳила амалӣ кардани нақшаи таъсиси созмони кишварҳои форсизабон муҳиму саривақтӣ мебошад. Эрон ва Тоҷикистону Афғонистон бояд дар сармоягузории иншооти иқтисодӣ ва саноатӣ ҳамкории босамар дошта бошанд. Воқеият ин аст, ки бо таваҷҷуҳ ба муштаракоти фарҳангии ин кишварҳо ва ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷории онҳо, ин кишварҳо бидуни ҳеҷ рақобат бо дигарон метавонанд дар таҳкими дӯстӣ ва густариши равобити иқтисодиву тиҷоратӣ рушд намоянд. Сиёсати Эрон дар Афғонистон, ки муддати тӯлонӣ аз пуштибонии гурӯҳҳои басо наздики этникӣ (тоҷикон ва хазарҳо) маълум аст, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши мусбат дорад. Тиҷорати Эрон бо Афғонистон дар як сол 2 миллиард доллярро ташкил медиҳад.

3. Тоҷикистон ва Эрон ба мувофиқа расида буданд, ки дар бунёди иншооти гидроэнергетикӣ ҳамкорӣ кунанд ва дурнамои рушди иқтисоди худро дар заминаи истифода аз нерӯи барқ бунёд кунанд. Эрон барои маблағгузории сохтмони нерӯгоҳҳои Айнӣ, Нуробод- 1 ва 2, Варзоб ва дигар нерӯгоҳҳо ва ҳамзамон барои маблағгузории таъсиси тавлиди маҳсулоти нафтӣ дар Тоҷикистон розигӣ дода буд. Ҳадаф аз маблағгузории ин тарҳҳои энержӣ истифодаи нерӯи тавлидшуда ҳам барои қонеъ кардани ниёзҳои худ ва ҳам содироти он ба бозори хориҷӣ - ба Афғонистону Эрон буд. Азнавбинӣ ва амалӣ кардани ин тарҳҳо зарурият дорад. Эрон дар сохтмон ва бунёди нерӯгоҳҳои бузурги обӣ ва махсусан хурд тахассус ва таҷрибаи ғанӣ дорад ва дар миёни даҳ кишвари пешрафта дар ин самт дар ҷаҳон қарор дорад. Истифодаи ин таҷриба барои тавсеъаи таъсисоти энергетикӣ дар Тоҷикистон барои ду кишвар муфид аст.

4. Захираҳо ва таҷрибаи Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ, коркарди саноатии маҳсулоти он, захираҳои бузурги истихроҷи маъдан барои сармоягузорони эронӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Сода гардонидани ҷалби сармоягузорони эронӣ ба иқтисоди Тоҷикистон дар шароити печидаи ҷаҳон омили муҳим ба шумор меравад.

5. Тоҷикистон ва Эрон ба мувофиқа расида буданд, ки дар оянда ба рушди ҳамкориҳои мутақобила бо кишварҳои дигари минтақа – Хитой, Қирғизистон ва Афғонистон мусоидат кунанд. Ба ин ҳадафҳо таъсиси як консорсиуми байнидавлатӣ барои пайваст кардани ин кишварҳо тавассути роҳи оҳан дар масири Хитой - Қирғизистон - Тоҷикистон - Афғонистон - Эрон бо дастрасӣ ба кишварҳои Халиҷи Форс дар назар буд. Аммо, то имрӯз норавшан боқӣ мондааст. Сохтмон ва истифодашавии ин роҳ имкон медиҳад, ки на танҳо кашондани мусофиру бор таъмин карда шавад, балки барои кишварҳои хушкигард ба баҳр роҳ кушода мешавад. Муомилоти содироту воридоти ин давлатҳо хеле арзонтар мешавад. Ин яке аз лоиҳаҳои фоидаовар бахусус барои Эрону Тоҷикистон мебошад.

6. Яке аз самтҳои дурнамои ҳамкорӣ рушд додани сектори хусусии чорводорӣ ва дигар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Эрон ба нақша гирифта буд, ки барои тараққӣ додани истеҳсолоти кишварзӣ панҷоҳ миллион доллар ҷудо кунад. Ҳамзамон, дар байни ду давлат дар бораи гузарондани корҳои мелиоративӣ бо мақсади обёрии заминҳои лалмӣ ва чарогоҳҳо созишнома баста шуд буд. Инчунин, бунёди корхонаҳои тавлиди трактор, маҳсулоти кимиёвӣ, масолеҳи сохтмонӣ, семент бо тавлиди солонаи ду миллион тонна бо ҷалби 5 миллион доллар бо афзоиши иқтидори он дар назар буд. Аз сар гирифтани ин лоиҳаҳо ва татбиқи онҳо барои ду кишвар манфиатовар хоҳад буд. Ба андешаи сафири Эрон Муҳаммадтақии Собирӣ соли 2021 ҳашт трактор ва соли 2022 50 трактор тавлид карда шудааст. Аммо ин қонеъкунанда нест.

7. Тоҷикистон бо шартҳои мусоид метавонад конҳои урани худро ба Эрон бидиҳад, ба шарте, ки уран танҳо ба ҳадафҳои осоишта ва бо иштирок ва назорати намояндагони МАГАТЭ истифода шавад.

8. Тоҷикистон метавонад аз бандарҳои Эрон (бахусус Чобаҳор) ба унвони яке аз роҳҳои алтернативии интиқоли молу маҳсулоти худ ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, Ховари Миёна ва Иттиҳоди Аврупо истифода кунад.

Хуллас, муносибатҳои Эрону Тоҷикистон на танҳо барои ин ду кишвар аҳамияти хоса доранд, зеро онҳо дар оянда метавонанд ба рушди вазъ дар маҷмуъ дар минтақа таъсир расонанд.

Зимнан, бо вуҷуди наздикии таърихиву фарҳангӣ, мавҷудияти манофеъи иқтисодӣ ва геополитикӣ, ҳамокрии ду кишвар ҳамеша печида ва норавшан будааст. Муносибатҳои гарм ва ҳамкории босамар борҳо ногаҳон ба марҳилаҳои нофаҳмӣ, даъвоҳои мутақобила ва сардшавии муносибатҳо рӯй овард. Моҳи июни соли 2019 бо сабаби тағйири мавқеи Душанбе дар равобити кишварҳо гармие ба вуқӯъ пайваст. 1 июн дар Теҳрон вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо раисиҷумҳури Эрон Ҳасани Рӯҳонӣ ва ҳамтои эрониаш Ҷавод Зариф мулоқот кард [9]. Коршиносон бар он назаранд, ки ин нахустин мулоқоти дипломатӣ дар чанд соли охир буд, ки метавонад нишонаи наздикшавии нав дар баробари мушкилоти молӣ ва сиёсӣ бошад.

Равобити Эрону Тоҷикистон то сафари сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи майи соли 2022 дар як ҳолати то ҳадде номуайян боқӣ монда буд. Ҳамзамон мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон ва Иброҳим Раисӣ дар ҳошияи ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Самарқанд ба рушди ояндаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ умедворие ба миён овард.

Барои Тоҷикистон ҳамкорӣ бо Эрон ҳам аз нигоҳи манофеи иқтисодӣ ва геополитикӣ аҳаммияти хоса дорад. Тоҷикон ва форсҳо ҷузъи ба истилоҳ «ҷаҳони ориёӣ» - як фазои ягонаи тамаддун, таърих ва забон ҳастанд, ки дар тӯли садсолаҳо ду халқро ба ҳам мепайвандад. Бо вуҷуди он ки ин мафҳум бештар хусусияти тамаддунӣ ва башардӯстона дорад, ба геополитика низ таъсири муайяне дорад. Умедворем, ки дар муносибат ба ҳамдигар ҳукуматҳо ва сиёсатмадорони ҳар ду давлат сарфи назар аз ихтилофи идеологӣ ба навъе ин омилро ба назар мегиранд.

Адабиёт

1. *В поисках точки опоры: Иран в Центральной Азии [электронный ресурс]. URL: https://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/analytics/v-poiskakh-tochki-opory-iran-v-tsentralnoy-azii/ (дата обращения: 3.10.2022).*
2. *Внешнеторговый оборот Таджикистана и Ирана в 2020 году составил $57,7 миллионов [электронный ресурс] URL: https://asiaplus.news/news/tajikistan/economic/20210608/vneshnetorgovii-oborot-tadzhikistana-i-irana-v-2020-godu-sostavil-577-millionov/*
3. *Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015.*
4. *Годовой товарооборот между Ираном и Таджикистаном вырос на 463% [электронный ресурс] URL: https://www.iran.ru/news/economics/120574/Godovoy_tovarooborot_mezhdu_Iranom_i_Tadzhikistanom_vyros_na_463 6.078.2022. (дата обращения: 5.10.2022).*
5. *Иран и Таджикистан планируют увеличить торговый оборот до 500 млн евро Информационное агенство Исламской Республики (ИРНА) [электроний ресурс] URL: https://ru.irna.ir/news/84608506/ (дата обращения: 13.06.2022).*
6. *Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015. [Манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (санаи истифодабарӣ: 15.06.2023).*
7. *Минэнерго Ирана: Торговля с Таджикистаном в этом году выросла в 4 раза https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20221206/minenergo-irana-torgovlya-s-tadzhikistanom-v-etom-godu-virosla-v-4-raza (дата обращения: 20.06.2023).*
8. *Мулоқот бо Муовини раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Лутфулло Фурӯзанда [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/2063 (санаи истифодабарӣ:).*
9. *Мы нужны друг другу: почему Иран и Таджикистан пошли на сближение [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/20190604/iran-tajikistan-sblizhenie-hassan-rouhani-1029075361.html (дата обращения: 7.10. 2022). Tajikistan, Iran vow to expand bilateral cooperation URL: https://news.myseldon.com/ru/news/index/211743344 (дата обращения: 4.10.2022).*
10. *Премьер Таджикистана ознакомился с ходом достройки тоннеля «Истиклол» [электронный ресурс]. URL: https://web.archive.org/web/20171011232933/http://news.tj/ru/node/211081 (дата обращения: 10.10.2022).*

11. *Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/node/439 (санаи истифодабарӣ:).*
12. *Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи навбати аввали нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-2 [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/628 (санаи истифодабарӣ:).*
13. *Таджикистан и Иран намерены довести торговый оборот до полумиллиарда долларов [электронный ресурс] URL: https://avesta.tj/2022/02/11/tadzhikistan-i-iran-namereny-dovesti-torgovyj-oborot-do-polumilliarda-dollarov (дата обращения: 10.10.2022).*
14. *Таджикистан и Иран намерены решить проблемы, возникшие в сфере импорта-экспорта URL: https://avesta.tj/2017/12/16/tadzhikistan-i-iran-namereny-reshit-problemy-voznikshie-v-tamozhennoj-sfere/ (дата обращения: 10.10.2022).*
15. *Таджикистан: Запущен второй агрегат ГЭС «Сангтуда-2» [электронный ресурс]. URL: https://www.fergananews.com/news/22610 (дата обращения: 10.10.2022).*
16. *Товарооборот Ирана и стран Центральной Азии вышел на новый уровень [электронный ресурс]. URL: https://turkmenportal.com/blog/40075/tovarooborot-irana-i-stran-centralnoi-azii-vyshel-na-novyi-uroven (дата обращения: 10.06.2023).*
17. *Тоҷикистон дар рақамҳо. Душанбе, 2010. – С. 155.*
18. *Шкваря Л. В., Русакович В. И., Лебедева Д. В. Внешнеэкономические связи Республики Таджикистан с государствами Азии: современные тенденции // Управление экономическими системами: электронный научный журнал. - 2015. - № 6 (78). - С. 9.*
19. *چرا روابط تاجیکستان با ایران «رو به بهبود» است؟ (Чаро равобити Тоҷикистон бо Эрон "беҳбуд" мешавад?) [манбаи электронӣ] URL: https://www.bbc.com/persian/world-features-61741852 (санаи истифодабарӣ: 19.06.2023).*

ТОҶИКИСТОН –ЭРОН: ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТӢ

Дар мақола дурнамои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон баррасӣ шудааст. Тоҷикистон дар ҳамкориҳои Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад, ки ин на ба далоили иқтисодӣ ва сиёсӣ, балки наздикии торихӣ ва фарҳангӣ аст. Тақвияти мавқеъ дар Тоҷикистон ба Эрон имкон медиҳад, ки як қатор вазифаҳои марбутаро ҳал кунад. Барои таъмини амнияти минтақа ва иттиҳоди форсизабонон ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон бояд тақвият шавад. Ин омил ба ҳарду кишвар дар ҳама ҷабҳаҳо: геополитикӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ фоидаи бештар меорад. Барои Тоҷикистон ҳамкорӣ бо Эрон аз нигоҳи манофеи иқтисодӣ ва геополитикӣ аҳамияти хоса дорад. Тоҷикон ва форсҳо бахше аз ба истилоҳ "ҷаҳони ориёӣ" – як фазои ягонаи тамаддун, таърих ва забонанд, ки дар тӯли садсолаҳо ду халқро ба ҳам мепайвандад. Умедворем, ки дар ин замина ҳамкориҳои тиҷоратӣ низ тавсеа ёфта, пеш аз ҳама, ба пур кардани сабади истеъмолии ду кишвар мусоидат хоҳад кард. Гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистон ва Эрон новобаста аз имкониятҳо қонеъкунанда нест. Дар оянда ба ним миллион расонидани он ба нақша гирифта шудааст, ки ба манфиати ду халқи ҳамзабону ҳамфарҳанг мебошад.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Эрон, ҳамкориҳои тиҷоратӣ, гардиши молу маҳсулот, иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг.

ТАДЖИКИСТАН - ИРАН: РАСШИРЕНИЕ ТОРГОВОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

В статье рассматриваются перспективы торгово-экономического сотрудничества между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Иран. Таджикистан занимает важное место в сотрудничестве между Ираном и странами Центральной Азии, что обусловлено не экономическими и политическими причинами, а исторической и культурной близостью. Укрепление позиций в Таджикистане позволяет Ирану решить ряд сопутствующих задач. Сотрудничество между Таджикистаном и Ираном необходимо укреплять для обеспечения региональной безопасности и союза персоязычных народов. Этот фактор приносит больше пользы обеим странам во всех аспектах: геополитическом, в сфере безопасности, в экономическом и культурном. Для Таджикистана сотрудничество с Ираном имеет особое значение с точки зрения экономических и геополитических интересов. Таджики и персы являются частью так называемого «арийского мира» — единого пространства цивилизации, истории и языка, связывающего два народа на протяжении веков. Мы надеемся, что в этом контексте торговое сотрудничество также будет расширяться и в первую очередь будет способствовать пополнению потребительской корзины двух стран. Обмен товарами и продуктами между Таджикистаном и Ираном независимо от возможностей не является удовлетворительным. В дальнейшем планируется увеличить его до полумиллиона, что пойдет на пользу двум народам, объединенным одним языком и культурой.

Ключевые слова: Таджикистан, Иран, торговое сотрудничество, товарооборот, экономика, политика, культура.

TAJIKISTAN AND IRAN: EXPANSION OF COMMERCIAL COOPERATION

The article deals with prospects for trade and economic cooperation between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran. Tajikistan occupies an important place in cooperation between Iran and the countries of Central Asia, which is due not to economic and political reasons, but to historical and cultural proximity. Strengthening of positions in Tajikistan allows Iran to solve a number of related tasks. Cooperation between Tajikistan and Iran must be strengthened to ensure regional security and the union of Persian-speaking peoples. This factor brings more benefits

to both countries in all aspects: geopolitical, security, economic and cultural. For Tajikistan, cooperation with Iran is of particular importance in terms of economic and geopolitical interests. Tajiks and Persians are part of the so-called "Aryan world" - a single space of civilization, history and language that has linked the two peoples for centuries. We hope that in this context, trade cooperation will also expand and, first of all, will contribute to replenishing the consumer basket of the two countries. The exchange of goods and products between Tajikistan and Iran, regardless of the possibilities, is not satisfactory. In the future, it is planned to increase it to half a million, which will benefit the two peoples, united by one language and culture.

Keywords: Tajikistan, Iran, trade cooperation, trade turnover, economy, politics, culture.

Дар бораи муаллифон

Шарофов Соиб Умрибоевич
Унвонҷӯи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 900 65 08 00
E-mail: soibsharofov81@gmail.com

Турсунов Турсунмурод Худоймуродович
Доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 100 40 40 00
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

Об авторах

Шарофов Соиб Умрибоевич
Соискатель кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 900 65 08 00
E-mail: soibsharofov81@gmail.com

Турсунов Турсунмурод Худоймуродович
Доктор исторических наук, доцент кафедры новая и новейшая история зарубежных стран
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 100 40 40 00
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

About the authors

Sharofov Soib Umriboevich
Applicant of the Department of General History and International Relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 900 65 08 00
E-mail: soibsharofov81@gmail.com

Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich
Doctor of historical sciences, associate professor of the department of modern and contemporary history of foreign countries
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17
Ph.: (+992) 100 40 40 00
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

ТДУ 9:891.550

АХБОРИ ИОГАНН ШИЛТБЕРГЕР ДАР БОРАИ ВАҲШОНИЯТҲОИ ТЕМУРЛАНГ

Муродзода А. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Манобеи асримиёнагӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ҳамчун сарчашмаи муҳимми таърихӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Яке аз чунин манбаи муҳимми таърихӣ асари «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427»-и Иоганн Шилтбергер (1381-1440) маҳсуб меёбад. Иоганн Шилтбергер дар асари худ «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427» доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳру музофотҳои Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV - ибтидои асри XV маълумотҳои ҷолибе додааст.

Аврупоие, ки дар асирии Темуриён аз мушоҳидаҳои худ асаре боқӣ гузоштааст Иоганн Шилтбергер мебошад. Ӯ нахустин олмоние буд, ки бо мардуми Мовароуннаҳру Хуросон аз наздик шинос мегардад. Вай сарбозе аз мардуми Бовария буд, ки соли 797/1395 дар синни шонздаҳсолагӣ дар ҷанги Никопол ба асорати султон Боязиди аввали усмонӣ даромад. Ба дастури султони турк асирони масеҳиро аз бомдод то шом ба қатл расониданд ва танҳо ҷавонони хурдсолро аз куштан эмин доштанд. Шилтбергер бо дастгирии Сулаймон, писари Боязид, аз марг раҳо ёфт. Вай аз он рӯзе, ки асир гардид, дар хидмати туркон даромада, дар муҳосираи Қустантания иштирок кард. Баъди шикасти лашкариёни султон Боязид аз ҷониби Темурланг соли 1402 дар Ангора Шилтбергер ин бор ба дасти Темурланг асир шуд ва ноилоҷ бо ӯ ба лашкаркашиҳои ҷангии Арманистону Гурҷистон рафт ва аз ҷо ба Самарқанд омад. Пас аз фавти Темурланг муддате дар хидмати фарзандони ӯ Мироншоҳ ва Шоҳрух дар ҷангҳои Мозандарон, Арманистон ва Мовароуннаҳр низ иштирок кард. Бояд гуфт, ки Шилтбергер зиёда аз 30 соли ҳаёти худро дар асирӣ паси сар кард. Вай дар соли 1427 пас аз фирор аз ғуломӣ бо ҳамроҳи чаҳор насронии дигар гурехта, ба Олмон баргашт.

Шилтбергер дар солҳои саргардонии худ ба Юнон, Осиёи Хурд, Форс, Гурҷистон, Дашти Қипчоқ, Урал, Сибир, Қрим, Арманистон ва Осиёи Миёна сафар кардааст. Нависанда, сайёҳ ва таърихнависи немис Иоганн Шилтбергер пас аз озод шуданаш ёддоштҳои худро аз дидаҳову шунидаҳо ва асорату дарбадарии худ тайи солҳои 797 то 830/1395-1427даршакли рисолае зери унвони «Хотироти сафари Шилтбергер асири Осиёи Ғарбӣ» ё «Сафари Ҳонс Шилтбергер ба сарзамини кофирҳо» навишт. Бори аввал ин асар соли 1475 дар Майнс нашр шуд. Арзиши асари мазкур пеш аз ҳама дар он аст, ки муаллиф шоҳиди бевоситаи воқеаҳои сабтнамудааш мебошад. Ин асар аввалин бор бо забони русӣ соли 1866 ва сипас ба забони англисӣ зери унвони «Шилтбергер шарҳи асорат ва сафарҳои вай дар Аврупо, Осиё ва Африқо» тарҷума шуд.

Аввалин маротиба муаррихи рус Ф. К. Брун асари Иоганн Шилтбергерро бо унвони «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427» аз забони немисии қадим ба забони русӣ соли 1867 тарҷума ва нашр кард [15]. Асари зикршуда соли 1984 аз рӯи тарҷумаи Ф. К. Брун аз ҷониби академики Озарбойҷон З. М. Буниятов дар шакли ихтисор бо тавзеҳот ва ташреҳоти фаровон ба забони русӣ тарҷума шуд [27, с. 23-31]. Бояд зикр сохт, ки мо дар навиштани мақолаи худ аз тарҷумаи З. М. Буниятов истифода намудем.

Гарчанде ки як қатор аз донишмандони аврупоӣ Шилтбергерро дар сатҳи Марко Поло ва асари ӯро аз гаронбаҳотарин сафарномаҳои асрҳои миёна медонанд, аммо набояд фаромӯш кард, ки Иоганн Шилтбергер сарбозе беш набуд ва ҳеҷ вақт дар пояи Марко Поло ва Клавихо қарор дошта наметавонад. Аз ин ҷост, ки дар рисолаи ӯ иштибоҳоти зиёде ба чашм мерасад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки сафарномаи Иоганн Шилтбергер ба хотири он шоёни таваҷҷуҳ аст, ки солҳои тулонӣ дар мамолики Шарқ сукунат дошт ва дар ҷангҳои зиёди туркони усмонӣ иштирок карда, аз зулму бедодгарии Темурланг ва ҷонишинони ӯ воқиф буд. Рисолаи Шилтбергер боз аз ин лиҳоз ҷолиб аст, ки нуқтаи назараш комилан аз ташреҳи чоплусонаи таърихнависони дарбори Темурӣ фарқ дорад. Суханони ӯ аз рӯзгори талх ва ҳисси бадбинии асирӣ шаҳодат медиҳанд. Муаррих Ҳусайни Мирҷаъфарӣ асари

Шилтбергерро бо асари Ибни Арабшоҳ монанд дониста, аз ҷумла, чунин қайд мекунад: «Шояд битавон сафарномаи ӯро аз як назар шабеҳи китоби «Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ донист. Чаро ки ӯ низ дар ҷавонӣ дар Димишқ ба асорат даромада ва ба Самарқанд бурда шуд ва дар китоби худ фаҷоеъи Темурро бемуҳобо бармало намуд» [23, с. 192].

Академик В. В. Бартолд бар ин назар аст, ки ҳикояҳои соддалавҳонаи Иоганн Шилтбергер барои омӯзиши рӯйдодҳои сиёсии солҳое, ки тасвир шудаанд, қариб ҳеҷ маъное надоранд, аммо дар онҳо бисёр чизҳои арзишманд ва ҷолибро метавон дарёфт кард [3, с. 280-281].

Асари Иоганн Шилтбергер диққати муҳаққиқон ва ховаршиносонро низ ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, доир ба баъзе паҳлуҳои ин асар пажӯҳишгарон В. В. Бартольд [3, с. 280-281], М. А. Полиевктов [14, с. 172-173], Ҳусайни Мирҷаъфарӣ [23, с. 190-192], Г. Н. Турсунова [20, с. 192], Қ. Расулиён [16, с. 165-168], Ш. Мирзоев [11, с. 171] фикру мулоҳизоти хешро баён намудаанд.

Мутаассифона, баъзе аз факту далелҳо, аз қабили номҳои шаҳру деҳот ва ашхоси алоҳида, ки Шилтбергер дар асараш тасвир кардааст, чандон саҳеҳ нестанд. Аммо ин наметавонад бартарият ё арзиши асарро коҳиш диҳад.

Сайёҳ ва таърихнависи немис Иоганн Шилтбергер дар рисолаи худ чунин менигорад, ки “Темур ҳангоми муҳосираи Исфаҳон ба мардум, ба шарти он ки ба ӯ 12 ҳазор тирандоз бидиҳанд, сулҳ мебандад. Ҷанговарон ба назди ӯ фиристода шуданд, аммо вай фармуд то нарангӯшти ҳар кадоми аз ононро бурида, ба шаҳр бозпас фиристоданд” [27, с. 28-29].

Инчунин ахборе, ки Шилтбергер дар асараш дар бораи ба тариқи ваҳшиёна кушта шудани кӯдакони бегуноҳ аз ҷониби Темурланг дар Исфаҳон баён мекунад, хеле муҳим буда, дар дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр бо истиснои Ибни Арабшоҳ мавҷуд нест.

Аз ҷумла, Шилтбергер дар асари худ «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427» дар фасли «Чӣ тавр Темурланг ба марги кӯдакон фармон дод» чунин тасвир намудааст: «Бошандагони шаҳрро гирд оварда, фармуд то ҳар ки бештар аз 14 сол дошт, ба қатл расонида шавад. Ва аз хуни кӯдакони аз яксола пойин даргузашт. Пас фармуд то занону кӯдаконро ба саҳро ронанд ва он ҷо кӯдакони аз ҳафтсола пойинро ҷудо сохт. Ва баъд аз ин ба ҷанговаронаш фармуд, ки кӯдаконро поймоли аспҳои худ созанд. Мушовирони хоссаи Темур ва модарони ин кӯдакон дар пеши пойи ӯ афтоданд ва илтиҷо намуданд, ки ба кӯдакон раҳм кунад. Ӯ гӯш надод ва фармони худро такрор кард. Вале ягон тан аз лашкариёни ӯ ба иҷрои фармон майл накарданд. Темур ба онҳо хашм гирифта, худ аспро бар рӯи кӯдакон ронд. Пас ҷанговарон маҷбур шуданд, ки аз ӯ пайравӣ намуда, кӯдаконро поймоли наъли аспони худ кунанд. Тамоми кӯдакони поймолшуда ба ҳафт ҳазор кас дар шумор омад» [27, с. 29].

Бино ба ахбори муаллифи «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон» ин ҳодиса рӯзи душанбеи 5 моҳи зулқайдаи соли 789/17ноябри соли 1387 рӯй дода буд [5, с. 30]. Аммо муаллифи «Зафарнома» менависад, ки ин ҳодиса рӯзи душанбеи 6 моҳи зулқайдаи соли 789/ 18ноябри соли 1387 ба амал омад [25, с. 314]. Аз таҳлил ва муқоисаи ин санаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ахбори Ғиёсуддини Алӣ ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат менамояд, зеро ин муаллиф шоҳид ва иштирокчии ин воқеаҳо буд.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки ин ахбори Шилтбергер доир ба тариқи ваҳшиёна аз ҷониби Темурланг кушта шудани кӯдакон ба ахбори муаррихи араб Ибни Арабшоҳ шабоҳат дорад. Мавриди қайд аст, ки бори нахуст буд, ки лашкариёни Темурланг аз фармони ӯ, яъне аз болои кӯдакон асп тохтан, даст кашиданд. Вақте ки фармонаш аз ҷониби лашкариёнаш иҷро нагардид, худи ӯ ба амсоли дарандае, ба болои кӯдакони хурдсол асп тохт. Сипас лашкариён аз тарси ҷон, аз ночорӣ ба болои кӯдакон тохтутоз карданд. Шахсе аз мардуми Исфаҳон аз амирони Темурланг хоҳиш кард, ки пеши роҳи хунрезиро гиранд. Маслиҳат дар он диданд, ки кӯдаконро ба баландие ҷой диҳанд, шояд дар дили ин золим раҳму шафқате пайдо шавад, то ки аз куштани онҳо худдорӣ кунад. Аммо ин ҳама кӯшишҳо бефоида буд.

Ҷузъиёти ваҳшониятҳои содиркардаи Темурланги ноқисулақлро ҳангоми ҳуҷумаш ба Исфаҳон Ибни Арабшоҳ дар асари «Зиндагии шигифтовари Темур» («Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур») дар фасли «Ҳаводиси замон ҳангоми вуруди Темур ба Исфаҳон», нисбати кӯдакон чунин тасвир кардааст: «Темур пурсид: «Ин нагунбахтони хокнишин кистанд?». Дар ҷавоб гуфтанд: Кӯдаконе бенавоянд, падаронашон ба теғи ҳалок кушта ва шамшери амир ба

хуни хешовандону бузургонашон рангин гаштааст! Инак, ин ятимони парешон ва забунони нобасомон аз ту он хоҳанд, ки ба чашми шафқат бад-эшон нигарӣ ва аз бозмондагони онон даргузарӣ». Темур лаб ба хитоб накушуд ва ҷавобе нагуфт. Асп бад-он сӯй ронд…кӯдаконро бо суми аспон кӯфтанд…ва дар зери пой бо хоки роҳ яксон намуданд» [8, с. 41]. Бояд тазаккур дод, ки маҳз ин се ахборро И. Шилтбергер бехабар аз ахбори Ибни Арабшоҳ тасдиқ мекунад. Ҳамзамон, ин ду муаррих, ки асири Темур буданд, воқеияти ҳолро дар навишти рисолаҳои худ барасоси ахбори дар байни мардум интишорёфта ва мушоҳидаҳои худ такя кардаанд.

Аз ҷумла, нисбати бераҳмӣ ва куштори кӯдакон Карл Маркс (1818-1883) ба шахсияти Темур баҳо дода, чунин қайд мекунад, ки «сиёсати Темур аз он иборат аст, ки ҳазорон мардони бегуноҳ, занону духтарони ҷавони беозору кӯдакони ширхорро сар бурида, мехост дар ҷаҳон якто бошад» [10, с. 185].

Бино ба иттилои Шилтбергер Темурланг гӯё ҳангоми лашкаркашӣ ба Хитой бо худ 800 ҳазор нафар лашкар дошт [27, с. 29]. Бояд гуфт, ки афсари олмонӣ Шилтбергер дар теъдоди лашкариёни Темурланг муболиға мекунанд, зеро сарчашмаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки теъдоди лашкариёни ӯ аз 200 ҳазор беш набуд. Муаррихи дарбори Темурланг Шарафуддин Алии Яздӣ менависад, ки «…аз Мовароуннаҳр, Туркистон, Хоразм, Балх, Бадахшон, Хуросон, Систон, Мозандарон, Қум ва қавми тотор, ки эшонро бо кӯч аз Рум нақл кардаанд ва хонакӯч Эронзамин, ки аз Озарбойҷон ва Ироқ оварданд, дувист ҳазор савору пиёда…ҷамъ мешавад» [26, с. 450; 2, с. 13; 28, с. 37].

Бояд гуфт, ки Мирхонд низ дар асари худ он маълумоте, ки Шарафуддин Алии Яздӣ аз он минтақаҳое, ки бояд ба ҷанг сафарбар карда мешуданд, бо теъдоди лашкариён айнан номбар кардааст. Аз ин бармеояд, ки Мирхонд ин матнро айнан аз «Зафарнома»-и Шарафуддини Алии Яздӣ кӯчонидааст [12, с. 480]. Аз рӯйи ахбори ҳамин манбаъ теъдоди лашкариёни Темурланг сесаду ҳаштод ҳазору дувоздаҳ нафар савору пиёда буд [12, с. 481]. Бояд тазаккур дод, ки ахбори Мирхонд дар ин самт, дар муқоиса ба ахбори Шилтбергер ва Шарафуддини Алии Яздӣ ба ҳақиқат наздиктар мебошад.

Инчунин Шилтбергер қайд мекунад, ки Темурланг ҳангоми лашкаркашиаш ба Хитой баъд аз як моҳ дар биёбоне қарор мегирад. Вай баъд аз даҳ рӯз маҷбур шуд, ки ин биёбонро тарк карда, рӯ ба Самарқанд биёрад. Дар ин биёбон тибқи иттилои Шилтбергер Темурланг аз сармои шадид як қисми лашкариён ва чорпоёни худро аз даст додааст. Аз чӣбошад, ки Шилтбергер дар рисолаи худ аз мавзеи Утрор, ки Темурланг дар он ҷо чиҳил рӯз қарор дошт ва маҳз дар ҳамин мавзеъ вафот кард, умуман ном намебарад.

Ҳамзамон, Шилтбергер аз фавти Темурланг дар Утрор маълумоте надодааст, ҳоло он ки ин афсари олмонӣ ҳангоми ҷасади Темурлангро аз Утрор ба Самарқанд интиқол додан ва дар мавзеи «Гӯри Мир» дафн шуданаш дар Самарқанд қарор дошт. Инчунин, омили асосии бозгашти Темурро аз Утрор ба Самарқанд гӯё дар бемории ӯ нишон додааст. Ин ҷо навиштаи Шилтбергер чандон саҳеҳ нест.

Роҷеъ ба фавти Темурланг сайёҳи немис Шилтбергер чунин зикр мекунад: Аввал Темурланг аз он малол гардид, ки ноиби ӯ хироҷашро дӯздӣ кардааст. Дувум яке аз занҳои хурдии Темурланг, ки бисёр дӯсташ медошт дар набудани ӯ бо яке аз наздиконаш робитаи маҳрамона дошт. Темурланг аз ин воқеа огаҳ шуда фармон дод, то ки ӯро ба қатл расонанд. Ин ду чиз боиси марги Темурланг гардид [27, с. 30]. Бояд тазаккур дод, ки маълумоти Шилтбергер дар бораи дӯздии хироҷи ӯ аз ҷониби ноибаш ва ҳамзамон хиёнати яке аз занҳои хурди ӯ, ки боиси фавти Темурланг гардида бошад, дар дигар сарчашмаҳо аз ин воқеаҳомаълумоте мавҷуд нест.

Бино ба иттилои манбаъҳо Темурланг дер боз орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани мулки Хитойро дошт. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ғорату куштор яке аз воситаҳои асосии рӯзгузаронии лашкариёни Темур ва худи ӯ буд. Азбаски дар Мовароуннаҳру Хуросон ва минтақаҳое, ки дар зери тасарруфаш буд, дигар ҷои ғорат мекардагӣ намонда буд, маҳз ба ҳамин хотир, ин пири фартут бо лашкари дусадҳазора рӯ ба сӯйи Чин ниҳод. Гарчанде ки синну соли ин ҷоҳил ҳангоми лашкаркашӣ ба Хитой, ба ҷое расида буд. Аммо ба пирию фартутии худ нигоҳ накарда, ҳирси ба даст овардани боигариву сарват ӯро водор сохт, ки 27 ноябри соли 1404 аз Самарқанд берун шавад. Қадами шуми номубораки Темурланг 14 январи соли 1405 ба Утрор расид. Дар ин ҳангом дар Утрор зимистони қаҳратун ҳукмфармо

буд, шиддати сармо ба дараҷае буд, ки бисёре аз лашкариён ва чаҳорпоён дар он роҳҳо талаф шуданд ва даст, пой ва биниибисёре аз онҳоро сармо зад.

Бояд тазаккур дод, ки «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-иИбни Арабшоҳ, «Зубдату-т-таворих»-и Ҳофизи Абрӯ ва «Ҳабиб-с-сияр»-и Хондамир асарҳое ҳастанд, ки дар онҳо муаллифон воқеаи ба тариқи даҳшатнок ҷон додани Темурро бо тамоми ҷузъиёташ тасвир кардаанд [8; 22, с. 533-534; 24, с. 1032-33-34].

Темур пас аз ҷонканиҳои зиёде 18 феврали соли 1405 дар мавзеи Утрор вафот кард. Ибни Арабшоҳ рӯзи вафоти ӯро чунин баён мекунад: «Ин воқеа дар шаби чаҳоршанбеи ҳафдаҳуми шаъбони соли 807 буд, ки Худои таъоло ба раҳмати худ бедоде чунон аз бандагонаш баргирифт…» [8, с. 188; 21, с. 1013].

Ҳофизи Абрӯ ва Ибни Арабшоҳ беморӣ ва марги Темурлангро аз асари истеъмоли аз ҳад зиёди шароб тасвир кардаанд.

Шилтбергер дар ҷойи дигар аз ҳодисаи тааҷҷубоваре иттилоъ медиҳад, ки дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ вонамехӯрад. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки: «…тааҷҷубовар аст, ки рӯҳониёне, ки дар маъбад буданд, тамоми сол нолаи ӯро (Темурлангро) шабона мешуниданд» [27, с. 30]. Наздиконаш умед доштанд, ки шояд ба камбағалон садақа диҳанд, бо ҳамин доду фарёдҳо хотима ёбад. Сипас рӯҳониён пас аз машварат, аз писараш Шоҳрух хоҳиш карданд, ки асиронеро, ки падараш Темурланг аз кишварҳои гуногун асосан ба Самарқанд оварда буд, ба ватанашон раҳо кунад. Тибқи ахбори ҳамин манбаъ «Ҳамаи онҳо дар ҳақиқат озод шуданд ва доду фарёд фавран қатъ шуд» [27, с. 31]. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки чунин ахбор дар дигар манбаъ ва сарчашмаҳои таърихии ин давра ба чашм намерасад. Лекин бояд гуфт, ки фармони Шоҳрух дар таърихи 5 ҷумодиулаввал 814/ 25 августи 1411 баромад ва ба тамоми асироне, ки дар замони Темурланг ба Самарқанд оварда шуда буданд, иҷозаи бозгашт ба ватанашон дода шуд [19, с. 125-126; 7, с. 157]. Бояд тазаккур дод, ки матни фармони раҳо намудани асиронро муаллифи асари «Таърихи тоҷи Салмонӣ» ё («Зайли «Зафарнома») Тоҷуддини Салмонӣ, ки дар зебогии ҳусни хат беназирбуд ва дар девони Улуғбек фаъолият мекард, навишта буд.

Инчунин, Шилтбергер қайд мекунад, ки аз Темурланг ду писар Шоҳрух ва Мироншоҳ боқӣ монд. Шояд манзури Шилтбергер он бошад, ки пас аз фавти Темурланг ин ду фарзандаш дар қайди ҳаёт буданд, зеро ҳанӯз дар қайди ҳаёт будани Темурланг ду писари дигараш Ҷаҳонгир (1356-1376) ва Умаршайх (1356-1394) фавтида буданд.

Ҳамзамон, Шилтбергер дар рисолаи худ дар бораи Мироншоҳ, ки фарзанди сеюми Темурлангба ҳисоб мерафт ва яке аз золимтарин, хунхортарин ва бераҳмтарин дар баробари падараш қарор дошт, маълумот додааст. Мироншоҳ дар аксари лашкаркашиҳову хунрезиҳои падараш ширкат доштааст. Ӯ дар синни чаҳордаҳсолагӣ ба ҳукумати Хуросон таъйин шуд. Дар ин иртибот Низомуддини Шомӣ дар «Зафарнома» дар боби «Зикри тафвизи иёлати мамлакати Хуросон бо амирзода Амироншоҳ халадат давлатаҳу»-ро ба Хуросон менависад: «Дар соли ҳафтсаду ҳаштоду (1380-1381) … амирзода Амироншоҳро…бо панҷоҳ қӯшун… ба ҷониби Хуросон равона фармуд» [13, с. 81; 25, с. 225].

Ва дертар Мироншоҳ ба ҳукумати Озарбойҷон ва Ироқи Араб қарор гирифт. Руи Гонсалес де Клавихо Мироншоҳро бо чашми сар дидааст ва дар бораи ӯ чунин маълумот медиҳад: «Мироншоҳ чил сол дошта, фарбеҳу қоматбаланд аст ва аз бемории дарди мафосил азият мекашад» [17, с. 106; 6, с. 587]. Бояд гуфт, ки Мироншоҳ соли 1396, ҳангоми шикор аз асп афтида, сараш осеби ҷиддӣ дид. Ӯ дигар ба корҳои давлатдорӣ машғул набуд ва аз худ вайрониҳои зиёде мерос гузошт.

Аз ин пас, писарони ӯ Умар мирзо, Абубакр мирзо ба ҷойи падари худ ҳукумат мекарданд. Баъд аз фавти Темурланг Қара Юсуфи туркман (1405-1420) мулкҳои аздастрафтаи худро аз нав ба даст оварда. 14 ноябри соли 1406 Мироншоҳ бо ҳамроҳии писараш Абубакр ба муқобили Қара Юсуфи туркманвориди ҷанг шуданд ва талош карданд, ки мулкҳои аздастрафтаи темуриёнро аз Қара Юсуф бозпас баргардонанд, аммо дучори шикаст шуданд.

Абубакр соли 1408 бори дигар бар зидди Қара Юсуф ҳамла кард, вале ин дафъа низ ӯ дучори шикаст шуд ва Мироншоҳ дар ин набард кушта шуд. Мироншоҳ дар Озарбойҷон аз дасти Қара Юсуфи туркман, ки солҳои 810/1407-1408 бо ӯҷанг карда буд, кушта шуд. Ё ривояти дигар вуҷуд дорад, кигӯё 14-уми рамазони соли 809 (22 феврали соли 1407), пас аз чанде бақоёи ҷасадиӯро аз Озарбойҷон як нафар Шамси Ғӯрӣ ба Моваруннаҳр оварда, дар

Шаҳрисабз ба хок супориданд. Дар ин бора дар санги қабраш иттилооте нест [1, с. 84; 12, с. 559; 18, с. 53]. Тибқи иттилои академик В. В. Бартолд дар бораи интиқоли минбаъдаи ҷасади ӯаз Шаҳрисабз ба Самарқанд маълумоте нест [4, с. 452]. Дар ин бора дар катибаи санги мазор низ иттилооте дода нашудааст.

Ҳамзамон, оид ба ваҳшониятҳои Мироншоҳ дар мақолаи таърихшинос Ҳамза Камол «Мироншоҳ нусхае аз Темурланг» [9], ки бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ мавриди баҳс қарор додааст, маълумотҳои муфассал гирд оварда шудааст.

Инчунин, Умар бо дасти бародари худ Абубакр кушта ва Абубакр бошад соли 1408 аз ҷониби волии Кирмон Эдку дар майдони ҷанг ба қатл мерасад. [8, с. 194; 24, с. 2]. Бояд тазаккур дод, ки Шилтбергер тӯли чор сол (1404-1408) дар асирии Абубакр қарор дошт.

Ҳамин тавр, дар баробари дигар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XIV-XV «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427»-и Иоганн Шилтбергер низ аз манобеи муҳимми таърихӣ, бавижа дар равшан сохтани ваҳшониятҳои Темурланг ва сулолаи Қароқуюнлу яке аз маъхази нодир ба шумор меравад.

Адабиёт

1. *Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн. -Ҷ. 3. китоби 2. Ба эҳтимоми Абулҳусайни Навоӣ. -Теҳрон, 1383. - 602 с.*
2. *Ахмедов Б. А. Улугбек и политическая жизнь Мавераннахра первой половине XV в. /В кн: Из истории эпохи Улугбека. - Ташкент, 1965. - С. 13.*
3. *Бартольд В. В. История изучения Востока в Европе и России. -Соч. М., 1977, т. IX., С. 280-281.*
4. *Бартолд В. В. О погребении Тимура. //Соч. Т. II. -Ч. 2. -М.: Наука, 1964. - С. 452.*
5. *Ғиёсуддин Алӣ. Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон. Петроград. Типография Императорской академии наук. 1915. - 227 с.*
6. *Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкирату-ш-шуаро. Муқаддима, тасҳеҳ ва тавзеҳи дуктур Фотима Алоқа. Теҳрон, 1385. 1201 с.*
7. *Додхудоева Л. Материалы по социально-политической истории Центральной Азии VIII-нач. XVI вв. - Душанбе, 2011. - С. 157.*
8. *Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур). Тарҷума ба форсӣ. Муҳаммад Алии Наҷотӣ. -Теҳрон, 1381. - 289 с.*
9. *Камол Ҳ. Мироншоҳ нусхае аз Темурланг//Зиндагӣ. -2005. -17 феврал, 24. -феврал.*
10. *Маркс К. Архив Маркса и Энгельса. т. 6-М., 1959. С. 185.*
11. *Мирзоев Ш. Таҳлили муқоисавии ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV-и Моваруннаҳру Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ. Рисолаи номзадӣ. -Душанбе, 2022. -171 с.*
12. *Мирхонд. Равзату-с-сафо. Таҳзиб ва талхис аз дуктур Аббоси Зарёб. -Ҷилди 6, 480 с.*
13. *Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Ба сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Феликс Тауэр. Бейрут, 1937. -295 с.*
14. *Полиевктов М. А. Европейские путешественники XIII-XVIII вв. по Кавказу. -Тифлис, 1935, 173 с.*
15. *Путешествие Ивана Шильтберга по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год. Пер. с нем. Ф. Брун. -Зап. Имп. Новороссийского ун-та, год I . -Одесса, 1867.*
16. *Расулиён Қ. Андар шинохти чеҳраи воқеии Темурланг//Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - №5 (88), 2020. -С. 165-168.*
17. *Руи Гонсалес де Клавихо. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд. Душанбе: «Эр-граф», 2016. 287 с.*
18. *Семёнов А. А. Надписи на надгробиях Тимура и его потомков в Гур-и Эмире//Эпиграфика Востока, III, Москва-Ленинград, 1949, С. 53.*
19. *Таърихнигори дар Эрон /Тарҷума ва таълифи Яқуби Ожанд Теҳрон, 1388. С. 125-126.*
20. *Турсунова Г. Н. Амир Темур. Основные этапы деятельности (1336-1405 гг)-Хуҷанд: Хуросон. -2006. - 192 с.*
21. *Фасеҳи Хавофӣ. Муҷмалу-т-таворих. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Саид Муҳсин Ноҷӣ Насрободӣ. - Теҳрон. -1386. -1472 с.*
22. *Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. -Ҷ. 3. -Теҳрон, 1353. - 641 с.*
23. *Ҳусайни Мирҷаъфарӣ. Таърихитаҳаввулотисиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Эрон дар давраи Темуриён ва Туркманон. - Теҳрон, 1388. - 381 с.*
24. *Ҳофизи Абрӯ. Зубдату-т-таворих. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Сайид Камол Ҳоҷӣ Сайиди Ҷаводӣ-Теҳрон, 1380. Ҷ. 3. -600 с.*
25. *Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Ҷилди аввал. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммади Аббосӣ, Теҳрон, 1336. 583 с.*
26. *Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Аббос. Ҷ. II. Теҳрон, 1336. 543 с.*
27. *Шильтбергер Иоганн. Путешествие по Европе, Азии и Африке с 1394 года по 1427 год. Перевод со старонемецского Ф. К. Бруна. Издание, редакция и примечания академика АН Азерб. ССР. З. М. Буниятова. Элм. -Боку, 1984. -86 с.*
28. *Якубовский А. Тамерлан. Эпоха, личность, деяния /А. Ю. Якубовский-Москва: Груш. 1992. -С. 37.*

АХБОРИ ИОГАНН ШИЛТБЕРГЕР ДАР БОРАИ ВАҲШОНИЯТҲОИ ТЕМУРЛАНГ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳру музофотҳои Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ибтидои асри XV-и аҳди Темур ва Темуриён дар асари «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427»-и Иоганн Шилтбергер сухан меравад. Муаллиф менависад, ки дар баробари дигар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XIV-XV «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427»-и Иоганн Шилтбергер низ аз манобеи муҳими таърихӣ, бавижа дар равшан сохтани таърихи салтанати Темуру Темуриён ҳамчун мадраки хаттӣ маҳсуб ёфта, аз маъхазҳои нодир ба шумор меравад. Муаллиф таҳлили муқоисавии ахбори Иоганн Шилтбергерро бо маълумоти дигар муаллифони асримиёнагӣ низ анҷом додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи баррасишаванда ба асирии Темурланг, Абубакр ва Шоҳрух гирифтор шудани Иоганн Шилтбергер, маҳз он ваҳшоният, ки Темурланг ҳангоми лашкаркаши ба Исфаҳон, нисбати кӯдакони бегуноҳ содир кард, лашкаркашии Абубакр ва Мироншоҳ бар зидди Қара Юсуф ва шикасти онҳо аз ҷониби дуюмин ва кушта шудани Мироншоҳ дар майдони набард, фармони Шоҳрух дар бораи раҳо намудани асирони Самарқанд маълумот дода шудааст.

Калидвожаҳо: Иоганн Шилтбергер, Темурланг, Шоҳрух, Мироншоҳ, Абубакр, Қаро Юсуф, Улуғбек, Исфаҳон, Самарқанд, маъхаз, вазъи сиёсӣ.

РАССКАЗ ИОГАННА ШИЛЬТБЕРГЕРА О ЗЛОДЕЯНИЯХ ТЕМУРЛАНГА

В данной статье рассматривается политическое, социальное и культурное положение городов и провинций Восточного Хорасана во второй половине XIV и начале XV века в период правления Темура и темурцев, как описано в произведении "Путешествие в Европу. Азия и Африка с 1394 по 1427 год" Иоганна Шильтбергера. Автор пишет, что наряду с другими письменными источниками XIV-XV веков "Путешествие по Европе, Азии и Африке с 1394 по 1427 год" Иоганна Шильтбергера также считается важным историческим источником, особенно в плане выяснения истории Темурийского царства, и рассматривается как письменный документ, который является одним из редких источников. Автор также проводит сравнительный анализ известий Иоганна Шильтбергера с данными других средневековых авторов. Автор указывает, что в рассматриваемый период описываются захваты Темурланга, Абубакра и Шахруха, а также жестокости, совершенные ими в отношении невинных детей во время своего похода на Исфахан, поход Абубакра и Мирон Шаха против Кара Юсуфа и их поражение, а также приказ Шахруха освободить пленников Самарканда.

Ключевые слова: Иоганн Шильтбергер, Темурланг, Шахрух, Мирон Шах, Абу Бакр, Кара Юсуф, Улугбек, Исфахан, Самарканд, источник, политическая ситуация.

THE ACCOUNT OF JOHANN SCHILTBERGER ABOUT THE ATROCITIES OF TIMUR

This article deals with political, social, and cultural situation of the cities and provinces of Eastern Khurasan in the second half of the 14th and early 15th centuries during the rule of Timur and the Timurids, as described in Johann Schiltberger's work "Journey to Europe, Asia, and Africa from 1394 to 1427. " The author states that alongside other written sources from the 14th and 15th centuries, Johann Schiltberger's "Journey to Europe, Asia, and Africa from 1394 to 1427" is considered an important historical source, especially for understanding the history of the Timurid Empire, and is regarded as a written document that is one of the rare sources available. The author also conducts a comparative analysis of Johann Schiltberger's accounts with information from other medieval authors. The author notes that during the period under consideration, the narrative includes Timur's conquests, as well as the atrocities committed by him, Abubakr, and Shah Rukh, including the cruelty they showed towards innocent children during their campaign to Isfahan, the campaign of Abubakr and Miron Shah against Kara Yusuf and their defeat, and Shah Rukh's order to release the captives of Samarkand.

Keywords: Johann Schiltberger, Temurlang, Shahrukh, Miron Shah, Abu Bakr, Kara Yusuf, Ulugbek, Isfahan, Samarkand, source, political situation.

Дар бораи муаллиф

Муродзода Аҳмадхон Амрохон
Номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 81 81 86

Об авторе

Муродзода Ахмадхон Амрохон
Кандидат исторических наук, доцент
кафедры история таджикского народа
Таджикский государственный педагогический
университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 81 81 86

About the author

Murodzoda Ahmadkhon Amrokhon
Candidate of History, Associate Professor of the Department of History of the Tajik people
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 81 81 86

ТДУ 327:339(575.3)

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МИНТАҚАВӢ (ДАР МИСОЛИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ)

Иброгимова Г. С., Умаров А. Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар таърих ва назарияи муносибатҳои байналмилалӣ дар радифи созмонҳои байналмилалӣ, созмонҳои минтақавии дорои хусусияти иқтисодидошта мавҷуд ҳастанд, ки онҳо метавонанд ба таври ҷудогона дар самтҳои мухталиф, аз қабили сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра фаъолият намоянд. Аломати расмии созмонҳои минтақавӣ одатан мансубияти кишварҳои узвро бо як минтақаи ҷуғрофӣ муаррифӣ мекунад ва дар Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид низ масъалаҳое, ки хусусияти сиёсиву иқтисодӣ доранд ва бо мақсадҳо ва принсипҳои СММ мувофиқанд, махсусан қайд гардидаанд. Бо назардошти ин матлаб дар мақола кӯшиш менамоем, ки оид ба мавқеъ ва нақши яке аз ин гуна созмонҳои минтақавии хусусияти иқтисодидошта - Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (СҲИ) дар робита бо яке аз кишварҳои узви созмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ карда шавад.

Агар ба таърихи фаъолияти Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ назар афканем, маълум мегардад, ки он соли 1985 аз ҷониби Ҷумҳурии исломии Эрон, Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии исломии Покистон пас аз баста шудани Паймони Измир таъсис дода шудааст. Гарчанде аз соли 1964 то соли 1979 Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ бо номи Ҳамкории минтақавии рушд (ҲМР) фаъолият мекард.

Бояд зикр кард, ки пас аз хотима ёфтани Ҷанги Сард (пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ) тағйироти наве, ки дар назми ҷаҳонӣ ба миён омад, имконияти воридшавии кишварҳои дигари қитъаи Осиё, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Узбекистон, Туркманистон) Озарбойҷон, Афғонистонро ба Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ба миён оварад, ки он боиси рушду тавсеа ёфтани фаъолияти созмони мазкур гардид. Албатта, дигаргуниҳои нави ба миён омада дар СҲИ аз боло рафтани мавқеъ ва иқтидори созмони минтақавии дорои аҳаммияти хосси геостратегии иқтидори иқтисодӣ доштаи созмони мазкур дарак медиҳад. Зеро созмони СҲИ кишварҳои се зерминтақаи Осиё - Осиёи Марказӣ, Ғарбӣ ва Ҷанубиро дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳам пайванд месозад, ки он метавонад дар байни қораи Аврупо ва Осиё ба ҳайси як платсдарми муҳимми иқтисодӣ фаъолияти хешро боз ҳам тақвият бахшад [13, с. 108].

Бо шомил шудани кишварҳои нав ба СҲИ (Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Озарбойҷон, аз 28 ноябри соли 1992) дар шаҳри Исломободи Покистон иловаи Паймони Измир ба имзо расонида шуд ва ин рӯз ҳамчун Рӯзи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ эълон карда шуд. Дар ин замина, 4 сентябри соли 1996 дар Измир маросими имзои Шартномаи нави Измир – Оинномаи Созмон ва Созишнома дар бораи вазъи ҳуқуқии СҲИ бо иштироки вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви ин созмон баргузор гардид.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои асосие, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсиси созмон–Шартномаи Измир (Оинномаи СҲИ), Нақшаи рушди соҳаи нақлиёт дар Алмаато, Эъломияи Ашқобод, ки дар ҷаласаи ғайринавбатии сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои ИДМ ва ҳукуматҳои аъзои СҲИ оид ба рушди инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ ва шабакаи лӯлаҳои трансмиллӣ дар минтақаи СҲИ ва Стратегияҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ дар минтақаи СҲИ зикр гардида буд, аз рушди ҳамаҷонибаи иқтисоди бозории давлатҳои аъзо ва ҳамгироии босуръати онҳоро дар ҷаҳони муосир гувоҳӣ медиҳад.

Дар робита бо масъалаи ҳадафҳо ва вазифаҳои асосие, ки дар муносибат миёни кишварҳои узви СҲИ сурат гирифтааст, гуфтан мумкин аст, ки дар маҷмуъ дар чаҳорчӯби созмони мазкур беш аз 14 нишаст доир карда шудааст, ки нахустини он дар Теҳрон 16-17 феврали соли 1992, дуюм дар Истанбул 5-7 июли 1993; сеюм дар Исломобод 13-15 марти соли 1995, чорум дар Ашқобод 13-14 майи соли 1996, панҷум дар Алмаато 10-11 майи соли 1998, шашум дар Теҳрон 20 июни соли 2000 ва нахуст нишасти ғайринавбатии фавкулоддаи

СҲИ 14-уми майи соли 1997 дар Ашқобод, ҳафтумин дар Истамбул 14 октябри соли 2002, 8-умин ҷаласаи сарони кишварҳо узви СҲИ 14 сентябри соли 2004 дар Душанбе, 9-умин нишасти он дар Боку, 10-умин дар Теҳрон ва ғайра доир гардидааст [12, с. 67-69].

Дар зимн бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми шомил шудан ба СҲИ дар мадди аввал лозим донист дар чаҳорчӯби ин созмон масъалаҳои эҷоди як низоми боэътимоди нақлиёту транзит, осон кардани расмиёти тиҷорат, ҳавасманд гардонии савдои сарҳадӣ, истифодаи самараноки об ва захираҳои энергетикӣ, ба вуҷуд овардани низоми ягонаи энергетикӣ, ҳаракати озоди меҳнат ва мол, инчунин, ба вуҷуд овардани фазои ягонаи иқтисодиро ҳалу фасл намояд, ки он ба ҳадафҳои сиёсати бунёдкорона ва созандае, ки Ҳукумати Тоҷикистон дар самти дигаргунсозии иҷтимоию иқтисодии кишвар эълон намуд, мутобиқ ба принсипҳои сиёсати «дарҳои боз», ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2003 пеш гирифтааст, ҷавобгу мебошад.

Тавре муҳаққиқи тоҷик Солиев Х. Х. қайд мекунад «Аз ибтидои соли 1995 Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамроҳ шудан ба СҲИ омодагии ҷиддӣ гирифта, ҳайати намояндагии кишвар таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кори Ҳамоиши умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ки 12 марти соли 1995 дар Копенгаген баргузор гардида буд ва ҷаласаи сеюми сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки аз 14 то 15 марти соли 1995 дар Исломобод баргузор гардид, ширкат варзид [15, с. 18].

Ҳамзамон, мутобиқ ба гузориши Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ибтидои соли 2002 дар доираи СҲИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шартномаи Измир, Созишнома дар бораи тиҷорати транзитӣ дар минтақаи СҲИ, Созишнома дар чаҳорчӯбаи СҲИ, дар бораи ҳамлу нақли транзитӣ, Созишномаи тиҷорати СҲИ, Оинномаи Пажӯҳишгоҳи фарҳангии СҲИ, Оинномаи Бунёди илмии СҲИ ва Оинномаи Институти маорифи СҲИ аз 28 сентябри соли 1993 дар СММ, инчунин, бо СҲИ ва зиёда аз 34 созишномаҳои гуногун ва ҷаласаҳои дорои хусусияти иҷтимою иқтисодӣ ба имзо расонида шуд [8, с. 14].

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз марҳалаи муҳим дар таърихи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ҷаласаи 8-уми кишварҳои аъзо маҳсуб меёбад, ки он дар таърихи 14 сентябри соли 2004 дар ш. Душанбе доир гардида буд. Намонядагони ҳайатҳо дар ин ҳамоиш аҳаммияти ҳамкориҳои устувори кишварҳои узви созмонро дар тамоми самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ таъкид намуда, аз рушди минбаъдаи ҳамкориҳо ҷиҳати ноил шудан ба пешрафти иқтисодии минтақа ва ҳамгироии босамар ба низоми иқтисодӣ дар ҷаҳонро ҷонибдорӣ намуданд. Ҳамзамон, дар ин нишаст аз ҷониби роҳбарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ Эъломияи Душанбе ба тасвиб расонида шуд.

Бо таваҷҷуҳ ба масъалаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ бояд зикр кард, ки дар чаҳорчӯби ин созмон 28 мулоқот дар сатҳи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои мазкур баргузор шудааст, ки ин аз рушду тавсеаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ дарак медиҳад.

Дар воқеъ, бо мустаҳкам гардидани раванди сулҳ дар кишвар роҳбарияти ҳукумати Тоҷикистон диққати худро барои бартараф кардани мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ равона намуд. Акнун дар назди мо вазифа гузошта мешавад, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар имкониятҳои макроиқтисодиро суръат бахшем [17, с. 27, 29].

Гуфтан мумкин аст, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин созмони сатҳи баланди иқтисодии минтақавӣ (СҲИ) пайваста дар рушду такомул аст. Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ сиёсати худро барои таъмини рушди бемайлони иқтисодиёт, таъмини пешрафти ҳамаҷониба ба рушди муосири иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ равона сохт. Дар заминаи ҳамкориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯби СҲИ, Созишномаи тиҷорати транзитӣ, Созишнома оид ба ҳамлу нақли транзитӣ дар минтақаи СҲИ, Созишномаи тиҷоратӣ, Созишномаҳои тиҷоратию иқтисодӣ барои солҳои 2016–2021, ки барои рушди тиҷорат ҳамчун омили асосии ҳамкориҳои минтақавӣ муҳим мебашад, ба имзо расонидааст [17, с. 42].

Яке аз ҷанбаҳои дигари ҳамкориҳои кишварро бо СҲИ бахши нақлиёт ташкил медиҳад. Рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва тиҷоратии ҳар як минтақа бештар аз вазъи инфрасохтори нақлиётӣ вобастагии зич дорад. Нақшаи асосии рушди бахши нақлиёт дар минтақаи СҲИ аз Эъломияи Ишқоботи (Ашқобод) Саммити фавқулодаи СҲИ оид ба рушди инфрасохтори

нақлиёту коммуникатсионӣ ва шабакаи трансмиллии қубур дар минтақаи СҲИ, ки дар доираи он қабул шудааст, сарчашма мегирад.

Ҳадаф ва барномаҳои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки барои ҳамаи давлатҳои узв, якхел аст, аз ҷумла барои Тоҷикистон, ки ба баҳр роҳ надорад, ифтитоҳи 4-умин нишасти Ишқободи СҲИ (13 майи соли 1996) роҳи оҳани Транс-Осиёии Сарахс-Таҷан-Машҳад, ки Аврупо ва Осиёро бо роҳи кӯтоҳтарин пайваст мекунад, хело муҳим мебошад. Ин хат танҳо як қисми нақшаи асосии роҳи оҳани Транс-Осиёӣ маҳсуб меёбад, ки он барои густариши ҳамкориҳо дар бахши нақлиёт миёни кишварҳои узви СҲИ дониста мешавад.

Мавриди зикр аст, ки татбиқи ҳамкориҳо дар бахши нақлиёт аз тариқи роҳҳои нақлиётӣ боиси аз миён бардоштани монеаҳои ғайритарифӣ ва тадриҷан коҳиш додани тарифҳо мебошад, ки он метавонад савдои транзитӣ, ҳавасмандгардонии савдо дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва кам кардани хароҷоти ҳамлу нақли молу маҳсулотро дар саросари фазои СҲИ ба миён оварад.

Дуруст аст, ки кишварҳои узви ин созмон имкони ҳамкорӣ дар бунёди инфрасохтори ягонаи нақлиётиро бо дастрасӣ ба бозори хориҷӣ доранд, ки он дар шароити вусъат ёфтани алоқаҳои байналхалқии иқтисодӣ хеле муҳим мебошад. Зеро дар сурати мавҷуд набудани дастрасии мустақим ба бандарҳои баҳрӣ, таъсиси як долони нақлиётии муштарак барои кишварҳои Осиёи Марказӣ як такони бузурге барои таҳким бахшидани аҳамияти геополитикӣ ва тиҷоративу иқтисодии минтақа ва дар маҷмуъ барои аҳли саёра хоҳад гашт.

Яке аз самти дигари ҳамкориҳо миёни кишварҳои узви СҲИ-ро соҳаи энергетика дар бар мегирад, ки аз муҳимтарин самти ҳамкории минтақавӣ дар ҳалли масъалаҳои истифодаи ҳамаҷониба ва самараноки захираҳои обу энергетикӣ мебошад. Дар робита бо масъалаи мазкур Ҳукумати Тоҷикистон Консепсияи истифода ва ҳифзи захираҳои обро дар минтақа қабул кардааст, ки он барои анҷом додани сохтмони нерӯгоҳҳои Роғун ва Сангтӯда дар назар гирифта шудааст. Инчунин дар ин самт дар асоси Лоиҳаи Бонки Исломии Рушд пайвастшавӣ ва фаъолияти мунтазами системаҳои энергетикии минтақаи СҲИ ба роҳ монда шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти вазъи иқтисоди миллии кишвар ба густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои узви созмонро дар соҳаи саноат низ манфиатдор мебошад. Дар ин самт дар доираи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ Нақшаи амали кардани ҳамкориҳои саноатӣ қабул шудааст, ки дар он ҳамкориҳо дар самтҳои зерин: беҳбуди фазои сармоягузорӣ, стандартизатсия, беҳтар намудани сифати маҳсулот, рафъи монеаҳои техникӣ, мусоидат ба тиҷорат, рушди бахши хусусӣ, таъсиси корхонаҳои саноатии хурду миёна, интиқоли технология ва ғайра дар назар гирифта шудааст.

Бахши дигари ҳамкориҳои минтақавии кишварҳои аъзои СҲИ ин мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ташкил медиҳад. Аз соли 2009 сар карда, дар Котиботи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ як мақоми ҳамоҳангсози мубориза бо маводи мухаддир таъсис дода шудааст, ки дар доираи ҳамкории СҲИ бо дигар созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо Дафтари СММ оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ ва назорати маводи мухаддир корҳои назаррасе низ ба анҷом расонида шудааст.

Яке аз самти дигари ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СҲИ, ҳамкориҳо дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Рушду тавсеаи соҳаи кишоварзӣ як механизми муҳими мусоидат барои густариш ёфтани самти иқтисодӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт чандин вохӯриҳои роҳбарони сохторҳои марбутаи узви СҲИ доир карда шудааст. Аз ҷумла ду санади муҳим – Эъломияи Исломобод ва Анталия қабул гардидааст, ки аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзиро миёни кишварҳои аъзои созмон нишон медиҳад.

Бо мақсади нақшаи ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва дарозмуддат дар соҳаи кишоварзӣ аз соли 2018 Котиботи СҲИ бо дастгирии техникӣ ва молиявии Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид Барномаи минтақавии СҲИ-ро омода намудааст, ки он барои таҳким бахшидани рушди соҳаи кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ миёни кишварҳои узви созмон равона гардидааст.

Таҳлили вазъи муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ дар давраи солҳои 2015 – 2021 нишон медиҳад, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои узви СҲИ дар соҳаи телекоммуникатсия низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад. Барномаи инкишофи соҳаи телекоммуникация ва алоқаи почта яке аз бахши асосии фаъолияти якҷоя оид ба таъмини алоқаи муосири телекоммуникатсия дар минтақаро нишон медиҳад. Аз ин

ҷост, ки соли 2017 дар доираи СҲИ Нақшаи рушди соҳаи телекоммуникатсия ва алоқаи почта дар минтақа таҳия ва қабул гардидааст. Ҳуҷҷати мазкур самтҳои асосии кори муштаракро оид ба таъмини алоқаи муосири телекоммуникатсия, тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо, таъсиси корхонаҳои муштарак ва истеҳсоли таҷҳизоти телекоммуникатсиониро нишон медиҳад, ки амали шудани нақшаи мазкур барои ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами соҳаи телекоммуникатсия дар кишвар хеле муҳим мебошад.

Дар заминаи ин ҳамкорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёре аз кишварҳои узви созмони мазкур робитаҳои муштараки фарҳангӣ ва таърихӣ дорад ва таҳкими робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои узви СҲИ пайваста дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар қарор дорад. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки Тоҷикистон аз нахустин кишварҳои узви СҲИ аст, ки Оинномаи Пажӯҳишгоҳи фарҳангӣ ва Бунёди илмии СҲИ-ро пазируфта ба тасвиб расонидааст ва дар нишасти сарони кишварҳои аъзо, ки соли 2000 дар Теҳрон барои дар сатҳи нав баровардани ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ миёни кишварҳои аъзои созмон доир гардида буд, ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуд.

Дар асоси нишондодҳои дар боло зикр шуда метавон гуфт, ки раванди ҳамгироӣ дар ҳамкориҳо миёни СҲИ як падидаи мусбат буда, тавонистааст, ки кишварҳои дар сатҳи рушду такомули гуногунро бо ҳам наздик созад ва ҳамкориҳои гунгунҷанбаро рушду тавсеа бахшад. Бо дар назардошти чунин ҳолат агар ба раванди муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ назар афканем, маълум мегардад, ки асоси онро ба ҳам омадани манфиатҳо ва ҳамкориҳои бисёрҷонибаи судманди давлатҳои иштирокчии он ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз хеҷ ҷои шубҳа нест агар бигуем, ки ҳамгироии байнидавлатии иқтисодӣ вақте самаранокии худро пайдо мекунад, ки сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо боло ва унсурҳои этникию мазҳабӣ ва иҷтимоию фарҳангии тафаккури мардуми кишварҳои аъзо бо ҳам наздиктар бошанд. Пас маълум мешавад, ки пеш аз таъсиси иттиҳодияҳо монеаҳои тиҷоратии кишварҳои узв ҳар кадар баландтар бошад, эҳтимолияти ин иттиҳод дар ҳамон сатҳ ҳамон қадар боло рафта, боиси инкишофи савдои байни аъзоёни кишварҳои узви созмон мегардад ва ба кишвари сеюм онро тела нахоҳад дод.

Ба андешаи донишманди тоҷик С. Д. Комилов, ҳамгироии иқтисодӣ, маънои ба ҳам наздик шудани иқтисодҳои миллӣ дар заминаи савдои байниҳамдигарӣ, мубодилаи фарҳангӣ, истифодаи муштарак ва бештар самараноки захираҳои иқтисодӣ, махсусгардонӣ ва кооператсия, эҷодӣ, ҳаракати мақсадноки мол, меҳнат, сармоя ва дигар объектҳои ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳоро нишон медиҳад [9, с. 19].

Ҳамин тавр, фаъолияти Созмони ҳамкориҳои иқтисодро дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, ба чунин хулоса расид: а) бо назардошти тағйироти ба миён омада, (пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ) Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ба яке аз созмонҳои минтақавии дорои аҳаммияти махсуси геостратегӣ ва иқтидори бузурги иқтисодӣ дошта табдил ёфт; б) Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ яке аз калонтарин минтақаҳои макроиқтисодии ҷаҳонро дар бар гирифта, дар маркази Авруосиё қарор дорад, ки ба он тақрибан 350 миллион нафар аҳолӣ, шомил буда, дар майдони 8 миллион километри мураббаъ ҷой гирифтааст; в) Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ пайванди ягонаи се зерминтақаи Осиё - Осиёи Марказӣ, Ғарбӣ ва Ҷанубӣ ва байни қитъаи Аврупо ва Осиё мебошад; г) бо шомил шудани давлатҳои нави аъзо ба созмони мазкур, (28 ноябри соли 1992) намояндагони кишварҳои Афғонистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбакистон дар Исломобод Илова ба Шартномаи Измир имзо карда шуд (ин рӯз Рӯзи СҲИ эълон карда шуд) ва 4 сентябри соли 1996 дар Измир маросими имзои Шартномаи нави Измир - Оинномаи Созмон ва Созишнома дар бораи вазъи ҳуқуқии СҲИ аз ҷониби вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви ин созмон баргузор карда шуд, ки ин ҳама аз мақом ва нуфузи созмон ва кишварҳои узви он дар амали кардани нақша ва барномаҳои нав дар самти иқтисод, иҷтимоъ, илму фарҳанг ва ғ. гувоҳӣ медиҳад. д) онҷуноне аз таҷрибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ бармеояд, раванди таъсис ва тавсеа бахшидани субъектҳои иқтисодии минтақавӣ дар ҷаҳони муосир, ки бисёр кишварҳоро дар доираи як созмон бо ҳам меорад, аз тамоюлҳои пешқадами замони муосир буда, ба иштирокчиёни он манфиатҳои бештари иқтисодӣ дода метавонад. Инчунин раванди муайян кардани мавкеъ ва нақши ҳар кадоме аз кишварҳоро дар ҷаҳони имрӯз нишон медиҳад.

Адабиёт

1. *Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации: В 8 т. Т. 2. - Душанбе, 2006-2010.*
2. *Рахмонов Э. Для расширения всестороннего сотрудничества. Выступление на пятом саммите государств-членов Организации Экономического Сотрудничества. Алматы, 11 мая 1998 г. // Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации: В 11 т. – Душанбе, 2006.*
3. *Актуальные проблемы деятельности международных организаций. Теория ипрактика / Ответственный редактор Г. И. Морозов. - М.: Международные отношения, 1982. - 352 с.*
4. *Декларация о суверенитете Таджикской Советской Социалистической Республики 24 августа 1990 г. - Душанбе, 1990.*
5. *Дипломатия Таджикистана Информационный бюллетень №15/2006 Управление информации МИД РТ - Душанбе, 2006-2019 гг.*
6. *Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. //Под общей редакцией Хамрохона Зарифи). Серия: Внешняя политика Таджикистана. Душанбе: Ирфон, 2009. – 296 с.*
7. *Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана. - Душанбе, 2010. – 351 с.*
8. *Итоги экономического развития Республика Таджикистан. МТЭР РТ. 2007*
9. *Комилов С. Д. Соҳибкорӣ: Масъалаҳои рушд ва танзими давлатӣ. – Душанбе: Маркази таҳқиқоти стратегӣ, 2004.*
10. *Мансуров У. А. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с международными межправительственными организациями.:Дисс. канд. юридических наук, - Москва, 2008. – 214 с.*
11. *Министерства торговли и экономического развития Республика Таджикистан. Итоги экономической деятельности РТ. – Душанбе, 2022. С. 38.*
12. *Назаров Т. Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. – Душанбе, 2001. – 250 с.*
13. *Назриев Д., Сатторов И. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1995-и (хроника событии). - Душанбе, 2006. – С. 108*
14. *Сотрудничество Республики Таджикистан с Организацией экономического сотрудничества (ЭКО) // http://taigenconsul-eka. ru/soot/eco/ (Дата обращ. 14.09.2022).*
15. *СолиевХ. Х. Республика Таджикистан -15 лет независимого экономического развития. - Душанбе, 2007. – 551 с.*
16. *Сотрудничество Республики Таджикистан с Организацией экономичес кого сотрудничества (ЭКО)// http://taigenconsul-eka. ru/soot/eco/ (Дата обращ. 14.09.2022).*
17. *Хроника ЭКО. Специальный выпуск посольства РТ в Тегеране, 2021.*

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МИНТАҚАВӢ (ДАР МИСОЛИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ)

Дар мақола кайд карда мешавад, ки омӯзиши таърих ва назарияи муносибатхои байналхалқӣ нишон медиҳад, ки дар баробари созмонҳои универсалии байналхалқӣ созмонҳои минтақавии дорои хусусияти иқтисодӣ дошта аз ҳам фарқ мекунанд. Зеро аъзои онҳо давлатҳои як минтақаи муайяни ҷуғрофӣ мебошанд. Самтҳои фаъолияти чунин созмонҳо, масъалаҳое мебошанд, дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ: амниятӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо дида баромада мешаванд. Муаллифон дар ин замина ба масъалаҳои муҳимми ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва дигар ниҳодҳои марбут ба онро мавриди баррасӣ қарор дода, таҷрибаи ҳамкориҳо бо СҲИ-ро таҳқиқ намуданд. Гуфта мешавад, ки минтақаи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ яке аз бузургтарин минтақаҳои макроиқтисодии ҷаҳон буда, дар маркази нимҷазираи Авруосиё ҷойгир буда, тақрибан 350 миллион нафар аҳолӣ ва масоҳати 8 миллион километри мураббаъро ташкил медиҳад. Зимнан, ба вижагиҳои ташаккули сохтори СҲИ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҳамкорӣ дар бахшҳои нақлиёт, мошинсозӣ, фарҳанг, хоҷагии қишлоқ ва ғайраро ҳамчун авлавият таъкид кардаанд. Дурнамои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва гуманитарӣ муайян гардида, амиқтар кардани ҳамкории системаҳои иқтисодӣ, ба ҳам наздик кардан ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи қонунгузории миллӣ бо дигар кишварҳои узви СҲИ пешбинӣ шудааст.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ), ҳамкориҳои минтақавӣ, созишнома, эъломия, нишаст, сиёсати хориҷӣ, саноат, фарҳанг, нақлиёт, хоҷагии қишлоқ, телекоммуникатсия.

РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ РЕГИОНАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ (НА ПРИМЕРЕ ОРГАНИЗАЦИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА)

В статье отмечается, что изучение истории и теории международных отношений показывает, что наряду с универсальными международными организациями выделяют региональные организации экономического характера. Называются они так, потому что их членами являются государства определенного географического района. Объектом деятельности таких организаций могут быть вопросы в рамках регионального сотрудничества: совместная безопасность, экономическая, социальная, культурная и другие сферы. В этом контексте автор рассматривает ключевые вопросы аспекты сотрудничество Республика Таджикистан с региональными организациями, на примере опыт сотрудничества с Организация Экономического Сотрудничества (ЭКО). Отмечается, что регион Организации Экономического Сотрудничества - это один из крупнейших макроэкономических зон мира, расположенный в самом центре Евразийского субконтинента, с населением 350 миллионов человек и площадью в 8 миллионов кв. км. При этом особое внимание обращено на специфике формирование структуры взаимоотношений с ЭКО и в качестве приоритетного направления выделяется сотрудничество в сфере транспорт, машиностроение, культура и др. Определены перспективы

развития сотрудничества в социально-гуманитарной сфере, предусматривается углубление взаимодействия экономических систем, дальнейшее сближение и гармонизация национального законодательства с другими государствами члены ЭКО.

Ключевые слова: Таджикистан, региональные организации, Организация экономического сотрудничества (ЭКО), сотрудничества, соглашение, декларация, саммит, внешняя политика, промышленность, культура, коммуникация.

REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ECONOMIC COOPERATION ORGANIZATION IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL REGIONAL COOPERATIONS

The article notes that the study of the history and theory of international relations shows that along with universal international organizations, regional organizations of an economic nature are distinguished. They are called so because their members are the states of a certain geographical area. The activity of such organizations can be framework of regional cooperation: joint security, economic, social, cultural and other spheres. In this context, the author examines the key aspects of the cooperation of the Republic of Tajikistan with regional organizations, using the experience of cooperation with the Economic Cooperation Organization (ECO) as an example. It is noted that the region of the Economic Cooperation Organization is one of the largest macroeconomic zones in the world, located in the very center of the Eurasian subcontinent, with a population of 350 million people and an area of 8 million square kilometers. At the same time, special attention is paid to the specifics of the formation of the structure of relations with the ECO, and cooperation in the field of transport, engineering, culture, etc. The prospects for the development of cooperation in the social and humanitarian sphere are determined, it is envisaged to deepen the interaction of economic systems, further convergence and harmonization of national legislation with other ECO member states.

Keywords: Tajikistan, regional organizations, Economic Cooperation Organization (ECO), cooperation, agreement, declaration, summit, foreign policy, industry, culture, communication.

Дар бораи муаллифон

Иброгимова Гавҳар Саймудиновна
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: gavharibrogimova@mail.ru

Умаров Абдуллохоҷа Қурбонхоҷаевич
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 981 05 98 89
E-mail: abdullo1189@mail.ru

Об авторах

Ибрагимова Гавхар Саймудиновна
Кандидат исторических наук, доцент кафедры истории новой и новейший зарубежных стран
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ, 17
E-mail: gavharibrogimova@mail.ru

Умаров Абдуллоходжа Курбанходжаевич
Кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 981 05 98 89
E-mail: abdullo1189@mail.ru

About the authors

Ibragimova Gavkhar Saymudinovna
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of New and Newest Foreign Countries
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17
E-mail: gavharibrogimova@mail.ru

Umarov Abdullokhodzha Kurbankhodzhaevich
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of the Tajik People
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 981 05 98 89
E-mail: abdullo1189@mail.ru

ТДУ 9(575.3)

ИНЪИКОСИ МУНОСИБАТҲОИ СОСОНИЁН ВА ВИЗАНТИЯ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ (асри V - нимаи аввали асри VII)

Масъудов М. Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар омӯзиши таърихи сиёсии Эрони аҳди Сосониён дар қатори дигар масоили муҳими умури давлатдорӣ масъалаи таҳлили равобити хориҷии он бо кишварҳои минтақа яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Табиист, ки равобити хориҷии Сосониён дар ин давра ба чанд самт равона гардида буд. Ва яке аз давлатҳое дар ин давра ба ҳайси қудрати асосӣ дар минтақа ба ҳисоб мерафт империяи Византия буд. Дар ин давра равобити байналхалқӣ ва байниминтақавӣ дар чаҳорчубаи манофеъи геополитикӣ ва геостратегии империяи Сосониён ва Византия сурат мегирифт ва ин ду қудрат ба ҳайси танзимгар ё худ тавозуни қувва дар минтақа баромад менамуданд.

Омӯзиш ва таҳлилу баррасии равобити ин ду абарқудрат аз ҷониби муҳақиқони ватанию хориҷӣ аслан дар асоси сарчашма маъхазҳои мавҷуда сурат гирифтааст, вале бояд қайд намуд, ки дар ин самт мушкилоте вуҷуд дорад ва ҳангоми омӯзиши масъалаи мазкур ҳатман онро бояд ба назар гирифт. Мушкилоти асосӣ дар омӯзиши таърихи Эрон ва дар маҷмуъ таърихи Осиёи пеш дар асрҳои V-VII ин гуногунзабонии сарчашмаҳои ин давра ба ҳисоб меравад, ки кори муҳаққиқонро як қадар мушкил мегардонад. Вале дар маҷмуъ муҳақиқони соҳаи таърихнигорӣ ва сарчашмашиносӣ сарчашмаҳои асосии ин даврароба се гурӯҳ силсилабандӣ намудаанд.

Яке аз сарчашмаҳои асосӣ дар омӯзиши таърихи Осиёи Пеш ин мактубҳои Феофилакт Симокатта мебошанд. Қайд намудан бамаврид аст, ки перомуни Симокатт маҷмуи ахбори кам ва парокандае то ба замони мо расидааст. Фотий дар «Библиотека» мегӯяд, ки Симокатта аслан аз Миср буд ва дар дарбори император Мавркий ва Фокий умр ба сар мебурд [5, с. 9]. Ҳамзамон бояд гуфт, ки Феофилакт нисбати омӯзиши таърихи Шарқ рағбати беандоза дошт ва ӯ ҳатто забонҳои форсӣ ва суриёниро медонист. Ҳамзамон ақидае, низ вуҷуд дорад, ки Феофилакт аз ҷиҳати баромади иҷтимоӣ ба табақаи ҳукмрон тааллуқ дорад [10, с. 310].

Дар навиштани воқеъоти таърихӣ Феофилакт аслан ба сарчашмаҳои шифоҳӣ таваҷҷуҳ надошт ва бештар ба омӯзиши катибаю дастхатҳо сайъ менамуд. Тибқи иттилои В. Н. Пигулевская Феофилакт бо як хидматгузори ибодатгоҳ ошноӣ дошт ва аз ӯ маълумоти фаровоне перомуни шоҳҳо бахусус шоҳони форс ба даст овардааст. Натиҷаи қадрдонии заҳматҳои ӯ дар давраи византиягӣ буд, ки то ба замони мо расидаанд ва то ҳанӯз бисёре аз муҳақиқони соҳаи сарчашмашиносии таърихӣ ба ҳайси сарчашма аз заҳ матҳои Феофилакт ба таври васеъ дар таҳқиқотҳои худ истифода менамоянд. Дар кори худ Феофилакт аз мактубҳо бахусус мукотиботи расмии консулӣ ва дипломатии дарбори шоҳони Византия васеъ истифода намудааст. Дар ин мактубҳо ва асноди дипломатӣ маълумоти фаровонеро перомуни дарбори Сосониён ин муҳақиқ дастрас намудааст. Бавижа маълумотҳо перомуни шахсияти Хусрави II ҷолиб ва эътимодбахшанд.

Масъалаи дигар, ки таърихнигорон ба он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд ин масъалаи хронологияи таърихии Феофилакт мебошад. Ва ин масъала зикри худро аз ҷониби муҳақиқони Олмонӣ Гутшмид ва Бюри ёфтааст.

Масъалаи хронологияи Фелфилактро муҳақиқи дигар Хиггинс низ мавриди баррасӣ қарор додаст. Хиггинс дар солшумории солҳои 80-90-и асри VI якчанд тағирот ворид нмудааст [6, с. 310-315]. Дар мавриди Феофилакт андеша ва ақидаҳо зиёданд ва бо таваҷҷуҳ ба ин масъала бояд гуфт, ки ин сарчашмаи мӯътабар то зуҳури сарчашмаҳои арабӣ ба ҳисоб мерафт ва ҳатто дар давоми ним асри баъди таълифи ин сарчашма ягон маъхаз ё худ сарчашмаи мӯътабаре дар робита бо масоили таърихнигории Шарқ зуҳур накарда буд.

Дар масъалаи таърихнигории Шарқ ва ҳамзамон масоили равобити Византия ва Сосониён муҳақиқи дигаре бо номи Евагрий заҳматҳои зиёд намудааст. Евагрий дар соли 536 дар шаҳри Епифани қисмати Сурия ба дунё омадааст. Давраи кӯдакӣ ва навҷавонии ӯ дар

шаҳри Антиохия гузаштааст ва он ҷо ӯ ба фаъолияти ҳуқуқӣ шуғл меварзидааст. Евагрий роҷеъ ба шоҳони Византия (Рум) маълумоти зиёде ҷамъоварӣ ва аз худ боқӣ гузоштааст. Маълумотномаҳои Евагрий то давраи ё худ то соли 12-уми ҳукмронии Маврикия Тиверияро дар бар мегиранд. Маълумотҳои ҷамънамудаи ӯ таърихи сиёсии Византияро дар бар мегиранд ва бо мутолиъаи он маълумоти зиёдеро дар мавриди Форсу Византия ва равобити муттақобилаи онҳо метавон дастрас намуд.

Ҳангоми омузиши таърихи равобити Сосониён ва Византия (Рум) дар баробари дигар сарчашмаҳои юнонӣ бояд аз хронограф Феофан ёдоварӣ намуд. Феофан дар замони ҳукумати император Константин Коироним (741-775) ба дунё омадааст.

Вижагии хронографияи Феофан дар он аст, ки он дар асоси корҳое, ки то ба замони мо нарасидаанд тартиб дода шудааст. Дар омӯзиши охири асрҳои VI ва ибтидои асри VII Феофан аз осорҳои Иоан Епифанийск, Феофилакт Симокатт ва соири он васеъ истифода намудааст. Феофан маълумоти фаровоне роҷеъ ба давраи тоисломии Сосониён яъне асрҳои VI- VII ҷамъоварӣ намудааст. Фарзия ё худ тахминҳое низ вуҷуд дорад, ки Феофан дар мавриди тартиб додани маълумотномаҳои худ аз сарчашмаҳои осиёгӣ дар масоили ҷангҳои араб истифода намудааст.

Сарчашмаи дигари юнонии ин давра бо номи «Стартегикон»-и Маврикия маълуму машҳур аст. Ва муҳақиқон бар он андешаанд, ки «Стартегикон» шояд аз ҷониби император Маврикий (582-602) тартиб дода шуда бошад. Аслан асар ё худ сарчашмаи мазкур бештар характери омӯзиши усулҳо ва тактикаи ҷангии халқҳои бегонаро фарогир аст. Масалан дар он маълумот оиди тактикаи ҷангии арабҳо оварда шудааст ва ҳамзамон дар он маълумотҳои зиёд оиди форсҳо ҷой доранд. Ва гӯё бо додани маълумотҳо оиди тактикаи ҷангии халқҳои бегона ё худ душманони империя ин як нааъ дастури омодагии ҳамеша ба ҷанг будааст. Дар ин асар Маврикий дар мавриди Сосониён ба ҳайси яке аз ҳамсоягони бомаданияти худ ва дорои тачрибаи хуби чангӣ ёдовар шудаст [7, с. 169-173].

Ба ҳар тариқ гарчанде, ки «Стратегикон»-и Маврикий дар қатори дигар сарчашмаҳо арзиши олӣ надошта бошад ҳам, вале метавон дар масоили ҷузъии омӯзиши равобити Сосониён ва Византия аз он ёдовар шуд.

Сарчашмаҳои зикршуда аслан сарчашмаҳои юнонӣ ба ҳисоб мераванд ва дар ин росто онҳо муҳимтарин аз он сарчашмаҳо буданд, ки мо ёдовар шудем. Дар қатори сарчашмаҳои фавқузикр ёдовар шудан аз сарчашмаҳои суриёнӣ хеле бамаврид ва аз ҷиҳати илмӣ хеле асосонок мебошанд, ки истифодаи онҳо ба фоидаи кор мебошад. Дар ин самт аз ахбори бенами суриягӣ метавон ёдовар шуд, ки дар соли 1891 аз ҷониби муҳақиқ Гвиди интишор гардида буд. Ин сарчашма дастнависи Суриягӣ буда ахбори зиёде дар он перомуни ҷойгир шудааст. Дар сарчашма маълумотҳои зиёд аз давраи марги Ҳурмузд писари Хусрав то суқути империяи Сосониён ҷамъоварӣ гардидааст. Масалан дар ин сарчашма шикаст ё худ суқути шоҳаншоҳии Сосониён ҳамчун натиҷаи ҳуҷумҳои пайопайи мағлубкунандаи Византия бар Сосониён қаламдод шудааст. Ин сарчашма бо як забони сода ва аз ҷониби як тан рӯҳонии маъбад иншо гардидааст. Дар ин сарчашма ҳамзамон маълумоти фаровоне перомун арабҳо ҷой дорад ва дар он арабҳо ҳамчун халқҳои нав ба руи саҳна омада тасвир гардидаанд. Дар ин сарчашма ахборе, ки перомуни империяи Сосониён омадааст дорои аҳамияти вижа мебошад ва ин далел баъд аз таҳлил аз ҷониби муҳақиқи рус В.Н. Пигулевский тасдиқи худро ёфтааст. Дар асоси баррасӣ ва таҳлили Пигулевский ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар замони ҳукумати Сосониён нақши ходимони суриягӣ дар дарбори шоҳаншоҳӣ хеле муассир будааст. Дар бобҳои алоҳидаи сарчашма (дар тарҷумаи русии ин сарчашма ҳашт параграфи алоҳида ба Сосониён бахшида шудааст) дар робита бо масъалаи таърихи сиёсии давраи Сосониён дар аҳди Хусрави II ба вазъи суриягиҳо диққати махсус дода шудааст. Дар сарчашма маълумотҳои дақиқ перомуни юришҳои Хусрав ва императори Византия (Рум) Ираклӣ, перомуни марги Хусрав ва шоҳони баъдинаи Сосониён оварда шудааст [5, с. 33].

Дигар сарчашмаи асримиёнагии марбут ба таърихи Шарқ ин ахбори Михаили Суриягӣ ба ҳисоб меравад . Михаил донишманди рӯҳонӣ буда дар асри 12 умр ба сар бурдааст. У дониши амиқ дошта воқеаҳои замонашро хуб таҳлил менамуд. Дар соли 1172 Михаил ҳудуди 1 моҳ дар дарбори Салҷуқиён Қлич Арслони II писраи Масъуд будааст ва он ҷо

Михаил сӯҳбатҳо ва баҳсҳои зиёд бо маъруфтарин файласуфони исломӣ Камол-ад-дин доштааст [5, с. 33]. Аз миёни мероси адабии Михаили Сурияғӣ ахбори таърихии ӯ нақши муҳимро дорад ва он бо забони суриёнӣ иншо гардидааст. Гарчанде, ки муаллиф дар асри XII умр ба сар бурдааст, вале ӯ воқоти таърихии асрҳои VI-VII-ро дар асараш хуб баррасӣ ва нишон додаст.

Дар омӯзиши сарчашмаҳои таърихии асрҳои миёнаи Шарқ дар қатори муҳақиқони юнонию суриёнӣ муаррихони араб низ корҳои зиёдеро ба сомон расонидаанд. Дар ин самт аз чониби Абу Ҷафъар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ як қатор таҳқиқот гузаронида шудааст, ки ба ҳайси сарчашмаҳои калидӣ дар қатори дигар сарчашмаҳо мавриди истифодаи муаррихони ватанию хориҷӣ мегарданд. Ин донишманд ва муаррихи маъруфи асримиёнагӣ Аслан форс Буда соли 839 дар шаҳри Омули наздикии баҳри Хазар дар деҳаи Табаристон ба дунё омадааст. Дар тулии умри худ ин муҳақиқ сафарҳои зиёде ба Рай, Бағдод, Басра, Сурия, Миср ва соири кишварҳо намудааст ва ахиран соли 923 дар шаҳри Бағдод вафот намудааст.

Табарӣ соҳаҳои гуногуни улуми исломиро коркард намудааст. Дар қатори мероси гаронбаҳо ахбори чандҷилдаи ӯ пуразиштарин асари таърихӣ ба ҳисоб меравад, ки то замони мо муҳақиқони улуми таърихшиносӣ паҳлуҳои гуногуни онро омӯхта аз он ба таври васеъ истифода намудаанд. Дар ин сарчашма роҷеъ ба асрҳои VI-VII боб алоҳида аст, ки таърихи Сосониён, қабоили араб ва равобити мутақобилаи онҳоро дар бар мегирад. Маълумотҳое, ки Муҳаммад Ҷарири Табарӣ овардааст дар бисёр ҳолатҳо бо маълумотҳои овардашудаи Фирдавсӣ дар китоби «Шоҳнома» якранг мебошанд.

Дар асари худ «Эпоси миллии Эрон» олими немеис Теодор Нельдеке — аввалин муҳаққиқи аврупоии «Шоҳнома» ба қисмати таърихии он таваҷҷӯҳи хоса намудааст. Қисмати зиёди мушоҳидаҳои он вобаста ба масъалаи Сосониён мубрамияти худро то замони мо нигоҳ доштаанд [8, с. 89].

Неледекӣ муҳақиқи маъруфи асримиёнагӣ ба хулосае омадааст, ки ҳам Табарӣ ва ҳам Фирдавсӣ аз як сарчашма «Китоби шоҳон» Худойнома васеъ истифода намудааанд. Мо низ ба ин ақидаи муҳақиқ розием ва ҳаминро илова намуданием, ки Фирдавсӣ аз матнҳои ба забони форсӣ баргардоншудаи «Худойнома» дар таълифи асари худ истифода намудааст, Табарӣ бошад аслан матнҳои арабии асари фавқузикрро мавриди истифода қарор додаст.

Табарӣ аз китоби аз шакли арабии «Китоби шоҳон» истифода намудааст, ки хеле маълуму машҳур буд.

Ба ҳайси сарчашмаи дигар «Таърихи Табарӣ»- и Балъамӣ баромад менамояд. Маълумот оиди ҳаёт ва фаъолияти Абу Али Балъамӣ дар сарчашмаҳои арабию форси асримиёнагӣ оварда шудааст. Ба ҳайси ин сарчашмаҳо асарҳои бадеии шоирони Мовароуннаҳру Хуросон, навиштаҷотҳои таърихию ҷуғрофӣ ба монанди «Зайн-ул-ахбор»-и Гардрезӣ, «Аҳсан ат - тақсим»-и ал Муқаддасӣ ва соир он баромад менамоянд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки сарчашмаҳои арабию форсӣ танҳо дар бораи давраи дар дарбор будани Балъамӣ хабар медиҳанд. Маълумот оиди дигар давраҳои ҳаёт ва фаъолияти ӯ вуҷуд надорад [2, с. 18].

Дар бораи санаи таваллуди Балъамӣ низ дар сачашмаҳо маълумоте наомадааст. Соли марги ӯ низ аниқ нест. Фақат аз ҷониби адабиётшинос П.Рьё ва профессор Э. Д. Браун соли фавти Балъами ба соли 996 тахмин карда шудааст. Вале ба ақидаи Бартольд ин иштибоҳ аст ва он соли фавти сарлашкари аҳди Сомониён Абу Али Симҷурӣ мебошад [2, с. 20]. Дар нимаи дуюми асри X аз ҷониби амири давлати Сомониён –Мансур ибни Нӯҳ (960-976) ба души вазири худ Абу Алии Муҳаммади Балъамӣ тарҷумаи китоби бисёрҷилаи «Таърихи Табарӣ» бо забони форсӣ гузошта мешавад. Тарҷумаи форсии «Таърихи Табарӣ» дар Шарқи Наздик ва Миёна паҳн гардид ва ҳамзамон тарҷумаҳои он бо забонҳои арабӣ, туркӣ, урдугӣ ва узбакӣ интишор гардид [9, с. 62-65].

Сабаби тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-ро метавон ба таври зайл ҷудо намуд:

а) амир Мансур ибни Нӯҳ ва вазири дарбори ӯ Балъамӣ аз сабаби он ки дар кишвар ҷангҳои байнифеодалӣ ва низоҳои ҳарбӣ дар асри X давом менамуданд, кушиш менамудан барои таҳкими иқтидори сиёсии давлати Сомониён аз омили худшиносии миллӣ истифода

намоянд. Ба ин хотир онҳо дар садади баланд бардоштани мақоми давлатии забони форсӣ (тоҷикӣ) буданд.

б) намояндагони ҳаракати ҷамъиятию мадании маъруф бо номи Шуубия, ки барои муттаҳидсозӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ кушиш менамуданд ба як консепсияи таърихӣ эҳтиёҷ доштанд, ки дар он асосҳои идеявии гузаштагони халқҳои форсизабон нишон дода шавад ва он барои ҷомеъаи Сомониён ҳамчун идеяи ҳамоишӣ истифода гардад.

в) аз амирони Сомонӣ то шоҳзодагону вазирони дарбор ва дигар аъёну ашроф барои огоҳӣ аз анъанаҳои давлатдории эрони қадим завқи мутолиъаи асарҳои таърихии аҷодони худро доштанд. Ҳамзамон мутолиъаи он асарҳо ва қиссаҳои таърихӣ онҳо кушиш менамуданд худро аз авлодони Сосониён нишон диҳанд. Ва бо такя аз қиссаю асарҳои таърихи кушиш менамудан ҳукуқи мутлақияти ҳукумронии худро дар Эрон исбот намоянд [2, с. 28].

Бояд қайд намуд, ки «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ тарҷумаи оддӣ нест. Ва ин далелро муқоисаи нусхаҳои арабии сарчашмаи мазкур исбот намудаанд. Ҳангоми тарҷума Балъамӣ бояд асареро меофарид, ки ҷавобгу ба тамоюлоти сиёсиву ғоявии аҳди Сомониён бошад. Ва ҳамзамон тарҷумаи ӯ инъикосгари мавқеъи адабию таърихии Эрон бошад ва рӯҳияи милии эрониро (тоҷикӣ) эҳё намояд [2, с. 29].

Тарҷумаи форсии ин асар дар китобхонаҳои аксари дунё маҳфуз аст. Дар хазинаҳои дастхатҳои шуъбаи Ленинградии Институти Шарқшиносӣ ва ҳамзамон китобхонаи давлатӣ-оммавии ба номи М.Е.Сальтикова Щедрина зиёда аз даҳ руихати дастнависҳои қаблии он маҳфуз мондаанд. Тарҷумаи ахбори Табарӣ ба забони форсӣ аз ҷониби Балъамӣ мазмуни соддаи матни арабии онро надорад ва худи ин суханро Балъамӣ дар муқаддимаи кори худ зикр менамояд [1, с. 52-54].

Балъамӣ ин асарро аз якчанд унсурҳои зиёдатӣ ва санадҳое, ки такрор меёфтанд тоза намуд ва дар натиҷа кори ӯ аз нусхаи аслии асар кӯтоҳтар гардид. Ҳамзамон Балъамӣ аз ҷиҳати хронологӣ асарро ба тартиб даровард ва онро ба фасл ё ин ки бобҳо ҷудо намуд. Инчунин дар масъалаи муборизаи арабҳо бар зидди халқҳои Хазар дар нусхаи аслии Таърихи Табарӣ маълумот вуҷуд надорад, вале Балъамӣ онро дар тарҷума ворид намудааст.

Ҳамин тариқ сарчашмаҳои фавқузикр аз нуқтаи назари илмӣ боэътимод буда аз ҷониби муаррихони ватанию хориҷӣ ба таври фаровон мавриди пажӯҳиш ва истифода қарор ёфтаанд. Аммо аз нуқтаи назари мо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар қатори ҳамосаи бузурги миллӣ буданаш ҳамчун сарчашмаи таърихӣ аз дигар сарчашмаҳое, ки дар боло таъкид намудем камӣ надошта дар баъзе ҳолатҳо ҳатто арзиши он баландтар аз ин сарчашмаҳо мебошад.

Дар мавриди «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳаминро ёдовар шуд, ки паҳлуҳои адабӣ, устуравӣ, паҳлавонии асар аз ҷониби муҳаққиқон мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст, аммо масъалаи омӯзиши он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ камтар ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст бахусус давраи ҳукумати Сосониён.

Дар қисмати таърихии «Шоҳнома» яъне шуруъ аз ҳикояи ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ то охири аҳди Сосониён иштироки шахсиятҳои таърихиро метавон мушоҳида намуд. Дарвоқеъ ин қисмати «Шоҳнома» яке аз сарчашмаҳои беҳад муҳими омӯзиши таърихи ин давра ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар онро ҳамчун сарчашма дараҷаи мутобиқ будани он бо дигар сарчашмаҳоро бояд санҷид [4, с. 109].

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар баробари ҳамосаи миллӣ буданаш инъикосгари таърихи даврони қадими Эрон маҳсуб мешавад. Вақте ки мо таърих мегӯем, зеҳн мутаваҷҷеҳи таърихи воқеӣ мешавад, вале бояд донист, ки воқеият нисбӣ аст ва таърихи Эрон ба ривояти «Шоҳнома» барои мардуми он рӯзгори воқеӣ буда, ҳеҷ муҳаққиқ ва муаррих аз Дориюш ва Камбуҷа ва Ҳушоёршоҳ дар зери ниқоби шахсиятҳои устуравӣ ва афсонавӣ огаҳӣ надоштаанд [3, с. 40].

Бо он ки аз таълифи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳазор сол сипарӣ гаштааст асари мазкур аз ҷониби муҳақиқони соҳаи адабиётшиносӣ, фарҳанг, диншиносӣ, ҷуғрофияи таърихӣ, таърих мавриди пажӯҳиш қарор дорад ва дар замони муосир дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ омӯзиши «Шоҳнома» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ падидаи нав буда аз ҷониби

муҳаққиқон омӯзиши фундаменталиро тақозо менамояд, чун баъзе паҳлуҳои масъала ҳанӯз пурра таҳқиқу баррасӣ нагардидаанд.

Адабиёт

1. *Грязневич П.А., Болдырев А.Н. О двух редакциях Та'рих ат- Табари Бал'ами // Советское востоковедение, 1957. - № 3.*
2. *Исоматов М.М. Ирано-Среднеазиатские взаимоотношения по «Таърих-и Табари» Балъами. - Душанбе-Бишкек: Эчод, 2006. – 184 с.*
3. *Манучеҳри Муртазоӣ. Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» (маҷмуи мақолаҳо). - Теҳрон, 1372.*
4. *Нида Ахаван Акдам. Сравнений некоторых сказаний о Сасанидской династии в «Шахнаме» Фирдоуси и исторических источников// Иранname, № 2, (18), Казахстан, 2011.*
5. *Пигулевская Н.В. Византия и Иран на рубеже VI и VII веков / Ответственный редактор В.В.Струве. - М.; Л.: Издательство Академии наук СССР, 1946. - 292 с.*
6. *Higgins. The Persian war of emperor Mauree //The English historical review/ VIII, 1888.*
7. *Mauricius. Ars militaris. Тарҷумаи Цыбышева. М., 1903.*
8. *Noldeke Th. Das iranische Nationalepos, 2.Auil. Ipz., 1920.*
9. *Storey C.A. Persian literature. A bio-bibliographical survey. Sect.II, fasc A, London, 1935.*
10. *Theophylactus Simocatte, VIII, 13. Ed. C. de Boor, 1887.*

ИНЪИКОСИ МУНОСИБАТҲОИ СОСОНИЁН ВА ВИЗАНТИЯ ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ (асри V - нимаи аввали асри VII)

Ин мақола ба таҳлили инъикоси муносибатҳои империи Сосониён ва Византия дар маъхазҳои таърихии ин давра (аз асри V то нимаи аввали асри VII) бахшида шудааст. Муносибати байни ин ду империяи бузург барои вазъи геополитикии Шарқ аҳамияти калон дошт ва ба ҷараёни таърихи ҷаҳонӣ то андозае таъсир расонд. Дар он муаллиф қайд мекунад, ки муносибатҳои Византия ва Сосониён дар маъхазҳои мисрӣ, суриёнӣ ва арабӣ инъикос ёфтааст. Муаллиф ба ғайр аз маъхазҳои боло аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ дар таҳқиқи ин масъала ёд кардааст. Таҳлил бар асоси сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ, аз қабили “Шоҳномаи Фирдавсӣ”, сабтҳои дипломатӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ ва далелҳои хаттии он замон сурат гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба рӯйдодҳои муҳим, равобити дипломатӣ, тиҷорат, задухӯрдҳои низомӣ ва ҳамкориҳои фарҳангии империяҳои Сосониён ва Византия нигаронида шудааст. Дар пажӯҳиш омилҳое, ки ба таҳким ё заиф шудани равобити ду императорӣ мусоидат кардаанд, баррасӣ шудааст. Ба ҷанбаҳои динӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад, зеро онҳо ба муносибатҳои дипломатӣ ва сиёсӣ низ таъсир расониданд. Натиҷаҳои таҳқиқ имкон медиҳад, ки динамикаи равобити императорҳои Сосонӣ ва Византия дар ин давра ва таъсири онҳо ба ташаккули заминаи таърихии минтақа амиқтар дарк карда шавад.

Калидвожаҳо: “Шоҳнома”, муносибатҳои Сосониён ва Византия, сарчашмаҳои таърихӣ, асри V — нимаи аввали асри 7, муносибатҳои дипломатӣ, низоъҳои сиёсӣ, табодули тиҷорӣ ва фарҳангӣ, задухӯрдҳои низомӣ, намояндагони дипломатӣ, манфиатҳои геополитикӣ, муносибатҳои динӣ, императорони Византия, шоҳони сосонӣ, маданияти Византия ва Сосониён.

ОТРАЖЕНИЕ САСАНИДО - ВИЗАНТИЙСКИЕ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ В ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ (V - первой половины VII вв.)

Данная статья посвящается на анализе отражения отношений между Сасанидской и Византийской империями в исторических источниках периода (с V века до первой половины VII века). Взаимоотношения между этими двумя великими империями имели огромное значение для геополитической обстановки Востока и в значительной степени влияли на ход мировой истории. В нем автор отмечает, что Сасаниде Византийские взаимоотношение отражении в египетские, сирийские, и арабские источники. Автор помимо вышесказанных источников приводит «Шахнаме» Фирдоуси как основным и главным источником для изучение данной проблематике. Анализ проводится на основе разнообразных исторических источников, таких как «Шахнаме» Фирдоуси, дипломатические записи, археологические находки и письменные свидетельства того времени. Основной акцент делается на важных событиях, дипломатических отношениях, торговле, военных столкновениях и культурном взаимодействии между Сасанидской и Византийской империями. В исследовании рассматриваются факторы, способствовавшие укреплению или ослаблению отношений между двумя империями. Особое внимание уделяется религиозным и культурным аспектам, так как они также оказывали влияние на дипломатические и политические взаимодействия. Результаты исследования позволяют более глубоко понять динамику отношений между Сасанидской и Византийской империями в данном периоде и их влияние на формирование исторического контекста региона.

Ключевые слова: «Шахнаме», отношения Сасанидов и Византии, исторические источники, век V — первая половина VII века, дипломатические связи, политические конфликты, торговля и культурный обмен, военные столкновения, Дипломатические посланцы, Геополитические интересы, Религиозные взаимодействия, Императоры Византии, Шахи Сасанидской империи, Византийская и Сасанидская культуры.

REFLECTION OF SASANIDO - BYZANTINE RELATIONSHIPSIN HISTORICAL SOURCES (V - first half of VII centuries)

This article focuses on the analysis of the reflection of relations between the Sasanian and Byzantine empires in the historical sources of the period (from the 5th century to the first half of the 7th century). The relationship between these two great empires was of great importance for the geopolitical situation in the East and to a large extent influenced the course of world history. In it, the author notes that the Sasanian Byzantine relationship is reflected in Egyptian, Syrian, and Arabic sources. In addition to the above sources, the author cites Firdousi's «Shahnameh» as the

main and main source for the study of this issue. The analysis is carried out on the basis of various historical sources, such as Ferdowsi's Shahnameh, diplomatic records, archaeological finds and written evidence of that time. The main focus is on important events, diplomatic relations, trade, military clashes and cultural interaction between the Sasanian and Byzantine empires. The study examines the factors that contributed to the strengthening or weakening of relations between the two empires. Particular attention is paid to religious and cultural aspects, as they also influenced diplomatic and political interactions. The results of the study allow a deeper understanding of the dynamics of relations between the Sasanian and Byzantine empires in this period and their influence on the formation of the historical context of the region.

Keywords: «Shahnameh», Relations between the Sassanids and Byzantium, Historical sources, V century - first half of the VII century, Diplomatic relations, Political conflicts, Trade and cultural exchange, Military clashes, Diplomatic envoys, Geopolitical interests, Religious interactions, Emperors of Byzantium, Shahs Sasanian Empire, Byzantine and Sasanian cultures.

Дар бораи муаллиф

Масъудов Масъуд Фахрудинович
Унвонҷӯи факултети таърих
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 918 64 52 23
E-mail: romish80@inbox.ru

Об авторе

Масъудов Масъуд Фахрудинович
Соискатель исторического факультета
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 918 64 52 23
E-mail: romish80@inbox.ru

About the author

Masudov Masud Fakhrudinovich
Competitor of the Faculty of History
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki ave., 17
Ph.: (+992) 918 64 52 23
E-mail: romish80@inbox.ru

УДК 37.018.46(575.3)

САҲМИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РУШДИ ИЛМИ ДОНИШГОҲӢ
(дар мисоли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)

Қодиров М. Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ барҳақ ба ҳайси яке аз бузургтарин марокизи таълимию илмии кишварамон эътироф шуда, дар радифи тарбияи кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба тарбияи кадрҳои илмӣ барои марказҳои илмию таълимӣ низ диққати ҷиддӣ медиҳад. Аз ин лиҳоз донишҷӯён дар тули таҳсил дар донишгоҳ пайваста дар радифи омӯзиши барномаи таълимӣ ба корҳои илмӣ низ ҷалб карда мешаванд. Яке аз шаклҳои муҳими ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ иштироки фаъоли онҳо дар маҳфилҳои илмии донишҷӯӣ мебошад.

Барои фаро гирифтани теъдоди ҳарчи бештари донишҷӯён ба корҳои илмӣ дар тамоми кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ маҳфилҳои илмӣ амал мекунанд, ки ба онҳо устодони соҳибтаҷриба сарварӣ менамоянд. Ҳамзамон аз ҳисоби донишҷӯёни фаъоле, ки шавқу завқи дар масири шоҳроҳи илм рафтанро доранд, дастаҳои олимпӣ ташкил кардашудааст, ки онҳо дар тӯли фаъолияти худ ба дастоварҳои қобили таваҷҷуҳ муваффақ шудаанд.

Дар раёсати корҳои илмию таҳқиқотии ДМТ бахши Ҷамъияти илмии донишҷӯён (ҶИД) фаъолият дорад, ки мақсади он ба сатҳи лозима баланд бардоштани корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, инкишоф додани фаъолияти илмии онҳо ва мутамарказонидани донишҷӯёни болаёқат ба хотири омода кардани кадрҳои баланд ихтисос мебошад, ки ҶИД-и факултетҳо ва кафедраи умумидонишгоҳиро муттаҳид гардонида, назорати умумиро доир ба рафти иҷрои нақшаи ҶИД, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо олимпиадаҳо, озмунҳои дараҷаҳои гуногунро ба уҳда дорад.

Доираи фаъолияти Ҷамъияти илмии донишҷӯён сол то сол васеъ гардида, шумораи донишҷӯён дар маҳфилҳои илмии фаъолият кунанда зиёд мегардад.

Аъзои маҳфилҳои ҶИД дар самтҳои гуногун фаъолияти илмӣ бурда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими корҳои илмии донишҷӯёнро иштирок ва суханронии онҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои дараҷаҳои гуногун ташкил медиҳад.

Ширкат варзидан дар олимпиадаҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти илмии донишҷӯён маҳсуб меёбад. Бо мақсади бозҳам беҳтар ва муташаккилтар намудани фаъолияти дастаи олимпии донишгоҳ тибқи фармони ректори ДМТ “Оид ба ташкил намудани дастаҳои олимпии ДМТ барои иштирок дар олимпиадаҳои ҷумҳурӣ ва дигар озмунҳо” дар пояи ҶИД-и факултетҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ дастаи олимпӣ аз ҳисоби донишҷӯёни фаъол ва болаёқат ташкил карда шуд, ки онҳо тавонистанд дар мусобиқаҳои сатҳи гуногун шарафи донишгоҳи худ ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳифз намоянд. Аз ҷумла дар даври хотимавии олимпиадаи донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзҳои 12-15 майи соли 2004 доир гардид, донишҷӯёни ДМТ аз рӯи 7 ихтисос ҷойи якум, аз рӯйи 4 ихтисос ҷойи дуюм, аз рӯйи 2 ихтисос ҷойи сеюмро соҳиб шуданд. Ҳамчунин дар озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмии беҳтарини донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳурӣ зери унвони “Донишҷӯ ва пешрафти илмӣ-техникӣ-2004”, ки ба 80-солагии таъсиси Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буд, 20 нафар донишҷӯи ДМТ мушорикат намуд. Дар натиҷаи ҷамбасти озмун аз рӯйи ихтисосҳои биология, педагогика ва психология, таърих ва ҳуқуқ се нафар ҷойи аввал, аз рӯйи ихтисосҳои химия, забон ва адабиёт, математика ва биология чаҳор нафар ҷойи дуюм ва аз рӯйи ихтисосҳои забон ва адабиёт, таърих ва ҳуқуқ ду нафар ҷойи сеюмро соҳиб шуданд. Дар маҷмуъ бо дарёфти 37 хол намояндагони ДМТ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ мақоми аввалро соҳиб гаштанд [4, с. 218].

Дар даври хотимавии олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳти унвони “Донишҷӯ ва пешрафти илмӣ-техники – 2005” дастаи олимпии ДМТ аз рӯйи нуҳ ихтисос ҷойи якум, аз рӯйи ду ихтисос ҷойи дуюм ва аз рӯйи се ихтисос ҷойи сеюмро соҳиб шуданд. ДМТ дар маҷмуъ бо касби 119 хол дар байни макотиби олии кишвар

сазовори мақоми аввал гардид [5, с. 214]. Дар соли 2006 низ дар олимпиадаи донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳурӣ донишҷӯёни ДМТ сазовори мақоми аввал гардиданд.

Дар олимпиадаи ҷумҳуриявии “Донишҷӯ ва пешрафти илмӣ-техникӣ” соли 2007 донишҷӯёни ДМТ аз рӯйи дах ихтисос: математика, физика, химия, биология, информатика, равоншиносӣ, ҳуқуқ, педагогика, забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус барои мактабҳои миллӣ ҷойи якум, аз рӯйи як ихисос ҷойи дуюм ва аз рӯйи се ихтисос ҷойи сеюмро гирифта ғолиби олимпиадаи ҷумҳуриявӣ гардиданд. Бояд гуфт, ки соли 2008 низ дастаи олимпии ДМТ дар олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми аввалро соҳиб шуданд.

Соли 2009 дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз рӯйи ихтисос намояндагони ДМТ аз 7 бахш ҷойи аввал, аз 3 бахш ҷойи дуюм ва аз 2 бахш ҷойи сеюмро ишғол намуданд. Ин имкон дод, ки ДМТ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарёфти ҷойи якум мушарраф гардад. Ҳамон сол донишҷӯёни ДМТ дар озмӯни корҳои илмии донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳурӣ низ фаъолона ширкат намуда, аз 2 бахш ҷойи якум, аз 4 бахш ҷойи дуюм ва аз се бахш ҷойи сеюмро соҳиб гардиданд. Дар маҷмуъ ДМТ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ соҳиби ҷойи якум гардид [5, с. 258].

Соли 2010 дар асоси фармони вазири Маорифи Ҷумҳурии Тоҷкистон таҳти рақами 246 аз 7-уми майи соли 2010 даври хотимавии олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ аз 13-ум то 15-уми майи соли 2010 аз рӯйи 10 ихтисоси тахассусӣ ва 12 ихтисоси равияи ғайритахассусӣ доир гардид. Дар ин мусобиқаи илмӣ донишҷӯёни ДМТ аз рӯйи 5 ихтисоси равияи тахассусӣ ва 4 ихтисоси равияи ғайритахассусӣ ҷойи аввал, аз 4 ихтисоси равияи тахассусӣ ва 3 ихтисоси равияи ғайритахассусӣ ҷойи дуюм, аз 2 ихтисоси равияи тахассусӣ ҷойи сеюмро ишғол намуданд. Дар маҷмуъ бо ишғоли 18 ҷой донишҷӯёни ДМТ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори мақоми аввал шуданд [10, с. 35].

Ҳамон сол дар озмуни ҷумҳуриявии “Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ-2010” донишҷӯёни ДМТ бо пешниҳоди 34 кори илмӣ ба дарёфти 7 ҷойи якум, 6 ҷойи дуюм ва 2 ҷойи сеюм дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ соҳиби ҷойи аввал гардида, бо Ифтихорномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушарраф гардиданд.

Дар даври хотимавии олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 11-ум то 13-уми майи соли 2011 аз рӯйи 10 ихтисоси равияи тахассусӣ ва 11 ихтисоси равияи ғайритахассусӣ баргузор шуд, донишҷӯёни ДМТ аз рӯйи 4 равияи ихтисоси тахассусӣ ва ду равияи ихтисоси ғайритахассусӣ сазовори ҷойи дуюм ва аз рӯйи ду равияи ихтисоси тахассусӣ сазовори ҷойи сеюм шуданд. Дар маҷмуъ ДМТ бо шғоли 14 ҷой ва 68 хол дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ ба дарёфти мақоми аввал ноил гардид [6, с. 69].

Дар соли 2011 ҳамчунин 23 кори илмии донишҷӯёни ДМТ ба озмуни корҳои илмии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ-2011” пешниҳод шуданд. Намояндагони ДМТ бо дарёфти 3 ҷойи аввал, 4 ҷойи дуюм ва 2 ҷойи сеюм, дар маҷмуъ 9 ҷой дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ соҳиби ҷойи аввал шуданд [6, с. 71].

Дастаи олимпии ДМТ соли 2012 низ хеле фаъол буданд. Онҳо аз фанҳои тахассусӣ ба дарёфти 4 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм, 1 ҷойи сеюм, 2 ҷойи чаҳорум тавонистанд, дар байни макотиби олии ҷумҳурӣ боз ҳам мақоми аввалро соҳиб шаванд. Онҳое, ки соҳиби ҷойҳои аввал гардиданд донишҷӯёни факултети биология Гулоро Муборакшоева, факултети химия Зариф Яъқубов, факултети таърих Самариддин Ҷамолӣ, факултети филология Муҳайё Сайдалиева буданд.

Ҳамон сол ба озмуни корҳои илмии донишҷӯён ба Вазорати маорифи ҶТ 35 кори илмии донишҷӯёни ДМТ фиристода шуд. ДМТ тавонист бо касби 3 ҷойи аввал, 3 ҷойи дуюм ва 5 ҷойи сеюм ғолибиятро дар ҷумҳурӣ ба даст дароварад.

Бояд афзуд, ки солҳои минбаъда низ дастаи олимпии ДМТ мақоми пешсафиро дар ҷумҳурӣ ҳифз намуд. Чунончӣ, онҳо дар даврахои хотимавии олимпиадаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ дар соли 2013 бо касби 11 ҷойи якум, 6 ҷойи дуюм, 3 ҷойи сеюм,

дар соли 2014 бо касби 10 ҷойи якум, 8 ҷойи дуюм, 4 ҷойи сеюм, соли 2015 бо касби 7 ҷойи якум, 3 ҷойи дуюм, 1 ҷойи сеюм, соли 2017 бо касби 5 ҷойи якум, 3 ҷойи дуюм, 1 ҷойи сеюм пешсафиро нигоҳ доштанд.

Ҳамзамон донишҷӯёни ДМТ дар озмуни корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён низ дар байни донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳурӣ дар мақоми аввал буданд. Онҳо соли 2013 соҳиби 7 ҷойи якум, 4 ҷойи дуюм, 4 ҷойи сеюм, соли 2014 соҳиби 10 ҷойи якум, 5 ҷойи дуюм, 3 ҷойи сеюм, соли 2015 соҳиби 4 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм, 1 ҷойи сеюм, соли 2016 соҳиби 6 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм, 3 ҷойи сеюм, соли 2017 соҳиби 7 ҷойи якум, 4 ҷойи дуюм, 7 ҷойи сеюм гардиданд [8, с. 12].

Бояд гуфт, ки донишҷӯёни ДМТ на танҳо дар озмуну мусобиқаи илмӣ дар дохили кишвар, балки дар кишварҳои хориҷӣ низ иштироки фаъол намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд.

Аз ҷумла соли 2001 донишҷӯи соли чаҳоруми факултети ҳуқуқ М. Холматова дар озмуни байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) мушорикат намуда, барои беҳтарин кори илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бахшида ба даҳсолагии таъсиси ИДМ соҳиби ҷоизаи ин мусобиқаи илмӣ гардид. Ҳамчунин дастаи донишҷӯёни факултети мазкур дар озмуни ҳуқуқи инсондустии ба номи Ф. Мартенс дар байни донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ соҳиби мақоми сеюм гардид [4, с. 199].

Соли 2005 донишҷӯи соли сеюми факултети иқтисод ва идора Эраҷ Байзоев дар даври аввали олимпиадаи минтақавии Осиёи Марказӣ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ соҳиби ҷойи аввал гардида, дар даври хотимавии ин олимпиада, ки моҳи майи соли 2005 дар Ҷумҳурии Қазоқистон доир гардид, соҳиби диплом шуд [4, с. 225].

Дар даври хотимавии олимпиадаи минтақавии Осиёи Марказӣ – INTECH – 2006”, ки моҳи майи соли 2006 дар Ҷумҳурии Қазоқстон баргузор шуд, донишҷӯи соли дуюми факултети баҳисобгирию иқтисодӣ Анвар Иноятов соҳиби диплом ва сертификат гардид.

Соли 2007 донишҷӯи соли сеюми факултети механикаю математика М. Абдукаримов дар олимпиадаи байналмилалии донишгоҳҳои кишварҳои Осиё ва Аврупо, ки аз фанни математика дар шаҳри Теҳрони Эрон баргузор шуд, мақоми сеюмро касб намуд. Дар озмуни минтақавии донишгоҳҳои осиёи Миёна оид ба ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ки дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон баргузор шуд, донишҷӯи соли чаҳоруми факултети ҳуқуқшиносӣ Р. Садриддинов оид ба ҳунари суханварӣ мақоми аввалро соҳиб шуд. Дар олимпиадаи байналмилалӣ оид ба математика, ки соли 2015 дар шаҳри Могилёви Беларус доир гардид, донишҷӯёни факултети математика Олимҷони Пирмуҳаммад сазовори медали тилло ва дипломи дараҷаи 1-ум, Равшан Каримов соҳиби медали нуқра ва дипломи дараҷаи II-юм гардиданд [5, с. 310].

Аз 1 то 30 сентябри соли 2021 бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи ҷавонон, шиносоӣ бо асосҳои мурофиаи интихоботи демократӣ ва сайқал додани дониши мутахассисони соҳа аз ҷониби Донишкадаи байналмилалии мониторинги инкишофи демократия, парламентаризм ва риояи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандони давлатҳои аъзои Ассамбляи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) зери унвони “Низоми интихоботии давлатҳои ҷаҳон” интернетолимпиадаи байналмилалӣ баргузор гардид. Озмуни мазкур аз се давра иборат буда, ду давраи он дар Тоҷикистон ва давраи севумаш дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия доир гардид. Дар ин мусобиқаи байналмилалӣ донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ Шамил Абдураҳмонзода сазовори мақоми дуюм ва дипломи дараҷаи II-юм гардид.

Соли 2021 донишҷӯёни ДМТ Б. Обидов ва Г. Иноятзода дар дувумин Универсиадаи патентии Авруосиёгии “Нигоҳ ба оянда” мушорикат намуда сазовори ҷойи аввал гардиданд.

Моҳи феврали соли 2022 дар шаҳри Могилёви Ҷумҳурии Белорус 12-умин олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни математика баргузор шуд. Дар ин мусобиқаи илмӣ донишҷӯи ДМТ Ҳ. Исоматов қувваозмоӣ намуда, соҳиби мақоми дуввум ва барандаи медали нуқра гардид [9, с. 87]. Бояд афзуд, ки олимпиадаи мазкур аз соли 2010 ҳамасола доир мегардад. Дар он донишҷӯёни ДМТ аз соли 2013 мушорикат намуда, соҳиби ду ҷойи аввал, чаҳор ҷойи дуюм, чаҳор ҷойи сеюм ва дипломи ифтихорӣ гардидаанд.

Хулоса, ҳадаф аз баргузории маҳфилҳои илмии донишҷӯён ва маҳфилҳои инфиродии профессорон ҳарчи бештар ҷалб намудани донишҷӯёни болаёқат мебошад. Чунки тақдири фардои илми тоҷик маҳз аз тарбияи чунин ҷавонони соҳибистеъдод иборат аст. Ҷалб намудани донишҷӯён ба корҳои илмӣ пеш аз ҳама ба савияи дониши донишҷӯён ба корҳои илмӣ пеш аз ҳама ба савияи дониши донишҷӯён мусоидат менамояд. Аммо дар кори маҳфилҳои илмӣ каму костиҳо дида мешавад. Аз ҷумла дар соли 2010 бахшида ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ маҳфилҳои илмии донишҷӯён кам доир гардиданд. Ҳол он ки имрӯз рушди бемайлони илму техника ва технологияи навин тақозо менамояд, ки донишҷӯён дар сутуҳи афзалиятноки наноилм, бавижа нанотехнология, биотехнология, нанобиотехнология, равандҳои феитокимиёвӣ ва дигар самтҳои афзалиятноки илм ҷалб карда шаванд. Дар соли 2011 донишҷӯёни ДМТ аз рӯйи равияҳои тахассусӣ ва ғайритахассусии ихтисосҳои забони англисӣ ва биология дар даври хотимавии олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҷойҳои намоёнро натавонистанд ишғол намоянд. Фаъолияти донишҷӯён аз рӯйи равияҳои ғайритахассусии физика, таърих ва информатика низ қонеъкунанда набуд. Ва ё дар соли 2012 донишҷӯёни факултетҳои баҳисобгирию иқтисодӣ, тиббию фармасевтӣ, кафедраҳои умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва франсавӣ, математикаи олӣ, фалсафа, назарияи иқтисод, педагогика ба озмуни корҳои илмии донишҷӯёни макотиби олии кишвар ягон кори илмӣ пешниҳод накарданд. Бархе аз мавзуъҳо пояи илмӣ надоранд.

Адабиёт

1. *Ба қуллаҳои дониш. 2019, 25 апрел. – 16 с.*
2. *Боргоҳи маърифат. Мураттибон М. Бобохонов, А. Раҳмонов. – Душанбе, 1998. – 480 с.*
3. *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – 38 с.*
4. *Имомзода М., Сафармамадов С., Раҳмон Ҳ., Расулиён Қ. 25 зинаи камолот. – Душанбе, 2016. – 713 с.*
5. *Имомзода М., Сафармамадов С., Расулиён Қ., Раҳмон Ҳ., Қосимов С. Аз остон то камолот. – Душанбе, 2018. – 692 с.*
6. *Пажӯҳишҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: таҳлил ва дурнамо. – Душанбе, 2011. – 88 с.*
7. *Пажӯҳишҳои илмӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: таҳлил ва дурнамо. – Душанбе, 2012. – 160 с.*
8. *Ҳисоботи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2017. – Душанбе, 2017. – 25 с.*
9. *Ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти Доишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022. Бойгонии ҷории ДМТ.*
10. *Фишурдаи "Ҳисоботи корҳои таҳқиқоти илмии ҳайати устодону кормандони илмӣ, докторантону аспирантон ва донишҷӯёни ДМТ дар соли 2010". – Душанбе, 2010. – 63 с.*

САҲМИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РУШДИ ИЛМИ ДОНИШГОҲӢ
(дар мисоли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)

Дар мақола фаъолияти илмии донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва иштироки онҳо дар ҳамоишҳои илмӣ аз қабили олимпиадаҳои сатҳи гуногун дар дохил ва хориҷи Тоҷикистон мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст. Гуфта мешавад, ки дар ДМТ дар радифи тарбияи кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба тарбияи кадрҳои илмӣ барои марказҳои илмию таълимӣ низ диққат дода мешавад. Аз ин лиҳоз донишҷӯён дар тули таҳсил дар донишгоҳ ба корҳои илмӣ низ ҷалб карда мешаванд. Яке аз шаклҳои муҳими ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ иштироки фаъоли онҳо дар маҳфилҳои илмии донишҷӯӣ мебошад. Ҳамзамон аз ҳисоби донишҷӯёни фаъол дастаҳои олимпӣ ташкил карда шудааст, ки онҳо дар тули фаъолияти худ ба дастовардҳои қобили таваҷҷуҳ муваффақ шудаанд.

Калидвожаҳо: ДМТ, донишҷӯ, маҳфили илмӣ, илми донишгоҳӣ, олимпиада, озмун, дастаи олимпӣ.

ВКЛАД СТУДЕНТОВ В РАЗВИТИЕ ВУЗОВСКОЙ НАУКИ
(на примере Таджикского национального университета)

В статье рассмотрена научная деятельность студентов Таджикского национального университета и их участие в научных конференциях, таких как олимпиады различного уровня в Таджикистане и за рубежом. Сообщается, что в целях подготовки высококвалифицированных кадров для различных отраслей экономики республики уделяется внимание также подготовке научных кадров для научно-образовательных центров. В связи с этим студенты во время учебы в университете привлекаются и к научной работе. Одним из важных способов привлечения студентов к научной работе является их активное участие в студенческих научных кружках. В то же время олимпийские команды сформированы из активных студентов, добившихся за свою карьеру значительных достижений.

Ключевые слова: ТНУ, студент, научный клуб, вузовская наука, олимпиада, соревнования, олимпийская команда.

STUDENTS' CONTRIBUTION TO THE DEVELOPMENT OF UNIVERSITY SCIENCE (using the example of the Tajik National University)

The article explores the scientific activities of students of the Tajik National University and their participation in scientific conferences, such as Olympiads at various levels in Tajikistan and abroad. It is reported that in order to train highly qualified personnel for various sectors of the republic's economy, attention is also paid to the training of scientific personnel for scientific and educational centers. In this regard, students are also involved in scientific work while studying at the university. One of the important ways to attract students to scientific work is their active participation in student scientific circles. At the same time, Olympic teams are formed from active students who have achieved significant achievements during their careers.

Keywords: TNU, student, science club, university science, Olympiad, competitions, Olympic team.

Дар бораи муаллиф

Қодиров Маҳмадулло Нуралиевич
Докторанти PhD кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 988 65 18 80
E-mail mahmadulloqodirov31@gmail.com

Об авторе

Кодиров Махмадулло Нуралиевич
Докторант PhD кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 988 65 18 80
E-mail mahmadulloqodirov31@gmail.com

About the author

Qodirov Mahmadullo Nuralievich
Doctor PhD Department of the history of Tajik Peoples
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17
Ph.: (+992) 988 65 18 80
E-mail mahmadulloqodirov31@gmail.com

ТДУ 9:891.550

ИНЪИКОСИ ЛАШКАРКАШИҲОИ ТЕМУРЛАНГ БА ХОРАЗМ ДАР «РАВЗАТУ-С-САФО»-И МИРХОНД

Гулов Ҳ. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Мирхонд дар асари худ “Равзату-с-сафо” дар муқоиса ба дигар муаррихони дарбории аҳди Темурӣ лашкаркашии Темурлангро ба Хоразм дар 5 фасл, аз ҷумла: «Гуфтор дар фиристодани ҳазрати соҳибқирон Алқамаи тавочӣ ва Мавлоно Ҷалолуддини Кеширо мутаоқиби ҳам ба Хоразм ва берун рафтани он ҳазрат аз ақиби эшон ба азми разм”, «Зикри таваҷҷуҳи ҳазрати соҳибқирони ба ҷониби Хоразм каррати сонӣ», «Зикри лашкар кашидани ҳазрати соҳибқирон навбати саввум ба тарафи Хоразм ва муроҷиат намудани он ҳазрат», «Зикри элчӣ фиристодани ҳазрати соҳибқирон ба ҷониби Хоразм ва иқдом намудани Юсуфи Сӯфӣ бар ҳаракоти нолоиқ ва таваҷҷуҳ намудани он ҳазрат бад-он ҷониб», “Зикри лашкар кашидани ҳазрати соҳибқирон навбати панҷум ба Хоразм ва тасхири он мамлакат бе кулфату машаққату меҳнат” инъикос кардааст.

Пас аз кушта шудани амир Ҳусайн ва фатҳи Балх, кулли амирон ва бузургони улуси чағатоӣ ва Мовароуннаҳр дар атрофи Темурланг муттаҳид шуданд. Темурланг баъд аз он ки амир Ҳусайнро ба қатл расонид, қалъаи Ҳиндувони Балхро вайрону валангор карда, молу амволи ӯро ба даст овард.

Баъд аз ин ӯ дар Балх писари Ҷуғоми барлосро ҳоким гузошта худ озими Кеш шуд. Аз он ҷо рӯ ба Самарқанд овард ва он шаҳрро ба таври расмӣ пойтахти давлати худ интихоб кард. Бояд тазаккур дод, ки муаллифи «Ҳабибу-с-сияр» санаи ба тахт нишастани Темурро дар муқоиса ба дигар муаррихон 12 рамазони соли 771/27 апрели соли 1370 дақиқтар нишон додааст [11, с. 419].

Тибқи ахбори Мирхонд ва Шарафуддин Алии Яздӣ «Соҳибқирон аз хавотин (занон)-и амир Ҳусайн Сароймалик-хонуми духтари Қазонсултонхон ва Улус-оғои духтари Баён-сулдӯз ва Ислом-оғо духтари Хизри Ясурӣ ва Туғи Таркон-хотунро рақами ихтисос кашид (яъне ба никоҳи худ даровард)...» [12, с. 155].

Вақте ки Темурланг духтари Қазонхонро (1343-1346) ба ақди худ даровард лақаби «Курагон», яъне «домод»-ро ба худ гирифт. Темурланг афзал медид, ки худро «амир» биномад ва муносибати хонаводагии худро бо Чингизхон нигоҳ дорад. Аз ин рӯ аз лақаби муғулии Гуракон (домод) истифода мекард. Ӯ то соли 1402 вафодории худро ба шоҳзодагони хонадони чингизӣ, яъне Суюрғутамиш (1370-1384) ва султон Маҳмуд (1384-1402) нигоҳ дошт. Бояд гуфт, ки хонҳое, ки Темурланг ба сари қудрат гузошт, аслан ҳеҷ коре аз дасташон намеёмад. Дар ин ҷода муҳаққиқи варзида Муҳаммад Ғубор чунин менигорад: «он подшоҳ…дар Самарқанд вазифае ғайр аз таом хӯрдан надошт» [7, с. 253].

Темурланг баъди ба эътидол омадани авзои сиёсии Мовароуннаҳр барои ба даст овардани кишварҳои дигар омода мешуд. Чунончи Ибни Арабшоҳ меафзояд: “Чун мамолики Мовароуннаҳр аз мухолифони Темур пардохта ва ором шуд ва тавсани рӯзгор саркашӣ бигзошта, бад-ӯ ром гашт, бар он шуд, ки ба кишварҳои дигар пардозад ва риштаи бандагӣ ба гардани озодагон дарандозад” [2, с. 49].

Лашкаркашии Темурланг ба Хоразм дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ дар чор маврид зикр ёфтааст. Мирхонд бошад дар асари худ лашкаркашии Темурлангро дар панҷ давра инъикос кардааст.

Бояд тазаккур дод, ки лашкаркашиҳои Темурланг ба Хоразм дар асарҳои Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд ба инъикоси воқеаҳои «Зафарнома»-и Шомӣ шабоҳат дошта, бо эҳтимоли зиёд Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд аз асари Шомӣ истифода намудаанд.

Зимнан бояд тазаккур дод, ки як идда муҳаққиқон ба амсоли В.В.Бартолд [3, с. 25-178], Б.Ахмедов [1, с. 45-53], А.Ю.Якубовский [14, с. 68], А.Шарифов [13, с. 4-45], Ш.Мирзоев [4] ва дигарон дар таҳқиқоти худ зимни омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои даҳшатангези Хоразм аз осори Мирхонд «Равзату-с-сафо» васеъ истифода намудаанд.

Темурланг дар мадди аввал хост Хоразмро ба зери тасарруфи худ дарорад ва барои ӯ пеш аз ҳама баҳонае лозим буд. Баҳонаи лашкаркашии Темурлангро ба Хоразм Мирхонд чунин баён мекунад, ки муддати панҷ сол буд, ки «Кот ва Хева тааллуқ бо улуси Ҷағатой дорад ва ту чанд сол аст, ки аз он вилоят мол гирифтаи ва он арса дар таҳти тасарруф даровардай, вазифа он ки акнун дасти татовул аз он мамлакат кутоҳ кунӣ то гумоштагонӣ мо забт намоянд" [5, с. 87; 9, с. 65; 8, с. 406; 12, с. 173; 11, с. 421]. Темурланг назди Ҳусайн Суфӣ элчӣ фиристода бад-ӯ пайғом дод, ки он ду мавзеъ тааллуқ ба Ҷиғатой дорад, бояд ки бо ҳар чӣ бад-он тааллуқ дорад, бо тасарруфи девони подшоҳ гузорӣ, то роҳи дӯстӣ кушода ва асбоби ягонагӣ омода гардад.

Ҳусайн Суфӣ дар ҷавоб гуфт, ки ман ин вилоятро ба зарби шамшер гирифтаам, ба шамшер аз ман тавон гирифт. Темурланг дар ҷавоби Ҳусайни Сӯфӣ дар ғазаб омада хост бо лашкари гарон рӯ ба Хоразм биорад. Лекин Мавлоно Ҷалолуддини Кешӣ аз Темурланг хоҳиш кард, то ба ӯ иҷозат диҳад, ки ба назди ӯ равад ва бо роҳи насиҳат ӯро аз ин роҳ баргардонад. Мавлоно Ҷалолуддин на танҳо Ҳусайн Суфиро бо роҳи рост ҳидоят карда натавонист, балки худи ӯро дастгир ва ҳабс карданд. Вақте ки ин хабар ба Темурланг мерасад, лашкарҳо ҷамъ намуда дар баҳори соли 773/1371-1372 ба Хоразм лашкар мекашад [5, с. 88; 9, с. 65; 12, с. 175; 11, с. 422]. Тибқи иттилои сарчашмаҳо ин нахустин лашкаркашии Темурланг ба Хорзм буд, ки вилоятҳои Кот ва Хеваро ба зери тасарруфи худ даровард.

Чунончи Мирхонд дар «Равзату-с-сафо» қайд мекунад, Темурланг дар аввал мехост, ки бо макру ҳила ҳокими Хоразм Ҳусайни Суфиро ба доми худ афтонад, аммо амир Кайхусрави Хатлонӣ ки нисбат ба Темурланг дар ботин нафрат дошт ба Ҳусайн Суфӣ пайғом дод, ки «бар аҳду паймони амир Темури Гуракон эътимод манамой ва дари сулҳу оштӣ макушой ва бетаҳошӣ аз шаҳр берун ой, ки аксари лашкари Самарқанд ба тохту ғорату атрофу ҷавониб рафтаанд» [5, с. 89; 11, с. 422]. Кайхусрави Хатлонӣ ба Ҳусайн Суфӣ ваъда дод, ки дар рӯзи набард ман ба тумони худ ба лашкари Хоразм пайвандам. Ҳусайн Суфӣ ба ваъдаи Кайхусрави Хатлонӣ дилпур шуда, бо пиёдаву савора аз шаҳр берун баромад.

Аммо Ҳусайн Суфӣ ба шикаст дучор шуда, ба хотири раҳо ёфтани худ нақшаи Кайхусравро ба Темурланг ошкор месозад.Тибқи иттилои сарчашмаҳо Ҳусайн Суфӣ, ба муқобили Темурланг дар танҳоӣ муқобилият карда наметавонист. Бинобар он маҷбур мегардад, ки духтари яке аз бародаронаш Савинбекро бо номи Хондзода, ба писари Темурланг Ҷаҳонгир ба занӣ диҳад. Сипас, Темурланг фармони берун шудани лашкарро аз Хоразм дод.

Темурланг Ҳусайни Сӯфиро шикаст дода, тибқи навиштаи Мирхонд фармон медиҳад, ки «Кайхусравро ҳозир оварда…ва баъд аз таҳқиқу тафтиш…ӯро банд карда ба Самарқанд фиристод, то навкарони амир Ҳусайн ба қасоси валинеъмати хеш…ҳаёташро аз шаҳристони бадан кутоҳ сохтанд» [5, с. 90-91; 9, с. 67; 10, с. 968; 13, с. 29]. Тибқи иттилои Шарафуддини Алии Яздӣ ва Мирхонд гӯё Темур амир Кайхусравро ба навкарони амир Ҳусайн таслим кард, онҳо ӯро ба қасоси амир Ҳусайн ба қатл расониданд. Ин суханон асоси воқеӣ надоранд, зеро муаррихони дарборӣ бо ҳар навъ талош мекарданд, ки ҷиноятҳои Темурлангро пинҳон доранд. Ҳол он ки Низомуддини Шомӣ воқеиятро баён сохта, аз кушта шудани амир Кайхусрав аз ҷониби навкарони амир Ҳусайн иттилоъ надодааст [9, с. 67].

Бояд тазаккур дод, ки Темурланг хеле хуб дарк карда буд, ки то он даме ки ҳокими Хатлон Кайхусрав дар қайди ҳаёт аст, даъвии истиқлолхоҳӣ хоҳад кард ва барои ин золим хоҳ-нохоҳ садди роҳ мешуд. Ҳамин тариқ, Темурланг яке аз ҳокимони саркаши худро аз байн бурд. Темурланг барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар Хатлон яке аз хешони Кайхусрави Хатлонӣ-Муҳаммад Мирка писари Шер Баҳромро ҳокими Хатлон таъйин менамояд. Ба қавли Мирхонд: «Мирка амире бузург буд ва Султонбахт Бегими духтари Темур зани ӯ буд ва ҳукумати Хатлону тавобеъи он бар ӯ муқаррар шуда буд» [5, с. 164]. Тибқи ахбори Шарафуддин Алӣ Темур ба кушта шудани Кайхусрав тумони Хатлонро ба писари Шербаҳром-Муҳаммадмирка, ки хеши Кайхусрав буд, арзонӣ дошт» [12, с. 181].

Аз баёни воқеаҳои минбаъда аз ҷониби Шарафуддин Алии Яздӣ бармеояд, ки натанҳо Кайхусрав, балки амирони дигар низ аз дар сари қудрат будани Темурланг норозӣ буда, мехостанд якҷоя ба муқобили ӯ баромада, Моваруннаҳрро аз дасташ бигиранд. Чунончи, муаллифи сарчашма ин ҳодисаро чунин шарҳ додааст: «Баъд аз гирифтани Кайхусрави Хатлонӣ писари ӯ султон Маҳмуд, Абуисҳоқ писари Хизри ясурӣ ва Маҳмудшоҳи Бухорӣ аз

мавкаби ҳумоюн тахаллуф (аз қавл гаштан) намуда ба Хоразм рафтанд ва ҳарифи маҷлиси Юсуфи Суфӣ шуда... » [5, с. 91].

Баъди қатли Кайхусрави Хатлонӣ писари он султон Маҳмуди Хатлонӣ бо дастгирии як идда ашрофони зидди Темурланг ба Хоразм назди Юсуф Суфӣ рафта, ӯро ба муборизаи зидди Темурланг ташвиқ карда, шаҳри Котро ғорат менамоянд. Темурланг аз ин ҳодиса огаҳ шуда, дар баҳори соли 774/1373 лашкари зиёде аз гирду атроф ҷамъ оварда, бори дуюм ба муқобили Юсуф Суфӣ ба Хоразм ҳуҷум кард. Юсуф Суфӣ, аз лашкари гарони Темурланг дар ҳарос афтода, як идда аъёну ашрофро бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба назди Темурланг фиристода ваъда дод, ки Хондзодаро тибқи ваъда дар вақти муайян гардида равона месозад. Темурланг рӯ ба Самарқанд оварда. Тибқи ваъда Юсуф Суфӣ Хондзодаро бо шукуҳу шаҳомати хоса ба Самарқанд фиристод.

Бояд тазаккур дод, ки Темурланг пеш аз лашкаркашии сеюми худ ба Хоразм як идда амирон аз қабили Сори буғо, Одилшоҳ, Хитой баҳодур ва Элчӣ буғоро бо сӣ ҳазор лашкар ба муқобили Қамариддин ба Дашти Қипчоқ равон кард. Сипас, Темурланг дар аввали фасли баҳори соли 777/1376 мутаваҷҷеҳи Хоразм шуд ва ба мавзеи Сепоя расид. Дар ин асно аз ҷониби Омуя Туркан гурехт ва Пӯлод аз ақиби ӯ ба таъқил равон шуд ва дар мавзеи Порёб ба ӯ расид. Се шабонарӯз байни якдигар ҷанги шадид ба амал омад. Ҳангоми дар Хоразм қарор доштани Темурланг амирони наздики ӯ Одилшоҳ, Хитой баҳодур, Элчӣ буғо ва Сори буғо аз Темурланг рӯйгардон шуда бо лашкари гарон қалъаи Самарқандро муҳосира гирифтанд. Чун аз ин ҳол Темурланг воқиф шуд амирзода Ҷаҳонгирро пешакӣ ба муқобили исёнгарон равона сохт. Ҷаҳонгир ба Бухоро расид ва Темурланг бошад ба Работи Малик расида қарор гирифт. Ҷаҳонгир дар мавзеи Кармина ба исёнгарон расид. Исёнгарон аз неруи бешумори Ҷаҳонгир дар ҳарос афтода, ба Дашти Қипчоқ гурехта, ба Урусхон паноҳ бурданд.

Тибқи иттилои сарчашмаҳо лашкаркашии чоруми Темурланг ба Хоразм ба соли 781/1379 рост омад. Дар ин сол Темурланг ба муқобили Урусхон лашкар кашида буд. Юсуф Суфӣ бошад ба ҷониби Бухоро лашкар фиристода вилоятро ғорату тороҷ карданд. Темурланг Ҷалолуддин баҳодурро назди Юсуф Суфӣ элчӣ фиристод. Элчии Темурланг аз ҷониби Юсуф Суфӣ гирифтор шуд. Темурланг нома ба Юсуф Суфӣ ирсол сохт то ки элчӣ раҳо карда шавад, аммо ӯ на танҳо элчиро раҳо накард, балки сипоҳеро бо роҳбарии Тӯй буғо фиристод, то шутурони тарокимаро, ки дар навоҳии Бухоро қарор доштанд, ронда ба Хоразм бурданд. Ин ҳодиса боиси қаҳру ғазаби Темурланг шуд ва дар баҳори соли 781/1379 ба ҷониби Хоразм лашкар кашид. Темурланг аз Дарёи Кӯҳна гузашта, шаҳрро дар муҳосира қарор дода, мардуми зиёдеро ба қатл расонид ва боқимондаро ба асирӣ гирифтанд.

Муҳосираи Хоразм се моҳ давом кард ва Юсуф Суфӣ бемор шуда вафот кард. Пас аз вафоти Юсуф байни аркони давлати ӯ ихтилоф падид омад. Зумрае ҷониби Моник Суфиро гирифтанд ва қисми дигар бошад Хоҷа Локро дастгирӣ карданд. Хоҷа Лоқ худро мағлубшуда ҳисоб карда, дарвозаи шаҳр кушода ба назди Темурланг рафта, авзои дохилиро ба ӯ баён карданд. Темурланг бо лашкариёнаш деворҳои қалъаро рахна карда вориди он шуданд. Хоразм бераҳмона ғорат карда шуда ва бо фармони Темурланг тамоми ҳунармандон, устоҳо ва олимони намоён ба Самарқанд бурда шуданд. Дар бораи олимону ҳунармандони Хоразм Ибни Арабшоҳ чунин меафзояд: “Мардуми Хоразм чун аҳли Самарқанд, ба лутф ва муҳаббат самаранд ва дар ҳашмату зарофат аз онон бартар. Ҳамагӣ адибу суханпардоз ва дар фазлу дониш бар дигарон мумтозанд; бавижа дар ҳунари мусиқӣ баландовоза ва машҳуранд, чандон ки гуфтаанд: “Чун кӯдаке аз онон дар гаҳвора ба гиря дарояд ё бонге барорад, овои он бо гӯшае аз дастгоҳи мусиқӣ мутобиқ афтад”[2, с. 50]. Дар Урганҷ ба номи Темур ва Суюргутамиш хутба хонда, танга сикка зада шуд [6, с. 268; 5, с. 91].

Тибқи иттилои Мирхонд бори панҷум Темурланг дар соли 799/1388 ҷониби Хоразм шуд ва дар мавзеи Эгриёр расид, Куча уғлон, Темур Қутлуғ уғлон, шайх Алӣ баҳодур ва шайх Темур баҳодурро ба ҷониби Хоразм фиристод. Одамони Темурланг огаҳ шуданд, ки Элйиғмиш ва Сулаймон Суфӣ мамлакатро тарк карда рӯ ба гурез ниҳоданд. Темурланг як идда амирони худро бо лашкариёнаш ба мавзеи Қамканд фиристода ва мардуми зиёдеро ба қатл оварданд ва молу асбоби бисёре ғанимат гирифтанд. Темурланг чанд рӯз дар Хоразм таваққуф карда, фармуд, ки то маҷмуи мардуми шаҳру вилоятро кӯч карда ба Самарқанд бурданд, шаҳрро ба замин ҳамвор сохта ҷав кориданд [5, с. 163]. Темурланг баъд аз се сол иҷозат дод то аз нав шаҳри Урганҷ пойтахти Хоразм барқарор карда шавад.

Темур барои Хоразми ҷанубу шарқӣ бо қунғуротҳо муборизаи дурудароз ва сарсахтона мебарад ва танҳо баъди чор юриш (юриши якум дар баҳори соли 773 (1371-1372), дуюм-774 (1373), сеюм-777 (1376), чорум-781 (1379) ниҳоят ин қисмати Хоразмро ҳам ба зери тасарруфи худ даровард. Аммо тибқи иттилои Низомуддини Шомӣ, ҳамзамон аз ин ҳодисаҳои Хоразми ҷанубу шарқӣ танҳо дар соли 781 (1379), яъне пас аз юриши чорум ба дасти Темур гузашт.

Ҳамин тариқ, «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд дар баробари дигар маъхазу сарчашмаҳои хаттии асрҳои XIV-XV дар инъикоси лашкаркашии Темурланг ба Хоразм ва ваҳшониятҳои содиркардаи ӯ дар ин сарзамин аз намунаҳои нодиртарини осори хаттии ин давра ба шумор меравад.

Адабиёт

1. *Ахмедов Б. Из политической истории Хорезма в XV в. // Известия Академии наук Узбекской ССР, Серия общественных наук, Ташкент, 1960. - № 5. - С. 45-53.*
2. *Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур) / Мутарҷим Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ. Баргардонанда Аҳмадхон Муродзода. - Душанбе: «Эр-граф», 2018. - 400 с.*
3. *Бартольд В.В. Улугбек и его время // Соч.II.Ч.-2. - М.: Наука, 1964. - 661 с.*
4. *Мирзоев Ш. Инъикоси лашкаркашиҳои Темурланг ба Хоразм дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ // Муаррих. - 2020. - №3 (23). - С. 79-86.*
5. *Мирхонд. Таҳзиб ва талхиси Аббоси Равзату-с-сафо. Ҷ.6. Зарёб. Теҳрон, 1339. - 480 с.*
6. *Савельев П. Монеты джучидов, джагатаидов, джалаиридов и др. - СПб., 1858: Тетюшский клад. – 268 с.*
7. *Муҳаммад Ғубор. Афғонистон дар масири таърих. Ҷ.1. - 253 с.*
8. *Муъинуддини Натанзӣ. Мунтахаб-т-таворихи Муини. - Теҳрон, 1336 (1958). - 435 с.*
9. *Низомуддини Шомӣ. Зафарнома / Ба сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Феликс Тауэр. - Бейрут, 1937. - 295 с.*
10. *Фасеҳи Хавофӣ. Муҷмалу-т-таворих / Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Саид Муҳсин Ноҷӣ Насрободӣ. – Теҳрон, 1386. - 1472 с.*
11. *Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. Ҷ.3. - Теҳрон, 1353. – 641 с.*
12. *Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома / Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Аббос. Ҷ.I. - Теҳрон, 1336. - 583 с.*
13. *Шарифов А. Кӯлоб - шаҳри қадимаи тоҷикон // Кӯлоби бостонӣ, Душанбе: Эҷод, 2006. - 203 с.*
14. *Якубовский А.Ю. Развалины Ургенча // Известия Гос. Академии истории материальной культуры. -М., 6. Вып.2. - Л., 1930. - 263 с.*

ИНЪИКОСИ ЛАШКАРКАШИҲОИ ТЕМУРЛАНГ БА ХОРАЗМ ДАР «РАВЗАТУ-С-САФО»-И МИРХОНД

Дар мақолаи мазкур перомуни вазъи сиёсии Хоразми нимаи дуюми асри XIV бо такя ба «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд маълумот дода мешавад. Муаллиф зикр менамояд, ки дар баробари дигар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XIV-XV «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд низ аз сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ дар равшан сохтани ҳуҷуми Темурланг ба Хоразм ва ваҳшониятҳои ӯ аз маъхазҳои нодир ба шумор меравад. Муаллиф таҳлили муқоисавии ахбори Мирхондро бо маълумоти дигар муаллифони асримиёнагӣ ба таври густурда нишон додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи мавриди назар маҳз ба сари қудрат омадани Темурланг ва панҷ маротиба лашкаркашиҳои пайдарпайи ӯ барои ба даст овардани Хоразм ва аз байн бурдани ҳокимони Хоразм Ҳусайн Суфӣ, Юсуф Суфӣ ва Кайхусрави хатлонӣ ва писараш султон Маҳмуд набардҳои хунин ба вуқуъ пайваст. Муаллиф қайд мекунад, то ба сари қудрат расидани Темурланг, гарчанде ки як давраи хеле кӯтоҳи таърихиро фаро гирифта бошад ҳам, зиёни лашкаркашиҳои ӯ барои ба зери тасарруфи худ даровардани Хоразм ба мардуми бумии Хоразм камтар набуд.

Калидвожаҳо: Мирхонд, Темурланг, Хоразм, Ҳусайн Суфӣ, Юсуф Суфӣ, асар, манбаъ, муаллиф.

ОТРАЖЕНИЕ ПОХОДОВ ТЕМУРЛАНГА НА ХОРЕЗМ В «РАВЗАТУ-С-САФА» МИРХОНДА

В данной статье рассматривается политическая обстановка в Хорезме во второй половине XIV века, как описано в произведении "Равзату-с-сафа" Мирхонда. Автор отмечает, что "Равзату-с-сафа" Мирхонда является одним из ключевых исторических источников, отражающих вторжение Темурланга в Хорезм и его действия. В статье проводится сравнительный анализ информации, представленной Мирхондом, с данными, содержащимися в произведениях других средневековых авторов. Автор отмечает, что в рассматриваемый период приход Темурланга к власти и его пять последовательных походов для захвата Хорезма и устранения правителей Хорезма, таких как Хусейн Суфий, Юсуф Суфий и Кайхусрави Хатлани, а также его сына Султана Махмуда, привели к кровопролитным боям. Автор отмечает, что хотя этот исторический период был недолгим, ущерб, нанесенный Темурланга в подчинении Хорезма, был огромным.

Ключевые слова: Мирхонд, Темурланг, Хорезм, Хусейн Суфий, Юсуф Суфий, произведение, источник, автор.

REFLECTION OF TEMURLANG'S CAMPAIGNS AGAINST KHWAREZM IN MIRKHOND'S "RAVZAT-US-SAFA"

This article examines the political situation in Khwarezm in the second half of the 14th century as described in Mirkhond's work "Ravzat-us-Safa." The author highlights that "Ravzat-us-Safa" by Mirkhond is one of the key historical sources that shed light on Temurlang's invasion of Khwarezm and his actions. The article provides a comparative analysis of the information presented by Mirkhond with the data contained in the works of other medieval authors. The author notes that during the period under consideration, Temurlang's rise to power and his five consecutive campaigns aimed at capturing Khwarezm and removing its rulers, such as Hussein Sufi, Yusuf Sufi, Kaykhusraw Khaltani, and his son Sultan Mahmud, resulted in bloody conflicts. The author highlights that although this historical period was brief, the damage inflicted by Temurlang's campaigns in subjugating Khwarezm was immense.

Keywords: Mirkhond, Temurlang, Khwarezm, Hussein Sufi, Yusuf Sufi, creation, source, author.

Дар бораи муаллиф

Гулов Ҳасан Ҳиматович
Унвончӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (+992) 550 22 22 29

Об авторе

Гулов Хасан Химатович
Соискатель кафедры истории таджикского народа
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67
Тел.: (+992) 550 22 22 29

About the author

Gulov Hasan Himatovich
Applicant for the Department of History of the Tajik People
Bokhtar State University named after N. Hisrov
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, S.Ayni st.. 67
Ph.: (+992) 550 22 22 29

ТДУ 75(091)(575.3)

ТАЪРИХНИГОРИИ САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (с. 1941-1945)

Ганҷакова М. Г.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Омӯзиш ва таҳлили таърихи санъати Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ дар таърихнигории ватанӣ рӯзмарра буда, тадқиқоти наву мукаммалро талаб менамояд. Барои дар амал тадбиқ намудани нақшаҳои ҷомеаи сотсиалистӣ, инқилоби фарҳангӣ, ки натиҷаи он дар маҳви бесаводӣ ва таъсиси муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ нақши мусоид гузоштааст, замина ба рушди санъат дар ҷумҳурӣ гардид. Дар солҳои душвори ҷанг, нақши саънат дар тарбияи ватандӯстӣ ва мубориза баҳри озодии ватан хеле бузург буд. Муборизаи ҳунармандони ҷумҳурӣ дар ақибгоҳ ва муҳорибаҳои ҷангӣ ба муқобили душман дар асарҳои таърихӣ инъикос ёфтааст. Дар асари бунёдии «История таджикского народа» оварда шудааст, ки санъат дар тули қарнҳо на танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи тамошобинон фаъолият менамояд, балки аз ҷиҳати маънавӣ руҳияи инсонро бедор намуда, маҳз чунин раванди онро ҳизби коммунистӣ мақсаднок, ҳамчун яроқи мукаммал дар муборизаи афкор истифода менамуд [8, с. 92-105]. Бояд ифода намуд, ки маҳз дар замони душвори ҷанг нақши муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ ва санъати Тоҷикистон бар зидди мубориза ба душман барои озодии ватан ҳалкунанда буд ва тадқиқоти таърихии он дар таърихнигории муосир рӯзмарра маҳсуб меёбад. Таърихи санъати давраи Ҷанги Бузурги ватании Тоҷикистон дар асарҳои бунёдии замони шуравӣ «История таджикского народа» [7, с. 91-94], «Из истории культурного строительства в Таджикистане (1941-1960 гг.)» [5, с. 339-397], «История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977 гг.)» [6, с. 472], «Советский Таджикистан в годы Великой Отечественной войны» [15, с. 190] инъикос ёфта, нуқтаи назари муҳаққиқонро роҷеъ ба фаъолияти онҳо фаро мегирад.

Нуқтаи назари муҳаққиқон, бахусус муаррихон, санъатшиносон, фарҳангшиносон ва адабиётшиносон ба таҳқиқи таърихи санъати тоҷик равона гардидааст ва дар ин самт корҳои зиёди илмӣ – тадқиқотӣ ба анҷом расонида шудааст, ки натиҷаи тадқиқоти онҳо дар таърихнигории ватанӣ мавқеи бузургро касб менамояд.

Фаъолияти театр ва бригадаҳои фронтии замони ҷанги Тоҷикистон дар асарҳои илмӣ - тадқиқотии санъатшиносону муаррихон Г.Гоян [3, с. 134-149], Л.Сечкина [17, с. 154], Н. Нурҷонов [11, с. 5-34], Л. Н. Винокурова, С. Мирсаидов [1, с. 108-147], Л. Н. Демидчик [4, с. 10-39], М.Р. Шукуров [19, с. 10-39], С. Раҳимов [14, с. 140] ва дигарон инъикос ёфтааст.

М. Городетский доир ба фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, осорхонаву китобхона, асарҳои мусиқӣ ва рақсии халқи тоҷик, аз ҷумла мақом қайд менамояд. У менависад, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ аз ҳисоби эҷодиёти мусиқии халқ ансамблҳо ташкил ёфта, барномаҳои консертӣ пешниҳод мегардиданд [2, с. 68].

Дар мақолаи В.Шевченко бо истифода аз маводҳои фаровон оид ба фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии замони ҷанги вилоятҳои ҷумҳурӣ қайд гардидааст [18, с. 19-24].

Н. Нурҷонов дар мақолааш “Таджикский театр в годы Великой Отечественной войне” таърихи фаъолияти театрҳо ва мусиқии Тоҷикистон дар замони ҷангро мавриди таҳлил қарор додааст [11, с. 5-34].

Н.Ҳ. Нурҷонов менависад, ки солҳои 40-50 – уми асри XX замони рушди босуръати театри шуравии тоҷик маҳсуб ёфта, фаъолияти театри касбӣ, ҳайати эҷодии марказӣ ва маҳаллӣ мукаммал гардида, драматургияи миллӣ ва балет рушд намуд [12, с. 368]. Аз тарафи дигар, дар солҳои душвори ҷанг ва баъдиҷангӣ осори драматургҳои собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ репертуари театри тоҷикро ғанӣ мегардониданд ва муаллиф таърихи театри шуравии тоҷикро ҷузъи фарҳанги нави сермиллати сотсиалистӣ маҳсуб медонад [12, с. 369]. Яке аз мушкилоти асосӣ, ки боиси таъсир ба фаъолияти театрҳо гардид, ин ба фронт

сафарбар намудани ҳунармандону артистҳо буд, ки натиҷаи он боиси кам гардидани намояндагони аҳли санъат дар ақибгоҳ мегардид.

Т.В. Каширина дар мақолааш аз иштирок ва қаҳрамонона ҳалок гардидани драматургҳо ва ҳунармандон Абдулҳақ Усмонов ва Абдушукур Пирмуҳаммадзода ба муқобили душман иброз доштааст, [15, с. 124] ки талафоти бузурги соҳа гардидааст.

С. Раҳимов дар асараш аз фаъолияти бригадаҳои пешқадам дар ақибгоҳ зикр менамояд, ки таҳти шиори «Дар меҳнат, чун дар ҷанг» амал намуда, баробари истеҳсолот бо барномаҳои консертӣ ба кормандони маданият ҳамкорӣ намуда, дар таърихи санъати театри шуравӣ нақш гузошанд [14, с. 84-85]. Аз рӯи қайд муаллиф солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ дар байни аскарони сурх корҳои васеи фарҳангӣ – равшаннамоӣ баргузор мегардид, ки беш аз 1300 ҳазор консерт ва саҳнача пешкаш гардид ва дар ду соли охири ҷанг дар фронтҳо ҳар моҳ аз 100 то 125 бригадаҳои бадеӣ ва 10-12 намоишномаҳои театрӣ баргузор мегардид, ки фаъолияти бригадаҳои театрии Тоҷикистон аз он истисно набуд [14, с. 84-85].

Аз рӯи қайди М.Р. Шукуров аввалин намоишномаҳои давраи ҷангӣ, ки дар саҳнаи театри ба номи А. Лоҳутӣ пешкаш гардидаанд, ин «Ба ҷанг»-и Е. Ёқубҷонов ва В. Зелеранский, «Дили модар» ва «Хонаи Нодир»-и Ҷ. Икромӣ ва «Дар оташ»-и С. Улуғзода маҳсуб меёбанд [19, с. 63-64].

Т.В. Каширина менависад, ки муҳтавои намоишномаи «Ба ҷанг»-и Е. Ёқубҷонов ва В. Зелеранский роҷеъ ба воқеаҳои моҳҳои аввали оғози ҷанг ва иштироки ҷанговарони тоҷик дар амалиётҳои ҳарбӣ буда, аввалин маротиба 18 – уми октябри соли 1941 дар театри ба номи А. Лоҳутӣ пешкаши тамошобинон гардидааст. Мазмуни намоишномаи «Хонаи Нодир» қаҳрамониҳои 22 ҷанговарро дар мудофиаи Сталинград нишон медиҳад. Намоишномаи «Дили модар» соли 1942 навишта шуда, мавзуи қаҳрамониҳои меҳнаткашони шуравиро дар акибгоҳ инъикос менамояд [15, с. 126].

Н.Ҳ. Нурҷонов менависад, ки соли 1942 сохтмони бинои Театри опера ва балет, ки меъморони он А. А. Юнгер, Д. И. Билибин, В. Д. Голли ва С. Е. Захаров буданд, ба итмом расида, 17 – уми феврали соли 1942 ботантана мавриди ифтитоҳ қарор гирифт [11, с. 8]. Дар Театри опера ва балет беш аз 80 барномаи нави консертӣ, ки аз он 40 асар дорои хусусияти ватандӯстӣ буданд, омода мегардиданд.

Соли 1943 бо ташаббуси коргардон А. И. Протсенко, артисти хизматнишондодаи ҷумҳурӣ И. А. Хаизел ва рассом К. Ефимов ба саҳнаи Театри опера ва балети Тоҷикистон балети классикии «Тщетная предосторожность» гузошта шуд, ки Лутфия Зоҳидоваро ҳамчун балериани нав муаррифӣ намуд [5, с. 353].

М. Р. Шукуров аз фаъолияти Театри давлатии русӣ-драмавии ба номи В. Маяковский қайд менамояд, ки танҳо соли 1941 намоишномаи А. Бруштейна «Продолжение следует» ва «Хуни халқ», ки афкори ягонаи торумори душманро доштанд, пешниҳод намуд [19, с. 63].

Т.В. Каширина дар мақолааш оид ба хизмати театрҳои ҷумҳурӣ дар фронт тазаккур доштааст, ки саҳначаи «Фронт» дар фаъолияти якҷояи ҳунармандони русу тоҷик таҳия гардидааст, ки дар ташкили он саҳми ҳунарманди машҳур, роҳбари бадеии театри мазҳакавии Ленинград Н. П. Акимов назаррас аст, ки ҳангоми кучонидани театри мазкур ба Сталинобод омада буд. Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон фаъолияти театри мазҳакавии Ленинградро арҷгузорӣ намуда, ҳунармандони он сазовори унвони артисти халқӣ ва хизматнишондода, ифтихорномаи Президиуми Шурои Олии ҷумҳурӣ гардиданд [9].

Т. В. Каширина фаъолияти Театри драмавии русии ба номи В. Маяковскийро низ самарабахш маҳсуб дониста, бо такя ба маводҳои бойгонӣ қайд менамояд, ки соли 1943 - 6 саҳнача ва 49 консерт дар госпиталҳову қисмҳои ҳарбӣ ва дар солҳои ҷанг ҳамагӣ 3250 консертҳои шефӣ ва 600 саҳнача пешкаши тамошобинон намудааст [15, с. 128].

Т.В. Каширина аз фаъолият ва натиҷаи самараноки театрҳои кучонидашуда, аз ҷумла театрҳои мусиқӣ - мазҳакавии Ленинград, тамошобинони ҷавони Ворошиловоград, мусиқӣ-мазҳакавии Воронеж, ба номи Шорси Украина, лухтаки Днепропетровск ва оркестри давлатии симфонии Киев дар рушди санъати замони ҷанги

Тоҷикистон қаноатмандӣ намуда, қайд менамояд, ки ҳамкории онҳо бо театрҳои ҷумҳурӣ боиси рушди соҳа гардид [15, с. 126].

Л.П. Сечкина менависад, ки танҳо дар соли 1942 бо ташаббуси ҳайати эҷодии театрҳои Сталинобод 506 консерт ва саҳнача дар ноҳияҳо ва колхозҳои ҷумҳурӣ пешкаш гардидаанд [17, с. 150].

Т.В. Каширина аз фаъолияти ҳайати аввалин дастаи театри фронтӣ менависад, ки тирамоҳи соли 1942 дастаи алоҳидаи ҳунармандони ҷумҳурӣ таҳти роҳбари бадеӣ Р. А. Корох ба фронт сафарбар мегарданд, ки аз навозандагон, сарояндагон ва раққосон иборат буданд. Дар ҳайати аввалин дастаи фронтӣ ҳунармандон А. Азимова, А. Носирова, Т. Ғафорова, Ш. Бобокалонов, А. Камолов, Ф. Солиев, Д. Қандов, К. Маҳкамов, А. Муллоқандов, М. Зиёев, Ғ. Валаматзода, А. Бендер, А. Ширшов ва М. Волина шомил гардида буданд [15, с. 130].

Л.П. Сечкина нигоштааст, ки санъаткорон дар шароити душвори ҷанг баромад карда, аз 14 январ то 5 марти соли 1943 бригадаи пешқадами ҶШС Тоҷикистон 128 барномаи консертӣ ба 30 ҳазор нафар тамошобинон пешкаш намуданд [17, с. 154]. Муаллиф инчунин менависад, ки 29 майи соли 1943 қарори ШКХ ва КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар бораи ташкили «Театри фронтии ҶШС Тоҷикистон» ба тавсиб расид 17, с. 154].

Бо чунин мазмун, Л.П. Сечкина тазаккур медиҳад, ки аз 1 июни соли 1943 ШКХ ва КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон қарор дар бораи таъсиси «Театри фронтии ҶШС Тоҷикистон» аз ҳисоби ҳунармандони Театри русӣ-драмавии ба номи В. Маяковский барои хизмати бадеии қисмҳои артиши сурх қабул намуданд [17, с. 154]. Ҳамин тавр, бо қарори кумитаи идоракунӣ оид ба корҳои санъати назди ШКХ ИҶШС аз 18 – уми августи соли 1943 дар бораи ташкили ҳайати Театри фронтии ҶШС Тоҷикистон ва ба тавсиб расид. Роҳбари театр М.З. Фрейден, муовин А. Г. Итскович ва роҳбари бадеӣ Г.П.Менглет таъйин гардиданд. Ба аъзои ҳайати театри фронтӣ ҳунармандон М. Зиёев, Г.П. Степанова, М.Г.Волина, Ш. Сиддиқова, И. Баракаева, В.Г.Королева, О.М. Митяшина, С. Ниёзова, А.В. Гордон, Е.А.Левенсева, А.А. Бендер, И.С.Гришин, Я.Ю. Бураковский, Ф. Солиев, Д. Қандов ва Г. Вагнер шомил гардиданд [5, с. 341].

Дар тадқиқоти М. Р. Шукуров қайд гардидааст, ки бо роҳбарии коргардон С. Юткевича барномаи консертии театри фронтии «Салом дӯстон» таҳия гардидааст [19, с. 67].

18-уми августи соли 1943 ҳайати эҷодии театр ба фронти Марказӣ рафта, намоишномаҳои худро пешкаши ҷанговарон намуданд, ки ҳатто сарфармондеҳи фронт К. Рокоссовкий дар он иштирок намудааст. Ҳайати эҷодӣ дар фронтҳои Марказиву Ғарбӣ баромад намуданд, ки дар муддати 52 рӯз дар шароитҳои душвори фронт 88 барномаи консертӣ ба 79 000 аскару афсар пешкаш намуданд [5, с. 340].

Моҳи декабри соли 1943 театри фронтӣ аз нав ба фронт сафарбар гардида, аз моҳи декабри соли 1943 то январи 1944 дар қисмҳои 1 ва 2-юми фронтҳои Белоруссия барномаҳои консертии худро пешкаши ҷанговарон намуд. Қаҳрамони Иттиҳоди шуравӣ Д.Н. Кратов дар хотираҳояш қайд навиштааст, ки моҳи январи соли 1944 ба гвардиячиёни дивизияи 17-уми савораи Байрақи Сурхи ордени Лениндор консерт пешкаш намуда, ҳама боиztироб мехостанд, ки дар он ширкат варзанд ва сурудҳои ҳунармандони тоҷикро гӯш намоянд. Шумораи хоҳишмандони дивизия хеле зиёд буд ва дар натиҷа ҷадвал тартиб дода, тибқи он тамоми аскарону афсарон аз намоишномаи консертӣ барҳравар гардиданд, бахусус барномаи “Салом дӯстон” хеле ҷолиб буд Дар натиҷа ҳайати бадеии театр дар қисми фронти Белоруссия 139 барномаи консертӣ пешниҳод намуд ва сазовори эътибори баланд гардиданд [10, с. 142].

Л.П. Сечкина қайд менамояд, ки Театри фронти ҶШС Тоҷикистон моҳи октябри соли 1944 аз нав ба фронт сафарбар мегардад, ки дар фронтҳои Марказӣ, Ғарбӣ, 1 ва 2-юми Белоруссия, 1 ва 2 – юми Украина беш аз 1000 барномаи консертӣ ба 100 000 ҷанговарону афсарон пешкаш намуданд [17, с. 155].

Ю.Ш. Саидасанов тазаккур медиҳад, ки соли 1944 дастаи ҳаваскорони театри Хоруғ аз рӯи повести М.Миршакар «Қишлоки тиллоӣ» саҳнача омода намуда, моҳи ноябр онро пешкаши тамошобинон гардониданд. Бастакор ва дирежёри саҳнача И.И. Рогалский,

коргардон Н.Г. Дубровин, рассом С.Постоловский, устоди хор Л.Н.Попов ва устоди балет А.И.Протсептко буданд [16, с. 127-128].

Аз омӯзиши адабиёти таърихӣ маълум мегардад, ки солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ дар пешкаши барномаҳои консертӣ ва рушди санъати мусиқӣ саҳми сарояндагон, навозандагон ва бастакорони тоҷик баланд буда, дар навбати худ онҳоро ба фарҳанги ҷумҳуриҳои дигари собиқ иттифоқӣ ошно менамуд.

Дар хусуси рушди санъати тасвирӣ М. Р. Шукуров менависад, ки солҳои ҷанг дар асари рассомон М. А. Зубреев «Ҷамъоварии туҳфа барои Артиши Сурх дар колхозҳо», Б. Шоҳназаров «Қаҳрамонии Муҳаммад Иброҳимов», А. Ашуров «Байрақи фронтчиён» [19, с. 70] ва ғайраҳо хусусиятҳои ҳарбӣ-қаҳрамонӣ тасвир меёфтанд.

Н. П. Пак дар таҳқиқоти монографии худ аз фаъолияти рассомони Тоҷикистон қайд менамояд, ки аз оғози ҷанг В. П. Фуфигин, Т. Турдиев, Б. И. Серебрянский, П. В. Зобин ва Г. Н. Тимоков барои ҳимояи Ватан ба фронт сафарбар гардиданд. Муаллиф аз фаъолияти эҷодии рассомон «Окон ТААС» ёдовар мегардад, ки беш аз 135 000 нусха плакатҳои сиёсӣ дар солҳои 1941- 1944 баровардаанд [13, с. 190]. Албатта санъати рассомии тоҷик дар солҳои ҷанг бо муваффақият рисолати хешро иҷро намуда, рассомон тавассути осори дорои мазмуни баланди ватандӯстию сиёсӣ офаридаи худ, муаррифгари санъати рассомии Тоҷикистон буданд.

Ҳамин тавр, бо омӯзиш ва таҳлили адабиёти таърихӣ ба хулосае омадан лозим аст, ки нақши санъаткорони ҷумҳурӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ назаррас буда, фаъолияти онҳо аз ҷониби муҳаққиқон замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ тадқиқ гардидааст. Аз мазмуни тадқиқотҳо бар меояд, ки ба шароити душвори замони ҷанг нигоҳ накарда, муассисаҳои фарҳангӣ ва аҳли санъати ҷумҳурӣ саҳми худро дар муборизаи зидди душман бо ҳар восита, бахусус тавассути намоиши барномаҳои консертӣ дар ақибгоҳ ва муҳорибаҳои ҷангӣ, сафарбарнамоии санъаткорон ба фронт ва маблағгузорӣ мерасониданд. Пас ба хулосае омадан лозим аст, ки санъат ҳеҷ вакт мавқеи худро аз даст надода, дар лаҳзаи ҳассос ва тақдирсози ватан вазифаи худро бо муваффақият иҷро намуданд ва сазовори баҳои баланд гардидааст.

Муҳаққиқон мавзуи санъати Тоҷикистонро баҳри баланд бардоштани рӯҳияи ватандустии халқи шуравӣ ва мубориза ба муқобили душман аввалиндараҷа маҳсуб дониста, қайд менамоянд, ки чунин масъалагузорӣ дар ҳифзи ватан нақши мусоид гузоштааст. Дар ин самт фаъолияти театрҳо назаррас дониста шудааст, ки муҳтавои барномаҳои таҳиянамудаашонро ба шароити замони ҷанг мувофиқ менамуданд. Дар умум муҳаққиқони ватанӣ саҳми санъаткорони тоҷикро дар баланд бардоштани рӯҳияи аскарони шуравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ мақсаднок маҳсуб дониста, дар амал татбиқ намудани онро талаботи замони мазкур баррасӣ намудаанд. Дар маҷмӯъ бо истифода ва таҳлили як қатор адабиёти таърихӣ ба таври мухтасар роҷеъ ба таърихи санъати ҷумҳурӣ дар солҳои ҷанг аз назари таърихнигорӣ равшанӣ гузошта шуда, ба хулосае омадан зарур аст, ки омӯзиши он аз нигоҳи нав таҳқиқталаб мебошад.

Адабиёт

1. *Винокурова Л. Н., Мирсаидов С. Летопись музыкальной и жизни Советского Таджикистана (1919-1945 гг.). В кн.: Музыкальная жизнь Советского Таджикистана (1919-1945 гг.). Вып.1. Отв. ред. Н. Нурджанов. – Душанбе: Дониш, 1974. – С. 108-147.*
2. *Городецкий М. Музыка Таджикистана / М. Городецкий. - Сталинабад: Госиздат, 1944. – 68 с.*
3. *Гоян Г. Национальные театры в дни Отечественной войны // Театр: Сборник / Г. Гоян. – М., 1944. - 42 с.*
4. *Демидчик Л.Н. Таджикская драматургия 40-50-х годов / Л.Н Демидчик. - Душанбе: АН Тадж ССР, 1965. – С.10-39.*
5. *Из истории культурного строительства в Таджикистане. Т.2. 1941-1960 гг. / Сост. Герцман Н. И., Каширина А. М. Т. 2. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 511 с.*
6. *История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977 гг.) / отв. ред. П.М. Марсаков. – Душанбе: Дониш, 1983. – Т.2. – 472 с.*
7. *История таджикского народа. Т.3. Кн.2. Период социализма и переход к коммунизму (1938-1963 гг.) / Под.ред. С. А. Раджабова, Ю.А. Николаева. – М.: Наука, 1965. – 283 с.*
8. *История таджикского народа. Т. VI. Новейшая история (1941-2010 гг.) / Под. общ. ред. академик Р. М. Масова. – Душанбе: Империал – Групп, 2011. – С.92-105.*

9. *Каширина Т. Искусство фронту. Артисты Таджикистан на фронтах Великой Отечественной войне // Коммунист Таджикистан. – 1970. - 11 марта.*
10. *Кратов Д.Н. В те боевые годы / Н.Д. Кратов. – Сталинабад, 1957. – С.142.*
11. *Нурҷонов Н. Таджикский театр в годы Великой Отечественной войне // Материалы к истории театра / Труды Институт истории Академии Наук Таджикской ССР. Т.29. – Душанбе, 1960. – С. 5-34.*
12. *Нурҷонов Н. История таджикского советского театра (1941-1957 гг.). – Душанбе: Дониш, 1990. - 408 с.*
13. *Пак Н.П. Советы Таджикистана в годы Великой Отечественной войны / Н.П. Пак. – Душанбе, 1985. – 247 с.*
14. *Рахимов С. Все для фронта, все для победы! / С. Рахимов. Душанбе: Ирфон, 1990. – 140 с.*
15. *Советский Таджикистан в годы Великой Отечественной войны. - Душанбе, 1975. – 190 с.*
16. *Саидасанов, Ю.Ш. ГБАО в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.): дисс… канд. истор. наук: 07.00.02 / Саидасанов Ю. Ш. – Душанбе, 2011. – 175 с.*
17. *Сечкина Л.П. Трудовой подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны / Л.П. Сечкина // Труды АН Тадж. ССР. – 1960. – Т.25. – С.150-155.*
18. *Шевченко В. Библиотеки и другие культурно-просветительные учреждения Таджикистана в период Великой отечественной войны 1941-1945 гг. // Известия АН Таджикской ССР: Отделение общественных наук.- 1963.- №3. – С. 19 – 24.*
19. *Шукуров М.Р. Культурная жизнь Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941 – 1945 гг.) / Р.М. Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 160 с.*

ТАЪРИХНИГОРИИ САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945 с.)

Муаллиф дар мақола вазъи фаъолияти санъати Тоҷикистонро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз назари таърихнигорӣ баррасӣ намудааст. Масоили гузошташуда бо фарогирии сарчашмаву адабиёти таърихӣ, ки самтҳои гуногуни фаъолияти санъати ҷумҳуриро инъикос менамоянд, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар солҳои ҷанг мавзуи асосии санъати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистон ҳарбӣ – ватандӯстӣ буда, ки аз нуқтаи назари муаррихон то андозае таҳлили илмии худро пайдо намудааст. Саҳми ҳунармандони ҷумҳурӣ ва натиҷаи бомуваффақияти намоишномаҳои фронтӣ дар осори таърихӣ ва матбуот инъикос ёфтааст. Дар адабиёти таърихӣ аз мушкилота соҳаи мазкур, аз ҷумла суст будани заминаи моддӣ ва маблағгузории нокифоя барои рушди он оварда шудааст. Дар баробари он аз аҳамияти кучонидани муассисаҳои фарҳангии наздикии хатти фронт ба ҷумҳурӣ ва саҳми ҳунармандони онҳо дар рушди санъати ҷумҳурӣ қайд гардидааст. Роҷеъ ба фаъолияти санъати замони ҷанги Тоҷикистон дар тадқиқотҳои диссертатсионӣ ва монографии фарогири масоили мухталифи давраи мазкур ва фарҳангии ҷумҳурӣ оварда шудааст. Аз натиҷаи таҳқиқотҳо ба хулосае омадан лозим аст, ки нақши санъати Тоҷикистон дар баланд бардоштани руҳияи ҳарбӣ - ватандӯстии халқи тоҷик дар солҳои ҷанг назаррас буд. Бо чунин мазмун дар мақола ба таври масъалагузории мушаххаси таърихнигорӣ аз нигоҳи нав мубарамияти мавзуъ таҳқиқ гардида, то андозае таҳлил ва баррасӣ карда шуд.

Калидвожаҳо: санъат, ҷанг, таърихнигорӣ, сарчашма, адабиёт, омӯзиш, инъикос, ҳарбӣ-ватандӯстӣ, муаррихон, замина, фронт, таърихнигорӣ.

ИСТОРИОГРАФИЯ ИСКУССТВО ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945 гг.)

В статье автор рассматривает состояние художественной деятельности Таджикистана в годы Великой Отечественной войны с точки зрения историографии. Поднятые вопросы изучены и исследованы с привлечением исторических источников и литературы, отражающих различные направления искусства республики. В годы войны главной темой искусства бывшего Советского Союза и Таджикистана был военно-патриотическим, который нашел свой научный анализ с точки зрения историков. Вклад артистов республики и успешные результаты фронтовых выступлений нашли отражение в исторических трудах и печати. В исторической литературе упоминаются проблемы этой отрасли, в том числе слабая материальная база и недостаточное финансирование ее развития. При этом отмечена важность перемещения учреждений культуры вблизи линии фронта в республику и вклад их деятелей искусства в развитие искусства республики. Деятельность искусства в годы войны упоминается в диссертационных и монографических исследованиях, освещающих различные вопросы этого периода и культуры республики. По результатам исследования необходимо сделать вывод, что роль таджикского искусства в повышении воинского духа и патриотизма таджикского народа в годы войны была значительной. При таком содержании актуальность темы изучалась с новой точки зрения конкретной историографической проблемы, в той или иной степени анализировалась и пересматривалась.

Ключевые слова: искусство, война, историография, источник, литература, изучение, отражение, военно-патриотизм, историки, предыстория, фронт, историография.

HISTORIOGRAPHY ART OF TAJIKISTAN DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941-1945)

In the article, the author examines the state of artistic activity in Tajikistan during the Great Patriotic War from the point of view of historiography. The questions raised are studied and researched with the involvement of historical sources and literature, reflecting various areas of art of the republic. During the war years, the main theme of the art of

the former Soviet Union and Tajikistan was military-patriotic, which found its scientific analysis from the point of view of historians. The contribution of the artists of the republic and the successful results of front-line performances were reflected in historical works and in the press. The historical literature mentions the problems of this industry, including a weak material base and insufficient funding for its development. At the same time, the importance of moving cultural institutions near the front line to the republic and the contribution of their artists to the development of the art of the republic was noted. The activity of art during the war years is mentioned in dissertations and monographic studies covering various issues of this period and the culture of the republic. Based on the results of the study, it must be concluded that the role of Tajik art in increasing the military spirit and patriotism of the Tajik people during the war years was significant. With such content, the relevance of the topic was studied from a new point of view of a specific historiographic problem, analyzed and revised to one degree or another.

Keywords: art, war, historiography, source, literature, study, reflection, military patriotism, historians, prehistory, front, historiography.

Дар бораи муаллиф

Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 934 51 55 60
E-mail: matluba.ganchaova@bk.ru

Об авторе

Ганджакова Матлуба Ганджаковна
Кандидат исторические наук, доцент кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 934 51 55 60
E-mail: matluba.ganchaova@bk.ru

About the author

Ganjakova Matluba Ganjakovna
Candidate of Historical Sciences, docent of the department of history of the Tajik people
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 934 51 55 60
E-mail: matluba.ganchaova@bk.ru

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шурои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

ВЕСТНИК
ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

2023, № 4 (105)

Издательский центр
Таджикского государственного педагогического
университета им. С.Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60х80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 30.08.2023 г. Заказ №195
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни